ISSN 2959-7803

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ» - И ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ГОСУДАРСТВЕННОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ «НАЦИОНАЛЬНАЯ БИБЛИОТЕКА» ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО АППАРАТА ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

STATE INSTITUTION «NATIONAL LIBRARY» OF THE EXECUTIVE OFFICE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN



# ПАЁМИ
## КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ

*Маҷаллаи илмӣ*

2025, № 3 (11)

# ВЕСТНИК
## НАЦИОНАЛЬНОЙ БИБЛИОТЕКИ

*Научный журнал*

2025, № 3 (11)

# BULLETIN
## OF THE NATIONAL LIBRARY

*Science Magazine*

2025, № 3 (11)

ISSN 2959-7803

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ» - И
ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ГОСУДАРСТВЕННОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ «НАЦИОНАЛЬНАЯ БИБЛИОТЕКА»
ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО АППАРАТА ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

STATE INSTITUTION «NATIONAL LIBRARY» OF THE EXECUTIVE OFFICE
OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

# ПАЁМИ
# КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ

*Маҷаллаи илмӣ*

**2025, № 3 (11)**

# ВЕСТНИК
# НАЦИОНАЛЬНОЙ БИБЛИОТЕКИ

*Научный журнал*

**2025, № 3 (11)**

# BULLETIN
# OF THE NATIONAL LIBRARY

*Science Magazine*

**2025, № 3 (11)**

Душанбе – 2025

ТДУ 027.54(575.3)
П–14

**Паёми Китобхонаи миллӣ:** маҷаллаи илмӣ / сармуҳаррир Ҷ. Х. Файзализода; муҳаррири масъул Ш. Комилзода. – 2025. – № 3 (11). – 180 с.

**Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2024, №397/м ворид гардидааст.**

**Маҷалла мувофиқи шартномаи литсензионии №262–12/2023 аз 18 декабри соли 2023 дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва мунтазам дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон маротибаи дуюм таҳти №384/МҶ-97 аз 3 декабри соли 2024 ба қайд гирифта шудааст.**

**Муассиси маҷалла: Китобхонаи миллӣ**

| | |
|---|---|
| **Файзализода Ҷумахон Хол** | **САРМУҲАРРИР**<br>доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори МД «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Комилзода Шариф** | **МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ**<br>номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сармутахассиси МД «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | **ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:** |
| **Бобозода Фаридун Толибҷон** | номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини сардори Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло** | доктори илмҳои таърих, профессор, ректори МДТ ДДОТ ба номи С.Айнӣ |
| **Латифзода Диловаршо** | доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии МДТ КМТ ба номи Т. Сатторов |
| **Мазуритский Александр Михайлович** | доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети китоблорӣ-иттилоотии Донишкадаи давлатии фарҳанги Москва |
| **Муродӣ Мурод Бердӣ** | доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ |
| **Муҳиддинов Сайдалӣ Раҷабович** | доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании МДТ Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (славянӣ) |
| **Муъминҷонов Зулфиддин** | доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ ДДФСТ ба номи М. Турсунзода |
| **Олимов Кароматулло Олимович** | доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АМИТ, сарходими илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| **Пирумшоев Ҳайдаршо** | доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ |
| **Саидмуроди Хоҷазод** | доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии МДТ ДДОТ ба номи С.Айнӣ |
| **Сукиасян Гагик Арамович** | доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи осорхонашиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографияи Донишгоҳи давлатии педагогии Арманистон ба номи Х.Абовян |
| **Сӯфизода Шодимуҳаммад** | доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори КМИ ба номи И. Гандии АМИТ |
| **Хоҷаев Қурбон Тоирович** | доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон |
| **Шосаидзода Сафар** | номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мушовири директори МД “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |

**Маҷалла соли 2021 таъсис ёфтааст.**

Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Теҳрон 5. Тел.: (+992 37) 221–04–83;
E mail: payom@kmt.tj
Сомонаи ПКМ: payom.kmt.tj

Дараҷаи илмии мавод, саҳеҳии арқом, санаду иқтибосҳо ба дӯши муаллифон аст. Бознашри мавод танҳо бо ризояти идораи нашрия ва истинод ба маҷалла сурат мегирад.

Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии ПКМ ҷойгир карда шудааст.

**© КМ, 2025**

УДК 027.54(575.3)
В -38

**Вестник Национальной библиотеки:** научный журнал / главный редактор Дж. Х. Файзализода; ответственный редактор Ш. Комилзода. – 2025. – № 3 (11). – 180 с.

**Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 25.10.2024, №397/м.**

**Журнал, на основе лицензионного договора №262-12/2023 от 18 декабря 2023 года, включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ) и регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.**

**Журнал вторично зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №384/МЧ-97 от 3 декабря 2024 года.**

**Учредитель журнала: Национальная библиотека**

**Файзализода Джумахон Хол** — **ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
доктор педагогических наук, профессор, директор ГУ “Национальная библиотека” Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан

**Комилзода Шариф** — **ОТВЕТСТВЕННЫЙ РЕДАКТОР**
кандидат педагогических наук, доцент, главный специалист ГУ “Национальная библиотека” Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

| | |
|---|---|
| **Бобозода Фаридун Толибджон** | кандидат исторических наук, доцент, заместитель начальника Управления образования, культуры и информации Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан |
| **Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло** | доктор исторических наук, профессор, ректор ГОУ ТГПУ им. С.Айни |
| **Латифзода Диловаршо** | доктор педагогических наук, профессор кафедры общественных и гуманитарных дисциплин ГОУ НКТ им. Т. Сатторова |
| **Мазурицкий Александр Михайлович** | доктор педагогических наук, профессор, декан библиотечно-информационного факультета Московского государственного института культуры |
| **Муроди Мурод Берди** | доктор филологических наук, профессор кафедры печати ТНУ |
| **Мухиддинов Сайдали Раджабович** | доктор исторических наук, профессор кафедры всеобщей и отечественной истории ГОУ РТСУ |
| **Муминджонов Зулфиддин** | доктор филологических наук, профессор кафедры журналистики и телевидения ГОУ ТГИКИ им. М. Турсунзода |
| **Олимов Кароматулло Олимович** | доктор философских наук, профессор, академик НАНТ, главный научный сотрудник Национальной академии наук Таджикистана |
| **Пирумшоев Хайдаршо** | доктор исторических наук, профессор, член корреспондент НАНТ, главный научный сотрудник ИИАЭ им. А.Дониша НАНТ |
| **Саидмуроди Ходжазод** | доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка ГОУ ТГПУ им. С.Айни |
| **Сукиасян Гагик Арамович** | доктор педагогических наук, профессор кафедры музееведения, библиотековедения и библиографии Армянского государственного университета им. Х. Абовяна |
| **Суфизода Шодимухаммад** | доктор филологических наук, профессор, директор ЦНБ им. И. Ганди НАНТ |
| **Ходжаев Курбан Тоирович** | доктор педагогических наук, профессор кафедры педагогики и психологии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана |
| **Шосаидзода Сафар** | кандидат педагогических наук, доцент, советник директора ГУ “Национальная библиотека” Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан |

**Журнал основан в 2021 году.**

Адрес: 734024, Республика Таджикистан, улица Тегеран 5. Тел.: (+992 37) 221–04–83;
E mail: payom@kmt.tj Сайт ВНБ: payom.kmt.tj

За степень научности материалов, достоверности цифр, фактов и ссылок несут ответственность авторы. Перепечатка материалов осуществляется только с разрешения редакции издания и ссылок на журнал.

Полный текст печатных материалов размещён на сайте ВНБ.

**© НБ, 2025**

UDC 027.54(575.3)
B-98

**Bulletin of the National Library**: scientific journal / Chief editor J. Kh. Faizalizoda; executive editor Sh. Komilzoda. – 2025. – № 3 (11). – 180 p.

**The journal is included in the List of peer reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 25.10.2024, №397/м.**

**The journal was included under License contract №262-12/2023 dated December 18, 2023, to the Russian Science Citation Index (RSCI) and regularly submits its informational metadata.**

**The journal was re-registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan №384/MG-97 on December 3, 2024.**

**Founder of the journal The National Library**

**CHIEF EDITOR**

**Faizalizoda Jumakhon Khol** — Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, director of the State Institution "National Library" of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan

**RESPONSIBLE EDITOR**

Komilzoda Sharif — Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, chief specialist of the State Institution "National Library" of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan

**EDITORIAL BOARD:**

**Bobozoda Faridun Tolibchon** — Head of the sector of the Department of Education, Culture and Information of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan

**Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo** — Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the SEI TSPU named after S. Aini

**Latifzoda Dilovarsho** — Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Social Sciences and Humanities at the SEI NCT named after T. Sattorova

**Mazuritsky Alexander Mikhailovich** — Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Dean of the Library and Information Faculty of Moscow State Institute of Culture

**Murodi Murod Birdy** — Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of TNU

**Muhiddinov Saydali Rajabovich** — Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of General History and National History SEI RTSU

**Muminjonov Zulfiddin** — Doctor of Philology, Professor of the Department of Journalism and Television of SEI TSICA named after M. Tursunzoda

**Olimov Karomatullo Olimovich** — Doctor of Philosophy, Professor, academician NAST, chief Researcher of the National Academy of Sciences of Tajikistan

**Pirumshoev Haidarsho** — Doctor of Historical Sciences, Professor, Corresponding Member of NAST, Chief Researcher, IHAE named after A. Donish, NAST

**Saidmurodi Khojazod** — Doctor of Philology, Professor of the Department of Tajik Language, SEI TSPU named after S. Ayni

**Sukiasyan Gagik Aramovich** — Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Museum Studies, Library Studies and Bibliography of Armenian State University named after Kh. Abovyan

**Sufizoda Shodimuhammad** — Doctor of Philological Sciences, Professor, Director of the CSL named after I. Gandi of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

**Khodzhaev Kurban Toirovich** — Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Pedagogy and Psychology of International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

**Shosaidzoda Safar** — Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Director`s Advisor of the State Institution "National Library" of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan

**The journal was founded in 2021.**

Address: 734024, Republic of Tajikistan, Tehran Street 5. Tel: (+992 37) 221–04–83; E-mail: payom@kmt.tj
BNL website: payom.kmt.tj

The authors are responsible for the degree of scientific content, reliability of figures, facts and references. Reprinting of materials is carried out only with the permission of the administration of the publishing house and links to the journal.

The full text of the printed materials is available on the BNL website. The full text of printed materials is available on the NL website.

**© NL, 2025**

# МУНДАРИҶА

## КИТОБХОНАШИНОСӢ, БИБЛИОГРАФИЯШИНОСӢ, КИТОБШИНОСӢ

**Сафаралиев Б. С.** Назаре ба сафаҳоти таърихи библиографияи шуравии тоҷик (солҳои 1920-1960)....................11

**Комилзода Ш.** Таҳқиқи масоили китобдории тоҷик дар осори илмии Раҳимҷони Шарофзода.................... 21

**Зафари Шариф.** Ташаккули консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ....................32

**Саидзода З. С.** Истиқлолияти давлатӣ ва рушди барномаҳои автоматикунонишудаи соҳавии ватанӣ дар Китобхонаи миллӣ....................48

**Комилзода Ш., Камолзода С.** Рушди фаъолияти китобдорӣ-библиографӣ дар замони шуравӣ (дар мисоли КДБҶ ба номи М.Миршакар)....................61

## ТАЪРИХНИГОРӢ, МАЪХАЗШИНОСӢ, МЕТОДҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ

**Шарифзода С. С.** Аз Хуҷанд то Хуҷанд: таҷрибаи сулҳофарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон....................70

**Иброҳимзода З. С.** Аз таърихи таъсиси осорхонаҳои Тоҷикистон (солҳои 1920-1970)....................80

**Шоқурбонова Ҷ. Ш.** Раванди ташаккули низоми таълим дар Осиёи Миёна дар замони ҳукумати подшоҳии Россия....................90

**Зубайдуллозода С.** Вазъи саноати ноҳияи Қубодиён дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................98

**Сангова Ф. Х.** Саразм - гаҳвораи тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон дар Осиёи Марказӣ....................105

## РӮЗНОМАНИГОРӢ

**Хошимзода Б, Ҳ., Муҳуддинзода Қ. С.** Танқиди камбудиҳои иҷтимоӣ ва шахсиятҳои манфӣ дар қолаби жанрҳои ҳаҷвӣ (дар асоси маводди маҷаллаи «Хорпуштак»)....................119

**Сафарзода М. А.** Вижагиҳо ва имконоти маводди интернетӣ аз манзари муаррифии кишвар.........................................................................................................129

**Кучарова Н. А.** Васфи корномаи сохтмончиёни диловар дар жанри очерк……..……..137

## ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ

**Сабурӣ Х. М.** Масъалаи ташаккули қобилияти фикрронии хонандагон дар педагогикаи муосир.........................................................................................145

**Носирзода Б. Н., Бобокалонов Н. Р.** Корбасти технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)…...................................................................153

**Сайдаҳмадзода Д.** Тарбия ва маърифати экологӣ омили рушди иқтисодиёти кишвар.....................................................................................................................161

**Абдусамадова М. А.** Ташаккули қобилиятҳои фикрии хонандагони хурдсол дар ҷараёни таълим..........................................................................................168

# СОДЕРЖАНИЕ

## БИБЛИОТЕКОВЕДЕНИЕ, БИБЛИОГРАФОВЕДЕНИЕ, КНИГОВЕДАНИЕ

**Сафаралиев Б. С.** К страницам истории таджикской советской библиографии (1920-1960 гг.)……………………………………………………………………...11

**Комилзода Ш.** Исследование проблем таджикского библиотечного дела в научных трудах Рахимджона Шарофзода…………………………………………………..21

**Зафари Шариф.** Формирование концепции развития инновационно-методического обеспечения деятельности государственно-массовых библиотек……….32

**Саидзода З. С.** Государственная независимость и развитие отечественных автоматизированных отраслевых программ в Национальной библиотеке......................48
.

**Комилзода Ш., Камолзода С.** Развитие библиотечно-библиографической деятельности в советское время (на примере ГРДБ им. М. Миршакар)…………………61

## ИСТОРИОГРАФИЯ, ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ, МЕТОДЫ ИСТОРИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ

**Шарифзода С. С.** От Худжанда до Худжанда: миротворческий опыт Лидера нации Эмомали Рахмона...................................................................................................70

**Ибрагимзода З. С.** Из истории создания музеев Таджикистана (1920-1970гг.)……….......80

**Шокурбонова Дж. Ш.** Процесс формирования системы образования в Средней Азии в период царского правления России……………………………….......90

**Зубайдуллозода С.** Состояние промышленности Кубодиенского района Республики Таджикистан в годы независимости…………………………………….......98

**Сангова Ф. Х.** Саразм - колыбель земледельческой цивилизации, ремесел и градостроительства таджиков в Средней Азии..........................................................105

## ЖУРНАЛИСТИКА

**Хошимзода Б, Х., Мухуддинзода К. С.** Критика социальных недостатков и отрицательных персонажей в рамках сатиры (на материале журнала «Хорпуштак»..........................................................................................................................119

**Сафарзода М. А.** Особенности и возможности интернет-материалов при представлении страны……………………………………………………………...……..129

**Кучарова Н. А.** Описание подвига отважных строителей в жанре очерк........................137

## ОБЩАЯ ПЕДАГОГИКА, ИСТОРИЯ ПЕДАГОГИКИ И ОБРАЗОВАНИЯ

**Сабури Х. М.** Проблема формирования способности к мышлению учащихся в современной педагогике..........................................................................145

**Носирзода Б. Н., Бобокалонов Н. Р.** Внедрение инновационных технологий на уроки технологии (трудовое воспитание)..................................................................153

**Саидахмадзода Д.** Экологическое воспитание и образование как фактор экономического развития страны…………………………………………………………161

**Абдусамадова М. А.** Формирование умственных способностей младших школьников в процессе обучения...........................................................................168

# CONTENT

## LIBRARY SCIENCE, BIBLIOGRAPHICAL SCIENCE, BIBLIOLOGY

**Safaraliev B. S.** On the pages of the history of tajik soviet bibliography (1920–1960) ........11

**Komilzoda Sh.** Research issues of tajik librarianship in the scientific works of Rahimjon Sharofzoda........21

**Zafari Sharif.** Formation of a concept for the development of innovative and methodological support for the activities of state and public libraries........32

**Saidzoda Z. S.** State independence and the development of national automated information systems in the National Library of Tajikistan........48

**Komilzoda Sh., Kamolzoda S.** Development of library and bibliographic activities during the soviet period (on the example of the M. Mirshakar Republican State Children's Library)........61

## HISTORIOGRAPHY, SOURCE STUDY, METHODS OF HISTORICAL RESEARCH

**Sharifzoda S. S.** From Khujand to Khujand: the peacebuilding experience of the Leader of the Nation, Emomali Rahmon........70

**Ibrohimzoda Z. S.** On the history of the establishment of museums in Tajikistan (1920–1970)........80

**Shokurbonova J. Sh.** The process of educational system formation in Central Asia during the Russian imperial rule........90

**Zubaidullozoda S.** Industrial state of the Qubodian district in the years of independence of the Republic of Tajikistan........98

**Sangova F. Kh.** Sarazm: cradle of agricultural civilization, crafts, and urban development of the tajiks in Central Asia........105

## JOURNALISM

**Khoshimzoda B. Kh., Muhuddinzada Q. S.** Criticism of social flaws and negative characters through satirical genres (based on the materials of the magazine "Khorpushtak")........119

**Safarzoda M. A.** Features and possibilities of internet materials in the representation of the state……………………………………………………………………….129

**Kucharova N. A.** Depicting the heroic deeds of builders in the essay genre………….............137

## GENERAL PEDAGOGY, HISTORY OF PEDAGOGY AND EDUCATION

**Saburi Kh. M.** The problem of developing students' thinking abilities in modern Pedagogy………………………………………………………………………………….....145

**Nosirzoda B. N., Bobokalonov N. R.** Integration of innovative technologies in technology lessons (labor education)………………………………………………………...…153

**Saidahmadzoda D.** Environmental education and awareness as a factor in the economic development of the country…………………………………………………….....161

**Abdusamadova M. A.** Formation of thinking skills of primary school students in the learning process………………………………………………………......…..168

КИТОБХОНАШИНОСӢ, БИБЛИОГРАФИЯШИНОСӢ, КИТОБШИНОСӢ
БИБЛИОТЕКОВЕДЕНИЕ, БИБЛИОГРАФОВЕДЕНИЕ, КНИГОВЕДАНИЕ
LIBRARY SCIENCE, BIBLIOGRAPHICAL SCIENCE, BIBLIOLOGY

УДК 011/019.9 (091) (47+57) (675.3)

# К СТРАНИЦАМ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОЙ СОВЕТСКОЙ БИБЛИОГРАФИИ (1920-1960 гг.)

**Сафаралиев Бозор Сафаралиевич**
Самаркандский государственный институт иностранных языков
г. Самарканд, Узбекистан

Особенность исследования исторического аспекта различных пластов феномена культуры, в том числе социально-культурной деятельности любого народа состоит в том, что она должна носит ярко выраженный конкретно исторический характер. Без четкого представления о том, как и почему данное явление возникло, в каких условиях и в связи с чем оно развивалось, какие этапы в своем развитии прошло, невозможно получить правильный ответ на вопросы: почему современная социально-культурная деятельность данного народа приобрела именно такую, а не какую-либо другую форму; что в ее содержании имеет исторически обусловленный и неизбежный характер, а что случайный, наносной; какие формы ее организации органически отвечают его менталитету и какие чужды; что оправдало себя в исторической практике, а что не выдержало испытания временем; как в интересах развития культуры на современном этапе наиболее эффективно использовать выработанные народом вековые традиции деятельности и в то же время устранить отжившее? Решение этих вопросов лежит в плоскости историзма. Поэтому конкретно-исторический подход был и остается не только одной из важнейших методологических характеристик общей и прикладной культурологии, но и ее постоянной научной задачей

Исторический аспект народного образования в Таджикистане и в Средней Азии в целом, как одного из основных факторов и показателей социально-культурной жизни таджикского народа второй половины XIX – начала XX в., пока еще не привлек надлежащего внимания ученых. Он изучен довольно отрывочно. Имеющиеся сведения не систематизированы, разрознены, фрагментарны и нередко описательны. К тому же данные, содержащиеся в некоторых публикациях, порою не согласуются с действительностью.

Так, в ряде работ отражающие до перемен в начале XX столетия Среднеазиатских государств, в том числе и современного Таджикистана, настойчиво проводилась мысль о якобы «полной и поголовной неграмотности», «отсталости в области народного образования», «бескультурности», «необразованности» таджиков дореволюционного периода. В большинстве из них считалось, что «если человек не может читать и писать», значит, его, а заодно и весь народ, можно отнести к категории отсталых, безграмотных, диких. В целях подтверждения этих идей приведем нижеследующие мистические статистики. Согласно реферату В. Ивановича, чиновника российского Министерства народного образования, в котором анализируются результаты обработки данных переписи 1897 г., говорится о том, что «… для ликвидации неграмотности населении дореволюционной России (мужчин и женщин) потребуется соответственно 180 и 280 лет. А для ликвидации неграмотности народов среднеазиатских республик потребуется 4600 лет» [15, с. 125].

Именно неотъемлемой частью истории социально-культурной жизни таджикского народа выступала библиотеки. Появившись задолго до завоевания Средней Азии арабами, они в основном находились в жреческих храмах, святилищах зороастрийцев и содержали разнообразные книги древних иранцев, в том числе Авесту – основную книгу зороастризма, возникшего в I тысячелетии до н. э.

Всему азиатскому Востоку была известна Саманидская библиотека в государстве Великих Кушанов (III – VI вв.), большой интерес представляет знаменитая по всему азиатскому Востоку библиотека дворца Тимура, так называемая «Тамерланская библиотека» в Шахрисабзе (зеленый город) и Самарканде, датируемая концом XII – началом XIII в. Тем не менее, на все неблагоприятные условия, в которых в течение последних столетий находилась эти библиотеки, часть ее фондов сохранилась при последних бухарских эмирах конца XIX – начала XX в., Однако прогрессивные изменения в библиотечном деле намечаются на рубеже этих веков.

В начале XX в. таджикский народ перенес много потрясений и преобразований в политическом, экономическом и социально-культурном аспектах. Эти изменения отражены в трудах великих ученых, литераторов, политиков, академиков, таких как С. Айни, Б. Гафуров, А. Мухторов, Н. Негматов, Р. Масов и мн. др. Культурное строительство данного периода исследовали ученые М. Шукуров, Ф. Зикриёев, А. Арбобов, Б. С. Сафаралиев и др. Историей книги (в том числе и рукописной), библиотечной деятельности и библиографии данного периода занимались О. Ф. Акимушкин, И. С. Брагинский, А. А. Семёнов, А. З. Валидова, А. Г. Касымова, Б. В. Лунин, Э. А. Ахунджанов, А. И. Кормилицин, Р. О. Тальман, З. М. Шевченко, Е. Г. Беляков, В. Т. Банк, А. Г. Биснек, К. Ф. Шафриновский, Н. М. Зельдович, А. Язбердыев, А. Языев, таджикские ученые Р. Шарофов, А. Х. Рахимов, С. Р. Мухиддинов, С. И. Сулаймонов, З. Шорахматов, Ш. К. Тошев (Ш. Комилзода), С. Х. Шосаидов, Г. А. Мушеев, Н. А. Курамшина, Г. Б. Махмудов, Б. С. Холов, К. Г. Авгонов, К. Б. Буриев, Ф. Ёров, С. Гуломшоев и мн. др.

В данной статье мы рассмотрим в основном труды русских и таджикских ученых, книговедов, библиотековедов и библиографов.

В работах Р. Шарофова [3, с. 68-119; 4, с. 22-42], А. Х. Рахимова [6, с. 104-110, 116-127; 7, с. 5-35, 50-64], С. И. Сулаймонова [6, с. 80-87], З. М. Шевченко [12, с. 94-104; 10], Г. А. Мушеева [3, с. 17-47; 12, с. 43-57], Н. Х. Бабаджановой и Л. Г. Козыревой [6, с. 523], Н. А. Сайфулиной (Курамшиной) [4, с. 5876; 6, с. 88-99], А. Ю. Юнусова [6, с. 60-71], Дж. Раджабова [6, с. 72-79], Б. С. Сафаралиева [8, с. 28-39; 9, с. 152-161; 10, с. 17-21] и других освещены становление таджикской библиографии, вклад государства и научных учреждений в ее формирование, исследованы история библиотек в Таджикистане и проблемы, связанные с их строительством и дальнейшим развитием.

В 20-е гг. XX в. принимаются наиболее важные, относящиеся к нашей теме декреты СНК РСФСР «О национализации запасов книг и иных печатных произведений» (апрель 1920 г.) и «О передаче библиографического дела в РСФСР народному комиссариату просвещения» (июнь 1920 г.). Потребность в книге резко возросла с принятием в 1920 г. СНК ТАССР «Декрета о ликвидации безграмотности населения Туркестанской Советской республики РСФСР» [14, с. 55].

Советская власть и советские государственные учреждения внесли определенный вклад в развитие библиотечной отрасли. В советском Туркестане 1921 г. (в состав которого входила и Автономная республика Таджикистан до 1929 г.) наряду с учреждениями, связанными с агитационно-просветительской работой, уделялось внимание и развитию библиотек. Поскольку библиотека является публичным учреждением, многие государственные и партийные документы - декреты, резолюции, постановления, решения - рассматривали развитие библиотек как важное

государственное дело. По этому вопросу только до 30-х гг. XX в. уже было принято более 50 декретов, постановлений, резолюций, приказов, циркуляров и т. д.

Например, постановление СНК РСФСР «О постановке библиотечного дела» (7.07.1918), декрет СНК РСФСР «Об охране библиотек и книгохранилищ» (17.07.1918), декрет СНК РСФСР «О порядке реквизиции библиотек, книжных складов и книг вообще» (26.11.1918), резолюция VIII Съезда РКП(б) «О политической пропаганде и культурно-просветительной работе в деревне» (18-23.03.1919), декрет СНК РСФСР «О национализации запасов книг и иных печатных произведений» (20.04.1920), декрет СНК РСФСР «О передаче библиографического дела в РСФСР народному комиссариату просвещения» (30.06.1920), декрет СНК РСФСР «О централизации библиотечного дела» (3.11.1920), декрет СНК РСФСР «О главном политико-просветительном комитете республики (Главполитпросвет)» (12.11.1920). X съезд РКП(б) рассмотрел вопрос «О Главполитпросвете и агитационно-пропагандистской работе партии» (816.03.1921) и был принят циркуляр ЦК РКП(б) «О распространении агитационной литературы», затем декрет СНК РСФСР «О порядке приобретения и распределения заграничной литературы» (14.07.1921), приказ Народного комиссариата просвещения Туркестана «О централизации библиотечного дела в Туркестане», циркуляр ЦК РКП(б) «О политико-просве-тигельной работе» (1921), резолюция XII съезда РКП(б) «По вопросам пропаганды печати и агитации» (1725.04.1923), циркуляр ЦК РКП(б) «Об усилении партийного влияния на работу библиотек» (5.10.1923), XIII съезд РКП(б) принял резолюцию «О культурной работе в деревне» (23-31.05.1924), пленум ЦК РКП(б) принял постановление «Об очередных задачах партии в работе среди работниц, крестьянок и тружениц Востока» (17-20.01.1925), ЦК РКП(б) принял постановление «О культурно-шефской работе на селе» (1925), ЦК РКП(б) принял постановление «О деревенских библиотеках и популярной литературе для снабжения библиотек» (1925), Второй расширенный пленум Оргбюро КП(б) Узбекистана и Таджикской АССР принял резолюцию «О задачах парторганизации в области политико-воспитательной работы среди населения» (25-30.10.1926), Первый учредительный Всетаджикский съезд Советов рассмотрел вопрос «О состоянии народного образования и культурно-просветительной работы в республике» (8.12.1926), Коллегия агитационно-пропагандистского отдела Обкома КП(б) Узбекистана в Таджикской АССР заслушала вопрос «О состоянии библиотечного дела в Таджикской АССР» (21.05.1928), постановление ЦК РКП(б) «Об обслуживании книгой массового читателя» (28.12.1928), постановление ЦК ВКП(б) «Об улучшении библиотечной работы» (30.10.1929), постановление ЦК ВКП(б) «Об избах-читальнях» (11.11.1929) и многие другие документы, в которых особое внимание уделено развитию библиотек и библиографической деятельности.

В первые годы новой Советской государственности, фактически невозможно было найти библиотекаря с профильным образованием. Но постепенно с помощью русских библиографов и местных специалистов, окончивших подготовительные библиотечные курсы, налаживается библиографическое обслуживание в библиотеках. Значительного успеха в области библиографического обслуживания читателей библиотеки достигли только в конце 1920-х - начале 1930-х гг. Широко стали применяться такие формы библиографической работы, как составление тематических картотек, списков рекомендательной литературы, проведение литературных обзоров. В составлении и публикации библиографических указателей республиканским библиотекам продолжали оказывать помощь коллеги из Москвы и Ленинграда.

Для всех библиотек республики из Ленинграда была отправлена соответствующая техника (карточки, формуляры, ярлычки и др.), снабженная методическими инструкциями по ее применению, составленными на таджикском языке [7, с. 46].

Под пристальным вниманием правительственных структур Советского государства проходили преобразования, направленные на формирование мировоззрения советского человека, началось полномасштабное строительство культурно-массовых и информационно-агитационных учреждений. В короткий промежуток культурные учреждения были созданы не только в центре, но и на периферии, чему способствовало принятие ряда нормативно-правовых документов, в которых подчеркивалось громадное значение книги, агитационной работы и роли культурно-массовых мероприятий среди тружеников и тружениц в период социалистического строительства. Например, резолюция Второго расширенного пленума Оргбюро КП(б) Узбекистана и Таджикской АССР «О задачах парторганизации в области политико-воспитательной работы среди населения» (25-30.10.1926), рассмотрение в Первом Учредительном Всетаджикском съезде Советов вопроса «О состоянии народного образования и культурно-просветительной работы в республике» (8.12.1926), постановление ЦК ВКП(б) «Об обслуживании книгой массового читателя» (1928) и др.

Эти постановления, резолюции и рассмотрения вопросов оказали благотворное влияние на рост сети культурно-просветительских учреждений на селе. Например, если в 1928 г. в республике существовало всего 11 библиотек, то в 1932 г. их количество достигло 119, а их книжные фонды составляли более 107 тысяч единиц. Только «в 1931 г. в колхозах республики было создано 19 клубов, 25 красных чайхан, 11 кинопередвижек, 19 библиотек-читален, 30 радиоустановок, 43 красных уголка, 161 школа ликбеза» [13, с. 33].

Большой вклад в создание библиографических указателей, каталогов и списков внес академик А. А. Семёнов. Им составлен целый ряд каталогов, в том числе: «Каталог рукописей исторического отдела Бухарской центральной библиотеки» (Ташкент, 1925, 32 с.); «Указатель персидской литературы по истории узбеков в Средней Азии» (Ташкент, 1926, 31 с.) и др. [Там же, с. 97].

Одновременно с созданием Государственной публичной библиотеки Таджикской ССР и Научной библиотеки Таджикистанской базы АН СССР Библиотеке АН СССР в г. Ленинграде поручено составление библиографии Памира. Этому предшествовала конференция по сельскохозяйственному освоению Памира, для которой была организована выставка литературы о Памире на основе картотеки А. Г. Биснек [4, с. 99].

Изучение края и ознакомление с колоссальной литературой, опубликованной, но еще не нашедшей своего отражения в упомянутых выше библиографических указателях, вызвало осознание необходимости библиографической работы в Таджикистане, в частности создания краеведческой библиографии.

Один из первых издательских каталогов, «Каталог государственного издательства Таджикистана» был подготовлен в 1931 г. и отражал 425 наименований книг, а другое его издание (1936 г.) под тем же названием отражало уже 618 наименований. По мнению исследователя Ш. Комилзода, данные каталоги заложили историческую основу появления ретроспективной библиографии в Таджикистане, в том числе библиографии литературы для детей и подростков, поскольку в них впервые были отражены книги для детей и подростков.

В 1929 г. опубликован библиографический указатель «Что читать по истории революционного движения и партии в Средней Азии». Работа по изучению Таджикистана продолжилась. Был выполнен ряд важных для республики библиографических работ, хотя опубликовать удалось только ряд библиографических указателей: «Библиография Таджикистана». Ч. 1. География и гидрология (АН СССР. Труды Совета по изучению производительных сил. Серия Таджикская. Вып. 1. Л., 1933. 65 с.). Данная работа включает печатные и рукописные материалы в основном с 1826 г.

по 1931 г. При ее составлении были использованы материалы крупных книгохранилищ Москвы, Ленинграда, Ташкента. Библиография представляет собой ценное пособие.

К числу первых библиографических указателей по Таджикистану относятся:

1. Сборник библиографических указателей «Библиография Таджикистана», в который вошли работы П. И. Иванова «Опыт систематического указателя книг, статей и заметок на русском и западноевропейских языках о Таджикистане» и Е. К. Бетгера «Перечень помещенных в "Туркестанских Ведомостях" статей и заметок, относящихся до областей, ныне входящих в Таджикистан» (Ташкент, 1926). Обе работы представляют собой первый опыт систематизации всех имеющихся материалов по Таджикистану.

2. «Памир, Таджикистан, Средняя Азия». Обзор трудов и материалов экспедиций 1932-1935 и 1928-1932 гг. (М.; Л.: Изд-во АН СССР, 1936. 250 с.). 3. Д. Л. Марголина «Флора и растительность Таджикистана». Библиография, выпущена под редакцией Б. А. Федченко (М.; Л.: Изд-во АН СССР, 1941. 346 с.). Составителю удалось систематизировать литературу за 1842-1937 гг., объединив сведения по флоре и растительности Таджикистана с полным библиографическим описанием и аннотациями [12, с. 98].

В апреле 1933 г. в Ленинграде состоялась Первая конференция по изучению производственных сил Таджикистана, организованная Академией наук СССР и правительством Таджикской ССР. На мероприятии было уделено большое внимание вопросам библиографии. Со специальным докладом «Опыт библиографии Таджикистана» на конференции выступил В. Э. Банк, первый председатель Таджикской Базы АН СССР академик С. Ф. Ольденбург [12, с. 97].

Замечательной сводкой библиографических трудов явилась опубликованная в 1936 г. работа А. Г. Биснек и К. И. Шафрановского [8]. Указатель содержит библиографические работы, посвященные республикам Средней Азии (Таджикской, Туркменской, Узбекской), с отражением материала за 1852-1935 гг.

Правительство республики в 1936 г., обращаясь к руководству Библиотеки АН СССР в Ленинграде, просит оказать содействие в составлении научно-вспомогательных библиографических пособий, посвященных Таджикистану, и для этой цели выделяет 7 тыс. руб.

Библиотека АН СССР приступила к составлению библиографии Памира и 4 января 1939 г. в своем письме за № Б-633-6 сообщала, что ею подготовлены аннотированные указатели литературы по географии, ботанике, зоологии, геологии, истории, этнографии и языкознанию Памира [10, с. 97].

К 1938 г. уже было опубликовано более 20 библиографических пособий по Средней Азии, а также ряд ценных списков литературы, приложенных к специальным трудам, в них достаточно полно нашли отражение литературные источники по Таджикистану.

В 1933 г. созданы Государственная публичная библиотека и Центральная научная библиотека Таджикской базы АН СССР (ныне Академия наук), Фундаментальная научная сельскохозяйственная библиотека (ТГСХИ), а в 1937 г. - Книжная палата Таджикской ССР. На эти учреждения была возложена задача создать в республике текущую информационную, рекомендательную, персональную, отраслевую, научную, учетно-регистрационную и другие библиографии. Особое внимание следовало уделять развитию краеведческой библиографии.

Книжная палата Таджикской ССР занималась учетно-регистрационной библиографией. Но только с 1940 г. обязательные экземпляры всех республиканских изданий стали поступать в учреждение своевременно, поэтому была развернута работа

по восполнению пробелов прошлых лет. Начиная с 1953 г. Книжная палата республики проводила большую работу, в результате чего пополнила свои фонды архивными материалами за 1925-1927 гг.

С 1939 г. Книжная палата начала выпускать свои первые издания. Так, в указанном году выходит в свет «Книжная летопись» за 1937-1938 гг. на таджикском и русском языках; в 1940 г. - первая «Летопись газетных статей» за 1939 г. А с 1941 г. Книжная палата республики начала выпускать ежемесячное издание «Летопись печати Таджикистана». Однако издательская деятельность учреждения была временно прекращена в период Великой Отечественной войны.

Библиотекой АН СССР в 1940 г. была опубликована библиография по Памиру под названием «Этнография народов Памира», которую составили А. Г. Биснек и Н. М. Зельдович. Данным изданием положено начало развитию отраслевой библиографии Таджикистана.

Больше всего было составлено указателей на сельскохозяйственную тематику: «Что читать трактористу», «В помощь садоводам и виноградарям Таджикской ССР», «Помощь животноводам Таджикистана», «Что читать о картофеле», «Что читать шелководу», «Новое в агротехнике хлопчатника», «Что читать о машинной уборке хлопка» и др. Надо отметить, что тематика указателей весьма ограничена. Библиотеке не удалось составить библиографические указатели по ведущим отраслям сельскохозяйственного производства, но отдельные попытки этой работы предпринимались, например, издания «О развитии тонкорунного овцеводства в Таджикистане», «Кормовая база скота», «В помощь сборщику хлопка», «Хлопок - богатство нашей Родины», «Новое в агротехнике хлопчатника», «За высокие урожаи кукурузы» и др. [11, с. 125-155; 12, с. 100].

Только в 1956 г. библиотека Таджикской ССР серьезно стала заниматься публикацией библиографических и библиотековедческих работ, ежегодно выпуская не менее 7 указателей. А всего к этому времени уже опубликовано более 60 библиотечно-библиографических работ, в том числе 4 совместные с Центральной научной библиотекой, Книжной палатой Таджикской ССР и Государственной библиотекой СССР им. В. И. Ленина.

Создаются указатели «Великая Октябрьская социалистическая революция и расцвет Советского Таджикистана» и «Участники гражданской войны и борьба за ликвидацию басмачества в Таджикистане», также появляются указатели-персоналии, их библиотекой было опубликовано 11: «Садриддин Айни», «Мирзо Турсун-заде», «Мирсаид Миршакар» и др. [12, с. 101].

Одна из ведущих научных библиотек Таджикистана - Центральная научная библиотека Академии наук до 1960 г. не имела в своей структуре библиографического отдела. А сектор библиографии (до 1960 г. в нем работало всего 3 человека) ограничивался в основном выдачей устных и письменных библиографических справок и информации о новых поступлениях, по возможности создавал картотеки по ведущим отраслям знаний.

В связи с созданием библиографического отдела в Центральной научной библиотеке Академии наук республики, в котором трудились специалисты по различным отраслям знаний, значительно улучшилась справочно-библиографическая работа. Только с 1960 г. библиотекой выдано более 500 устных и письменных справок, составлено и опубликовано 15 указателей. По своему содержанию библиографические указатели, составленные на материалах краеведческого характера, делятся на учетно-регистрационные и отраслевые. К ним относятся указатели типа «Ежегодников...» (6 номеров, 1956-1961); ретроспективные учетно-регистрационные типа «Библиографии изданий Таджикской базы и Таджикского филиала АН СССР», «Библиографии

изданий АН Таджикской ССР»; «Каталог кандидатских и докторских диссертаций, защищенных на материалах Таджикской ССР», прикнижные ретроспективно-отраслевые, в числе которых 4 указателя литературы по геологии Таджикистана. Библиотека приступила к составлению и публикации указателей-персоналий. Первый выпуск «А. М. Богоутдинов» вышел в 1961 г. в серии библиографии «Ученые Таджикистана» [12, с. 102].

В 1959 г. библиотекой Таджикского государственного университета был опубликован указатель «Библиографический сборник Таджикского государственного университета им. В. И. Ленина». Несколько отраслевых библиографий издано Государственной медицинской библиотекой; к их числу можно отнести указатель литературы В. А. Невского. Указатели-персоналии были подготовлены В. А. Невским - «Великий таджикский врач Абу али Ибн-Сино (Авиценна)» в книге «Сборник работ по истории медицины и организации здравоохранения в Таджикистане» (1957), А. К. Писарчиком -«Список опубликованных научных работ М. С. Андреева» в Трудах АН Таджикской ССР (т. СХХ, 1960), Институтом почвоведения -«Список опубликованных научных трудов И. Н. Антипова-Каратаева» и др. [12, с. 103].

Большой вклад в развитие библиографической работы в республике вносят ученые Таджикистана, создавая прикнижные библиографические списки. Так, в 1950-1960-е гг. были опубликованы указатели литературы к работе «Арчовые леса Центральной части Туркестанского хребта» (1958), составленные группой сотрудников Ботанического института; к работе К. В. Станюковича «Растительность высокогорий СССР» (1960); к работе Б. Гафурова «История таджикского народа в кратком изложении» (изд. 3, т. 1, 1955); к работе З. Ш. Раджабова «Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и в начале XX в.» (1957) и др.

Видное место в числе библиографических указателей занимают опубликованные фундаментальные библиографические труды, такие как «Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР» (т. 1, 1960), составленный Отделом востоковедения и письменного наследия АН Таджикской ССР; «Диссертации ученых Таджикистана по медицине и биологии» (1959) И. Я. Расулова и В. С. Вайля.

Одним из особенных направлений библиографии для ученых является описание уникальных рукописных фондов библиотек. Как отмечает А. Х. Рахимов: «Оценивая работу по библиографированию таджикско-персидских рукописей в дореволюционный период, можно сказать, что она велась неорганизованно, самотеком, без особого внимания к ней государства» [7, с. 15]. Мы перечислим наиболее важные учреждения, имеющие библиографические каталоги и собрания восточных рукописей: издания ЛО ИВ АН СССР (таджикско-персидские рукописи ленинградских собраний); каталоги Института народов Азии АН СССР, Государственной публичной библиотеки им. М. Е. Салтыкова-Щедрина, Восточного отдела библиотеки ЛГУ; собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР, Фундаментальной библиотеки Среднеазиатского государственного университета, восточные рукописи Ташкентского государственного университета им. В. И. Ленина, Каталог восточных рукописей АН Таджикской ССР (в 6 томах), каталог таджикско-персидских рукописей Восточного отдела ГРБ им. А. Фирдоуси [7, с. 5-34] и др.

Сложилась и государственно-регистрационная библиография, которая дала толчок появлению основополагающих ретроспективных указателей «Каталог книг Таджикской ССР» определенного периода почти с полным охватом изданных книг. Надо отметить самоотверженный труд русских ученых и первых таджикских библиографов, заложивших основу таджикской советской библиографии и создавших условия для ее роста. Их усилиями были подготовлены сотни великолепных и

своевременно изданных указателей в помощь народному хозяйству, которые в наши дни стали библиографическими редкостями. В этой среде выросло поколение молодых ученых, заложивших теоретическую и практическую основу дальнейшего развития отрасли, на их трудах развивается сегодняшняя библиография.

Становление рекомендательной, научно-вспомогательной и государственно-регистрационной библиографии совершилось, и дальнейшее ее развитие связывалось с централизацией выпуска текущих, ретроспективных и информационных (отраслевых указателей, реферативных журналов, обзорных реферативных сборников и т. д.) указателей, а также с появлением пособий по разным отраслям. Так были созданы условия для централизованной координации библиографической деятельности в Республике Таджикистан.

**Литература**

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ. – М., 1926. – 700 с.

2. Архив АН РТ. Д. 23. Оп. 1. Св. 5. Ед. хр. 55. Л. 33-34.

3. Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / КДР ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1973. –142 с.

4. Библиографишиносии Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 1981. – 100 с.

5. Виткинд, Н. Я. Материалы к библиографии истории гражданской войны на Советском Востоке [Текст] / Н. Я. Виткинд. – М., 1934. – 456 с.

6. Китобхонаи ба номи А. Фирдавсӣ. 50 сола [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 1983. – 160 с.

7. Проблемаҳои ташкилнамоӣ ва баландгардонии самаранокии хизмати китобхонавию библиографӣ ба аҳолии Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 1986. – 138 с.

8. Сафаралиев, Б. С. Истоки просвещения. К истории таджикской культуры [Текст] / Б. С. Сафаралиев. – М.: МГУК, 1996. – 171 с.

9. Сафаралиев, Б. С. Прогрессивное влияние России на библиотечное дело и печать в Таджикистане [Текст] / Б. С. Сафаралиев // История библиотек: исследования, материалы, документы. – Санкт-Петербург: Российская национальная библиотека, 2012. – С. 152-161.

10. Сафаралиев, Б. С. Развитие библиотечной деятельности - важное направления культурной политики Республики Таджикистан [Текст] / Б. С. Сафаралиев // Вестник Челябинской государственной академии культуры и искусств. – 2012. – № 4 (32). – С. 17-21.

11.Фаъолияти китобдорӣ дар Точикистон [Матн]: хрестоматия. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2010. – 200 с.

12. Шевченко, З. М. Из истории библиографической работы в Таджикистане [Текст] / З. М. Шевченко // Известия отделения общественных наук. – 1962. – Вып. 3. – С. 94-104.

13. Шевченко, З. М. Из истории библиотечного дела в Таджикистане [Текст] / З. М. Шевченко. – Душанбе: Дониш, 1968. – 134 с.

14. Шевченко, З. М. Развитие библиотечного дела в Таджикской ССР (1929-1932 гг.) [Текст] / З. М. Шевченко // Известия отд. общ. наук. – 1967. – Вып. 2. – С. 54-62.

15 Шукуров, М. Р. Культурная революция в Таджикистане [Текст] / М. Р. Шукуров. – Душанбе: Таджгосиздат, 1957. – 346 с.

# К СТРАНИЦАМ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОЙ СОВЕТСКОЙ БИБЛИОГРАФИИ (1920-1960 гг.)

В статье рассмотрены труды ученых, книговедов, библиотековедов и библиографов, в которых освещены становление таджикской библиографии, вклад государства и научных учреждений в ее формирование, а также исследованы история библиотек в Таджикистане и проблемы, связанные с их строительством и дальнейшим развитием в 1920-1960 гг. Проанализированы наиболее важные декреты СНК РСФСР «О национализации запасов книг и иных печатных произведений» (апрель 1920 г.) и «О передаче библиографического дела в РСФСР народному комиссариату просвещения» (июнь 1920 г.). Потребность в книге резко возросла с принятием в 1920 г. СНК ТАССР «Декрета о ликвидации безграмотности населения Туркестанской Советской республики РСФСР» и ряда др. Показана роль советской власти и советских государственных учреждений, внесших определенный вклад в развитие библиотечной отрасли в советском Туркестане в 1921 г. (в состав которого до 1929 г. входила и Автономная республика Таджикистан) Исследован вклад русских библиографов и местных специалистов, окончивших подготовительные библиотечные курсы, описан успех в области библиографического обслуживания читателей библиотеки региона, особенно в конце 1920-х - начале 1930-х гг. Обобщены такие формы библиографической работы, как составление тематических картотек, списков рекомендательной литературы, проведение литературных обзоров. Приведена динамика развития сети культурных учреждений, созданных не только в центре, но и на периферии, чему способствовало принятие ряда нормативно-правовых документов, в которых подчеркивалось громадное значение книги, агитационной работы и роли культурно-массовых мероприятий среди тружеников и тружениц в период социалистического строительства. Эти постановления, резолюции и рассмотрение вопросов оказали благотворное влияние на рост сети культурно-просветительских учреждений на селе. Охарактеризован процесс изучения края и ознакомления с колоссальным объемом публикаций, еще не нашедших своего отражения в указателях. Все это вызвало осознание необходимости библиографической работы в Таджикистане, в частности создания краеведческой библиографии. Изданные каталоги государственного издательства Таджикистана заложили историческую основу появления ретроспективной библиографии в республике, в том числе библиографии литературы для детей и подростков. За рассматриваемый период был выполнен ряд важных для ТАССР библиографических работ, хотя опубликовать удалось лишь некоторые указатели.

**Ключевые слова**: литература, история книги, библиотечная и библиографическая деятельность, история библиотек, читатель, научно-вспомогательные библиографические пособия, издательство, советский период.

# НАЗАРЕ БА САФАҲОТИ ТАЪРИХИ БИБЛИОГРАФИЯИ ШУРАВИИ ТОҶИК (солҳои 1920-1960)

Дар мақола асарҳои олимон, китобшиносон, китобхонашиносон ва библиографияшишиносон, ки дар онҳо пайдоишу рушди библиографияи тоҷик, саҳми давлат ва созмонҳои илмӣ дар шаклгирии он шарҳу тафсир ёфтааст, баррасӣ гардида, таърихи китобхонаҳо дар Тоҷикистон ва масоили марбут ба китобхонасозӣ ва рушди минбаъдаи китобхонаҳо дар авоили солҳои 1920 ва авохири солҳои 1960 таҳқиқ ва хотирнишон шудааст, ки муҳимтарин қарорҳову санадҳои расмии Шурои Комиссарони Халқии (ШКХ) Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия (ҶШФСР) “Дар бораи миллисозии захираи китоб ва соири асарҳои чопӣ” (апрели 1920) ва “Дар

бораи вогузории корҳои библиографӣ дар ҶШФСР ба комиссариати халқии маориф мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Пас аз содир шудани “Фармони маҳви бесаводии аҳолии Ҷумҳурии Шуравии Туркистони ҶШФСР” ва чанд санади лигар ниёзмандӣ ба китоб хеле афзоиш ёфт.

Муаллиф нақши ҳукумати шуравӣ ва ниҳодҳои давлатии шуравиро, ки соли 1920 саҳми муайяне дар соҳаи китобдорӣ дар Туркистони шуравӣ (Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон то соли 1929 дар ҳайъати он буд) гузоштаанд, қайд кардааст. Ҳамчунин саҳми библиографияшиносони рус ва мутахассисони тоҷик, ки давраҳои коромӯзии китобдориро тай карда буданд, таҳқиқ гардида, комёбиҳои бадастомада дар соҳаи хидматрасонии библиографӣ ба муроҷеини китобхонаҳои минтақа, алалхусус дар охири солҳои 1920 ва аввали солҳои 1930 шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Дар мақола корҳои библиографӣ: тартиб додани картотекаҳои мавзуӣ, тадвини феҳристи адабиёти тавсиявӣ ва таҳлилу арзёбии адабиёт ҷамъбандӣ гардида, динамикаи тавсеаи муассисаҳои фарҳангӣ дар марказ ва гӯшаву канор дар пайи тасвиби ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар онҳо аҳаммияти фаровони китоб, кори таблиғотӣ ва нақши иқдомоти фарҳангии оммавӣ дар байни заҳматкашон дар ҷараёни барпоии сотсиализм хотирнишон шудааст, шарҳ ёфтааст. Ёдоварӣ шудааст, ки қарорҳову қатъномаҳои зикршуда ва иқдомоти баъдӣ таъсири қобили мулоҳиза дар афзоиши шабакаи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ дар минтақаҳои рустоӣ расонидааст.

Дар мақола раванди омӯзиши минтақа ва шиносоӣ бо шумори зиёди мақолоту нашрияҳое, ки ҳанӯз дар нишондиҳандаҳо (дастурҳои библиографӣ) инъикос наёфтаанд, тавсиф шудаанд, ки маҷмуан ба зарурати тақвияти корҳои библиографӣ дар Тоҷикистон ва аз ҷумла ҳузури библиографияи кишваршиносӣ далолат мекунанд. Феҳристҳои мунташираи Нашриёти давлатии Тоҷикистон барои пайдоиши библиографияи тарҷеъӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла библиографияи адабиёти махсуси кӯдакону наврасон появу асос гардид.

Дар давраи мавриди баррасӣ як силсила корҳои библиографии барои Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон муҳим анҷом гирифтааст, гарчи нашри қисме аз ин нишондиҳандаҳо муяссар нагардидааст.

**Калидвожаҳо:** адабиёт, таърихи китоб, фаъолияти китобдорӣ ва библиографӣ, таърихи китобхонаҳо, хонанда, дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасон, нашриёт, давраи шуравӣ.

## ON THE PAGES OF THE HISTORY OF TAJIK SOVIET BIBLIOGRAPHY (1920–1960)

The article examines the works of scholars, bibliologists, library scientists, and bibliographers that reflect the formation and development of Tajik bibliography, the contribution of the state and scientific institutions to its establishment, as well as the history of library development in Tajikistan and the challenges associated with their construction and further progress during the 1920–1960s.

The study analyzes the most significant decrees of the Council of People’s Commissars (Sovnarkom) of the RSFSR — *“On the Nationalization of Stocks of Books and Other Printed Works”* (April 1920) and *“On Transferring Bibliographic Affairs in the RSFSR to the People’s Commissariat of Education”* (June 1920). The demand for books increased sharply following the adoption of the *“Decree on the Elimination of Illiteracy among the Population of the Turkestan Soviet Republic”* by the Sovnarkom of the TASSR in 1920, along with several related legislative acts.

The article highlights the important role of the Soviet government and public institutions in promoting the development of library work in Soviet Turkestan (which included the Autonomous Republic of Tajikistan until 1929). It explores the contributions of Russian

bibliographers and local specialists who completed professional library training courses and describes the success achieved in bibliographic services for readers in the region, particularly in the late 1920s and early 1930s.

The author generalizes various forms of bibliographic work of that period, including the compilation of thematic card indexes, recommended reading lists, and literary reviews. The article presents data illustrating the expansion of the network of cultural institutions both in central and peripheral regions, facilitated by the adoption of numerous regulatory acts emphasizing the immense importance of books, propaganda work, and cultural events among the working population during the era of socialist construction. These decrees and resolutions positively influenced the growth of rural cultural and educational institutions.

The article also characterizes the process of regional studies and the examination of numerous publications that had not yet been reflected in bibliographic indexes, which led to the recognition of the need for systematic bibliographic work in Tajikistan — particularly the development of regional bibliography. The catalogues published by the State Publishing House of Tajikistan laid the historical foundation for retrospective bibliography in the republic, including children's and adolescent literature.

During the reviewed period, several important bibliographic works were completed for the TASSR, although only a few bibliographic indexes were officially published.

**Keywords:** literature, history of the book, library and bibliographic activity, history of libraries, mass reader, reference and research bibliographic aids, publishing house, Soviet period.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Сафаралиев Бозор Сафаралиевич** – доктори илмҳои таърих, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Самарқанд. Нишонӣ: 140104, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш. Самарқанд, хиёбони Гагарин, 43. Тел.: (+998) 917-07-84-49; + 9634623048. E-mail: bozorsafaraliev@mail.ru

**Сведения об авторе: Сафаралиев Бозор Сафаралиевич** – доктор исторических наук, профессор Самаркандского государственного института иностранных языков. Адрес: 140104, Республика Узбекистан, г. Самарканд, проспект Гагарина, 43. Тел.: (+998) 917-07-84-49; + 9634623048. E-mail: bozorsafaraliev@mail.ru

**Information about the author: Safaraliev Bozor Safaralievich** – Doctor of Historical Sciences, Professor of the Samarkand State Institute of Foreign Languages. Address: 140104, Republic of Uzbekistan, Samarkand, Gagarin Avenue, 43. Phone: (+998) 917-07-84-49; + 9634623048. E-mail: bozorsafaraliev@mail.ru

**ТДУ 001 (092) [01+02+023+371] (575.3)**

# БАРРАСИИ МАСОИЛИ КИТОБДОРИИ ТОҶИК ДАР ОСОРИ ИЛМИИ РАҲИМҶОНИ ШАРОФЗОДА

**Комилзода Шариф**
Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Китобшиноси маъруфи тоҷик, номзади илмҳои педагогӣ, профессор Раҳимҷони Шарофзода дар эҳё ва шаклгирию рушдёбии илми китобдории тоҷик саҳми арзанда гузошта, доир ба масоили мубрами соҳа беш аз 300 асару мақола ва нигоштаҳои мансур таълиф намудааст.

Ӯ соли 1957 пас аз хатми Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии маданию маърифатӣ (ҳоло Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П. Бӯйдоқов) ба Китобхонаи давлатии

Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ (ҳоло Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба кор меояд ва худи ҳамон сол ба шуъбаи ғоибонаи Донишкадаи давлатии китобдории Маскав дохил мешавад. Дар Китобхонаи ба номи А.Фирдавсӣ ӯ аввал ба ҳайси методист, сарбиблиограф, сипас мудири шуъбаи маълумотию библиографӣ ва ниҳоят мудири шуъбаи методӣ шуда кор мекунад. Кор дар Китобхонаи колонтарини ҷумҳурӣ барои ташаккулёбии фаъолияти илмию эҷодии Раҳимҷони Шарофзода шароит муҳайё сохта, имкон фароҳам овард, ки сатҳи дониши тахассусии хешро пайваста такмил диҳад.

Солҳои 1957-1965 барои Раҳимҷони Шарофзода солҳои оғози кор, омӯзишу пажуҳишҳои доманадор, солҳои натиҷагирию хулосабарорӣ буд. Маҳз дар ҳамин давра буд, ки ӯ таҳкурсии мустаҳкаме барои фаъолияти минбаъдаи хеш ба унвони як корманди соҳаи китобшиносию китобдорӣ ба вуҷуд овард.

Таъмин намудани китобхонаҳои ҷумҳурӣ бо маводди зарурии методию библиографӣ тақозо намуд, ки соҳаи китобдории тоҷик, бахусус назарияю услуби он ташаккул ёбад. Аз ин рӯ, Раҳимҷони Шарофзода баҳри ҳалли масоили мавҷуда камари ҳиммат баст ва дар баробари иҷро намудани вазифаҳои маъмурӣ дар танзиму таҳияи асарҳои методию библиографӣ фаъолона иштирок кард. Аввалин асаре, ки Раҳимҷони Шарофзода барои китобдорон таҳия намудааст «Материалҳо барои гузаронидани конфренсияҳои хонандагон ва шабҳои адабӣ» [7] мебошад. Дар ин дастури методӣ, ки то кунун қимати илмию услубиаш устувор аст, вежагии созмондиҳии ду шакли кори оммавии китобхона доир ба тарғиби асарҳои адибони тоҷик: Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода баррасӣ шудааст. Бештари корҳои ба табъ расонидаи Раҳимҷони Шарофзода то имрӯз дар раванди фаъолияти кории китобхонаҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Яке аз онҳо – дастури «Ҷадвали муаллифӣ: Дурақама» [9], аст ки барои бо тартиби алифбоӣ ҷо ба ҷо гузоштани фондҳои китобхона таъйин шудааст, ҳисоб меёбад.

Интишори китобчаҳои ӯ «Китобхонаи посёлкавии Пахтаобод» [24], «Библиотека и общественность» [10] ба забонҳои тоҷикию русӣ имконоти бештареро барои кормандони китобхонаҳои ҷумҳурӣ аз назари омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи пешқадами китобхонаҳои он давра фароҳам овард.

Раҳимҷони Шарофзода чун донандаи хуби осори бадеӣ аз дастовардҳои илму тамаддуни умумибашарӣ низ огоҳии кофӣ дошт. Ба ақидаи ӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи назарияи адабиёт, қонуниятҳои рушду такомули он, бахусус донистани усул ва услуби таҳлили асарҳои адабӣ-бадеӣ, сабк, равия ва умуман ҷараёни адабӣ барои китобшиносу китобдор, кормандони бойгониву нашриёт ва умуман пажуҳандагон кори зарурию ҳатмист.

Ана ҳамин омӯзиш ва фаҳмиши вежагии осори адабӣ-бадеӣ ба Раҳимҷони Шарофзода имкон дод, ки беш аз 20 китобномаҳои мураттаб сохтаашро ба дасти чоп супорад ва тавассути онҳо дар тарғибу оммавигардонии асарҳои адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносии тоҷик саҳм гузорад. Яке аз китобномаҳое, ки то кунун дар раванди пажуҳиши адабиёти бадеӣ ва асарҳои адабиётшиносию танқиди адабӣ ёвари истифодабарандагони иттилоот аст «Адабиёти бадеии тоҷик ва танқид» [1] мебошад.

Меҳри беандоза нисбат ба китоб, хониш, кори китобдорӣ ва омӯзишу таҳқиқи масоили мубрами соҳа Раҳимҷони Шарофзодаро бар он дошт, ки пажуҳишҳои илмии худро идома диҳад. Ба ин хотир, ӯ соли 1966 ба аспирантураи Донишкадаи давлатии маданияти Маскав дохил шуд ва соли 1971 доир ба мавзуи «Баъзе масъалаҳои инкишофи библиографияи адабӣ дар ҷамоҳири Осиёи Марказӣ (дар мисоли ҶШС Тоҷикистон) рисолаи номзадиро дифоъ намуд. Воқеан Раҳимҷони Шарофзода дар Осиёи Марказӣ нахустин пажуҳандае буд, ки ба таҳқиқи масоили библиографияи

миллӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ гаштааст.

Таҳсили доманадор ва пажуҳишҳои илмӣ дар Донишкадаи давлатии маданияти Маскав, шиносоӣ бо олимон ва мутахассисони варзидаи ришта ба Раҳимҷони Шарофзода имкон дод, ки аз дастовардҳои навини илмии соҳа бархурдор шавад ва роҳи минбаъдаи фаъолияти хешро муайян созад. Ӯ худро муваззаф медонист, ки на танҳо дар омӯзкуишу таҳқиқи назарияю услуби библиографияи тоҷик иштирок намояд, балки дар омодасозии кафедраҳои тахассусӣ ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи китобдорӣ низ саҳм гирад. Ин мақсади наҷиб ӯро ба даргоҳи Донишкадаи омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) меорад. Соли 1970 маъмурияти Донишкада сарпарастии кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографияро ба зиммаи ӯ вогузор мекунад. Албатта, дар он айём нарасидани барномаву дарсномаҳо ва дигар маводи таълимӣ ба забони тоҷикӣ комилан эҳсос мешуд ва табиист, ки сари вақт таъмин намудани тамоми фанҳои тахассусӣ бо барномаву дарснома ва маводди методӣ аз имкон берун буд. Аз ин рӯ, Раҳимҷони Шарофзода барои беҳдошти сифату самарабахшии кори таълим ва тақвияти пайванди назария ва амалияи библиографияи тоҷик кӯшиши зиёд ба харҷ дод.

Дар ростои татбиқи нақшаҳои таълимӣ, бо маводи зарурии таълимӣ таъмин намудани фанҳои тахассусӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани мазмуну мундариҷаи онҳо низ саҳми Раҳимҷони Шарофзода хеле калон аст. Бояд тазаккур дод, ки нақшаҳои таълимӣ бо назардошти шароити ҳар давра ва хусусиятҳои хоси ҷумҳурӣ такмил меёфтанд ва бар асоси онҳо таълими ин ё он фанни нав ҷорӣ карда мешуд. Маҳз бо саъю кӯшиш ва ширкати бевоситаи Раҳимҷони Шарофзода аввалин матни курси лексияҳо ва барномаҳои корӣ оид ба фанҳои тахассусӣ, нишондодҳои услубӣ барои иҷро намудани корҳои контролӣ, машғулиятҳои семинарию амалӣ ба забонҳои тоҷикию русӣ тайёр карда шуданд. Зери сарпарастии устод мазмуну мундариҷаи кулли фанҳои тахассусӣ бо дарназардошти нишондоди нақшаҳои таълимӣ такмил ёфтанд ва ин фанҳо бо барномаву дарсномаҳо ва маводи дигари таълимӣ таъмин гаштанд.

Дар баробари кори омӯзгорӣ ва роҳбарӣ ба фаъолияти кафедраи навбунёд Раҳимҷони Шарофзода боз ба таҳқиқи масоили мубраме, ки ҳалли онҳо тақозои замон буд, таваҷҷуҳи амиқ зоҳир мекард. Ӯ ба хубӣ дарк кард, ки вазъи онрӯзаи фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ ба ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат намекунад ва эҳтиёҷоти ба китоб доштаи ҷомеаро пурра қонеъ намегардонад. Бахусус, амалкарди заифи хадамоти библиографӣ дар байни омма, бидуни нақша ва беназардошти эҳтиёҷоти хонандагон нашр шудани китобномаҳо, устувор набудани ҳампайвастагии назария ва амалияи библиографияи тоҷик аз ҷумлаи масоиле буданд, ки таваҷҷуҳи Раҳимҷони Шарофзодаро бештар ба худ ҷалб карданд.

Мушкилоти зикршуда ва роҳи ҳалли он, қабл аз ҳама, дар нахустин конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ (октябри с. 1970), ки ба «Масъалаҳои инкишофи библиографияи миллии тоҷик» [11] бахшида шуда буд, бозтоб ёфт. Созмондиҳандаи ин конфронс Раҳимҷони Шарофзода буд ва маърӯзаи асосие, ки мавриди муҳокима қарор гирифт аз тарафи ӯ ироа шуд. Конфронси нахустин натиҷаи хуб дод. Он роҳҳои минбаъдаи инкишофи фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳуриро муайян намуда, ба шаклгирию рушдёбии илмҳои китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносии тоҷик таъсир расонид. Бахусус нақши аввалин конференсияи илмиву назариявии ҷумҳуриявӣ ва чопи нахустин маҷмуаи илмии Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ «Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик» [2] барои инкишофи библиографияшиносии тоҷик ҳамчун соҳаи мустақили илм назаррас мебошанд. Дар робита ба ин масъала, устод

Раҳимҷони Шарофзода чунин нигоштаанд: «Ҳам дар конференсияи илмӣ-назарӣ ва ҳам дар маҷмуа китобшиносон ба масъалаҳои мухталиф, вале хеле ҷиддии алҳол омӯхтанашудаи библиографияи умумӣ, ба проблемаҳои ҷудогонаи библиографияҳои соҳавӣ, инчунин ба масъалаҳои терминологияи библиография диққат зоҳир намуданд. Ин саъю кӯшиш на танҳо ба тараққиёти библиографияшиносӣ, балки ба тарғибу оммавигардонии библиографияи миллӣ ва паҳн кардани донишҳои библиографӣ низ ёрӣ дод. Масалан, дар кор бо хонандагон истифода кардани нишондиҳандаҳои чопӣ афзуд. Ғайр аз ин дар китобхонаҳои оммавӣ тартибдиҳии «шаклҳои хурд»-и библиография бо суръати баландтар инкишоф ёфт, номгӯи «шаклҳои хурд» бою гуногунранг гашт. Дар бобати тараққӣ додани амалия, махсусан библиографияи тавсиявӣ Китобхонаи давлатии республикавии ба номи Фирдавсӣ дар сафи пеш аст. Бо саъю кӯшиш ин маркази библиографияи тавсиявӣ на танҳо теъдоди дастурҳо афзуд ва мавзуоти онҳо гуногугу паҳнотар гардид, балки аз нуқтаи назари методӣ сифати ин дастурҳо баланд ҳам шуд…., Яъне амалия мувофиқи тақозои замон вазифаи худро иҷро мекунад. Дастурҳои нав ба навро ба миён оварда, ба пешравии методика роҳ мекушояд. Маҳз бо ҳамин васила вай барои назария майдони тадқиқоту пешравии илми библиографияшиносиро омода месозад» [25, с.65-66].

Доираи фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва методии Раҳимҷони Шарофзода дар солҳои 70-уми асри XX хеле фарох гардид. Он бештар масоили назария ва таърихи библиография, услуб ва созмондиҳии кори библиографӣ, омӯзишу таълим ва тарғиби донишҳои библиографиро дар бар гирифт.

Натиҷаи пажуҳишҳои илмии олим дар монографияи нахустини ӯ «Давраҳои асосӣ ва қонунияти инкишофи библиографияи адабии тоҷик» [12] арзёбӣ шуданд. Раҳимҷони Раҳимҷони Шарофзода аввалин касе буд, ки таърихи библиографияи адабии тоҷикро бо қонуниятҳояш таҳлил ва бо далелҳои муътамади илмиву мантиқӣ асоснок намуд. Ӯ ба хулосае омад, ки мавриди баррасӣ қарор додани давраҳои умдаи рушди библиография бояд қонуниятҳои ташаккул ва инкишофи онро вобаста ба инкишофи мабҳас (объект), илму фарҳанг ва фаъолияти марказҳои иттилоотию библиографӣ ба эътибор мебояд гирифт. Ба ақидаи ӯ, рушду такомули библиография чун ҷузъи муҳимми инқилоби маданӣ дар инкишофи илму маориф, фарҳангу ҳунар ва соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа мақоми хосса дорад.

Баъдтар мақолаҳои илмии олим оид ба масоили вежагии шаклу услуб ва хусусиятҳои сифатии библиографияи адабии илмӣ-иттилоотии тоҷик [14], мақоми библиографияи рус дар инкишофёбии библиографияи тоҷик [13], таснифи нашри асарҳои адабӣ-танқидӣ ва адабиётшиносии тоҷик [26] ба табъ расиданд, ки дар онҳо паҳлӯҳои мухталифи рушди библиографияи тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд. Мақолаи проблемавии Раҳимҷони Шарофзода «Назаре ба библиографияшиносии тоҷик» [25] маҳз ба таҳқиқи масоили муҳимми библиографияи умумӣ ва соҳавии тоҷик бахшида шуд ва чун барномаи дурнамои инкишофи библиографияи миллӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар назария ва амалияи библиографияи миллии тоҷик – библиографинамоии адабиёт, яъне услуби таҳияи навъҳои гуногуни дастурҳои библиографӣ маҳсуб мeёбад. Ҳаллу фасли ин масоил, бахусус тавсифнигорӣ ҳамчун шарҳи мухтасари мазмуни аснод дар асарҳои назариявӣ [29] ва китобномаҳои таҳиянамудаи Раҳимҷони Шарофзода инъикоси воқеии худро пайдо карданд. Ба сифати беҳтарин намунаи хулосаи адабиёт, ки барои китобдорон таъйин шуда, яке аз навъҳои асосии характеристикаи библиографии адабиёт ва яке аз шаклҳои маъмули китобномаҳо ҳисоб мeёбад «Шоҳнома» ниҳоди илҳоми олимону адибон»-ро метавон пешниҳод намуд [22].

Саҳми Раҳимҷони Шарофзода дар таҳия ва омодасозии аввалин барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ хеле калон аст. Бо ташаббуси ӯ, соли 1972 таълими курси наву мустақими «Библиографияи адабии тоҷик» шурӯъ гардид. Соли 1981 барнома [3] ва соли 1988 дарсномаи ин фанро [23] ба табъ расонид. Дарснома ба донишҷӯёни факултаи китобдорӣ таъйин шуда, яке аз дастовардҳои умдатарини илми библиографишиносии тоҷик ҳисоб меёбад. Таҷрибаи бои илмӣ-таҳқиқотӣ ва омӯзгории муаллиф ба ӯ имконият дод, ки дар ҳаҷми як дарснома ба бисёр масоили таҳқиқнашудаи илми библиографияшиносии тоҷик рӯшанӣ андозад. Дар он як қатор масоили назарӣ ва амалии марбут ба библиографияи миллии адабӣ: таснифи чопи адабиёти бадеӣ ва асарҳои адабиётшиносию танқиди адабӣ, ташаккули ахбори адабии пешазинқилобии библиографияи тоҷик, тавсифоти библиографии осори бадеӣ, шаклсозии намудҳои пажуҳиши библиографияи адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносӣ ва амсоли онҳо аз нигоҳи махсусияти мабҳаси таҳқиқот бори аввал мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Маҳз тавассути ҳамин китоб донишҷӯён ва тамоми мутахассисони соҳаи китобдорӣ метавонанд ба вежагии соҳавии библиографияи адабии тоҷик, бо адабиётшиносӣ ва илмҳои дигар ошно шаванд.

Раҳимҷони Шарофзода бори нахуст аз нигоҳи илми библиографишиносӣ паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти илмию адабии Садриддин Айниро мулоҳизакорона ва амиқона мавриди пажуҳиш қарор дода, асару мақолаҳои хонданибобе таълиф намуд, ки дар бобати инкишоф додани назарияи библиографияи ашхоси муътабар таҷрибаи аввалин мебошад. Мақолаҳои олим «Садриддин Айнӣ дар бораи китобхонаҳо» [28], «Садриддин Айнӣ – библиограф» [27] ва монографияи ӯ «Садриддин Айнӣ аз дидгоҳи библиографияи адабӣ» [20] на танҳо маълумоти комилу ҷадидро роҷеъ ба фаъолияти библиографию китобдории устод медиҳанд, балки муҳимтарин масоили таърих, назария ва амалияи илми китобшиносии тоҷикро бори нахуст баррасӣ мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки кулли асарҳои таълиф намудаи Раҳимҷони Шарофзода дар тадқиқу таҳқиқи муаммоҳои мубрами соҳа ба забони тоҷикӣ кӯшиши аввалин аст. Онҳо ба сарчашмаҳои муайяну мушаххас асос ёфта, дорои арзиши баланди илмианд. Асарҳои олим чӣ аз ҷиҳати услуби нигориш ва чӣ аз ҷиҳати усули масъалагузорӣ намунаи хуб буда, чун манбаи сарчашмашиносӣ ва таърихнигорӣ дар ҳаллу фасли масоили мавҷудаи соҳа мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, рисолаи «Ибни Сино ва библиографияи тоҷик» [15], аввалин таҳқиқоти муҳимму чашмрасест, ки ба таърихи библиографияи тоҷик бахшида шудааст. Дар он афкору андешаҳои олим роҷеъ ба фаъолияти бузургтарин китобхонаи айёми Сомониён «Сивон – ул – ҳикмат», саҳми китобшиносии Ибни Сино ва самтҳои асосии инкишофи библиографияи тоҷик дар асрҳои IX-X арзёбӣ шудаанд.

Охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX Раҳимҷони Шарофзода дар ростои таҳқиқи масоили таърихи китобшиносии тоҷик ҷасурона гом ниҳод. Таваҷҷуҳи ӯро бештар масоили мухталифи ба пайдоишу ихтироъи хат ва маводди марбут ба он, таърихи номаҳои қадимии мардумони эронинажод ҷалб намуданд. Омӯзиши чунин масоили доманадор олимро водор сохт, ки барои таҳқиқи он аз чандин ҷониб наздик шавад. Сараввал ӯ барномаи кори таҳқиқотии хешро таҳия намуд ва тибқи он ба навиштани мақолаҳои проблемавӣ шурӯъ кард. Сипас ҷорӣ намудани таълими фанни нави «Таърихи номаҳои Аҷам»-ро дар факултети китобдории Донишкадаи давлатии санъати ба номи Мирзо Турсунзода ҳатмиву зарур шуморид ва худро вазифадор кард, ки ин фанро бо барномаву дарснома таъмин намояд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Олим бо ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшиши зиёд тавонист дар муддати начандон тӯлонӣ бар қади нақшаҳои илмии хеш хилъати амал пӯшонад. Фақат дар тӯли солҳои 1990-1994 доир ба масоили номрафта беш аз 40 номгӯй асарҳои олим рӯи чопро диданд. Силсилаи мақолаҳои ӯ дар 11 шумораи рӯзномаи «Омӯзгор», таҳти унвони ягонаи «Лавҳу тӯмори заррини Эрони Қадим» [18] ба табъ расиданд.

Қобили тазаккур аст, ки натиҷаи пажуҳишҳои илмию услубии Раҳимҷони Шарофзода аз бисёр ҷиҳат ҳадафрасанд. Бахусус барои бунёди таҳкурсии илми номашиносӣ ва таълими он дар Тоҷикистон шароит муҳайё сохтанд. Соли 1993 барномаи фанни нави таълимии «Таърихи номаҳои Аҷам» [8] ва соли 1997 дарсномаи ин фан [21] ба табъ расиданд. «Таърихи номаҳои Аҷам» аввалин иқдом дар номашиносии тоҷик маҳсуб шуда, бори нахуст ақоиди мушаххасро нисбати пайдоиши нигору номаҳои аҷамиён аз ибтидо то садаи ҳафтуми милодӣ фаро гирифтааст. Дарснома аз 6 фаслу 23 боб, оғозу анҷом, аксҳои нигору алифбои ниёгон ва кумакфеҳристҳои адабиёти истифодашуда, феҳристи номи касон, феҳристи мавзуъ, вожаҳо ва мафҳумот, феҳристи тӯмору номаҳои унвонашон мушаххас, вожагон иборат аст.

Раҳимҷони Шарофзода бахри эҷоди «Таърихи номаҳои Аҷам» аз комёбиҳои илмҳои китобшиносӣ, иттилоотшиносӣ, шарқшиносӣ, кашфиётҳои бостоншиносӣ, бахусус осори хаттии ниёгон ҳамаҷониба истифода кардааст. Ӯ бо такя ба мазмуну муҳтавои номаҳои зиёди марбут ба таърихи Эрони Қадим, таърихи Порт, таърихи Сосониҳо ва таърихи Осиёи Вусто ифодаи расмии мафҳумҳои барои илм муҳимми «нома», «номанигорӣ», «нашри нома»-ро мушаххас намуда, шарҳу эзоҳ додааст. Муаллиф зарурати омӯзиш ва таҳқиқи таърихи номаву номанигории тоҷикро бисёр муҳим арзёбӣ намуда, дар пешгуфтори китоб, чунин нигоштааст: «Дар тӯли таърих гузаштагони мо роҷеъ ба номау номанигорӣ даҳҳо вожаҳои ба мафҳумашон мувофиқу муносиб офариданд. Пайдоиши ин вожаҳо ҳеҷ гоҳ аз тасодуф набуд, балки посухе буд ба эҳтиёҷоти номанигории ин ё он замон. Ҳарчанд рисолае доир ба таърихи номаҳо набуд, лек худи ҳамон таърих бо тамомии қонунияҳояш вуҷуд дошт. Аммо ин таърих ба дасти фаромӯшӣ афтод. Мо хешро аз он чунон дур гирифтем, ки миёни мову ин мероси гаронбаҳо бегонагӣ рахна кард. Тамоми нигори рӯи алвоҳ омадаро «китоб» ё «катиба» гуфтем. «Китоб» дар тамомӣ риштаҳо ба маънои тӯмору номаҳо масраф гардид. Ва мо рафта-рафта исми ин ё он нигор, маводи нигори ин ё он адвору маъмурияти онҳоро барои замони худ нодаркорӣ шуморидем. Оқибатии чунин худинкоркунӣ, дурусттараш бесаводию бефаҳмӣ ҳамон аст, ки мо то ба имрӯз бидуни илмҳои зиёд мондаем. Аз таърихи беш аз 2500-солаи номаҳои хеш огаҳӣ надорем. Имрӯз ин таърих, дар коркарди аввалия бошад ҳам, пешниҳод мегардад. Тамомии он, аз оғоз ба анҷом барои мо иттилооти фаромӯшшудаест, ки бори нахуст ба забони форси тоҷикӣ нигошта шудааст. Ҳар як иттилоъ мавриди баҳс қарор мегирад ва он барои хонанда на танҳо тозау муфид аст, балки ин иттилоъ дониши ӯро афзун хоҳад кард» [21, с.7].

Дар бобҳои ҷудогонаи китоб маълумотҳои саҳеҳ оид ба таърихи пайдоиши хат ва навъҳои он: гиреҳбанд (хати риштаӣ), мешсор (петроглиф, нигориши рӯи шах), артанг (пиктографӣ, хати тасвирӣ), осурӣ (шумерӣ, идеограмма - аломатнависӣ), меҳӣ, миноӣ (иероглифӣ – муқаддас ҳакшуда, матни катибатшуда), иломӣ (логографӣ), инчунин роҷеъ ба ихтироъи алифбо, пайдоиши қадимтарин хати овозӣ (алифбои финикӣ), хати оромӣ ва дар асоси он пайдо шудани хатҳои порсии қадим, паҳлавӣ, суғдӣ, монавӣ, авастоӣ, хоразмӣ, портӣ ва соири хатҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, дар боби чоруми дарснома Раҳимҷони Шарофзода роҷеъ ба таҳқиқи таърихи пайдоиши хати миноӣ андешаҳои ҷолиб баён карда, бо далелҳои илмиву мантиқӣ исбот намудааст, ки дар омӯзиши таърихи хат саҳми тоҷикон низ назаррас мебошад. Дар ин бобат ӯ чунин нигоштааст: «Хушбахтона ба забони тоҷикӣ роҷеъ ба нигори миноӣ баъзе ишораҳо ҳастанд. Ва донишманде, ки ин ишораҳоро меоварад, ҳамватани машҳури мо Носири Хисрав аст. Падидовари «Сафарнома» бо номи «миноҳои мулавван» ва «нақши мино» онро зикр кардааст…. Вай то он ҷое, ки мумкин буд ба рози ин нигори куҳан роҳ ёфт ва барои мо тавсифи онро мерос гузошт. Он замон илми мисршиносӣ вуҷуд надошт. Аз ҳамин хотир навиштаҷоти Носири Хисрав ҳоизи иттилоъи ҷозибу тозаест барои

таърихи хат. Аз ҷониби Носири Хисрав кашф шудани нигори иероглиф, ки ба тоҷикӣ нигори миноӣ ё миношакл ном гирифт, ба соли 1047 милодӣ рост меояд. Яъне ин ахбори Носири Хисрав 752 сол муқаддам аз кашфи санги Роззет ба вуқуъ пайваста буд. Бале, урупоиён ба нигори миноӣ танҳо соли 1799 дучор омаданд ва ба омӯзиши ҷиддии он шуруъ карданд» [21, с.32-33].

Соли 2005 китоби нави Раҳимҷони Шарофзода таҳти унвони «Нашриёти «Маориф ва фарҳанг» [19] ба табъ расид, ки дар он маводди ҷолибу хонданибоб оид ба таърих ва вазъи кунунии интишори китобҳои тоҷикӣ, масоили мубрами табъу нашри дарсномаву адабиёти дигари таълимӣ ва даврахои гуногуни фаъолияти нашриёти «Маориф ва фарҳанг» баррасӣ шудааст. Дар баробари таҳлили фаъолиятиноширӣ дар китоби мазкур афкору андешаҳои олим перомуни чигунагии китоб, таърихи пайдоиши китобҳои қаламӣ, шарҳи мафҳумҳои «нашр», «кори нашр», «интишорот», «дарснома», «китоби дарсӣ», «адабиёти таълимию услубӣ», «нашри илмии оммавӣ», «нашри марҷаъӣ», ҳамкории ноширон бо адибону китобдорон, фаъолияти китобшиносии нашриёт, марказҳои китобшиносии тоҷик, савдои китоб, китобдӯстӣ ва масоили марбут ба тарҷума ва таксири китоб (тираж) арзёбӣ шудаанд.

Раҳимҷони Шарофзода дар таҳияи санадҳои муҳимми фарҳангӣ низ саҳми муносиб гузоштааст. Бо супориши Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимҷони Шарофзода ақоиди асосии (консепсия) «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-ро [17] таҳия намуд. Дар он зарурати бунёди Китобхонаи миллии Тоҷикистон, маъмурияти асосӣ, мақсад, вазифаҳо, сохтор, маҷмуа (фондҳо) ва манбаъҳои иттилоотӣ, фаъолияти методӣ ва ҳамкории Китобхонаи миллӣ бо ташкилоту муассисаҳо, созмонҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Раҳимҷони Шарофзода ба сифати мураттиб ва вироишгар дар таҳияю танзими маҷмуаҳои илмии Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ва асарҳои ҷудогонаи риштаи китобдорӣ фаъолона иштирок кардааст. Маҳз бо саъю кӯшиш ва таҳияю виростории ӯ маҷмуаҳои илмии: «Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик» [2], «Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон» [6], «Библиографияшиносии Тоҷикистон» [4], «Китобхонаи миллии Тоҷикистон: ҷашннома» [5] рӯи чопро диданд.

Раҳимҷони Шарофзодаро хонандагони сершумор бо силсилаи асарҳои насриаш низ хуб мешиносанд. Бо қалами устод беш аз 40 асари мансур мансубанд. Асоси ғоявии асарҳои насрии Раҳимҷони Шарофзодаро тасвири ҳодисаю воқеаҳои муҳимми таърихии ба соҳа марбут, пайдоиши номаю номанигорӣ, тарғиби некию накӯкорӣ, ҳақиқату адолат, тақвияти худшиносию худогоҳӣ, таълими илму адаб ва парвариши фазилатҳои сутудаи инсонӣ: хирадмандию ҳиматбаландӣ, меҳанпарастию башардӯстӣ ташкил медиҳанд. Асарҳои насрии ӯ: «Савганд ба Авасто», «Тӯрон», «Артанг», «Ориёиҳо», «Қиссаи нигори миноӣ», «Пайсипар», «Фармони хирад», «Вахиштасп», «Шабехун», «Паёми Дориюш», «Нури донишзо», «Зопир», «Атоса», «Фирор аз сарнавишт», «Корномак», «Болафшони Аҳурамаздо», «Поёни талоши Маздак», «Каюмарс», «Ораш», «Анахарсис», «Насабнома», «Посухи Куруш» ва ғайраҳо ба хонандагон барои донистани таърихи пайдоиши хату номаҳои ниёгон ва муайян кардани мавқеи онҳо дар таърихи тамаддуни башарӣ кӯмак расонида, доираи назарашонро ба муҳимтарин воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ инкишоф медиҳанд.

Масоили мубраме, ки дар навиштаҳои Раҳимҷони Шарофзода матраҳ ва баррасӣ шудаанд, баёнгари таваҷҷуҳи муаллиф ба зарурати зиндасозӣ, асоснокнамоӣ ва корбурди он идда аз мафҳумҳои марбут ба соҳаи китобдорист, ки замоне корбурди

фаровон дошта, акнун ба гӯшаи фаромӯшӣ афтодаанд. Тавассути асарҳои олим донишҷӯёну мутахассисони соҳа ифодаи расмии қисмати зиёди вожаҳои илмҳои китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографияшиносиро пайдо менамоянд.

Устод Раҳимҷони Шарофзода дар мақолаи охирони худ, ки таҳти унвони «Ба пеш, ба ҷониби коркарди услуби худӣ» дар шумораи ҳафтуми маҷаллаи «Китобдор» ба табъ расидааст, доир ба зарурияти коркарди услуби китобдорию китобшиносии тоҷик мулоҳизаҳои ҷолиб баён намуда, аз ҷумла чунин таъкид менамояд: «Доштани услуби худӣ дар шароити ҷадид шарт аст. Ба мо зарур аст, ки услуби тадбирҳои пазируфташударо аз нав дида бароем. Дар як муассиса муттаҳид намудани услубшиносон кори зарурист. Агар қазия дарк шаваду таъсиси «Пажуҳишгоҳи назария ва услуби китобдороию китобшиносии тоҷик» созмон ёбад, ин ба манфиати кор хоҳад буд. Инро пешрафти илм, рӯз ба рӯз афзудани талаботи хонандагон тақозо менамояд. Инро шароити кунунии китобдорию китобшиносии тоҷик низ талаб менамояд. Маҳз коркарди услуб тарафи пешравии фаъолияти китобдорию китобшиносии мо хоҳад буд. Он ҳамчун меҳвар дар тарғибу таблиғи китоб хизмат хоҳад кард. Коркарди услуби худӣ ба омӯхтани китобшиносиҳои соҳавӣ, ба манбаъшиносӣ, иттилоърасонӣ ва ғайра мусоидат хоҳад кард. Мафҳумҳои бисёри ба соҳаҳо доир ба миён омада, забони давлатии моро доро ва баррасии ҳар гуна масоилро осон мекунанд» [16].

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки устод Раҳимҷони Шарофзода тавассути осори гаронбаҳои илмии хеш тавонист дар шаклгирию рушдёбии соҳаҳои муҳимми китобдории тоҷик: библиографияшиносӣ, китобшиносӣ ва китобхонашиносӣ саҳми муносиб гузорад. Илова бар ин, бештари корҳои методию библиографии анҷомдодаи устод то имрӯз арзиши иртиботӣ, пажуҳишӣ ва тарғиботии худро нигоҳ дошта, дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар маҷмуъ осори илмӣ, таълимӣ, методӣ, библиографӣ ва адабии устод Раҳимҷони Шарофзода, ки саршор аз нукоти омӯзанда аст, баҳри баланд бардоштани сатҳи дониши касбии тамоми мутахассисони ришта пайваста кӯмак расонида, ҳамчун раҳнамо дар ҳаллу фасли масоили мубрами соҳаҳои библиографияшиносӣ, китобшиносӣ ва китобхонашиносии тоҷик мусоидат менамояд.

**Адабиёт**

1. Адабиёти бадеии тоҷик ва танқид (1955-1960) [Матн]: феҳраст / тартибдиҳанда Р.Шарофов; КДР ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 160 с.

2. Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / КДР ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1973. – 142 с.

3. Библиографияи адабии тоҷик [Матн]: программаи курс барои факултети китобхонавӣ / мураттиб Р.Шарофов; Ин-ти дав. санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода. – Душанбе, 1981. – 17 с.

4. Библиографияшиносии Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / Ин-ти дав. санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода. – Душанбе, 1981. – 99 с.

5. Китобхонаи миллии Тоҷикистон [Матн]: ҷашннома / таҳия ва виростории Р.Шарофзода; КДҶ ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1993. – 96 с.

6. Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / КДР ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1977. – 109 с.

7. Материалҳо барои гузаронидани конференсияи хонандагон ва шабҳои адабӣ [Матн] / тартибдиҳанда Р.Шарофов; муҳаррир Р. Набиева; КДР ба номи Фирдавсӣ. – Сталинобод, 1958. – 44 с.

8. Таърихи номаҳои Аҷам [Матн]: барномаи дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ / мураттиб Р.Шарофзода; муҳаррир Ш.Тошиён; Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода. – Душанбе, 1993. – 16 с.

9. Ҷадвали муаллифӣ: Дурақама [Матн]: дастур барои бо тартиби алифбо ҷо ба ҷо гузоштани китобҳои китобхона / тартибдиҳанда Р. Шарофов; КДР ба номи Фирдавсӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960. – 26 с.

10. Шаропов, Р. Библиотека и общественность [Текст]: из опыта работы библиотеки совхоза «Палас» Ходжентского района // Шаропов Р. Общественность – наша сила. – Душанбе, 1963. – С. 19-31. – В соовторстве с Ш.Назаровым.

11. Шаропов, Р. Вопросы развития таджикской национальной библиографии [Текст] // Вопросы развития таджикской национальной библиографии: материалы респ. науч. теорет. конф. окт. 1970. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С. 7-32.

12. Шаропов, Р. Основные этапы и закономерности развития таджикской литературной библиографии [Текст] / под ред. Ю. С. Зубова; ГРБ им. Фирдоуси. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 112 с.

13. Шаропов, Р. Роль русской литературной библиографии в развитии таджикской библиографии художественной литературы и литературоведения [Текст] // Учен. зап. Моск. гос. ин-т культуры. – 1971. – Вып. 20. – С. 124-130.

14. Шаропов, Р. Состояние и некоторые проблемы развития таджикской научно-информационной литературной библиографии [Текст] // Учен.зап. Моск.гос.ин-т культуры. – 1970. – Вып.18. – С.164-188.

15. Шарофзода, Р. Авиценна и таджикская библиография [Текст] / отв. ред. доктор филол. наук А. Л. Хромов; ГРБ им. Фирдоуси. – Душанбе: Дониш, 1990. – 35 с.

16. Шарофзода, Р. Ба пеш, ба ҷониби коркарди услуби худӣ [Матн] // Китобдор. 2010. – №1 (7). – С. 20-23.

17. Шарофзода, Р. Китобхонаи миллии Тоҷикистон [Матн]: ақоиди асосӣ / КДҶ ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1992. – 28 с.

18. Шарофзода, Р. Лавҳу тӯмори заррини Эрони Қадим [Матн] // Омӯзгор. – 1993. – 19 май; 26 май; 7 июл; 14 июл; 21 июл; 28 июл; 4 август; 11 август; 18 август; 25 август; 1 сентябр.

19. Шарофзода, Р. Нашриёти «Фарҳанг ва маориф» [Матн]: тангнигошт. – Душанбе: Фарҳанг ва маориф, 2005. – 152 с.

20. Шарофзода, Р. Садриддин Айнӣ аз дидгоҳи библиографияи адабӣ [Матн]: хулосаи системи ахбор / КДҶ ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1992. – 172 с.

21. Шарофзода, Р. Таърихи номаҳои Аҷам [Матн]: дарснома. – Душанбе: Маориф, 1997. – 240 с.; Таърихи номаҳои Аҷам [Матн]: дарснома. – Нашри дуюм. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 216 с.

22. Шарофзода, Р. «Шоҳнома» ниҳоди илҳоми олимону адибон [Матн] // Шуҳрати ҷаҳонии «Шоҳнома»: маводу тавсияҳо барои китобдорон. – Душанбе, 2005. – С.35-39; Шуҳрати ҷаҳонии «Шоҳнома» [Матн] // Китобдор. – 2009. – №2 (6). – С.9-12.

23. Шарофов, Р. Библиографияи адабии тоҷик [Матн]: китоби дарсӣ барои факултети китобхонавии Институти давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода. – Душанбе, 1988. – 200 с.

24. Шарофов, Р. Китобхонаи посёлкавии Пахтаобод [Матн]: таҷрибаи кор / муҳаррир К. Қурбонов; КДР ба номи Фирдавсӣ. – Сталинобод, 1960. – 24 с.

25. Шарофов, Р. Назаре ба библиографияшиносии тоҷик [Матн] // Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / КДР ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1977. – С. 64-74.

26. Шарофов, Р. Нашри асарҳои адабӣ-танқидӣ ва адабиётшиносии тоҷик [Матн] // Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик: маҷмуаи мақолаҳо; КДР ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1973. – С.92-119.

27. Шарофов, Р. Садриддин Айнӣ – библиограф [Матн] // Библиографияшиносии Тоҷикистон: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 1981. – С. 22-42.

28. Шарофов, Р. Садриддин Айнӣ дар бораи китобхонаҳо [Матн] // Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон: маҷмуаи мақолаҳо / КДР ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1977. – С. 83-96.
29. Шарофов, Р. Тавсиф ва мулоҳизаҳо оид ба тавсифнависии адабиёти тоҷик [Матн] // Библиографияшиносии Тоҷикистон: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 1981. – С.77-92.

## ТАҲҚИҚИ МАСОИЛИ КИТОБДОРИИ ТОҶИК ДАР ОСОРИ ИЛМИИ РАҲИМҶОНИ ШАРОФЗОДА

Дар мақола фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии яке аз олимони маъруфи соҳаи китобдории тоҷик Раҳимҷони Шарофзода ва саҳми ӯ дар рушди илмҳои библиографияшиносӣ, китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки Раҳимҷони Шарофзода яке аз асосгузорони илми библиографияшиносии тоҷик барои пайдоиш, шаклгирӣ ва рушдёбии ин илм саҳми муносиб гузоштааст. Маҳз бо ташаббуси ӯ аввалин барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии соҳаи китобдорӣ таҳия ва чоп шудаанд.

Ҳамзамон, дар матлаб зикр мегардад, ки Раҳимҷони Шарофзода тавассути осори илмии худ дар рушди илми китобшиносӣ дар Тоҷикистон саҳм гузошта, барои таълими фанни нави «Таърихи номаҳои Аҷам» барнома ва китоби дарсӣ омода кардааст.

Ба андешаи муаллиф, кулли асарҳои таълиф намудаи Раҳимҷони Шарофзода дар тадқиқу таҳқиқи муаммоҳои мубрами соҳаи китобдорӣ ба забони тоҷикӣ кӯшиши аввалин мебошад ва онҳо ба сарчашмаҳои муайяну мушаххас асос ёфта, дорои арзиши баланди илмианд. Асарҳои олим чӣ аз ҷиҳати услуби нигориш ва ҳам аз ҷиҳати усули масъалагузорӣ намунаи хуб буда, ҳамчун заминаи сарчашмашиносиву таърихнигорӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳа мусоидат мекунанд.

Ҳамчунин, дар мақола ишора шудааст, ки бештари асарҳои методию библиографии анҷомдодаи Раҳимҷони Шарофзода то имрӯз арзиши иртиботӣ, пажуҳишӣ ва тарғиботии худро нигоҳ дошта, дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар охир муаллиф ба хулосае меояд, ки осори илмӣ, таълимӣ, методӣ, библиографӣ ва адабии Раҳимҷони Шарофзода барои баланд бардоштани сатҳи дониши касбии мутахассисони соҳа пайваста кумак расонида, ҳамчун раҳнамо дар ҳаллу фасли масоили мубрами илми китобдории тоҷик мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** Раҳимҷони Шарофзода, таҳқиқ, осор, библиографияшиносӣ, китобхонашиносӣ, китобшиносӣ, библиографияи адабии тоҷик, кори китобдорӣ, фаъолияти омӯзгорӣ, раванди таълим.

## ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОБЛЕМ ТАДЖИКСКОГО БИБЛИОТЕЧНОГО ДЕЛА В НАУЧНЫХ ТРУДАХ РАХИМДЖОНА ШАРОФЗОДА

В статье рассматривается научно-исследовательская деятельность одного из известных учёных в области таджикского библиотечного дела Рахимджона Шарофзода и его вклад в развитие библиографоведения, библиотековедения и книговедения. Отмечается, что Рахимджон Шарофзода, один из основоположников таджикской библиографии, внёс значительный вклад в становление, формирование и развитие этой науки. Именно по его инициативе были разработаны и изданы первые учебные программы и учебники в области библиотечного дела.

В то же время в статье упоминается, что Рахимджон Шарофзода своими научными трудами внес вклад в развитие книговедческой науки в Таджикистане и подготовил программу и учебник для преподавания нового предмета «История книги Аджама».

По мнению автора, все написанные Рахимджоном Шарофзода труды являются первыми попытками изучения и исследования актуальных вопросов в области библиотечного дела на таджикском языке, они основаны на определенных и конкретных источниках и имеют высокую научную ценность. Труды ученого являются хорошим примером как с точки зрения стиля письма, так и его метода постановки вопросов, и как основа источниковедения и историографии они способствуют решению существующих проблем в этой области.

В статье также отмечается, что большая часть выполненных Рахимджоном Шарофзода методических и библиографических работ по сей день сохранили свою коммуникационную, исследовательскую и пропагандистскую ценность и используются в деятельности библиотек страны.

В заключение автор приходит к выводу, что научные, учебно-методические, библиографические и литературные труды Рахимджона Шарофзода неизменно способствуют повышению уровня профессиональных знаний специалистов в этой области и служат руководством в решении актуальных вопросов таджикского библиотечного дела.

**Ключевые слова:** Рахимджон Шарофзода, исследования, труды, библиографоведение, библиотековедение, книговедение, таджикская литературная библиография, библиотечное дело, педагогическая деятельность, образовательный процесс.

## RESEARCH ISSUES OF TAJIK LIBRARIANSHIP IN THE SCIENTIFIC WORKS OF RAHIMJON SHAROFZODA

The article examines the scholarly and research activities of one of the prominent figures in Tajik librarianship, Rahimjon Sharofzoda, and his contribution to the development of bibliography, library science, and bibliology. It is emphasized that Sharofzoda, being one of the founders of Tajik bibliography, played a significant role in the emergence, formation, and advancement of this discipline. Owing to his initiative, the first curricula and textbooks in the field of librarianship were prepared and published.

The article also highlights that through his scientific works, Sharofzoda contributed to the development of bibliology in Tajikistan and designed a program and textbook for teaching the new subject *“History of Ajam Letters.”*

According to the author, all of Sharofzoda’s works represent the earliest attempts to address pressing issues of librarianship in the Tajik language. They are based on well-defined and concrete sources and possess considerable scholarly value. His writings serve as exemplary models both in terms of style and methodology of problem-setting, and as a foundation for source studies and historiography, thereby contributing to the resolution of existing challenges in the field.

Furthermore, the article notes that most of Sharofzoda’s methodological and bibliographic works have retained their relevance, research significance, and educational value to this day, and continue to be used in the practical activities of the country’s libraries.

In conclusion, the author argues that the scientific, educational, methodological, bibliographic, and literary works of Rahimjon Sharofzoda consistently contribute to enhancing the professional knowledge of specialists in the field and serve as a valuable guide in addressing contemporary issues of Tajik librarianship.

**Keywords:** Rahimjon Sharofzoda, research, scholarly works, bibliography, library science, bibliology, Tajik literary bibliography, librarianship, teaching activity, educational process.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Комилзода Шариф** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сармутахассиси МД «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Теҳрон 5. Тел.: (992) 900-67-18-06; E mail: komilzoda1958 @mail.ru

**Сведения об авторе: Комилзода Шариф** – кандидат педагогических наук, доцент, главный специалист ГУ «Национальная библиотека» Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Тегеран 5. Тел.: (992) 900-67-18-06; Электронная почта: komilzoda1958@mail.ru

**Information about the authors: Komilzoda Sharif** – Candidate of Pedagogical Sciences, associate Professor, chief specialist of the State Institution «National Library» of the Executive Office of the President of the Pepublic of Tajikistan. Address: 734024, Pepublic of Tajikistan, Dushanbe, Tehran Street 5. Tel.: (992) 900-67-18-06; Email: komilzoda1958@mail.ru

**ТДУ 681.3: 027.022+027.5 (575.3)**

# ТАШАККУЛИ КОНСЕПСИЯИ РУШДИ ТАЪМИНИ ИННОВАТСИОНӢ-МЕТОДИИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБХОНАҲОИ ДАВЛАТИЮ ОММАВӢ

**Зафари Шариф**
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода

Барои ташаккули ҳадафманди Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки меҳвари онро ҷалби ҳадафманду самараноки китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, бояд, пеш аз ҳама, заминаҳои методологӣ ва назариявии он муайян карда шаванд. Зеро методологияи таҳқиқот ба сифати маҷмуи услубҳо, принсипҳо, воситаҳо ва заминаҳои ташкили илмии ҳама гуна фаъолият, барои дарки қонуниятҳои ташаккул, инкишоф ва таҳаввули фаъолияти китобдорӣ ҷузъи ҷудоинопазир ва асосии таҳқиқи илмӣ маҳсуб меёбад.

Дар раванди муайян кардани методологияи таҳқиқ вазифаи мо аз он иборат буд, ки заминаҳои назариявии дарки моҳияти фаъолияти инноватсионӣ-методӣ ва дигаргунсозии амалияи китобхонаҳои давлатию оммавиро дар асоси навгониҳои китобдорӣ муайян карда, тарзу усулҳо ва принсипҳои таҳқиқи проблема ва роҳҳои ҷорӣ намудани навгониҳои китобдориро нишон диҳем. Зеро китобхонаи муосир бояд барои «қабули» дигаргуниҳои муттасил афзоянда дар фаъолияти худ ҳамеша омода бошад. Дарки муҳиммияти ҷорӣ намудани навгониҳо дар китобхона зарурати асосноксозии илмии фаъолиятро барои давраҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнмуҳлат ва дарозмуддат ногузир месозад. Агар фаъолияти китобхона барои давраи кӯтоҳмуҳлат тавассути нақшаҳои ҷорӣ ва барои давраи миёнмуҳлат дар заминаи лоиҳаву барномаҳои гуногун ба роҳ

монда шавад, рушди фаъолият барои давраи дорозмуддат, асосан, дар заминаи банақшагирии стратегӣ таъмин карда мешавад.

Маъмулан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бомарому стартегии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар заминаи нишондоди фасли 9-уми «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори ҲҶТ № 501, аз 30.12.2005) [4] ва як силсила барномаҳои давлатии соҳаи китобдорӣ ба роҳ монда шудааст. Вале бо дарназардошти он ки аз давраи қабули Консепсияи мазкур аллакай қариб 20 сол сипарӣ гардида, аксарияти ҳадаф ва вазифаҳои Консепсия мазкур дар амалия татбиқ шудаанд, зарурати таҳияи лоиҳаи нави санади навбатии стратегии соҳаи фарҳанг, аз ҷумла фаъолияти китобдорӣ ба миён омадааст. Дар мавриди барномаҳои давлатии рушди соҳаи китобдорӣ ҳаминро зикр намудан лозим аст, ки аксарияти онҳо бо нишондоди муҳлати мушаххас барои ҳалли вазифаҳои муайяни соҳа пешбинӣ шуда, як қисми онҳо зина ба зина дар амал татбиқ шуда, барномаҳои амалкунанда - «Барномаи рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №115, аз 3.04.2021) ва «Барномаи рушди китобхонаи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №515, аз 3.12.2021) асосан, ба ҳаллу фасли масъалаҳои маҷмуии соҳа ё баръакс ба рушди китобхонаи алоҳида бахшида шудаанд. Илова ба ин, дар ин барномаҳо масъалаи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо комилан сарфи назар шудааст.

Аз ин рӯ, таъмини босифат, самаранок ва боэътимоду дарозмуддати рушди инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурате муяссар мегардад, ки, агар раванди мазкур дар заминаи консепсияи илман асоснок ба роҳ монда шавад.

Таҳия ва татбиқи Консепсия фаъолияти муназзаму босуботи тамоми объектҳо ва субъектҳои таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳоро барои давраи дарозмуддат (стратегӣ) кафолат медиҳад. Чунин иқдом дар навбати худ ба раванди устувори ҷорӣ намудани инноватсияҳо на танҳо дар фаъолияти китобхонаҳо, балки тамоми субъектҳои раванди таъмини инноватсионӣ-методӣ таъсир расонида, дар маҷмуъ, ба баланд гардидани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба аҳолӣ мусоидат менамояд.

Таҳия ва татбиқи Конценсия имкон фароҳам меорад, ки номгӯйи хизматрасониҳои иттилоотию библиографӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар китобхона зиёд карда шавад, доираи таъинот ва имконияти функсионалии онҳо васеъ гардад, сифати онҳо боз ҳам беҳтар ва ба ин васила ба китобхона истифодабарандагони нав ҷалб карда шаванд. Аз ин рӯ, ҳар як китобхона саъй мекунад, ки хизматрасониҳо ва маводди чопию электронии худро рақобатпазир гардонида, имиҷи худро дар бозори иттилоотӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои нави китобдорӣ, ҷустуҷӯ ва истифодаи қарорҳои маркетингӣ, такмили анвои хизматрасониҳои маълумотию библиографӣ, таъсиси воҳидҳои сохтории нави ба талаботи замон ҷавобгӯ мустаҳкам намояд.

Барои он ки татбиқи Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон натиҷаи дилхоҳ диҳад, пеш аз ҳама, бояд мафҳуми «Консепсия», сипас, сохтори он муайян карда шавад.

Консепсия ё консепт (калимаи лотинии conceptio – низом, маҷмуъ, ҷамъ): 1) низоми ақидаҳое, ки фаҳмиш ё дарки ягон тамоюл ё равандҳоро муайян мекунад; 2) ғоя, андешае, ки асоси ягон асари илмиро ташкил медиҳад [7, с. 349].

Дар қаринаи таҳқиқоти мо мафҳуми «консепсия» ақидаи асосӣ, ғояи роҳнамои таъмини рушди бомаром ва устувору дарозмуддати фаъолияти инноватсионии

китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистонро ифода мекунад. Консепсияи мазкур ҳадафи стратегӣ, стратегия ва тактикаи таъмини рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои номбурда ва тамоми субъектҳои дигареро, ки ба раванди мазкур ҷалб карда шудаанд, барои муҳлати дарозмуддат муайн мекунад.

Мутобиқи ҳадафу вазифа, фарзияи таҳқиқот ва нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон аз қисмҳои зерин иборат аст:

- мақсад ва вазифаҳои рушди инноватсионии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- принсипҳои рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- омилҳои рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- захираҳои рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- технологияи таъмини рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ.

Таҳқиқи раванди ҷалби китобдорон, махсусан кормандони марказҳои методӣ ба фаъолияти инноватсионӣ-методӣ асосноксозии заминаҳои назариявию таърихии фаъолияти инноватсионӣ-методии марказҳои методиро тақозо намуд, ки он ба ғояҳои зерин устувор буда, онҳо дар боби якуми рисола ба таври муфассал асоснок карда шудаанд. Ҳаминро низ зикр кардан зарур аст, ки дар мундариҷаи Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон бояд ғояҳои мазкур мавқеи барҷаста дошта бошанд:

1. Барои он ки китобхонаи муосир ба талаботи доимоафзояндаи ҷомеаи иттилоотӣ, раванди босуръати ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ва вазифаҳои ҷомеаи навбунёди Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад, бояд раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти он ба пояи илман асосноки методологӣ ва назариявӣ устувор бошад;

2. Ҷараёни пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, рушди илму техника, хусусияти инноватсионии таҳсилоти муосир ба моҳияту мундариҷаи рисолати китобхонаи оммавӣ таъсир расонида, зарурати дар фаъолияти он ҷорӣ намудани дигаргуниҳои инноватсиониро тақозо мекунад;

3. Барои консепти «таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо» мафҳумҳои калидӣ «инноватсия ва «метод» ба шумор меравад ва тавассути онҳо истилоҳоти дигари ба ин намуди фаъолият алоқаманд мавриди таҳқиқ қарор гирифта, минбаъд ба низоми истилоҳотии фаъолияти инноватсионии китобхонаҳо ворид мегарданд;

4. Аз таҳлилу натиҷагирии андешаҳои гуногуни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба инноватсияҳои китобдорӣ бармеояд, ки онҳо инноватсияҳои китобдориро ҳамчун намунаи озмудашуда ва дар амал ҷорикардашудаи ягон намуд ё самти фаъолият, маҳсулот, хизматрасониҳои дорои сифати навгонии мутлақ ё нисбӣ, аз доираи суннатҳои берун баромадан, ба сатҳи усулан беҳтаршуда ё сифатан нав баровардани фаъолият маънидод кардаанд.

5. Дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ танҳо ҳамон дигаргуниро метавон инноватсия номид, ки барои беҳтаршавии иҷрои уҳдадориҳои функсионалии китобхона ва кормандони он мусоидат карда тавонад.

6. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини инноватсияи китобдорӣ ин муайян намудан ва ҷорӣ кардани фишангҳои идоранамоиест, ки рушди дарозмуддат ва устувори китобхонаро таъмин карда тавонанд.

7. Ҷараёни таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо ба рушди муттасил ниёз дорад ва дар раванди он бояд функсияҳои гуногуни фаъолияти методӣ, аз ҷумла функсияҳои таҳқиқотӣ, аналитикӣ (таҳлилӣ), иттилоотӣ, машваратӣ (маслиҳатдиҳӣ), педагогӣ, инноватсионӣ ва ғайра беш аз пеш рушд ёбанд;

8. Аз нуқтаи назари психологӣ дар ҷараёни камолоти касбии китобдорон монеаҳо пайдо мешаванд. Ин монеаҳоро метавон ба сифати омилҳое арзёбӣ намуд, ки метавонанд ба пешрафти фаъолият мусоидат кунанд ва ё баръакс, онро ба ҳадде халалдор кунанд, ки он бе натиҷаи дилхоҳ анҷомад. Аз ин рӯ, барои бартараф кардани монеаҳо китобдор бояд аз неруи худ ва захираҳои муҳити китобхона, ки барои баланд бардоштани сатҳи салоҳияти касбӣ ва инноватсионӣ фароҳам оварда шудаанд, истифода барад. Ҳамин тавр, раванди ҳадафманди бартараф намудани монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ ин маънои ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсиониро дорад.

Дар ин маврид заминаи методологии таҳқиқ дар сурате муайн карда мешавад, ки, агар посухи саволҳои зерин дарёфт шавад: ҳадафи ниҳоии ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ аз чӣ иборат аст? Фаъолияти инноватсионии китобдорон бояд ба кадом самт равона карда шавад? Китобдорон чӣ гуна ба фаъолияти инноватсионӣ ҷалб карда мешаванд? Китобдорон ба чӣ гуна фаъолияти инноватсионӣ ҷалб карда мешаванд? Сатҳи ҷалби китобдоронро ба фаъолияти инноватсионӣ чӣ гуна метавон андозагирӣ кард?

Барои дарёфти ҷавоби саҳеҳ ба саволҳои мазкур ба сифати заминаи методологии таҳқиқот мо муносибатҳои бонизом, синергетикӣ, муҳитӣ ва ба шахс равонашударо интихоб намудем.

Дар натиҷаи интихоби муносибатҳои методологии бонизом, синергетикӣ, муҳитӣ ва ба шахс равонашуда ба мо муяссар гардид, ки:

- омӯзишу баррасии мавзуи таҳқиқотро дуруст ба роҳ монем;
- предмети таҳқиқотро ҳамчун маҷмуи зермавзуъҳои ба ҳам алоқаманд ташаккул дода, онро ҳам дар ҳолати мувозина ва ҳам дар ҳолати рушду такомул таҳқиқ намоем;
- раванди ҷалби китобдоронро ба фаъолияти инноватсионӣ дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба сифати як низоми рушдёбанда асоснок карда, барои татбиқи амалӣ ва рушди ояндаи он тавсияҳои илман асоснок манзур намоем;
- ягонагии Консепсияи назариявӣ ва натиҷаҳои озмоиши таҷрибавиро таъмин карда, барои татбиқи ҳадафманди он дар амалияи китобдорӣ самтҳои афзалиятнок ва шароитҳои мушаххасро муайян созем;
- ба мукаммалии таҳқиқот ноил шавем, ки он моҳияти бонизомро доро мебошад;
- аз нуқтаи назари методҳои мушаххаси назариявӣ боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намоем.

Моҳият ва мундариҷаи муносибатҳои методологии интихобшударо ба таври мухтасар шарҳ медиҳем:

**Муносибати бонизом**

Дар ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон ва татбиқи он дар амалияи китобдорӣ муносибати бонизом мақоми аввалро ишғол мекунад. Оид ба моҳияти муносибати бонизом асару мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ О.С. Анисимов, И.В. Блауберг, Н.И. Бондаренко, В.И. Загвязинский, В.В. Краевский, А.Т. Куракин, А.М. Субетто, С. Сулаймонӣ, Ф. Шарифзода, Э.Г. Юдин ва диг. бахшида шудаанд.

Дар таҳқиқоти муосири илмӣ муносибати методологии бонизом ҳамчун маҷмуи ғояву услубҳои дарки воқеият, омӯзишу амсиласозии воқеият ва ба сифати тамоюли методии тасвиру ташреҳи моҳияту қонуниятҳои рушди объектҳои гуногун ҳамчун низом истифода бурда мешавад. Дар доираи муносибати бонизом объекти таҳқиқ ҳамчун низоми мураккабу динамикии дорои унсурҳо - зернизомҳои зиёде, омӯхта мешавад, ки онҳо бо моҳияти асосии бонизомӣ тавсиф мешаванд. Моҳияти бонизомӣ ҳамчун аломат ва хусусият (хосият) тавассути принсипҳои мукаммалӣ, сохторӣ, иерархии низом ва робатаи мутақобилаи он бо муҳити атроф ошкор карда мешавад. «Ҳамин тавр, имкони тавассути муносибати бонизом оид ба ин ё он объекти педагогӣ гирифтани дониши яклухт ва ё мукаммалро, асосан, бо татбиқи муносибати пурра ба тадқиқоти инфиродӣ ва ташкили тадқиқоти бонизоми объектҳои педагогӣ алоқаманд медонанд» [9, с.72].

Дар доираи таҳқиқоти мо истифодаи муносибати бонизом барои ташаккул ва татбиқи низоми ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ имкон дод, ки:

- унсурҳои сохтории низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ва марказҳои бузурги методӣ ба таъмини инноватсионӣ методии чунин намуди фаъолият ошкор карда шуда, он ҳамчун раванди ҳадафманди идоракунии иштироки китобдорон дар фаъолияти инноватсионӣ дар шакли низоми мукаммали функсияҳо, анвои фаъолият ва чорабиниҳои мушаххас баррасӣ гардад;
- робитаи тарафайни низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ бо муҳити инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ таҳқиқ карда шавад;
- принсипҳо ва тарзу усулҳои асосии ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ муайян карда шаванд;
- низоми мушаххаси идорашавандаи таъсиррасон ва шароитҳои ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ва кормандони марказҳои методӣ ба раванди муназзаму устувори таъмини инноватсионию методии чунин намуди фаъолият коркард шавад.

**Муносибати синергетикӣ**

Барои асосноксози раванди ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон ва татбиқи он дар амалияи китобдорӣ мо, инчунин, муносибати методологии синергетикиро низ мавриди истифода қарор додем. «Синергетика» аз калимаи юнонии synergetikos – якҷоя, мутафиққона (аҳлона) амалкунанда пайдо шуда, равияи илмиест, ки дар низомҳои кушодаи (биологӣ, физикию кимиёвӣ ва диг.) робитаи байни унсурҳои сохтор (зернизом)-ро меомӯзад [3].

Тибқи ҷаҳонфаҳмии синергетикӣ, объекти таҳқиқро метавон ҳамчун низоми кушода, мураккаб, рушдёбанда, бемувозинату ноустувор (буҳронӣ), гуногунҷанба ва худ ба худ ташкилёбанда арзёбӣ кард. Аз ҳамин нуқтаи назар, муносибати синергетикӣ бо ғояҳои асосии муносибати бонизом робитаи қавӣ дорад ва дар таҳқиқоти мо онро инкишоф дода, мукаммал мегардонад.

Ба омӯзиши масъалаҳои татбиқи муносибати синергетикӣ дар раванди таҳқиқоти илмӣ асару мақолаҳои мутахассисону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ В.А. Аршинов, В.Г. Буданов, Е.Н. Князева, С.В. Кулневич, С.П. Курдюмов, М.Н. Таланчук, В.Г. Виненко, аз ҷумла синергетикаи педагогӣ В.И. Андреев, В.Н. Корчагин, М.Н. Таланчук, О.Н. Федорова, Ф. Шарифзода ва диг. бахшида шудаанд.

Аслан, муносибати синергетикӣ ҳамчун услуби методологӣ ба ғояҳои бонизомӣ, мукаммалии олам ва донишҳои илмӣ оид ба он, умумияти қонуниятҳои рушди объектҳои сатҳашон гуногуни олами моддию маънавӣ, гуногунҷанбагӣ ва ногузирии инкишоф, робитаи амиқи харҷу марҷи тартибот (тасодуф ва зарурат) асос ёфтааст.

Яке аз хусусиятҳои асосии низом аз нигоҳи муносибати синергетикӣ ин номунтазамӣ ва худ ба худ ташкил шудани низом мебошад. Ин маънои онро дорад, ки рушду такомули низом ва гузариши он ба сатҳи нави низомёфта хусусияти гуногунҷанба дошта, он на танҳо дар зери таъсири омилҳои беруна ва қонуниятҳои тағйирёбии худи низом, балки тавассути қобилияти хоси низом ба худташкилёбӣ ба вуқуъ меояд.

Дар заминаи нуктаҳои асосии муносибати синергетикӣ мо якчанд ғояи муҳимро барои ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод намудаем, ки онҳо дар маҷмуъ, барои татбиқи ин раванд дар амалияи китобдорӣ мусоидат мекунанд:

- низоми ҳадафманди ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавиро ба фаъолияти инноватсионӣ метавон ба сифати объекти таҳқиқе пешниҳод кард, ки он дорои синегризми бонизом мебошад. Ба ибораи дигар, ин низомест, ки ба худташкилёбӣ, худмуҳофизаткунӣ ва худ инкишофёбӣ қодир аст. Низоми мазкурро танҳо тавассути дигаргунсозии ҳадафманди ҷузъиёти (унсурҳои) он, рушди миқдорию сифатии робитаи мутақобилаи миёни унсурҳои низом, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди ҷараёни равандҳои иштироки китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар фаъолияти инноватсионӣ идора намудан имконпазир аст;
- сарчашмаи рушди низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ин синегризми (ҳамбастагии) ҷузъиёти дохилии он ва робитаи миёни онҳо ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам дар робитаи мутақобилаи беруна бо муҳити инноватсионии китобхона ва, умуман, муҳити инноватсионии соҳаи китобдорӣ ба шумор меравад;
- идоракунии низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ва таъмини инноватсионӣ-методии чунин фаъолият аз ҷониби марказҳои методии сатҳашон гуногун дорои хусусияти гуногунҷанбагӣ, серомил (дорои омилҳои зиёд) ва барномарезинашуда мебошад. Дар ин маврид мақсади асосии идоракунии низом ба шахсияти корманди марказҳои методӣ ҳамчун зернизоми синергетикӣ, иҷтимоӣ ва худинкишофёбанда, ки вазифаи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатии оммавиро ба зимма доранд, нигаронида мешавад;
- низоми таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои

давлатию оммавӣ ва ҷалби китобдорон ба чунин намуди фаъолият дорои хусусияти худташкилдиҳӣ мебошад. Яъне чунин низом имкон дорад худро дар шароити амалияи китобдорӣ инкишоф диҳад. Дар чунин низом кормандони марказҳои методӣ, ки ба тарғибу ташвиқи фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, метавонанд дигар субъектҳои фаъолияти китобдориро ҷалб кунанд, таҷрибаи инноватсионии китобдорони ватанию хориҷиро паҳн кунанд, шакҳои иштироки китобдоронро дар равандҳои инноватсионӣ такмил диҳанд ва дар маҷмуъ, ба рушди фаъолияти инноватсионии тамоми самтҳо дар соҳаи китобдории ҷумҳурӣ мусоидат кунанд.

**Муносибати муҳитӣ ё ба муҳит равонашуда**

Истифодаи муносибати муҳитӣ ё ба муҳит равонашударо ҳамчун заминаи методологии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо он асоснок кардан мумкин аст, ки вай дар заминаи ғояи таҳқиқи объект тавассути робитаи мутақобилаи фаъолона бо муҳити китобхона, яъне бо муҳити китобдорию иттилоотӣ ва библиографӣ баррасӣ мегардад.

«Муҳит аз нуқтаи назари фаъолият (*дар доираи таҳқиқоти мо фаъолияти инноватсионӣ - З.Ш.*) бо он муайян мешавад, ки субъект дар кадом муҳит мебошад, тавассути чӣ тарзи ҳаёти ӯ ташаккул меёбад, ба инкишофи ӯ чӣ таъсир мерасонад?» [3 с. 515].

Оид ба муносибати муҳитӣ асару мақолаҳои мутахассисону муҳаққиқони ватанию хориҷии соҳаи педагогика Г.Ю. Беляев, В.Г. Бочарова, Ю.В. Василев, Е.С. Комраков, М.В. Кларин,Ю.Б. Кулюткин,Л.И. Новиков, В.Д. Семенов, Г.Н. Сериков, В.И. Слободчиков, С. Сулаймонӣ, В.А. Ясвин, Ф. Шарифзода ва диг., инчунин, китобхонашиносони хориҷӣ А.Н. Ванеев, М.Я. Дворкина,Г.Б. Паршукова, С.А. Язова бахшида шудаанд.

Дар энсиклопедияи китобдорӣ мафҳуми «муҳити китобхона» ҳамчун «маҷмуи шароит, унсурҳои дорои хусусияти моддӣ ва маънавӣ, ки дар онҳо хизматрасонии китобдорӣ ҷараён мегирад» ва ба маънои васеъ «ҳамчун ҷузъи муҳити иттилоотию фарҳангии ҷомеа» арзёбӣ гардидааст [2, с.182].

Дар доираи таҳқиқи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муҳити инноватсионии китобхонаро мо ҳамчун ҷузъи муҳимми муҳити иҷтимоию фарҳангии минтақаи мушаххас, натиҷаи робитаи тарафайни китобхонаҳои гуногун, унсурҳои китобхонаи мушаххас ҳамчун низоми фаъол ва рушдёбанда (ҳуҷҷат – абонемент - китобдор - заминаи модию техникӣ) ва тамоми субъектҳои раванди хизматрасонии иттилоотию китобдорӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар доираи чунин фаҳмиш муҳити инноватсионии китобхона дар заминаи робитаи мутақобилаи зернизом - ҷузъиёти гуногуни китобдорӣ, ба монанди амсилаҳои анъанавӣ ва инноватсионии хизматрасонии иттилоотию библиографӣ, стандарту меъёрҳои соҳаи иттилооту китобдорӣ, аз ҷумла стандартҳо оид ба сифати хизматрасонӣ, мундариҷаи омодагии касбии китобдорон, технологияҳои муосири хизматрасонӣ дар китобхона, фазои психологию ахлоқӣ дар он, низоми робитаи мутақобила миёни тамоми кормандони китобхона ва марказҳои таъмини методӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Муҳити созгори инноватсионӣ дар китобхона дар мавриде ташккул меёбад, ки, агар миёни тамоми сохторҳои китобхона ва кормандони он, аз ҷумла ташаббускорону навоварон, барномаву лоиҳаҳои инноватсионӣ, субъектҳои раванди инноватсионӣ робитаву муносибатҳои муайян роҳандозӣ шавад ва

раванди татбиқи ҳадафу вазифаҳои рушди инноватсионӣ гардад. Ба андешаи мо, муҳити инноватсиониро ба таври нисбатан васеъ, яъне маҷмуи шароитҳои гуногун, ки ба тамоми субъектҳои раванди инноватсионӣ таъсир расонида, боиси тағйироти сифатию миқдорӣ ва рушди бардавому устувори фаъолияти китобхона мегардад, арзёбӣ намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, барои он ки муҳити китобхона ба воситаи неруманди ташхису тарҳрезии навгониҳои китобдорӣ мубаддал гардад, бояд дар заминаи муносибати муҳитӣ амсилаи низоми маҷмуии амалиёти мақсаднок бо муҳит тарҳрезӣ гардад.

Вобаста ба ин, мо дар асоси методологияи муҳитӣ ғояҳои асосии муносибати муҳитиро барои тарҳрезии низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ба таври зерин муайян намудем:

- муҳити китобхона омили асосӣ ва таъсиррасони раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ва шарти зарурии тағйироти инноватсионӣ дар китобхона мебошад;
- зимни ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ муҳити китобхона бояд ба объекти муҳимми амсиласозии равандҳои инноватсионӣ табдил ёфта, ҳамчун муҳити инноватсионӣ арзёбӣ гардад;
- дар раванди хизматрасонии иттилоотию китобдорӣ робитаи муттасили китобдорон бо муҳити инноватсионии китобхона барқарор мегардад, ки он дар тарҳрезӣ намудани худи муҳит ва паҳн кардани навгониҳои китобдорӣ зоҳир мешавад;
- ҳудудҳои муҳити инноватсионии китобхона тағйирпазир буда, онҳо аз қобилияти китобдорон ҷиҳати роҳандозии муоширату иртибот барои тарҳрезӣ ва паҳн намудани инноватсияҳои гуногун вобаста мебошанд;
- ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ омили муҳимми раванди ташаккули бартарияти рақобатпазири муҳити китобхона дар шароити бозори доиморушдёбандаи иттилоотӣ мебошад.

**Муносибати ба шахс равонашуда**

Асоси методологияи илмии муносибати ба шахс равонашударо низоми бо ҳам алоқаманди мафҳумҳо, ғояҳо, ва тарзҳои амал ҷиҳати таъмин ва дастгирии равандҳои идрок, рушду такомул ва дар амал татбиқ намудани имкониятҳои шахсияти инсон бо дарназардошти тамоми гуногунрангии хусусиятҳои инфиродии ӯ ташкил медиҳад.

Оид ба моҳияту мундариҷа ва татбиқи муносибати ба шахс равонашуда дар раванди таҳқиқи илмӣ асару мақолаҳои К.А. Абулханова-Славская, Ш.А. Амонашвили, Е.В. Бондаревская, Л.С. Виготский, М.Я. Дворкина, М.В. Кларин, А.Н. Леонтев, В.А. Петровский, В.В. Сериков, И.С. Якиманская ва диг. бахшида шудаанд.

Ҳамчун методологияи илмӣ муносибати ба шахс равонашуда дар доираи таҳқиқоти мазкур моро ба омӯзиш ва татбиқи муносибати арзишӣ нисбат ба китобдор, ҳамчунин, ҳангоми таъсиррасониҳои педагогӣ ҷиҳати ба инобат гирифтани хусусиятҳои равонию шахсии ӯ водор месозад. Маҳз ҳамин бартариятҳои муносибати ба шахс равонашуда ба мо имкон медиҳад, ки дар раванди таҳқиқот масъалаҳои зеринро муайян намоем:

- шароитҳои камолоти шахсии китобдор;
- механизмҳои худинкишофёбию худтанзимкунии китобдор;
- неруи худро дар амал татбиқ карда тавонистани китобдор;
- мутобиқшавии китобдор ба шароитҳои иҷтимоӣ;
- ҳамгироии китобдор бо ҷомеа.

Ғояҳои мазкурро ба таври мукаммал нисбати раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ низ татбиқ кардан мумкин аст. Зеро ҷалби самараноки китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар заминаи ба инобат гирифтани фардият,

шавқу завқ ва талаботи ӯ, истифодаи механизмҳои худинкишофдиҳӣ, нерую имконияти худро дар амал татбиқ карда тавонистани китобдор имконпазир мегардад. Дар ин маврид шахсияти китобдор ҳамчун субъекти фаъоли раванди инноватсионӣ ва объекти таъсиррасонии ҳадафманд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Зимни тарҳрезии низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ тавассути истифодаи услуби илмии муносибати ба шахс равонашуда бояд нуктаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- барои иштирок дар фаъолияти инноватсионӣ бояд дар ниҳоди китобдор ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоию фарҳангӣ арзишманд ташаккул дода шаванд;
- сифатҳои аз нигоҳи инноватсионӣ арзишманди шахсияти китобдоро мақсаднок инкишоф додан лозим аст;
- шароитҳое, ки барои аз худ намудани навгониҳо аз китобдор хусусиятҳои шахсию касбиро тақозо мекунанд, амсиласозӣ шаванд.
- симои касбӣ ва салоҳиятнокии инноватсионии китобдор дар заминаи ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ муайян карда шавад.

Ҳамин тавр, муносибати бонизом, синергетикӣ, муҳитӣ ва ба шахс равонашуда барои барои таҳия ва татбиқи Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ҳамчун заминаи методологӣ хизмат мекунанд.

Зарурати истифодаи муносибатҳои методологии номбурда аз вазифаи хоси онҳо дар ташаккули натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот вобастагии амиқ дорад. Маслан, дар заминаи истифодаи муносибати бонизом ва синергетикӣ асоси умуминазариявии таҳқиқот ташаккул ёфта, пайдарҳамии умумии раванди таҳқиқоти муайян карда шуд, ҳамчунин, амсилаи консептуалии раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ коркард шуд.

Истифодаи муносибати муҳитӣ барои ташаккули заминаҳои назариявию методологии таҳқиқи раванди идоракунии ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун падидаи ҳадафманду рушдёбанда ва гуногуномил имкон фароҳам овард.

Муносибати ба шахс равонашуда дар таҳқиқоти мазкур бо мақсади коркарди тактикаи амалӣ, ки барои тарҳрезии механизмҳои мушаххас, технологияҳои идоракунӣ ва маърифатӣ, интихоби методҳо ва шаклҳои ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ лозим мебошанд, мавриди истифода қарор дода шуд.

Барои коркарди заминаҳои методологии Консепсия рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ бояд меъёру қоидаҳо ва дастуру муқарраroти арзёбии стратегияи умумии ҳалли вазифаҳо, яъне принсипҳои педагогӣ муайян карда шаванд. Барои коркарди принсипҳои мазкур қонуниятҳое, ки дар ҷанбаҳои алоҳидаи раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ба назар мерасанд, ҳамчун раҳнамо хизмат мекунанд.

Услубҳои илмии муносибати бонизом, синрегетикӣ, муҳитӣ ва ба шахс равонашударо ҳамчун заминаи методологӣ барои муқаррар намудани қонуниятҳои ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки меҳвари онро раванди ҷалби ҳадафманду самараноки китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, истифода бурдан мумкин аст.

Ба услуби илмии муносибати бонизом қонунияти инъикоси робита миёни унсурҳои сохторӣ ва ҷузъиёти функсионалии ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун раванди мақсадноки рафъи монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ алоқамандии зич дорад.

Услуби илмии муносибати синергетикӣ қонунияти рушди шахсияти китобдорро ҳамчун унсури муҳимми худинкишофёбандаи муҳити инноватсионии китобхона асоснок мекунад.

Дар навбати худ, муносибати муҳитӣ ба қонунияти робита миёни имкониятҳои неруи инноватсионии китобдор ва муҳити инноватсионии китобхона дар раванди рафъи монеаҳои фаъолияти инноватсионии китобдор алоқаманд аст.

Услуби илмии муносибати ба шахс равонашуда ба қонунияте алоқаманд аст, ки робитаи байни механизмҳои алоқаи тарафайни субъект бо субъектро дар раванди рафъи монеаҳои фаъолияти инноватсионии китобдор инъикос мекунад.

Қонуниятҳои номбурда самтҳои асосии коркарди принсипҳои ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро, ки меҳвари онро ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, муайян мекунанд.

Барои дарки моҳияти принсипи педагогӣ хусусиятҳои хоси онро, ки аз ҷониби муҳаққиқ В. И. Андреев муайян карда шудаанд, тавзеҳ медиҳем [1, с. 181].

- принсипи педагогӣ зуҳуротро (рӯйдодро) дар сатҳи зарурӣ инъикос карда, ба саволи дар ҳалли доираи муайяни вазифаҳои педагогӣ то кадом дараҷа ҳадафмандтар амал кардан лозим аст?, ҷавоб медиҳад;
- принсип ба тамоми ҷузъиёту унсурҳои равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ таъсири низомофар мерасонад:
- принсип ҳамчун талаботи меъёрӣ, ба сифати маҳаки муайянсози самаранокии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ хизмат мерасонад;

Ҳангоми муайян кардани принсипҳои ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ мо мафҳуми «ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ»-ро ҳамчун раванди мақсадноки рафъи монеаву мушкилоти фаъолияти инноватсионии китобдор ва бартарафсозиии сабабу омилҳои муқовимат ба фаъолияти инноватсионӣ арзёбӣ мекунем, ки ҳадафи асосии он фаъолгардонии китобдор дар раванди фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Манзури мо аз истифодаи мафҳуми «монеа», «мушкилот» ва «сад»-ҳои раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ, ин, пеш аз ҳама, «монеа», «мушкилот» ва «сад»-ҳои психологӣ мебошад, ки китобдорро аз ташаббусу эҷодкорӣ, наворӣ ва ширкати фаъолонаву мақсаднок дар раванди фаъолияти инноватсионӣ бозмедоранд.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «монеаи психологӣ», одатан, барои ифодаи мушкилоту монеа ва садҳои психологие, ки барои расидан ба мақсад роҳу равиши инсонро халалдор месозанд, ӯро аз иҷрои вазифа ё ҳалли мушкилот бозмедоранд, истифода бурда мешавад. Ба андешаи муҳаққиқ Р.Х. Шакуров, монеаву мушкилот хусусияти универсалӣ ва доимии ҳаёти инсон ба шумор рафта, ҳамеша ва дар ҳама ҳолатҳое, ки ягон қувва ё ҳаракат новобаста аз моҳияташон бо ҳам робитаи мутақобила доранд, ҷой доранд. Бо дарназардошти он ки монеа хусусияти субъектию объектӣ дорад, вай барои инсони заиф садди рафънопазир ва барои инсони тавоно чунин нест [8, с.12]. Аз таҳлили андешаи муҳаққиқон оид ба мафҳуми «монеа» дар қаринаи рушди фаъолият бармеояд, ки маҳз монеаҳо барои қонеъгардонии мукаммалу босифати талаботи инсон халал мерасонад, ба вусъати фаъолият такон мебахшанд, мундариҷа ва ивазшавии марҳилаҳои фаъолиятро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми баррасии марҳилаҳои фаъолияти инноватсионӣ барои бартарафсозии монеаҳо роҳу равиш ва талаботи асосиро муайн кардан мумкин аст.

Агар монеаи психологиро дар доираи муносибати фаъолиятӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем, онро метавон ҳамчун «нуқтаи бухронӣ»-е арзёбӣ кард, ки рушди

фаъолиятро боз дошта, боиси таассуроти эмотсионалӣ мегардад ва барои бартараф сохтани он ба зуҳури фаъолнокии психикӣ мусоидат мекунад.

Барои татбиқи самарабахши нишондоди Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва таҳияи принсипи ҷалби китобдорон ба фаъолияти китобдорӣ муайян кардани сабабу омилҳои пайдоиши монеаҳо дар ҳар марҳилаи фаъолият муҳим мебошад.

Дар ин маврид, мо ба амсилаи сохтори динамикии фаъолият, ки аз ҷониби муҳаққиқ Р.Х. Шукуров пешниҳод гардидааст, такя карда, истифодаи онро нисбат ба фаъолияти инноватсионии китобдорон асоснок мекунем.

Тибқи амсилаи мазкур ҳама гуна фаъолият, асосан, аз чор марҳилаи зерин иборат аст: роҳнамоӣ, барномарезӣ, татбиқи барнома ва назоратӣ-тасҳеҳӣ [8, с. 13-14].

***Марҳилаи якуми фаъолият – роҳнамоӣ.*** Он дар зери таъсири монеаи арзишӣ-иттилоотӣ роҳандозӣ мегардад. Хусусияти марҳилаи мазкур камчинии арзиши фаъолияти инноватсионӣ, норасоӣ ё мавҷуд набудани иттилоот оид ба арзишҳои зарурӣ ва имконияти дастёбӣ ба онҳо дар вазъияти мушаххас мебошад. Натиҷаи рафъи монеа амалҳои роҳнамоикунанда ба шумор рафта, натиҷаи марҳилаи роҳнамоӣ – таҳияи амсилаи иттилоотию арзишӣ ва, муҳимтар аз ҳама, тарҳрезии ҳадафи пешакии фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, талаботи аввалин ҷиҳати рафъи монеа ин дар ҳадди аксар иттиллоъ расонидан ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули арзиши фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

***Марҳилаи дуюм – барномарезӣ.*** Мушкилоти халалдоркунандаи марҳилаи мазкур монеаи сохторию иттилотӣ мебошад, ки дар шакли номуташаккилии иттилоот, мавҷуд набудани нақшаи амал ва ҳадафу вазифаҳо зуҳур ёфта, бартарафсозии онро фаъолияти лоиҳасозӣ ногузир месозад. Аз ин рӯ, натиҷаи марҳилаи мазкур таҳияи нақшаи амалиётест, ки барои расидан ба мақсад мусоидат мекунад. Талабот нисбат ба рафъи монеа дар ин марҳила ин мавҷудияти мақсади мушаххаси фаъолияти инноватсионӣ ва барномаи ноил шудан ба он мебошад.

***Марҳилаи сеюм – татбиқи барнома***. Марҳилаи мазкур аз амалҳое иборат аст, ки барои иҷрои онҳо монеаи предметӣ-маърифатӣ боис мегардад. Дар ин марҳила боварӣ ҷиҳати ноил шудан ба мақсад устувортар гардида, вазифаҳое мавриди иҷро қарор мегиранд, ки дар барнома инъикос ёфтаанд, вале дар баробари ин, монеаҳое пайдо мешаванд, ки бартараф кардани онҳо душвор ё тамоман имконнопазир аст. Чунин вазъият боиси қатъ гардидани фаъолият ва яъсу ноумедӣ мегардад. Аз ин рӯ, барои идома додан ё вусъат бахшидан ба фаъолияти инноватсионӣ оид ба предмети фаъолият донишҳои когнитивӣ (аз калимаи лотинии cognitio- дониш, идрок, марбут ба маърифат) лозиманд, яъне донишҳое, ки ҷиҳати истифодаи иттилооти ҳамарӯза аз муҳити атроф воридшуда ба хотир гирифтан, истифода бурдан, мантиқан фикр кардан ва хулоса баровардanро талаб мекунад. Бинобар ин, талаботи сеюм барои бартараф кардани монеаҳо аз он иборат аст, ки китобдор бояд оид ба тарзу воситаҳои фаъолияти инноватсионӣ донишҳои муосирро аз худ намояд ва соҳибмаърифат бошад.

***Марҳилаи чорум – назоратӣ-тасҳеҳӣ.*** Новобаста аз он ки китобдор дар тамоми давраи фаъолият амалҳои худ ва натиҷаҳои онро назорат, арзёбӣ карда, дар лаҳзаҳои зарурӣ ба онҳо ислоҳот ворид мекунад, вале ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки онҳо ба талаботи барнома муовофиқат намекунанд. Бинобар ин, номувофиқатии натиҷаҳои фаъолият нисбат ба талаботе, ки дар барнома инъкиос ёфтаанд, зарурати тай намудани марҳилаи мазкурро тақозо мекунад. Вобаста ба ин, талаботи чорум ҷиҳати бартараф сохтани монеаҳо – мавҷудияти малакаҳои худназораткунӣ дар субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Аслан, раванди бартарафсозии монеаҳо ба ҷараёни ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ вусъат мебахшад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, барои баланд бардоштани самаранокии ҷараёни мазкур талаботи ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро дар ду сатҳи зерин муайян кардан лозим аст: идоракунии камолоти шахсияти китобдор ва идоракунии китобхона. Муқоисаи талаботи мазкур ба мо имкон медиҳад, ки принсипҳои муҳимтарини ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро муайян кунем.

Заминаи ҳамгироӣ барои муайян кардани принсипҳо мафҳуми «идоракунӣ» ба шумор меравад.

Вобаста ба ин, муҳаққиқ В. И. Андреев зикр намудааст, ки «самаранокии фаъолият ва рушди низоми педагогӣ, ба мисли ҳама гуна низом, дар тамоми сатҳҳои раванди педагогӣ мустақиман ба самаранокии идоракунии он мутаносиб аст».

Дар заминаи таҳлили андешаи муҳаққиқон метавон **присипҳои** зерини ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро ҷудо кард:

- идоракунӣ;
- худинкишофёбии касбӣ: худинкишофдиҳӣ, худфаъолиятӣ, рефлексивӣ;
- фаъолгардонии неруи инноватсионии китобдор дар муҳити инноватсионии китобхона;
- идоракунии раванди худидоракунии китобдор (субъекти фаъолияти инноватсионӣ).

Мавриди зикр аст, ки принсипи педагогии идоракунӣ дар заминаи мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандгардонӣ, бамеъёрдарорӣ, баҳисобгирӣ, назорат ва тасҳеҳ татбиқ мегардад. Барои мақсадгузори танҳо донистани талаботи воқеии ҷомеа кофӣ нест, барои ин ҳадафи стратегии фаъолияти идоракуниро бо хусусиятҳои фардӣ тавъам сохтан лозим аст. Яъне дар китобхона шароитеро фароҳам овардан лозим аст, ки мақсадҳои марбут ба камолоти шахсии китобдорон бо ҳадафҳои рушди китобхона мутобиқат кунанд.

Мавҷудияти нақшаҳои инфиродии камолоти китобдорон, дурнамои рушд ва ҷорӣ китобхона имкон медиҳанд, ки фаъолияти инноватсионии китобхона ҳамоҳанг сохта шуда, ба самти расидан ба ҳадафи ниҳоии инноватсионӣ равона карда шавад.

Барои он ки фаъолияти инноватсионии китобхона самаранок бошад, корро бояд тарзе ба роҳ монд, ки амалҳои тамоми субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ҳамоҳанг бошад, китобдорон барои амалҳои инноватсионӣ омода, ба муҳиммияти иҷрои онҳо боварӣ ва, муҳимтар аз ҳама, ҳавасманд бошанд. Бинобар ин, дар ин самт машваратдиҳӣ, истифодаи воситаҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ, арзёбии натиҷаҳои марҳилавии фаъолият муҳим мебошанд.

Барои он ки назорати раванди фаъолияти инноватсионӣ осон шавад, коркарди ***меъёрҳои*** арзёбии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионии китобдорон бағоят муҳим мебошад.

Назорати ҷараёни фаъолияти инноватсионии китобдорон барои он зарур аст, ки дар заминаи иттилооти асоснок мо сатҳи мутобиқати мақсад ва натиҷаҳои бадастомадаро муайян карда, дар лаҳзаҳои зарурӣ ба фаъолияти оянда тағйироту иловаҳо ворид карда метавонем.

**Принсипи худтакмилдиҳии касбӣ** ба бартараф кардани монеаҳо ва рушди самараноки фаъолияти инноватсионии китобдорон мусоидат карда, китобдоронро ба барои камолоти касбӣ ҳавасманд мегардонад. Вобастагии камолотии шахс аз худомӯзӣ аз ҷониби муҳаққиқон кайҳо собит гардидааст. Ба андешаи як зумра муҳаққиқон, аз ҷумла Е.И. Исаев, В.И. Слободчиков омили вақт - синну сол, собиқаи корӣ, мансаб, таҷрибаи корӣ, меъёри асосии рушду камолот маҳсуб намеёбад. Яъне раванди

худинкишофёбии китобдор на танҳо аз омили вақт, балки аз қобилияти худро дигаргун кардан, тағйир додан, ба зинаи навбатии камолот расидан вобаста аст [6, с. 145].

Илова бар ин, фард худро ба таври воқеӣ дар маҳсули меҳнати хеш амалӣ месозад ва тавассути он зуҳур, камол ва ташаккул меёбад, ки онро мо принсипи худфаъолиятӣ номидаем. Он дар раванди фаъолияти инноватсионӣ китобдорро ба зоҳир намудани қобилияти пажуҳишӣ раҳнамун месозад. Вале, дар баробари ин, асоси худинкишофёбии шахсияти китобдорро назорати доимӣ, арзёбии амалҳо ва худро ҳамчун субъекти фаъолияти инноватсионӣ дарк карда тавонистан ташкил медиҳад. Чунин қобилият дар заминаи тафаккури рефлексивӣ ва саъю талоши ботинии китобдор муяссар мешавад. Мафҳуми «рефлексия» (аз лотинӣ reflexio – мурочиат, инъикос), ки барои ифодаи амалҳои худшиносӣ, худро дарк карда, худтаҳлилкунӣ, ҳудбаҳодиҳӣ, худинкишофёбӣ ва амсоли инҳо истифода бурда мешавад. Ба ибораи дигар, рефлексия ин нигоҳи инсон ба ботини худ, таҳлили фикру андеша ва амалҳои худ ва таҷдиди назар намудани онҳо аст.

Рефлексия ҳамчун омили худинкишофёбии китобдор ҳамон вақт оғоз меёбад, ки, агар китобдор аз шаклу усулҳои пешинаи кор изҳори норозигӣ ва ғайриқаноатбахшӣ карда, тибқи қолабҳои қаблӣ кор кардан намехоҳад.

Ҳамин тавр, дар маҷмуъ, татбиқи амали принсипҳои мазкур имкон медиҳад, ки барои фаъолияти инноватсионии китобдор заминаҳои воқеӣ фароҳам оварда шавад.

**Принсипи фаъолгардонии неруи инноватсионӣ дар муҳити инноватсионии китобхона.** Тибқи талаботи принсипи мазкур китобдор ин субъекти фаъоли фаъолияти инноватсионӣ ба шумор рафта, муҳити китобхона падидаест, ки ташаккул ва рушди неруи инноватсионии ӯро таъмин мекунад. Ба андешаи мо, маҳз муҳити инноватсионии китобхона ба китобдор имкони худтатбиққуниро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, дар раванди робитаи мутақобилаву мақсадноки тамоми унсурҳои муҳити инноватсионии китобхона барои китобдор имконияти воқеии дарки муҳиммият ва талабот нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ ташаккул меёбад.

**Принсипи идоракунии раванди худидоракунии китобдор (субъекти фаъолияти инноватсионӣ).** Принсипи мазкурро муҳаққиқ Н. В. Самсонов ҳангоми ташаккули фарҳанги низоъшиносии мутахассис истифода бурдааст. Номбурда ин принсипро ҳамчун низоми нишододи меъёрӣ, ки ба самти мақсадноки амали субъект, мавқеи касбии ӯ дар ҳалли вазифаҳои мушаххас ва ташаккули фарҳанги низоъшиносии мутахассис равона гардидааст, мавриди баррасӣ қарор додааст [5, с. 92].

Таҳқиқоти Н. В. Самсонов барои мо аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки муҳаққиқ принсипи идоракунии худидоракуниро на танҳо нисбат ба шахсияти хонанда ё коллективи хонандагон, балки нисбат ба шахсияти омӯзгор ва коллективи омӯзгорон истифода бурдааст. Ба андешаи мо, принсипи идоракунии раванди худидоракунӣ барои истифода дар раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро он барои таъмини самаранокии раванди мазкур равишҳои амали китобдорро муайян карда метавонад. Вале барои иҷрои талаботи принсипҳои мазкур мо бояд равишҳои татбиқи принсипҳои ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро муайян кунем. Раванди татбиқи равишҳои мазкурро мо бо пайдарҳамии зерин ҷудо кардем:

Равиши 1. Барои фаъолгардонии принсипҳои ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ бояд дар китобхона барои ташаккули арзишҳои фаъолияти инноватсионӣ шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда, китобдор барои ташаббус ва фаъолияти эҷодӣ ҳавасманд гардонида шавад.

Равиши 2. Барои мақсадгузорӣ ва барномарезии фаъолияти инноватсионии худ ва китобхона китобдор бояд тарзу услубҳои муайянро аз худ намояд.

Равиши 3. Вобаста ба ҳадафҳои фаъолияти инноватсионии китобхона китобдор бояд нақшаи такмили ихтисос ва худомӯзии худ ва коллективи китобхонаро тарҳрезӣ кунад.

Равиши 4. Фаъолияти худ ва фаъолияти коллективии китобхонаро таҳлил карда, малакаҳои фаъолияти рефлексивӣ ва худназораткуниро аз худ намояд.

Равиши 5. Дар фаъолияти китобдор бояд услубу воситаҳои идоракунии ғайримустақим ва дурнамо бартарият дошта бошанд, тарзи муошırати ӯ хайрхоҳона, озод бошад, дар байни ҳамкорон руҳияи қувваозмоӣ ва рақобатпазириро дастгирӣ кунад.

Равиши 6. Аз фазои инноватсионии китобдорӣ дар ҷумҳурӣ огоҳ бошад, навгониҳои китобдориро тибқи аломатҳои муайян тасниф карда, оид ба навгониҳои китобдорӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигар пойгоҳи маълумотро ташаккул дода тавонад.

Равиши 7.  Аз уҳдаи тарҳрезии лоиҳаҳои гуногуни инноватсионӣ баромада тавонад, омилҳои пайдоиши монеаҳои раванди инноватсиониро шарҳ дода, роҳҳои бартарафсозии онҳоро нишон диҳад.

Тавре ки аз таҳлил мундариҷаи равишҳои мазкур бармеояд, амалисозии онҳо, бешак, барои бартарафсозии монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ дар ҳар кадом марҳилаи он мусоидат карда метавонанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи заминаҳои методологии ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки меҳвари онро раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, инчунин, ошкорнамоӣ ва тасвири принсипҳои фаъолияти инноватсионӣ барои коркарди амсилаи консептуалии ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ асосҳои назариявиро фароҳам овард.

**Адабиёт**


1. Андреев, В.И. Педагогика [Текст]: учебный курс / В.И. Андреев.-2-е изд. – Казань, 2000. – 608 с.
2. Библиотечная энциклопедия [Текст] / Рос. гос. б-ка. – М.: Пашков дом, 2007. – 1300 с.
3. Большой энциклопедический словарь [Текст] [Электронный ресурс] URL: https:// www.beesona/ru/tolkslovar/s/s5462.php]/
4. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори ҲҶТ № 501, аз 30.12.2005): [Манбаи электронӣ] URL: http://www.mmk.tj.
5. Самсонов, Н. В. Конфликтологическая культура специалиста и технология ее формирования в системе вузовского образования [Текст]: монография / Н.В.Самсонова. – Калининград, 2002. – 225 с.
6. Слободчиков, В. И. Основы психологической антропологии. Психология развития человека [Текст]: развитие субъективной реальности / В.И. Слободчиков, Исаев Е. И. – М.: Школа-пресс, 2000. – 421 с.
7. Словарь иностранных слов современного русского языка [Текст]. – М.: Аделант, 2014. – 800 с.
8. Шакуров, Р. Х. Барьер как категория и его роль в деятельности [Текст] / Р.Х. Шакуров // Вопросы психологии. – 2001. – №1. – С. 3-18.
9. Шарифзода, Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ [Матн] / муҳаррир масъул С. Сулаймонӣ. – Душанбе:Ирфон, 2010. – 544 с.

## ТАШАККУЛИ КОНСЕПСИЯИ РУШДИ ТАЪМИНИ ИННОВАТСИОНӢ-МЕТОДИИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБХОНАҲОИ ДАВЛАТИЮ ОММАВӢ

Дар мақола масъалҳои консептуалии таъмини методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар фаъолияти онҳо таҳлил карда шудаанд. Қайд гардидааст, ки барои ташаккули ҳадафманди Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки меҳвари онро ҷалби мақсадноку самараноки китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, бояд, пеш аз ҳама, заминаҳои методологӣ ва назариявии он муайян карда шаванд. Зеро методологияи таҳқиқот ба сифати маҷмуи услубҳо, принсипҳо, воситаҳо ва заминаҳои ташкили илмии ҳама гуна фаъолият, барои дарки қонуниятҳои ташаккул, инкишоф ва таҳаввули фаъолияти китобдорӣ ҷузъи ҷудоинопазир ва асосии таҳқиқи илмӣ маҳсуб мешавад. Ба андешаи муҳаққиқ, таҳия ва татбиқи Консепсияи мазкур фаъолияти муназзаму босуботи тамоми объектҳо ва субъектҳои таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳоро барои давраи дарозмуддат кафолат медиҳад. Барои ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон ва татбиқи он дар амалияи китобдорӣ муносибати бонизом мақоми аввалро ишғол мекунад. Дар доираи муносибати бонизом объекти таҳқиқ ҳамчун низоми мураккабу динамикии дорои унсурҳо - зернизомҳои зиёде, омӯхта мешавад, ки онҳо бо моҳияти асосии бонизомӣ тавсиф мешаванд. Услуби дигар ва бағоят муҳим барои таҳияи Консепсияи мазкур ин муносибати синергетикӣ мебошад. Яке аз хусусиятҳои асосии низом аз нигоҳи муносибати синергетикӣ ин номунтазамӣ ва ташаккули худбахуди низом мебошад. Муаллиф истифодаи услуби методологии муносибати муҳитиро дар ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ муҳим арзёбӣ карда, таъкид мекунад, ки он дар заминаи ғояи таҳқиқи объект тавассути робитаи мутақобилаи фаъол бо муҳити китобхона, яъне бо муҳити китобдорию иттилоотӣ ва библиографӣ баррасӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** методология, таҳқиқи илмӣ, ташаккул, консепсия, рушд, таъмини инноватсионӣ-методӣ, фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, муносибати синергетикӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ КОНЦЕПЦИИ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННО-МЕТОДИЧЕСКОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ГОСУДАРСТВЕННО-МАССОВЫХ БИБЛИОТЕК

В статье проанализированы концептуальные вопросы методического обеспечения деятельности государственных массовых библиотек и использование в их деятельности инновационных подходов. Отмечается, что для целенаправленного формирования концепции развития инновационно методического обеспечения деятельности государственных массовых библиотек, в которой центральное место отводится целевому и эффективному привлечению библиотекарей к инновационной деятельности, прежде всего, следует определить её методологические и теоретические предпосылки, ибо методология исследования как совокупность методов, принципов, средств и основа научной организации всякой деятельности считается неотъемлемой и основной частью научного исследования, нацеленного на постижение закономерностей формирования, развития и совершенствования библиотечной деятельности. По мнению исследователя,

подготовка и реализация концепции гарантирует стабильную деятельность всех субъектов и объектов инновационного обеспечения деятельности библиотек на долгосрочный период. Для формирования Концепции развития инновационно-методического обеспечения деятельности государственных массовых библиотек, прежде всего, потребуется системный подход. В рамках системного подхода объект исследования рассматривается как сложная и динамичная система, имеющая большое количество элементов – подсистем, который характеризуется как основная сущность системности. Другой наиболее важный принцип подготовки упомянутой Концепции связан с синергетическим подходом. Одной из основных особенностей этой системы является её нерегулируемость и самоформируемость. Автор, указывая на важность использования методологического принципа средового подхода в формировании Концепции развития инновационно-методического обеспечения деятельности библиотек, отмечает, что он рассматривается на основе идеи исследования объекта в контексте активной взаимосвязанности с библиотечной средой, т.е. с библиотечно-информационной и библиографической средой.

**Ключевые слова:** методология, научное исследование, формирование, концепция, развитие, инновационно-методическое обеспечение, деятельность государственно-массовых библиотек, синергетический подход.

## FORMATION OF A CONCEPT FOR THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE AND METHODOLOGICAL SUPPORT FOR THE ACTIVITIES OF STATE AND PUBLIC LIBRARIES

The article examines conceptual issues related to methodological support for the functioning of state and public libraries and the application of innovative approaches in their activities. It is noted that the purposeful development of a Concept for the Innovative and Methodological Support of Library Activities—centered on the effective and meaningful engagement of librarians in innovative processes—requires, first and foremost, the definition of its methodological and theoretical foundations.

Research methodology, understood as a system of methods, principles, tools, and scientific-organizational foundations of any activity, represents an integral and essential component of scientific inquiry. It enables the comprehension of the patterns underlying the formation, development, and evolution of library activities. According to the researcher, the elaboration and implementation of such a Concept will ensure the long-term, stable, and coordinated functioning of all institutions and agents involved in the innovative and methodological support of library activities.

A systemic approach occupies a central role in the formation and realization of this Concept within the library practice of Tajikistan. Within the systemic framework, the object of study is viewed as a complex and dynamic structure comprising multiple interrelated subsystems characterized by internal organization and interdependence.

Another crucial methodological orientation is the synergetic approach, which views the system as inherently non-linear, self-organizing, and capable of spontaneous structural development.

Equally important, the author emphasizes the value of applying the environmental (ecological) approach in shaping the Concept. This approach implies studying the object through its active interaction with the surrounding library environment—encompassing informational, bibliographic, and communicative contexts—which allows for a more holistic understanding of the developmental processes of library systems.

**Keywords:** methodology, scientific research, formation, concept, development, innovative and methodological support, activities of state and public libraries, systemic approach, synergetic approach, environmental approach.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Зафари Шариф** – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси – кори китобдорӣ, декани факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, 73[а], тел.: (992) 938060272. E-mail: Зафар Шариф husenboi12345@mail.ru

**Сведения об авторе:** Зафари Шариф – доктор философии (PhD) по специальности – библиотечное дело, декан библиотечно-информационного факультета Таджикского государственного институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзода. Адрес: Республика Таджикистан, 734055, город Душанбе, ул. Борбад, 73[а], тел.: (+992) 938060272. E-mail: Зафар Шариф husenboi12345@mail.ru

**Information about the author:** Zafari Sharif – Doctor of Philosophy (PhD) in Librarianship, dean of the Library and Information Faculty of the Tajik State Institute of Culture and Art named after Mirzo Tursunzoda. Address: Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Str. Borbad, 73 a, tel.: (+992) 938 060 272. E-mail: Зафар Шариф husenboi12345@mail.ru

**ТДУ 323+681.3 + 027.5(575.3)**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ БАРНОМАҲОИ АВТОМАТИКУНОНИШУДАИ СОҲАВИИ ВАТАНӢ ДАР КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ

**Саидзода Зафар Саидҳошим**
Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рушди бемайлони техника ва технологияҳои муосир зиндагии башарро такони ҷиддӣ дода, самтҳои фаъолияти сокинони сайёраи заминро ба маҷрои тамоман нав ва ҳамарӯза таҷдидшаванда ворид намудааст. Ба ибораи дигар техника ва технологияи муосири инноватсионӣ тамоми бахшҳои рӯзгори моро фаро гирифта, фаъолияти инсониятро бидуни ҳузури худ бемаъно гардонидааст.

Дар чунин давраи рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ китобхонаҳо низ дар қатори дигар самту соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ба истифодаи таҷҳизот, технологияи ҳозиразамон ва барномаҳои электронии соҳавӣ ногузир мебошанд.

Бо дарназардошти тақозои замони муосир ва ҳамқадамӣ бо дунёи технологии дар ҳоли рушд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар шохаҳои фаъолияти ҷамъият ба бунёд, таъмини технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва такмили пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои фарҳангӣ бахусус китобхонаҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамояд.

Дар ин росто бунёди бинои нави Китобхонаи миллӣ бо тамоми шароити технологии замони муосир далели ин гуфтаҳост, ки беш аз даҳ сол аст ниёзи иттилоотии шаҳрвандони ҷумҳуриро қонеъ намуда истодааст. “Соҳибистиқлолии

Тоҷикистон – мегӯяд, Комилов Меҳроҷ – барои рушду нумӯи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи китобдории кишвар шароити заруриро муҳайё сохт. Қабл аз ҳама, таҳияву интишори силсилаи санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи китобдорӣ, татбиқи барномаҳои давлатии рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурӣ ва дигар тадбирҳои судманд ҷиҳати дар фаъолияти китобхонаҳои калонтарини Ҷумҳурӣ, аз қабили Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани шаклҳои нави хадамоти китобдорӣ бо истифода аз технологияи ҷадиди иттилоотӣ, мусоидат карданд” [2, с. 20].

Имрӯз Китобхонаи миллӣ дар раванди фаъолият аз навтарин ва муосиртарин таҷҳизот ва воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ истифода мебарад, ки аз ин лиҳоз яке аз китобхонаҳои пешрафта дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Оид ба татбиқи навгониҳои соҳаи китобдорӣ дар мисоли фаъолияти Китобхонаи миллӣ афкору андешаҳои олимон ва мутахассисони соҳа дар нашрияҳои илмӣ дарҷ шудаанд [1, 3, 4, 7-10, 12 ].

Китобхонаи миллӣ дар баробари истифодаи муҳимтарин ва муосиртарин технологияҳои иттилоотӣ инчунин, барои хизматрасонии иттилоотии истифодабарандагон аз пешрафтатарин барномаҳои соҳавии ҷаҳонӣ ва барномаҳои ватанӣ истифода менамояд, ки ҳамаи ин барои хизматрасонии босифату саривақтӣ барои истифодабарандагон нигаронида шудааст.

## БАРНОМАИ БИБЛИОГРАФ

Яке аз барномаҳои муҳимми соҳавӣ ва дар айни замон ватанӣ ин барномаи “Библиограф (пойгоҳи тасвирҳои библиографӣ-электронии маводди матбуоти даврӣ)” мебошад, ки солҳост кори истифодабарандагонро ба маротиб осон намудааст. Барнома сирфан барномаи соҳавии ватанӣ буда, бо истифодаи неруи зеҳнии барномасозони Китобхонаи миллӣ сохта шудааст.

Айни ҳол теъдоди тасвирҳои библиографии мақолаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳо дар барномаи мазкур ба 285408 номгӯй мерасад ва ин сарчашмаҳо аз соли 1931 шуруъ мешаванд. Барномаи мазкур имкон медиҳад, ки истифодабаранда вақти худро сарфи ҷустуҷӯйи мавзуъ дар қуттиҳои феҳристи анъанавӣ накарда, ба таври осону сареъ мавзуи мавриди назарашро дар кутоҳтарин фурсат аз тариқи ин барнома пайдо намояд.

Ин барномаи махсуси хизматрасонии иттилоотӣ буда, аз ду қисм иборат мебошад. Қисми якуми он барои кормандони шуъбаҳои дахлдор нигаронида шудааст, ки тавассути он тасвири библиографии рӯзномаву маҷаллаҳоро аз рӯи муаллиф, мавзуи мақола ва соли нашр ворид менамоянд ва қисми дуюм барои хизматрасонӣ ба истифодабарандагон пешбинӣ шудааст, ки тавассути он ба таври фаврӣ маводи лозимаи худро бо чанд роҳу восита ҷустуҷӯ менамоянд. Ба монанди: номи мақола ё хабар, рақами шумора, номи муаллиф, номи рӯзнома ва соли нашр.

Барномаи “Библиограф” имкон медиҳад, ки хонанда мавзуи зарурии худро хело тезтар бо истифодаи системаи ҷустуҷӯии барнома новобаста аз он ки матни пурра бошад ё калима ё ин ки қисме аз тасвири библиографӣ, дарёфт намояд. Агар хонанда ҳангоми ҷустуҷӯ дар навишти матлаби зарурӣ иштибоҳ намояд барнома ба таври автоматӣ вариантҳои наздикро ба ӯ пешниҳод менамояд.

**Расми 1.** Саҳифаи асосии барномаи “Библиограф
(пойгоҳи тасвирҳои библиографӣ-электронии маводи матбуоти даврӣ)”:




## КИТОБХОНАИ ЭЛЕКТРОНИИ КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Созмон додани китобхонаҳои электронӣ дар баробари китобхонаҳои анъанавӣ аз тақозо ва талаботи иттилоотии хонанда ва ҷомеаи муосир мебошад. Ба андешаи муаллифи мақолаи “Китобхонаҳои анъанавӣ ва электронӣ: робита ва тафовут”: “Имрӯз китобхонаҳо дар радифи иҷрои дархостҳои муқаррарии хонандагон ҷиҳати истифодаи фонди чопӣ боз муваззаф шудаанд, ки ҳамчун марказҳои фароҳамоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, тавлиду коркард ва тарғибу ташвиқи манбаъҳои электронии иттилоотӣ ба хонандагони ғоибхон (виртуалӣ) хизмат расонанд ва бо дарназардошти вижагиҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва дар рақобат бо дигар воситаҳои нави коммуникатсионӣ шаклу усулҳои наву самарабахши хадамоти китобдориро мавриди истифода қарор диҳанд” [11, с. 15].

Дар робита ба ин соли 2013 Китобхонаи электронии Китобхонаи миллии Тоҷикистон сохта ба истифода дода шуд, ки ин дастовард ва натиҷаи қобили таваҷҷуҳ дар соҳаи китобдории кишвар ба шумор меравад. Имрӯз Китобхонаи электронии Китобхонаи миллии Тоҷикистон фаъолияти муназзам ва мунтазам дошта, теъдоди китобҳои электронии он ба 343132 нусха китоб мерасад. Дар ин замина теъдоди хонандагони маҷозӣ дар китобхонаи электронӣ ба 64345 нафар расида, ҳамарӯза ба ҳисоби миёна аз он 1324 нафар хонанда истифода менамояд.

Китобхонаи электронии Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар шакли мобилӣ низ қобили истифода буда, дар шаклу усули дилхоҳ барои хонанда шароит ва имкони мутолиа ва дарёфти иттилоотро додааст. Шохисҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки шумораи хонандагони маҷозии Китобхонаи электронии Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо шумораи истифодабарандагони анъанавӣ-физикӣ баробарӣ доранд.

Китобхонаи электронии мазкур ба равзанаҳо ҷудо гардида, аз ҷумла равзанаҳои “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ба номинатсияҳо, асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон” ва адабиёт доир ба ӯ ва ғайра фаъол мебошанд.

**Расми 2.** Саҳифаи асосии Китобхонаи электронии
Китобхонаи миллии Тоҷикистон




## ПОРТАЛИ ИТТИЛООТИ ҲУҚУҚИИ КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ

Дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ интернет ба як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсоният табдил ёфтааст, ки он барои табодули иттилоот, дарёфти маводи лозима барои истифодабарандагон имкониятҳои зиёд фароҳам меорад. Яке аз воситаҳои маъмули дастрасӣ ба иттилоот дар интернет ин пойгоҳҳои электронии интернетӣ ба ҳисоб меравaнд. Албатта, имрӯзҳо дарсади қобили таваҷҷуҳи аҳолии мамлакат ба алоқаи мобилӣ ва интернет дастрасӣ доранд, ки ташкили пойгоҳҳои иттилоотии электронӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2023 қайд намуда буданд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва 34 инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад» [6].

Бо дарки саривақтии ин масъала мутахассисони барномасози Китобхонаи миллӣ бо мақсади татбиқи ҳадафҳои олии давлату ҳукумат, ҳамқадамӣ бо замони муосири электронӣ ва дар партави эълон гардидани соли 2024 ҳамчун “Соли маърифати ҳуқуқӣ” “Портали иттилооти ҳуқуқӣ”-и Китобхонаро ташкил ва фаъолияти онро роҳандозӣ намуданд.

Портали иттилооти ҳуқуқии Китобхонаи миллӣ ба воситаи шабакаи интернетӣ барои тамоми қишрҳои истифодабарандагон дастрас буда, ҳадафи асосӣ дастрасии озодона ва бемамониати оммаи васеи хонандагон ба маҷмуи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Хоҳишмандон метавонанд тавассути ин портал ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ,

қарорҳои судӣ, қонунҳо, қарорҳо, барномаҳои давлатӣ, амру фармонҳои президенти кишвар, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар маводи марбут ба қонунгузории кишвар дастрасӣ пайдо намоянд.

Мақсади асосии баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамоно дар шуури онҳо ташаккул додани хосиятҳое чун донистани низоми қоидаҳои асосии ҳуқуқӣ, дарки дурусти моҳият ва маънои онҳо, эҳтироми амиқи ботинӣ ба ҳуқуқҳо, қонунҳо ва қонуният, инчунин қобилияти мустақилона татбиқ кардани донишҳои ҳуқуқӣ дар амал мебошад. Бинобар ин бо боварии комил метавон гуфт, ки Портали иттилооти ҳуқуқии Китобхонаи миллӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии ҳокимият дар кишвар заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

Яке аз вежагиҳои муҳим ва фарқкунандаи Портали иттилооти ҳуқуқии Китобхонаи миллӣ он аст, ки дар баробари пойгоҳи иттилооти ҳамаи асноди ҳуқуқӣ будан, нақши захираи бузург ва доимкоркардшавандаи фонди китобҳои электронии соҳаи ҳуқуқро низ иҷро мекунад.

**Расми 3.** Саҳифаи асосии Портали иттилооти ҳуқуқии Китобхонаи миллӣ




Портали иттилооти ҳуқуқии Китобхонаи миллӣ дар қатори дигар барномаҳои амалкунанда ва сомонаҳои ҳуқуқии корбурдшавандае, ки дар ҷумҳурӣ амал мекунанд, яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии сокинони кишвар мебошад. Истифодаи дуруст ва ҳадафмандонаи Портали иттилооти ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле нақши бориз дорад. Он ба шаҳрвандон имконият фароҳам меоварад, то бо мафҳумҳои мушаххас ва таҷридии матни қонунҳо, қарору стратегияҳо ва дигар асноди қонунгузорӣ мустақилона шинос шуда, ҳуқуқу вазифаҳои худро дарк ва дар заминаи он зиндагии осоиштаи худро таъмин намоянд. Порталҳои иттилоотии ҳуқуқӣ дар баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҳуқуқии шаҳрвандон нақши созгорро мебозанд.

## БАРНОМАИ АВТОМАТИКУНОНИШУДАИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА ИСТИФОДАБАРАНДАГОН

Мавриди зикр аст, ки айни ҳол барномаи нави соҳавии ватании автоматикунонишудаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон аз тарафи мутахассисони Китобхонаи миллӣ сохта шуда, дар раванди фаъолияти шуъбаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон татбиқ гардида истодааст. Ин барнома имкон медиҳад, ки Китобхона фаъолиятҳои гуногуни гардиши китобияшро (китобдиҳӣ, баргардонидан) сабт ва назорат намояд. Яъне хизматрасонии истифодабарандагонро аз даромадан ба бино тавассути турникет то баромадан аз Китобхона дар речаи автоматикунонидашуда таъмин намояд. Ин барнома дар самти хизматрасонӣ ба истифодабарандагон ба таври автоматӣ чунин амалиётро иҷро менамояд; ба қайдгирии хонанда то фармоишу баргардонидани китоб, маълумот дар бораи адабиёти фармоишшуда, қарздор будан ё набудани хонанда, омори дақиқи ташрифи хонандагон ба Китобхона дар ҳар як толори хониш дар алоҳидагӣ ва дар умум, шумораи диҳиши китоб ба хонандагон, таҳлили адабиёти бисёрдархостшаванда ва сабти тамоми маълумоти истифодабаранда.

Барномаи мазкур аз ду қисм иборат буда, қисми якум дар бахши бақайдгирии хонандагони нав ба узвияти Китобхонаи миллӣ истифода бурда мешавад. Қисми дуюм ҳангоми хизматрасонӣ ба хонандагон дар толорҳои хониш ҷиҳати диҳиш ва баргардонидани адабиёти дархостшаванда пешбинӣ гардидааст.

Қисми бақайдгирии барнома бо низоми худкор фаъолият намуда, маълумоти хонандагон ба таври автоматӣ дар пойгоҳи маълумотии барнома сабт ва нигоҳ дошта мешаванд. Инчунин, амнияти маълумоти шахсии ҳар як хонанда ба таври оптималӣ ҳифз гардида, тамоми маълумоти хонанда дар шакли намунаи ягонаи бақайдгирӣ пур мегардад. Баровардани ҳисоботи дақиқи аъзоёни муассисаҳои таълимӣ, муайян намудани муҳлати ба итмом расидани корти хонандагӣ ва ғайра ба таври автоматӣ амалӣ мегардад. Кормандони бахши бақайдгирии Китобхонаи миллӣ ҳамарӯза дар ин қисми барнома хонандагони наваъзошударо ба қайд мегиранд. Тамоми маълумоти хонандагон ба таври автоматӣ дар хотираи сервери асосӣ сабт мегарданд, ки дар баробари сервери асосӣ боз сервери эҳтиётӣ низ амал мекунад ва тамоми маълумоти сервери асосӣ ба таври автоматӣ дар сервери эҳтиётӣ нусхабардорӣ гардида, ҳифз ва нигоҳдорӣ мешаванд.

Дар қисми дуюми барнома амалиёти диҳиш ва баргардонидани адабиёти фармоишии хонанда дар толори хониш ба таври автоматӣ иҷро мегардад. Дар қадами аввал кюаркоди (QR) корти хонанда тариқи скани дастӣ хонда шуда, дар базаи маълумотии барнома бо тамоми маълумотҳояш сабт мегардад. Дар қадами дуюм штрих-коди дар китоб ҷойгиркардашуда скан ва коркард карда мешавад ва онро ба хонанда медиҳад. Раванди диҳиш ва баргардонидани китоб дар муқоиса ба хизматрасонии анъанавӣ 10-15 сонияро дар бар мегирад, ки суръати иҷрои амал чандин маротиба меафзояд. Ҳангоми баргардонидани китоб низ ҳамин тартиб иҷро мегардад. Инчунин, дар ин қисм омори дақиқи ташрифи хонандагон дар ҳар як толори хониш дар алоҳидагӣ ва дар умум, шумораи диҳиши китоб ба хонандагон дар як рӯз ё моҳона муайян карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки истифодаи барномаи мазкур муддатзамони хизматрасонӣ ба хонандагонро чандин маротиба кам карда, самаранокӣ ва сатҳи раванди фаъолияти муассисаро дар ин самт баланд бардошт.

**Расми 4.** Равзанаи қисми якуми барнома, ки дар он бақайдгирии аъзои нави Китобхонаи миллӣ амалӣ карда мешавад




**Расми 5.** Равзанаи қисми дуюми барнома: омори ташриф ва диҳиши китоб дар толори хониши шуъбаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон




**Расми 6.** Равзанаи назоратӣ ва омори даромаду баромади истифодабарандагон ба Китобхонаи миллӣ



Сохта ба истифода додани барномаи мазкур як қадами бузург дар самти истиқлолияти барномаҳои таъминотии ватании соҳавӣ буда, ба мо имкон медиҳад, ки ба барномаҳои хориҷии пулакӣ вобастагӣ надошта бошем. Ин барнома на танҳо дар раванди фаъолияти системаи автоматикунонидашудаи иттилоотии Китобхонаи миллӣ нақши муҳим мебозад, балки барои ташкили системаи автоматикунонидашудаи тамоми китобхонаҳои ҷумҳурӣ асос гардида, дар кору фаъолияти китобдорони ҷумҳурӣ заминаи мусоиди рушду инкишоф ва саҳифаи тозаеро дар самти хизматрасонии электронӣ фароҳам хоҳад овард.

## ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ ДАР МИНТАҚАИ ДОМЕНИ -.TJ

Мутахассисон ва барномасозони Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми миллии почтаи электронӣ-хусусии Муассисаро дар заминаи домени миллии сатҳи олии дар минтақаи домени -.TJ барои роҳбарону сардорони ҳамаи раёсат, бахш, шуъба ва марказҳо роҳандозӣ намудаанд.

Почтаи электронӣ-хусусӣ ба Китобхонаи миллӣ имкон гардид, ки аз истифодаи ҳама системаҳои почтаҳои электронии хориҷӣ (доменҳои ru, com ва ғайра) ҳангоми ирсолу расонидани мактуб ё паёмакҳо даст кашида, почтаи электронии хусусии муассисаро сохта, мубодилаи ҳама намуди иттилоотро дар доираи домени миллӣ -.TJ ба роҳ монад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ, махсусан дар самти иттилоотрасонӣ, ки ҳама иттилоот метавонад назорат шавад, тамоми муассисаҳои давлатӣ, ҳокимиятҳои маҳаллӣ бояд почтаи хусусии электронии худро дар домени -.TJ дар минтақаи доменҳои миллӣ ба қайд гиранд ва амнияти ирсоли ҳуҷҷати корхонаи хешро таъмин намоянд. Ин амалкард, албатта, пеш аз ҳама барои таъмин намудани амнияти маълумотии муасссисаҳо буда, сониян барои рушди ҳукумати электронӣ дар кишвар замина мегузорад.

Таҳияи низоми почтаи электронӣ дар доираи домени миллӣ -.TJ қадами муҳим дар самти рушди рақамикунонии низоми табодули иттилоот буда, пешниҳоди чунин низом кори муассисаро дар самти таҳия ва интиқоли ҳуҷҷатҳои расмӣ ва табодули шаклҳои гуногуни иттилоот ба маротиб осон, ҳамзамон бехатар мегардонад. Низоми истифодабарӣ минтақаи домени миллӣ (барои Тоҷикистон -.TJ) на танҳо нишон медиҳад, ки соҳиби домен аз ин ё он кишвар аст, балки қаламрави кишвар ва он муассисаро низ ба таври худкор муаррифӣ менамояд. Қобили зикр аст, ки ин намуди почта воситаи қуллай барои муоширати кормандон байни худ ва воситаи боэътимоди доду гирифти ҳуҷҷат байни муассисаҳо низ мебошад.

Низоми миллии почтаи электронӣ дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 декабри соли 2011 «Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» аз 28 ноябри соли 2020 бо мақсади ташаккули низоми ягонаи табодули иттилоот бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба система ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи корбарон ва боло бурдани нақшу мақоми забони тоҷикӣ таҳия гардидааст.

**Расми 7.** Равзанаи почтаи электронӣ дар мисоли саҳифаи
яке аз истифодабарандагон yoqub.b.m@nlt.tj




## ПОЙГОҲИ ЭЛЕКТРОНИИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ ВА АВТОРЕФЕРАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар баробари сохти дигар барномаву пойгоҳҳои соҳавии ватанӣ дар Китобхонаи миллӣ инчунин, “Пойгоҳи электронии рисолаҳои илмӣ ва авторефератҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” сохта шуда, дар ҷараёни такмили базаи маълумотӣ бо шакли электронии рисола ва авторефератҳо қарор дорад, ки дастоварди қобили таваҷҷуҳ дар самти рушди барномаҳои электронии соҳавии ватанӣ дар кишвар мебошад. “Пойгоҳи электронии рисолаҳои илмӣ ва авторефератҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои ҷамъоварӣ ва нигоҳдошти шакли электронии тамоми диссертатсияҳо ва авторефератҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояшуда ва пешниҳод намудани онҳо ба истифодабарандагон пешбинӣ шудааст, ки заминаи мусоидро барои таъмини иттилоот ба хонандаи муосир фароҳам меоварад.

Айни замон фонди рисолаҳои илмӣ ва авторефератҳои Китобхонаи миллӣ аз 4632 нусха рисола ва 714966 нусха автореферат иборат мебошад. Ҳамзамон раванди рақамигардонии фонди мазкур оғоз гардида, шакли электронии онҳо давра ба давра коркард ва ба базаи маълумотии барномаи зикршуда ворид карда мешаванд.

Метавон гуфт, ки пас аз пурра рақамигардонии рисола ва авторефератҳо ва коркарду ҷойгир намудани онҳо дар базаи маълумотии барнома, Пойгоҳи электронии рисолаҳои илмӣ ва авторефератҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як махзани азими электронии рисола ва авторефератҳо табдил меёбад. Зеро маводи фонди мазкур фарогири нусхаҳои авторефератҳо аз соли 1953 ва рисолаҳои даврони истиқлол мебошад ва пойгоҳи электронии мазкур барои муҳаққиқон, донишмандон, пажӯҳишгарон ва онҳое, ки дар самтҳои гуногун ба корҳои илмӣ машғул ҳастанд, махзан ва сарчашмаи бузурги илмӣ ва иттилоотӣ ба шумор меравад.

**Расми 8.** Саҳифаи асосии Пойгоҳи электронии рисолаҳои илмӣ ва авторефератҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон



## ПОЙГОҲИ ЭЛЕКТРОНИИ ДАСХАТҲОИ ШАРҚ ВА КИТОБҲОИ НОДИР

“Пойгоҳи электронии дасхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир” бо мақсади ҷамъоварӣ, ҳифз ва нигоҳдории шакли электронии нусхаҳои хаттӣ ва чопи сангӣ пешбинӣ гардида, фаъолияти он имкон медиҳад истифодаи физикии дастхатҳо аз байн равад ва бехатарии нусхаҳои аслу арзишманд таъкин карда шавад.

Шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири Китобхонаи миллӣ ганҷинаи нодири фарҳанги миллӣ ва махзани арзишманди таъриху тамаддуни халқи тоҷик буда, дар воқеъ “тамоми дасхатҳои ин шуъба ганҷинаи бебаҳо”-и [5, с. 19] миллат тоҷик мебошанд. Дар масъалаи нусхаҳои электронии фонди шуъбаи мазкур метавон гуфт, ки айни ҳол фонди он 2759 нусха дастхат, 2500 нусха чопи сангӣ ва 27000 нусха китоби муосирро ташкил медиҳад, ки дар заминаи он созмондиҳӣ ва ташкили пойгоҳи электронӣ бо мақсади нигоҳдории нусхаҳои хаттӣ аз фарсудашавӣ дар натиҷаи истифодаи зиёди физикӣ, умри дубора бахшидан ба онҳо ва дастрасии озод ба онҳо ба тамоми қишрҳои истифодабарандагон аз тақозои замон ва талаботи хонандаи муосир мебошад.

Бо истифода аз барномаи мазкур хонандагон метавонанд дар толори хониши шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир аз шакли электронии нусхаҳои хаттӣ ва чопи сангӣ ба таври озод ба истисnoи боргирӣ истифода намоянд.

Пас аз пурра ворид намудани шакли электронии нусхаҳои хаттӣ ва чопи сангӣ ба базаи маълумотии барнома, истифодаи он ба таври маҷозӣ ба роҳ монда хоҳад шуд, ки на танҳо сокинони ватани азизамон, балки дилхоҳ истифодабаранда аз дилхоҳ макон метавонанд аз он истифода намоянд. Мавриди зикр аст, ки нусхаи электронии дасхатҳо танҳо барои мутолиа пешбинӣ шуда, боргирии онҳо қатъиян манъ карда шудааст.

**Расми 9.** Намунаи шакли электронии нусхаҳои хаттӣ дар Пойгоҳи электронии дасхатҳои шарқ ва китобҳои нодир



Дар умум, дар Китобхонаи миллӣ дар самти таҳия ва сохти барномаҳои электронии соҳавии ватанӣ дар замони соҳибистиқлолӣ шароит ва имконоти мусоид фароҳам оварда шудааст. Ин фурсату имкон боиси эҷоди як қатор барномаҳои электронии соҳавии ватанӣ гардидааст.

Бинобар ин агар сохтани барномаҳои электронии соҳавии ватанӣ аз як тараф ба истиқлоли системавӣ ва иттилоотӣ замина фароҳам орад, аз тарафи дигар боиси таъмини амнияти иттилоотӣ ва аз байн бурдани хатари нобудии маълумоту иттилоот ҳангоми истифодаи барномаҳои соҳавии хориҷӣ мегардад.

Ҳамзамон, барномаҳои электронии соҳавии ватанӣ дар муқоиса ба барномаҳои аз лиҳози молиявӣ гарони хориҷӣ, ройгон ва барои истифода муносиб мебошад.

Рушд ва инкишофи барномаҳои соҳавии ватанӣ дар мисоли барномаҳои сохташуда дар Китобхонаи миллӣ метавонад заминаро дар навбати аввал барои тамоми китобхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳои кишвар фароҳам овардад то ки дар оянда системаи ягонаи мутамаркази автоматикунонишудаи миллӣ созмон дода шавад.

### Адабиёт


1. Комилзода, Ш. Татбиқи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳо [Матн] // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2024. – № 2 (6). – С. 22-34.
2. Комилов, М. Ш. Татбиқи навгониҳо дар фаъолияти китобхонаи миллӣ [Матн] // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2024. – № 1 (5). – С. 20-31.
3. Комилов, М. Ш. Трансформация деятельности библиотек Таджикистана в период независимости [Текст] // Вестник Национальной библиотеки. – 2023. – №2 (2). – С.15-30.
4. Қурбонов, Ш., Умарова, М. Нақши Китобхонаи миллӣ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон [Матн] // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2024. – № 3 (7). – С.34-41.

5. Муҳаммадӣ, Н. Дасхатҳо – ганҷинаҳои бебаҳои миллат [Матн] // Китобдор: маҷаллаи фарҳангӣ-маърифатӣ – 2010. – № 1(7). – С. 16–19.
6. Раҳмон, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 28 декабри соли 2023 [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2023. – 64 с.
7. Саидзода, З. С. Барномаи рушди Китобхонаи миллӣ ва татбиқи босамари он [Матн] // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2024. – № 1 (5). – С. 32-41.
8. Саидзода, З. С. Нигоҳе ба системаи почтаи электронӣ дар домени миллии «tj» дар Тоҷикистон (дар мисоли Китобхонаи миллӣ) он [Матн] // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2024. – № 2 (6). – С. 34-46.
9. Саидзода, З. С. Нақши порталҳои иттилооти ҳуқуқӣ дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон (дар мисоли портали иттилооти ҳуқуқии Китобхонаи миллӣ) [Матн] // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2024. – № 4 (8). – С. 11-17.
10. Файзализода, Ҷ. Х. Захираҳои электронии Китобхонаи миллӣ: неру ва стратегияи рушд [Матн] // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2024. – № 2 (6). – С. 8-15.
11. Шариф, К. Китобхонаҳои анъанавӣ ва электронӣ: робита ва тафовут [Матн] // Китобдор: маҷаллаи фарҳангӣ-маърифатӣ – 2010. – № 1 (7). – С. 13–15.
12. Шосаидзода, С. Ҳ. Рақамигардонӣ: ҷанбаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ [Матн] // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2024. – № 2 (6). – С. 15-22.

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ БАРНОМАҲОИ АВТОМАТИКУНОНИШУДАИ СОҲАВИИ ВАТАНӢ ДАР КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ

Дар мақола вазъи рушди барномаҳои ватании соҳаи китобдорӣ дар солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар Китобхонаи миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф барномаҳои ватании соҳавии дар Китобхонаи миллӣ аз ҷониби мутахассисони барномасоз сохташударо ба таҳлил гирифта, дастовардҳои ин соҳаро натиҷаи истиқлолияти давлатӣ ва шароитҳои фароҳамшуда арзёбӣ намудааст.

Ба андешаи муаллиф дар вазъи кунунии сиёсӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии ҷаҳон созмон додани барномаҳои ватанӣ аз масъалаҳои мубрам мебошад. Рушди барномаҳои ватанӣ на танҳо асоси истиқлолияти технологӣ ва рақобатпазирӣ бо барномаҳои хориҷӣ мебошад, балки роҳҳали муҳим ҷиҳати аз байн бурдани харҷи зиёди маблағ барои хариди иҷозатномаҳои ҳамасолаи барномаҳои таъминотии соҳавӣ, навсозии модулҳо ва дигар хизматрасониҳои мутахассисони хориҷӣ низ мебошад.

Зикр гардидааст, ки сохта ба истифода додани барномаҳои ватании соҳавии автоматикунонишуда дар Китобхонаи миллӣ дар ҳоли рушд қарор дошта, ин дастовардҳо ҳамчун таҳаввулот дар соҳаи китобдории мамлакат дар замони сохибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** барномаҳои соҳавӣ, портал, барномаи библиограф, китобхонаи электронӣ, автоматикунонӣ, хизматрасонии электронӣ, хонандагони маҷозӣ.

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ НЕЗАВИСИМОСТЬ И РАЗВИТИЕ ОТЕЧЕСТВЕННЫХ АВТОМАТИЗИРОВАННЫХ ОТРАСЛЕВЫХ ПРОГРАММ В НАЦИОНАЛЬНОЙ БИБЛИОТЕКЕ

В статье рассматривается развитие отечественных библиотечных программ в Национальной библиотеке за годы независимости республики. Автор проанализировал отечественные отраслевые программы, разработанные программистами Национальной библиотеки, и оценил достижения этой сферы как результат государственной независимости и созданных условий.

По мнению автора, в современных политических и социально-экономических условиях в мире организация отечественных программ является актуальным вопросом. Разработка отечественных программ является не только основой технологической независимости и конкурентоспособности с зарубежными программами, но и важным способом исключения больших затрат средств на ежегодную закупку лицензий на отраслевое программное обеспечение, обновление модулей и другие услуги, предоставляемые зарубежными специалистами.

Было отмечено, что создание и внедрение отечественных автоматизированных отраслевых программ в Национальной библиотеке находится в стадии развития, и эти достижения являются развитием библиотечного дела страны за период независимости.

**Ключевые слова:** отраслевые программы, портал, программа библиограф, электронная библиотека, автоматизация, электронные сервисы, виртуальные читатели.

## STATE INDEPENDENCE AND THE DEVELOPMENT OF NATIONAL AUTOMATED INFORMATION SYSTEMS IN THE NATIONAL LIBRARY OF TAJIKISTAN

The article examines the development of national software solutions in the field of librarianship within the National Library of Tajikistan during the years of state independence. The author analyzes domestically developed sectoral automation programs created by the library’s IT specialists and evaluates these achievements as a direct outcome of state sovereignty and the favorable conditions established in the period of independence.

According to the author, in the current global political, economic, and social context, the creation of nationally developed software is among the most urgent priorities. The advancement of indigenous software not only ensures technological independence and enhances competitiveness with foreign systems but also provides an effective means to reduce significant financial expenditures associated with the annual purchase of software licenses, module upgrades, and technical services from foreign developers.

It is noted that the development and implementation of national automated library and information systems in the National Library are actively progressing, and these achievements represent an important stage in the modernization and digital transformation of the library sector in Tajikistan during the era of independence.

**Keywords:** national software, sectoral information systems, library portal, bibliographic software, electronic library, automation, electronic services, virtual readership.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Саидзода Зафар Саидҳошим** – муовини директори Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ. Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Теҳрон 5. Тел.: (+992) 985-28-06-06. E-mail: saidov_2024@inbox.ru

**Сведения об авторе: Саидзода Зафар Саидхошим** – заместитель директора Государственного учреждения «Национальная библиотека» Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан по информационно-коммуникационным технологиям. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Тегеран 5. Тел.: (+992) 985-28-06-06. Электронная почта: saidov_2024@inbox.ru

**Information about the author: Saidzoda Zafar Saidhoshim -** deputy director of the State Institution "National Library" of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan on information and communication technologies. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Tehran Street 5. Tel.: (+992) 985-28-06-06. E-mail: saidov_2024@inbox.ru

**ТДУ 02: 011/019.9 (47+57)+027.625 (575.3)**

# РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБДОРӢ-БИБЛИОГРАФӢ ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ (дар мисоли КДБҶ ба номи М.Миршакар)

**Комилзода Шариф,**
**Камолзода Сайфиддин**
Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар (минбаъд КДБҶ ба номи М. Миршакар) тибқи Қарори Вазорати маданияти Тоҷикистон аз 23 январи соли 1974, таҳти №21 таъсис дода шудааст. Бо қарори маҷлиси ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2003, таҳти №2/11 Китобхона номи Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакарро гирифтааст [4, с. 202]. Китобхона аз соли 1974 то соли 2012 дар қабати сеюми Китобхонаи шаҳрии ба номи А. Лоҳутии шаҳри Душанбе фаъолият кард ва аз соли 2013 то имрӯз дар собиқ бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ фаъолият менамояд. Дар солҳои аввали фаъолияташ КДБҶ ба номи М. Миршакар, қабл аз ҳама, кӯшиш ба харҷ дод, ки бо дарназардошти қонеъ намудани талабот ва ниёзҳои иттилоотии насли наврас ва роҳбарони хониши онҳо адабиёти заруриро ҷамъоварӣ намояд ва дар заминаи истифодаи он хадамоти китобдорӣ-библиографиро ба роҳ монад. Дар баробари ин, тасмим гирифт, ки барои ҷалби ҳарчи беҳтару бештари хонандагон ба китобу китобхонӣ ва тарғиби адабиёти гуногунмазмуни гуногунсоҳа аз навъҳои гуногуни чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ истифода намояд ва ба ҳамин васила дар таълиму тарбияи насли наврас саҳм гузорад.

Ташкили низоми мукаммали хадамоти китобдорӣ, созмондиҳию баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси синнусолии хонандагон ва вежагиҳои фаъолияти роҳбарони хониши кӯдакону наврасон, масъулини китобхонаро вазифадор намуд, ки ба фароҳамоварии махзани китоб, бунёди дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ, таҳияи маводи меъёрӣ ва дастуруламалҳои корӣ, ҳам барои худи китобхона ва ҳам барои китобхонаҳои бачагонаю мактабии ҷумҳурӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Аз ин рӯ, кормандони КДБҶ ба номи М. Миршакар сараввал дар ташкили низоми феҳристу картотекаҳо саҳм гузоштанд. Дар муддати на чандон тӯлонӣ **барои мактаббачагон** – феҳристҳои алифбоӣ, мураттабӣ, картотекаҳои адабиёти кишваршиносӣ, картотекаи мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо (барои хонандагони синфҳои 4-5 ва 6-8) ва **барои роҳбарони хониш** – феҳристҳои алифбоӣ ва мураттабии хидматӣ (барои хонандагони синнӣ томактабӣ ва синфҳои 1-3), феҳристи сарлавҳаи адабиёти бадеӣ, картотекаи маводи методӣ ва библиографӣ созмон доданд [6, с. 4].

Илова бар ин, аз ҷониби кормандони КДБҶ ба номи М. Миршакар низомномаҳои намунавии китобхонаҳои маркази бачагона (КМБ), шуъбаҳои бачагонаи низоми марказонидашудаи китобхонаҳо (НМК), шуъбаҳои бачагонаи китобхона-филиалҳои НМК, дастурамали намунавии кори мудири КМБ, шуъбаҳои бачагонаи НМК (Примерное положение о ЦДБ, (детском отделе) ЦБС. Примерное положение о детском отделении библиотеки-филиала ЦБС. Примерная должностная инструкция заведующего ЦДБ, (детским отделом) ЦБС. – Душанбе, 1980. – 10 с.), дастурамалҳо, дастурҳо ва маслиҳатҳои методӣ оид ба масоили такмили фонди китобхонаҳои

бачагона дар шароити НКМ (Детские библиотеки – филиалы централизованной библиотечной системы. Их роль в комплектовании фондов: метод. рекомендации. – Д., 1982. – 16 с.; Комплектование книжного фонда детской литературой в условиях централизации: метод. консультация. – Д., 1979. – 18 с.), баргузории семинарҳои методии шаҳриву ноҳиявии китобдорон (Материалы в помощь проведению городских и районных методических семинаров библиотекарей, работающих с детьми на 1978-1979 гг. – Д., 1978. – 12 с.), тартиби гузаронидани маҳфилҳои адабӣ ва дигар чорабиниҳои оммавӣ дар китобхонаҳои бачагона (Инструктивно-методические материалы о порядке организации различных литературных кружков и массовых мероприятий в библиотеках, обслуживающих детей. – Д., 1984. – 27 с.; Праздник книги: инструктивно - методическое письмо в помощь проведению Республиканского праздника детской книги. – Д., 1990. – 13 с.), шаклу услубҳои тарғиби аёнӣ ва шифоҳии китоб дар китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ (Формы и методы устной пропаганды и наглядной агитации литературы детских и школьных библиотеках: инструктивно-метод. письмо в помощь работе с детьми. – Д., 1983. – 11 с.), ба нақшагирии фаъолияти китобхона ва тайёр намудани ҳисоботи он (Сохти намунавии плани солона ва ҳисоботи ахборотии китобхонаи бачагонаи районӣ (шаҳрӣ): маслиҳатҳои методӣ оиди тартиб додан ва навиштани онҳо. – Д., 1990. – 39 с.), истифодаи нақшаҳои мавзуии нашриётҳо (В помощь работникам детских библиотек в работе с тематическими планами издательств: метод. рекомендации. – Д., 1987. – 13 с.), ҷорӣ намудани ҷадвали нави таснифоти китобдорӣ-библиографӣ (ТКБ) дар фаъолияти китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ (О внедрении советской библиотечно-библиографической классификации (ББК) в практику работы детских библиотек: метод. рек. – Д., 1981. – 10 с.; Организация работы детских библиотек и массовых библиотек, обслуживающих детей при переводе фондов и каталогов на таблицы ББК. – Д., 1984. – 25 с.; Организация фондов и каталогов школьных библиотек по таблицам ББК: метод. рек. – Д.. 1988. – 26 с.), роҳандозии хадамоти китобдорӣ ба аҳолии деҳот (Библиотечное обслуживание села Таджикской ССР: метод. письмо в помощь массовым библиотекам. – Д., 1983. – 20 с.), ташкили кори китобхонаҳои мактабӣ (Организации работы школьной библиотеке: метод. рек. – Д., 1980. – 26 с.) таҳия, нашр ва паҳн карда шуданд.

Бахусус таҳияву интишори дастурҳои методӣ оид ба ташкили дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ дар китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ [7, 10] ва услуби китобноманигории адабиёти бачагона [2] барои кормандони китобхонаҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати ташкили фонди нашрҳои маълумотдиҳанда ва библиогафӣ, низоми феҳристу картотекаҳо, захираи маълумотномаҳои иҷрошуда ва омодасозиву интишори дастурҳои библиографӣ ёрӣ расониданд.

Дар маҷмуъ маводди интишорёфта аз бисёр ҷиҳат барои омӯзиши тарзу усулҳои мукаммал гардонидани захираи китобхонаҳо, созмондиҳии дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ дар китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ, услуби тартиб додани дастурҳои гуногуни библиографӣ барои кӯдакону наврасон ва роҳбарони хониши онҳо (падару модарон, мураббияҳои боғчаҳои бачагона, омӯзгорон ва китобдорон), ташкил ва баргузории чорабиниҳои муҳимми маърифатию фарҳангӣ, роҳандозии навъҳои гуногуни хадамоти китобдорӣ-библиографӣ ба кулли китобдорони китобхонаҳои бачагона, мактабӣ ва китобхонаҳои оммавӣ, ки ба кӯдакону наврасон хизмат мерасонанд, мусоидат карда, имкон доданд, ки тавассути маводди чопшуда сатҳи дониши тахассуси худро такмил диҳанд.

Дар баробари ин, аз ҷониби кормандони КДБҶ ба номи М. Миршакар доир ба мавзуъҳои гуногун бо дарназардошти ниёзҳои иттилоотии кӯдакону наврасон ва роҳбарони хониши онҳо силсилаи дастурҳои методиву библиографӣ таҳия шуданд. Аз

ҷумла, барои пос доштани хотираи шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, омӯзишу тарғиби хотираи таърихӣ ва дар ин робита зиндасозию абадигардонии ном ва корнамоиву қаҳрамониҳои ҷовидонаи ҷанговарони тоҷик кормандони КДБҶ ба номи М. Миршакар фонди китобиро бо адабиёти тозанашри марбут ба мавзуъ такмил дода, дар радифи баргузории чорабиниҳои оммавӣ барои мактаббачагон ва роҳбарони хониши онҳо силсилаи картотекаҳои мавзуӣ, дастурҳои методӣ ва китобномаҳои тавсиявиро таҳия намуданд. Аз ҷумла, дастурҳои ба табърасидаи «Тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстии бачагон» (Тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстии бачагон: дастури методӣ-библиогафӣ. – Д., 1982. – 10 с.), «Қаҳрамонон намемиранд» (Герои не умирают: метод. рек. для детских библиотек республики. – Д., 1978. – 24 с.), «Салют, Ғалаба!» (Салют, Победа!: метод. рек. к 35-летию со дня победы над фашистской Германией. – Д., 1980. – 26 с.), «Ҷанги Бузурги … 1941 – 1945» (Великая Отечественная … 1941 – 1945: метод. – библиогр. материал к 40 – летию со дня Победы. – Д., 1983. – 16 с.), «Мо ба қадри имкон ин рӯзро наздик кардем» (Этот день мы приближали как могли: метод. рек. к 40-летию со дня Победы. – Д., 1985. – 14 с.), «Ҷанг буд …» (Была война …: метод. рек. к 45-летию Победы советского народа в Великой Отечественной войне. – Д., 1990. – 18 с.), «Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» (Таджикистан в годы Великой Отечественной войны: список лит-ры для рук. дет. чтения. – Д., 1984. – 18 с.) тӯли солҳои зиёд ҳамчун манбаи муҳим дар ташкилу баргузории чорабиниҳо ва тарғибу ташвиқи адабиёти ба ин мавзуъ ихтисосдошта мусоидат карданд ва имрӯз низ чанде аз онҳо мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия намудани насли наврас дар ҳамаи давраҳои рушди ҳаёти ҷомеа яке аз масоили муҳим ва рузмарра ҳисоб меёбад. Роҷеъ ба ин мавзуъ, дастурҳои «Тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб дар китобхонаҳои бачагона» (Трудовое воспитание и профориентация в детской библиотеке: метод. и библиогр. материалы в помощь работе с детьми. – Д., 1979. – 28 с.), «Обрӯю эътибор – дар меҳнат» (дастури методӣ – библиографӣ. – Д., 1982. – 16 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), «Мо коргарҷавононем» (Мы молодой рабочий класс: метод. – библиогр. рек. – Д., 1984. – 28 с.), «Ислоҳоти мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва вазифаҳои китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ» (Реформа общеобразовательной школы и задачи школьных и детских библиотек: метод. рек. – Д., 1986. – 24 с.) бахшида шудаанд.

Тарғиби адабиёт ва тавсияҳои мушаххас чиҳати баргузории чорабиниҳо оид ба мавзуи тарзи ҳаёти солим, мубориза алайҳи нашъамандӣ ва майзадагӣ инъикоси худро дар дастурҳои «Тарғиби адабиёти зидди майзадагӣ дар китобхонаҳои бачагона» (Пропаганда антиалкогольной литературы в детских библиотеках: метод. рек. – Д., 1986. – 14 с.), «Дар чеҳраи хатарнок» (У опасной черты: метод. рек. в помощь детским библиотекам и пропаганда антиалкогольной и противокурительной литературы. – Д., 1988. – 14 с.) ёфтаанд.

Роҷеъ ба масоили тарбияи ҳуқуқӣ (Правовые знания – всем: метод. рек. – Д., 1978. – 51 с.; Закон обо мне и мне о законе: метод. рек. по пропаганде правовых знаний. – Д., 1983. – 15 с.), мусиқӣ (Войдите в мир музыки: метод. рек. по работе с учащимися 6-8 классов для детских библиотек республики. – Д., 1979. – 15 с.), зебоипарастӣ (Эстетическое воспитание: метод. рек. в помощь детским и школьным библиотекам. – Д., 1989. – 18 с.), ҷисмонӣ (Олимпиада – 80: рӯйхати тавсиявии адабиёт барои китобхонаҳои бачагонаи ҷумҳурӣ. – Д., 1980. – 20 с.; В лучах олимпийского солнца: метод. рек. для детских библиотек. – Д., 1980. – 34 с.), атеистӣ (Тарбияи атеистии бачагон: маслиҳатҳои методӣ ба ёрии китобхонаи бачагона ва мактабӣ. – Д., 1988. – 26 с.), интернатсионалистӣ (У нас друзья на всей планете: список лит-ры в помощь интернациональному воспитанию пионеров и школьников. – Д., 1981. – 16 с.) низ

дастурҳои ҷудогона таҳия ва нашр шудаанд, ки қисме аз онҳо то имруз мавриди истифода қарор мегиранд.

Адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик тавассути дастурҳои «Ҷашн муборак устод (бахшида ба ҷашни 70-солагии Мирсаид Миршакар» (маводҳои методӣ – библиографӣ. – Д., 1982. – 11 с.), «Абдусалом Деҳотӣ» (маслиҳатҳои методӣ бахшида ба 75 солагии зодрӯзи шоир. – Д., 1986. – 10 с.), «Мирсаид Миршакар – шоири бачагон» (дастури методӣ-библиографӣ. – Д.. 1986. – 10 с.), «Устоди абёти офтобӣ» (Мастерица солнечных стихов: метод. рек. к 60-летию со дня рождения таджикской поэтессы Гулчехры Сулеймановой. – Д., 1987. – 20 с.), «Мирзо Турсунзода» (Мирзо Турсун-заде: обзор библиографических указателей. – Д., 1986. – 17 с.), «Адибони ҷавони Бадахшон» (нишондиҳандаи шарҳиҳолию библиографӣ. – Д., 1990. – 48 с.), «Кишвари азизи ман – Тоҷикистон» (Мой край родной – Таджикистан: рек. список лит-ры для уч-ся 1-8 классов. – Д., 1984. – 11 с.) мавриди тарғибу ташвиқ қарор гирифтаанд.

Дастурҳои методӣ ва библиографӣ бахшида ба омӯзиш ва тарғиби асарҳои нависандагони рус: А. С. Пушкин, М. Ю. Лермонтов, А. В. Кольцов (Русские поэты – юбилеи (А. С. Пушкин 1799-1837, М. Ю. Лермонтов 1814-1841, А. В. Кольцов 1809-1842): метод. рек. – Д., 1989. – 16 с.), Л.Н.Толстой (Слово и дело Толстого: метод. – библиогр. материал к 155 – летию со дня рождения Л. Н. Толстого. – Д., 1983. – 10 с.), К. И. Чуковский (Корней Иванович Чуковский – любимый детский поэт: метод. – библиогр. материал к 100-летию со дня рождения К.И. Чуковского. – Д., 1982. – 9 с.), С. Михалков (Сергей Михалков – детский поэт: метод. – библиогр. материал к 70-летию со дня рождения С. Михалкова. – Д., 1983. – 10 с.), Б. С. Житков (Мореход, учёный… писатель: метод. – библиогр. материал к 100-летию со дня рождения Б. С. Житкова. – Д., 1982. – 11 с.), А. Гайдар (Аркадий Гайдар – любимый писатель детей: рек. список лит-ры для рук. дет. чтения. – Д., 1984. – 10 с.), Е. И. Чарушин (Евгений Иванович Чарушин – писатель и художник детских книг: рек. список лит-ры для руководителей детским чтением. – Д., 1981. – 10 с.), А. Л. Барто (Всем детям ровесница: метод. рек. к 80-летию со дня рождения Агнии Львовны Барто. – Д., 1986. – 16 с.), Н. А. Рыбаков (75 лет. Анатолию Наумовичу Рыбакову (1911-1986): метод. рек. в помощь библиотекам, обслуживающим детей, по пропаганде литературы о творчестве писателя. – Д., 1986. – 12 с.), Ю. В. Соткин (Особое дарование: К 75-летию со дня рождения Юрия Вячеславовича Сотника: метод. рек. – Д., 1989. – 16 с.) ва дигар намояндагони адабиёти рус низ ба табъ расиданд.

КДБҶ ба номи М. Миршакар аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш дар ташкил ва баргузории «Ҳафтаи китобҳои кӯдакон ва наврасон» саҳми муносиб гузоштааст. Доир ба ин чорабинӣ китобхона силсилаи дастурҳои методиро таҳти унвони «Ҳафтаи умумииттифоқии китобҳои кӯдакон ва наврасон» (Всесоюзная неделя детской и юношеской книги 1981 год: метод. рек.. – Д., 1981. – 18 с.; …1982 год: метод. рек. – Д., 1982. – 36 с.; … 1983 год: метод. рек. – Д., 1983. – 28 с.; …1985 год: метод. рек. – Д., 1985. – 22 с.; …1986 год: метод. рек. – Д., 1986. – 40 с.; …1988 год: метод. рек. – Д., 1988. – 28 с.; …1990 год: метод. рек. – Д., 1990. – 32 с.) таҳия, нашр ва ҳамчун маркази илмӣ-методӣ дар байни китобхонаҳои бачагонаи ҷумҳурӣ паҳн намудааст.

Тавассути дастурҳои мазкур китобдорони ҷумҳурӣ имкон пайдо карданд, ки сатҳи дониши тахассусии хешро роҷеъ ба масоили услубҳои педагогии тарғиби китоб, вежагии созмондиҳию баргузории чорабиниҳои оммавӣ, аз қабили намоиши китобҳо, субҳи адабӣ, суҳбату вохӯриҳо, конференсияи хонандагон, шабҳои мавзуӣ, шабҳои саволу ҷавоб, қироат ва дигар чорабиниҳо такмил диҳанд ва тавсияномаҳои ҷолибу маслиҳатҳои муфиди мураттибонро барои дар сатҳи зарурӣ доир намудани чорабиниҳо истифода намоянд.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти библиографии КДБҶ ба номи М. Миршакар таҳияи китобномаҳо барои мактаббачагон ва роҳбарони хониши онҳо мебошад. Дар тӯли фаъолияти хеш аз ҷониби библиографони КДБҶ ба номи М. Миршакар доир ба масоили мубрами ҳар як давраи таърихӣ навъҳои гуногуни дастурҳои библиографӣ таҳия шудаанд ва вазифаҳои худро мутобиқ ба тақозои ҳамон айём то андозае иҷро кардаанд. Қисме аз онҳо арзиши услубию иттилоотӣ ва тавсиявии худро то имрӯз устувор нигоҳ дошта, дар тарғиби адабиёти гуногунмазмуну гуногунсоҳа мавриди истифода қарор мегиранд.

Дастурҳои нашркардаи Китобхона аз нигоҳи услуб ва таъйини хонандагию мақсади дастурҳо яксон нестанд ва тафовут бештар дар интихоби матн, шарҳдиҳии мазмуни аснод ва навъи дастур мушоҳида мешавад. Дар бештари дастурҳои ба ном методӣ, маводди библиографӣ низ ҷой дода шудааст.

Мураттибон барои аниқ намудани таъини хонандагию мақсади дастур, муайян кардани шаклу намуд ва жанри дастур, интихоби маҳакҳои асосии хостагирии адабиёт, шарҳ додани мазмуни аснод, ба гурӯҳдарории мавод ба хатогиҳо роҳ додаанд. Аз ҷумла, таҳлили маводи библиографии ба табъ расида нишон медиҳад, ки мураттибон на ҳама вақт ба услуби таҳияи дастурҳо, бахусус услуби шарҳи мазмуни асари тавсияшаванда, яъне тавсифнигорӣ дуруст таваҷҷуҳ медиҳанд. «Муваффақияти тавсифнигорӣ бештар дар он зоҳир мегардад, ки агар мураттиб аз дастовардҳои илми китобдорӣ, адабиётшиносию танқиди адабӣ бохабар бошад, усул ва услуби таҳлили адабиёти кӯдакро хуб донад ва ба моҳияти ҳодисаю воқеаҳои дар асар тасвиршуда дуруст сарфаҳм равад. Баъзан, дар мавриди нокифоя будани сатҳи дониши касбӣ ва адабии мураттиб дар тавсифҳо камбудиҳои ҷиддӣ, ба монанди: печдарпеч ишора шудани номи муаллифону унвони асарҳо, нодуруст баён ёфтани мазмуни асар, ғалат маънидод шудани воқеаҳо ба чашм мерасанд, ки таъсирбахшии тавсифотро халалдор сохта, қиммати услубии китобномаро паст мегардонад» [3, с. 84]. Ҳатто ба тавсифҳое дучор шудан мумкин аст, ки ба ҷои тасвири мазмуни асари тавсияшаванда, баръакс маълумоти ғалатӣ, ғайричашмдошт ва ҳатто бардурӯғро ба хонанда пешкаш менамоянд. Барои исботи фикр тавсифи ба китоби Садриддин Айнӣ «Аҳмади девбанд» нигошташударо мисол меорем: ***«Повест дар бораи гузаштаи фоҷианок ва пуразияти наврасони солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳикоят мекунад»*** [8, с.9]. Аз мазмуни чунин тавсиф ба хулосае омадан мумкин аст, ки мураттиб ба эҷодиёти С.Айнӣ хуб ошно нест ва аз комёбиҳои адабиёти бачагонаи тоҷик бо таври бояду шояд огоҳӣ надорад. Роҷеъ ба ин асар як сол қабл аз интишори китобномаи «Пионерам о пионерах» адабиётшиноси маъруфи тоҷик Раҷаб Амонов бо истифода аз афкору андешаҳои Мирсаид Миршакар ва Муҳаммадҷон Шакурӣ дар китоби «Адабиёт ва бачагон» [1] мулоҳизаҳои ҷолиб баён кардааст ва мураттиб метавонист барои таҳияи тавсиф ин маводро мавриди истифода қарор диҳад [3, с. 85].

КДБҶ ба номи М. Миршакар аз охири солҳои 70-уми асри XX дар таҳияю нашри силсилаи дастурҳои библиографии мавзуӣ, фардӣ ва кишваршиносӣ барои роҳбарони хониш саҳм гирифт. Адабиёти бачагонаи тоҷик дар дастурҳои услубии таҳиякардаи китобхона низ инъикоси худро ёфтаанд. «Китобномаҳои барои роҳбарони хониш таъйиншуда аз китобномаҳои барои кӯдакону наврасон таъйиншуда бо як қатор хусусиятҳояшон фарқ мекунанд. Дар китобномаҳои барои роҳбарони хониш таъйиншуда дар радифи шарҳи мазмуни аснод тавсияҳои услубӣ оид ба интихоб ва тарзу усули мутолиаи китоб, дуруст дарк кардану ҳамвора сарфаҳм рафтан ба мазмуну муҳтавои асар ва расмҳои дар он тасвиршуда, ҳамроҳ бо кӯдакон муҳокима намудани

китоби хондашуда, услуби тартиб додани нақшаи хониш, роҳбарӣ кардан ба раванди хониши кӯдакону наврасон ва ташаккулу инкишоф додани майлу рағбатҳои хониши онҳо, пешниҳод мешаванд» [5, с. 30].

Ҷалби хонандагон ба китобхона ва тарғиби донишҳои китобдорӣ-библиографӣ дар байни онҳо яке аз самтҳои дигари фаъолияти КДБҶ ба номи М. Миршакар мебошад. Баргузории машғулиятҳои китобдорӣ барои шинос кардани мактаббачагон ба хусусиятҳои хоси интихоби адабиёт аз захираи китобхона, сари вақт дарёфт кардани китоби зарурӣ, омӯхтани услуби пажуҳиши адабиёт бо истифода аз манбаъҳои маълумотдиҳанда (донишномаҳо, луғатҳо, луғатҳои энсиклопедӣ, маълумотномаҳо, тақвимҳо, роҳнамоҳо), феҳристу картотекаҳо, китобномаҳо ва дигар воситаҳои тарғиботӣ шароит муҳайё сохта, ба шаклгирию рушдёбии хониши онҳо пайваста мусоидат менамояд. Бо ҳамин мақсад дастури «Тарғиби донишҳои китобдорӣ-библиографӣ дар китобхонаҳои бачагона» [9] интишор ёфта, ба китобдорони ҷумҳурӣ пешниҳод шудааст. Илова бар ин, мутахассисони Китобхона дар бештари дастурҳои таҳиякардаи худ зарур донистанд, ки дар баробари тарғиби ҳамаҷонибаи масоили дар дастур матраҳшуда, ҳамзамон, барои амиқомӯзии мавзуъ теъдоди муайяни номгӯи дастурҳои методӣ ва библиографиро тавсия намоянд ва бо ҳамин восила барои пайдоишу шаклгирии библиографияи дараҷаи дуюм замина гузоранд. Масалан, дар равзанҳои алоҳидаи «Рӯйхати дастурҳои методӣ-библиографӣ»-и дастурҳои «Мирзо Турсунзода» – 33 номгӯй, «Тарбияи атеистии бачагон» – 32 номгӯй, «Мо коргарҷавононем» – 30 номгӯй, «Табиат ва кӯдакон» – 20 номгӯй, «Мирсаид Миршакар – шоири бачагон» – 8 номгӯй, «Мо ба қадри имкон ин рӯзро наздик кардем» – 7 номгӯи дастурҳои методию библиографӣ тавсия шудаанд.

Ҳамин тавр, омӯзиш ва таҳлили фаъолияти китобдорӣ-библиографии КДБҶ ба номи М. Миршакар дар даврони шуравӣ имкон дод, ки чунин хулосаҳо ҳосил шаванд:

1. КДБҶ ба номи М. Миршакар аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш барои бунёди фонди мукаммали китоб, ташкили дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ ва роҳандозии хадамоти китобдорӣ-библиографӣ пайваста кӯшиш ба харҷ додааст;

2. КДБҶ ба номи М. Миршакар дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои оммавӣ, аз қабили намоиши китобҳо, субҳи адабӣ, суҳбату вохӯриҳо, конференсияи хонандагон, шабҳои мавзуӣ, шабҳои саволу ҷавоб, қироат ва дигар чорабиниҳои муҳимми маърифатию фарҳангӣ саҳми муносиб гузоштааст;

3. Мазмуну муҳтавои маводди методию библиографии нашркардаи КДБҶ ба номи М. Миршакар аз он шаҳодат медиҳад, ки кормандони китобхона бо дарназардошти муҳиммии масоили ҳар марҳалаи рушди ҳаёти ҷомеа ба таҳияю интишори дастурҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда, то андозае комёб шудаанд;

4. КДБҶ ба номи М. Миршакар ҳамчун маркази илмӣ-методӣ ҷиҳати расонидани ёрии амалию методӣ ба китобхонаҳои бачагонаву мактабии ҷумҳурӣ ва ҳамзамон тавассути дастурҳои методию тавсиявӣ ба роҳбарони хониши кӯдакону наврасон пешниҳод намудани нақшаву сенарияҳои баргузории чорабиниҳои илмиву маърифатӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ андешидааст;

5. КДБҶ ба номи М. Миршакар дар даврони шуравӣ ҳамагӣ 11 дастури мустақили библиографӣ тартиб додааст, ки ҳамаи онҳо барои роҳбарони хониши кӯдакону наврасон таъйин шудаанд;

6. Барои кӯдакону наврасон дар даврони шуравӣ аз ҷониби КДБҶ ба номи М. Миршакар бо истиснои дастурҳои библиографии шакли хурд (рӯйхатҳои тавсиявӣ, нақшаҳои хониш) ягон китобномаи тавсиявӣ тартиб дода нашудааст.

7. КДБҶ ба номи М. Миршакар то имрӯз ҷиҳати таҳияву интишори нишондиҳандаҳои илмӣ-ёрирасони тарҷеъӣ барои кормандони илм ва муҳаққиқони соҳаи адабиёти бачагона, ташаббус нишон надодааст.

**Адабиёт**


1. Амонов, Р. Адабиёт ва бачагон [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 224 с.
2. Библиографикунонии адабиёти бачагона [Матн]: дастури методӣ / КДБҶ; тартибдиҳанда Ш.К.Тошев; муҳаррир Р.Холов. – Душанбе, 1984. – 16 с.
3. Комилзода, Ш. Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон [Матн]: мавод барои омӯзиши фан / Ш. Комилзода. – Душанбе: Фарҳанг ва маориф, 2011. – 132 с.
4. Комилзода Ш. Китобхонаи кӯдакон дар даврони истиқлол [Матн] / муҳаррир Ҳ. Сафарзода; зери назари Ф. Шарифзода. – Душанбе: Аржанг, 2024. – 226 с.
5. Комилзода, Ш. Фаъолияти библиографии Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар дар даврони истиқлол [Матн] / Ш. Комилзода // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2023. – №3 (3). – С.27-37.
6. Нашрҳои Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар: нишондиҳандаи библиографӣ (солҳои 1978-2009) [Матн] / мураттиб, муаллифи пешгуфтор ва мақолаи муқаддимавӣ Ш. Комилзода; зери назари Қ. Авғонов; КДБҶ ба номи М. Миршакар. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 60 с.
7. Организация справочно-библиографического аппарата в школьной библиотеке [Текст]: метод. рекомендации / ГРДБ ТаджССР; сост. З. Абзалова; ред. Ш. Тошев. – Душанбе, 1990. – 12 с.
8. Пионерам о пионерах: рекомендательный список книг [Текст] / ГРДБ ТаджССР; составитель Н. К. Куртаметова; редактор Н. А. Харитонова. – Душанбе, 1982. – 40 с.
9. Пропаганда библиотечно – библиографических знаний в детских библиотеках [Текст]: метод. рекомендации / ГРДБ ТаджССР; сост. Т. Н. Исмаилова. – Душанбе, 1985. – 16 с.
10. Справочно-библиографический аппарат в детской библиотеке и филиалах, обслуживающих детей [Текст]: метод. консультация в помощь библиотекам, работающим с детьми / ГРДБ ТаджССР; сост. В. Хаимова; ред. В. И. Михелева. – Душанбе, 1978. – 22 с.


# РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБДОРӢ-БИБЛИОГРАФӢ ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ
## (дар мисоли КДБҶ ба номи М.Миршакар)

Дар мақола дар заминаи фаъолияти гуногунпаҳлуи Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар масъалаҳои ташкили низоми мукаммали хадамоти китобдорӣ-библиографӣ, фароҳамоварии махзани китоб, бунёди дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ, таҳияи маводди меъёрӣ ва дастуруламалҳои корӣ ҳам барои худи китобхона ва ҳам барои китобхонаҳои бачагонаю мактабии ҷумҳурӣ, созмондиҳию баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси синнусолии хонандагон ва вежагиҳои фаъолияти роҳбарони хониш, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Чунонки таҳлил нишон додааст, китобхона аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш дар ташкил ва баргузории «Ҳафтаи китоби кӯдакон ва наврасон» саҳми муносиб гузоштааст. Доир ба ин чорабинӣ ва дигар чорабиниҳои маърифатӣ-фарҳангии китобхона силсилаи дастурҳо ва тавсияҳои методӣ таҳия, нашр ва паҳн шудаанд. Ба андешаи муаллифон, тавассути маводди мазкур китобдорони ҷумҳурӣ имкон пайдо карданд, ки сатҳи дониши тахассусии хешро роҷеъ

ба масоиле чун услубҳои педагогии тарғиби китоб, вежагии созмондиҳию баргузории чорабиниҳои оммавӣ, аз қабили намоиши китобҳо, субҳи адабӣ, суҳбату вохӯриҳо, конференсияи хонандагон, шабҳои мавзуӣ, шабҳои саволу ҷавоб, қироат ва дигар чорабиниҳо такмил диҳанд ва тавсияномаҳои ҷолибу маслиҳатҳои муфиди мураттибонро барои дар сатҳи зарурӣ доир намудани чорабиниҳо истифода намоянд.

**Калидвожаҳо:** Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар, фаъолияти китобдорӣ-библиографӣ, дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ, дастури методӣ, тавсияи методӣ, чорабиниҳои маърифатӣ-фарҳангӣ, рушд, замони шуравӣ, мактаббачагон, роҳбарони хониш.

## РАЗВИТИЕ БИБЛИОТЕЧНО-БИБЛИОГРАФИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СОВЕТСКОЕ ВРЕМЯ (на примере ГРДБ им. М. Миршакар)

В статье на основе многофункциональной деятельности Государственной республиканской детской библиотеки имени М. Миршакара изучены и проанализированы вопросы организации комплексной системы библиотечно-библиографическое обслуживание, комплектование книжных фондов, создание справочно-библиографического аппарата, разработка нормативных и инструктивных материалов как для самой библиотеки, так и для детских и школьных библиотек республики, организация и проведение просветительских и информационных мероприятий с учетом специфических возрастных особенностей учащихся и особенностей деятельности руководителей чтения. Как показал анализ, с первых дней своего существования библиотека внесла значительный вклад в организацию и проведение «Недели детской и юношеской книги». По этому и другим образовательно-культурным мероприятиям библиотекой разработан, опубликован и распространен ряд методических пособий и рекомендаций. По мнению авторов, благодаря этому материалу библиотекари республики получили возможность повысить уровень своих профессиональных знаний по вопросам педагогических стилей продвижения книг, организации и проведения массовых мероприятий, таких как книжные выставки, утренники, беседы и встречи, читательские конференции, тематические вечера, вечера вопросов и ответов, чтения и другие мероприятия, а также использовать привлекательные рекомендации и полезные советы составителей для проведения мероприятий на необходимом уровне.

**Ключевые слова:** Государственная республиканская детская библиотека имени М. Миршакар, библиотечно-библиографическая деятельность, справочно-библиографический аппарат, методическое пособие, методическая рекомендация, познавательно-культурные мероприятий, развитие, советское время, школьники, руководители чтения.

## DEVELOPMENT OF LIBRARY AND BIBLIOGRAPHIC ACTIVITIES DURING THE SOVIET PERIOD (ON THE EXAMPLE OF THE M. MIRSHAKAR REPUBLICAN STATE CHILDREN'S LIBRARY)

The article examines various aspects of the activities of the M. Mirshakar Republican State Children's Library, focusing on the establishment of a comprehensive system of library and bibliographic services, the development of a book collection, the creation of an information and bibliographic apparatus, and the preparation of normative materials and methodological manuals – both for the library itself and for school and children's libraries across the republic.

Particular attention is paid to the organization and implementation of educational and informational events tailored to the age-specific characteristics of readers and to the work of reading supervisors. Analysis shows that from its earliest years, the library played a significant role in organizing and conducting the *"Children's and Youth Book Week"*. A series of methodological guides and recommendations were developed, published, and distributed to support this and other cultural and educational activities of the library.

According to the authors, these materials enabled librarians throughout the republic to enhance their professional knowledge in such areas as pedagogical methods of book promotion, the organization of public literary and educational events — including book exhibitions, literary mornings, reader conferences, thematic evenings, discussion clubs, reading competitions, and question-and-answer sessions. The recommendations and practical advice prepared by the library staff helped librarians effectively plan and conduct cultural and educational events at the required professional level.

**Keywords:** M. Mirshakar Republican State Children's Library, library and bibliographic activities, information and bibliographic apparatus, methodological guide, methodological recommendation, cultural and educational events, development, Soviet period, schoolchildren, reading supervisors.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Комилзода Шариф** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сармутахассиси МД «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Теҳрон 5. Тел.: (992) 900-67-18-06; E mail: komilzoda1958@mail.ru

**Камолзода Сайфиддин** – муовини директори МД «Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент. Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Теҳрон 5, тел.: (+992) 918-23-28-22; 221-89-76. E-mail: kamolzoda70@mail.ru

**Сведения об авторах:** Комилзода Шариф – кандидат педагогических наук, доцент, главный специалист ГУ «Национальная библиотека» Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Тегеран 5. Тел.: (992) 900-67-18-06; Электронная почта: komilzoda1958@mail.ru

**Камолзода Сайфиддин** – заместитель директора ГУ «Национальная библиотека» Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат педагогических наук, и.о. доцента. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Тегеран 5, тел.: (+992) 918-23-28-22, 22189-76. E-mail: kamolzoda70@mail.ru

**Information about the o authors:** Komilzoda Sharif – Candidate of Pedagogical Sciences, associate Professor, chief specialist of the State Institution «National Library» of the Executive Office of the President of the Pepublic of Tajikistan. Address: 734024, Pepublic of Tajikistan, Dushanbe, Tehran Street 5. Tel.: (992) 900-67-18-06; Email: komilzoda1958@mail.ru

**Kamolzoda Sayfiddin** – Deputy Director of the State Institution "National Library" of the Executive Office of the President of the Pepublic of Tajikistan, Candidate of Pedagogical Sciences, acting. assistant professor. Address: 734024, Pepublic of Tajikistan, Dushanbe, st. Tehran 5, tel.: (+992) 918-23-28-22; 221-89-76. E-mail: kamolzoda70@mail. ru

**ТАЪРИХНИГОРӢ, МАЪХАЗШИНОСӢ, МЕТОДҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ**
**ИСТОРИОГРАФИЯ, ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ, МЕТОДЫ ИСТОРИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ**
**HISTORIOGRAPHY, SOURCE STUDY, METHODS OF HISTORICAL RESEARCH**

**ТДУ 9:323 (092)+321.01 (575.3)**

# АЗ ХУҶАНД ТО ХУҶАНД: ТАҶРИБАИ СУЛҲОФАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**Шарифзода Саидҳомид Сафар**
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баъд аз касби истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991, чанде нагузашта кишвари мо ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дучор гардид. Вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва мафкуравии кишвар то ҷое мураккаб гардид, ки кишварро хатари аз даст додани истиқлоли давлатӣ таҳдид менамуд.

Дар чунин вазъи мураккаб, Тоҷикистон ба роҳбари содиқу сарсупурдае ниёз дошт, ки омода бошад ҷони худро дар хатар андохта, кишварро аз нобудӣ наҷот диҳад.

Ҳамин тавр, 19 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарореро ба имзо расонид, ки тибқи он Раҳмонов Эмомалӣ Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид [20, с.42].

Интихоби Эмомалӣ Раҳмон дар ҳоле сурат гирифт, ки вазъи сиёсии кишвар мураккаб ва пешгӯинашаванда буд. Дар он замон, сохторҳои қудратии кишвар фалаҷ гардида, кафолати ҳифзи ҷони шаҳрвандон, фаъолияти озоди ниҳодҳои давлатию ҷамъиятиро дода наметавонистанд [20, с.42].

Пас аз интихоб шуданашон ба сифати Раиси Шурои Олӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аввалин ваъдае, ки ба мардуми шарифи Тоҷикистон доданд, "ман ба Шумо сулҳ меорам" буд.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки яке аз хислатҳои наҷиби роҳбари давлат, ки омили муҳимми расидан ба ваҳдату ягонагӣ гардид ва он дар замири Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ҳувайдо буд, бахшиши гуноҳи афроде буд, ки дар давраи аввали низоъи миллӣ ба ҷиноят даст зада буданд.

Ҳамин тавр, 24 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд аз ҷониби Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонов Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят содир намудаанд" ба ҳисоб мерафт.

Мақсади асосии қонун хотима додан ба ҷанги бародаркушӣ, пешгирии фоҷиаи миллии ҷумҳурӣ ва харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гуруҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти муътадили ниҳодҳои давлатӣ ба ҳисоб мерафт.

Тибқи моддаи аввали қонуни мазкур шахсоне, ки дар ҳаракатҳояшон нишонаҳои зерин мавҷуд буданд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод карда мешуданд:

- ғасби биноҳои мақомоти ҳокисмият в идораи давлатӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳо, алоқа ва иншоотҳо;

- муҳосираи роҳҳои нақлиёт ва роҳи оҳан, пулҳо, биноҳо, истгоҳҳои нақлиётӣ, истгоҳҳо, фурудгоҳҳо, биноҳои телевизион ва радио, иншооту алоқа, ки бо оқибатҳои сангин наанҷомида бошанд;

- ташкил ва гузаронидани гирдиҳамоиҳо, раҳпаймоиҳо ва намоишҳои ба қайд гирифтанашуда;

- вайрон кардани сарҳади давлатӣ, ки ба қочоқи маводи мухадир вобаста нестанд [5, с.1].

Дар робита ба чунин иқдомҳои башардӯстонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 17 маротиба санадҳои авф тасвиб гардида, зиёда аз 170 ҳазор нафар ҷинояткорон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод карда шудаанд. Ҳамаи ин иқдомот ба хотири таъмин намудани амнияти миллату давлат, сулҳу суботи комил, ваҳдати миллӣ буд [16].

Иқдоми мазкур таҷрибаи нодир дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва расидан ба сулҳи пойдор ҳисобида мешавад. Дар робита бо ин метавон иброз намуд, ки аввалин андешаҳои сулҳхоҳона ва сулҳофарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон маҳз аз Иҷлосияи тақдирсоз дар шаҳри Хуҷанд манша гирифта буданд.

Маҳз зимни Иҷлосияи тақдирсози шаҳри Хуҷанд бо пешниҳоди Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонов иҷлосия дар бораи сулҳу ризоиш қарор қабул кард. Аз рӯи ин қарор 26 ноябри соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “Рӯзи сулҳу ризоияти миллӣ” эълон гардид [1, с.1].

Дар заминаи тадбирҳои андешидаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон яке аз руйдодҳои муҳим дар таърихи навини давлатдориамон “Мурочиатномаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Эмомалӣ ба халқи шарифи Тоҷикистон” буд, ки санаи 12 декабри соли 1992 ироа гардид. Ҳангоми ироаи Мурочиатнома Раиси Шурои Олӣ Раҳмонов Эмомалӣ иброз намуда буданд, ки «тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам» [10, с.1].

Дар робита бо ин аз рӯи мазмуну муҳтаво метавон Мурочиатномаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Эмомалӣ ба халқи шарифи Тоҷикистонро, ***аввалин Паёми стратегии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*** номид, зеро он аз рӯи сохтор ва мазмуну муҳтаво ба Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ пурра монанд буд.

Маҳз зимни ин Мурочиатнома Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Эмомалӣ вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳуриро таҳлилу баррасӣ намуда, вазифаҳои зеринро ҷиҳати таъмини рушди устувори мамлакат муайян намуданд:

1. Ҳарчи зудтар дар тамоми гушаву канори Тоҷикистон ҳокимият ва мақомоти идоракуниро барқарор намуда, кори пурмаҳсули онҳоро таъмин намоем;

2. Дар маҳалҳо сохтори мақомоти амалкунандаи ҳифзи ҳуқуқро барқарор карда, ба онҳо барои иҷрои вазифаҳои муқаддаси худ шароит фароҳам оварем, то онҳо ҳаёти халқ ва амнияти шаҳрвандони ҷумҳуриро тибқи меъёрҳои умумибашарӣ таъмин намоянд;

3. Гурезаҳо ба шаҳру деҳот ва манзили худ баргардонида, онҳоро бо сару либос, хурокворӣ таъмин намуда, барои кори бонизом дар роҳи барқарор кардани харобазорҳо шароит фароҳам оварем;

4. Ҳарчи зудтар кори корхонаҳо, муассисаҳо, хоҷагиҳоро барқарор карда, одамонро ба кори фоидабахши ҷамъиятӣ ҷалб намудан зарур аст. Дар як вақт фаъолияти корхонаҳои хурд ва муносибатҳои бозоргониро инкишоф бояд дод: барои

иқтисоди ҷумҳуриро зина ба зина ба муносибатҳои бозоргонӣ гузаронидан мунтазам фаъолият карда, дар бораи ислоҳоти хоҷагии қишлоқ, молия, низоми бонкӣ, истифодаи боигариҳои зеризаминӣ, таълими кадрҳои баландихтисос, ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус одамони камбизоат барномаи махсус қабул намудан зарур аст.

Зимнан, Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонов иброз намуданд, ки барои ҳар як давлати соҳибистиқлол масъалаҳои зеринро *ҳаётан муҳим* мешуморам:

- асоси қонунии Тоҷикистонро нав карда, онро бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсис дода, барои бунёди давлати нав – давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст;
- таъсис додани Артиши миллӣ, пурзур кардани дифои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид шудани ҷумҳурӣ ба ҷомкаи ҷаҳонӣ, барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси муносибатҳои баробарҳуқуқӣ ва мутақобилан судманд ҳамкорӣ намоянд;
- аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;
- мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама бо Федератсияи Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон.

Ҳамзамон, Эмомалӣ Раҳмонов иброз намуда буданд, ки “давлати мустақил ва соҳибистиқлоли мо дар роҳи истиқлолият қадамҳои аввалин мегузорад.

Инчунин, дар асоси риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва баробарҳуқуқӣ, аз ҷумла дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар, мо муносибати худро бо мамлакатҳои ҳамсоя – Афғонистон, Покистон, Хитой, Эрон ва дигар давлатҳои Осиёву Африқо ва Аврупою Амрико барқарор менамоем. Маҳз ҳамин нуктаҳоро коршиносон ва олимони соҳаи равобити байналмилал, дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон самтгирӣ ва ҳавзаҳои асосии таҳкими равобити дипломатӣ арзёбӣ менамоянд [10, с.1].

Дар робита бо ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Сарвари сулҳпарвараш дар зарфи андак муддат муносибатҳои дипломатии худро бо кишварҳои олам тавсеа бахшид. Барои муқоиса агар ба санаи 8 январи соли 1992 Тоҷикистонро 45 давлати дунё ба расмият мешинохт [17, с.1], пас то имрӯз кишвари мо бо 187 кишвари олам равобити дипломатӣ барқарор намудааст.

Таъкид ба мавриди хос аст, ки андешаҳои сулҳхоҳонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон боиси он гардид, ки соли 1994 ҳангоми таҳияи Қонуни асосии кишвар масъалаи сулҳхоҳии Тоҷикистон мақоми афзалро пайдо намуд, ки аз замири миллати мутамаддини тоҷик ва сарвари сулҳофараш Эмомалӣ Раҳмон бар меомад.

Вобаста ба масъалаи мазкур мо дар моддаи 11 Қонуни асосии кишвар эълом намудем, ки “Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад.”

Зимни талошҳои пайваста ва андешидани чораҳои зарурӣ, ҷиҳати таъмини сулҳу субот ва ваҳдату ягонагӣ бо талошҳои хастанопазири Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ҳашт даври музокирот аз санаи 5-19 апрели соли 1994 дар Москва то 22-28 майи соли 1997 даври ниҳоии гуфтушуниди тоҷикон оид ба мусолиҳаи миллӣ дар шаҳри Теҳрон анҷом ёфта, давраи хотимавии он баъд аз 216 рӯз, санаҳои 24-27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва бо имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфт.

Пас аз имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мо ба марҳалаи нави рушди фарогир қадам ниҳодем. Барои мисол, дар зиёда аз бист соли охир рушди солонаи иқтисоди кишварамонро дар сатҳи 8,3 фоиз таъмин намуда, маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакатро аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000 то беш аз

150 миллиард сомонӣ дар соли 2024 ва дар натиҷа сатҳи камбизоатиро аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш додем, ки он натиҷаи ваҳдат ва суботи сиёсӣ дар ҷомеаи кишвар мебошад [12].

Дар заминаи сабақи таърихӣ аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, инчунин муқовимат бо тамоми тамоюлҳои номатлуб, ба монанди ҷудоихоҳӣ, терроризму экстремизм Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пайваста аз минбарҳои баланди Созмони Миллали Муттаҳид ҷомеаи ҷаҳониро дар муқовимат бо ин тамоюлҳо, ки омили асосии аз байн бурдани ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу осоиштагӣ мегарданд даъват менамоянд.

Таҷрибаи сулҳмеҳвари давлатдории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон боис гардид, ки дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон тайи се даҳсолаи охир ду раванди Душанбе - “Раванди оби Душанбе” ва “Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм” ҳамчун барномаи муҳимми таҳлилу баррасии масъалаҳои мазкур дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардад.

Моҳиятан ду раванди мазкур, бахусус ба таъмини амнияти байналмилалӣ ва дастгирии сулҳ дар олам, инчунин, бақои ҳаёт ва рушди устувори инсоният равона гардидаанд.

Ҳамзамон, дар заминаи андешаҳои сулҳофарӣ хеш Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамоянд, ки “инсоният дар асри нав бояд на душман, балки дӯст ҷӯяд ва бо истифода аз нерӯҳои зеҳнии хеш наслҳоро ба пуштибонию дастгирии сиёсати фарҳанги сулҳ омода созад” [19].

Дар робита бо ин, таъкиди ташаббуси нави Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар арсаи байналмилалӣ, ҷиҳати қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон гардидани “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” зарур мешуморам.

Пеш аз ҳама, ташаббуси мазкур бо дарназардошти вазъи сиёсии ҷаҳони муосир мубрам ва саривақтӣ мебошад. Зеро, таҳлили омори ниҳодҳои байналмилалӣ, аз ҷумла оҷонсиҳои соҳавӣ (SOS Children’s Villages) нишон медиҳанд, ки ҳоло дар дунё 470 миллион кудакон аз ҷанг ранҷ мебаранд, ки он 19 % шумораи умумии кудакони сайёраро (1,9 миллиард) дар бар мегирад. Вазъи мавҷуда ба мафкураи насли оянда ва дур мондани онҳо аз таълиму тарбия ва коста шудани андешаи сулҳу ваҳдат таъсири амиқ мерасонад.

Дар робита ба масъалаи мазкур Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамоянд, ки мардуми мо алалхусус насли ҷавони кишвар андешаи сулҳу ваҳдатро ҳамчун ҷузъи муҳимтарину ҷудоинопазири фарҳанг ва ҳувияти миллӣ қабул намоянд ва ба хотири таҳкими ҳарчи бештари он саъю талош варзанд [15].

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки пайваста зери таваҷҷуҳи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад, таъмини амнияти минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита бо ин Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи таҳкими ҳамкориҳои дӯстӣ ва ҳамҷаворӣ, шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир менамоянд. Пас аз чандин давраи музокиротҳо миёни Тоҷикистону Қирғизистон ҷиҳати ҳалли мусолиматомези баҳси марзии солҳои 2002, 2003, 2014 ва 2019 дар сарҳади ду кишвар муноқишаҳои мусаллаҳона рух дада, ин ҳодисаҳо солҳои 2021 ва 2022 ба авҷи худ расида, даҳҳо кушта ва садҳо захмиро ба ҷо гузоштанд [2]. Ҳолати мазкур аз як тараф муносибатҳои байнидавлатиро сард намуда, аз тарафи дигар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Водии Фарғонаро ба фазои эҳтимолии авҷи муноқишаҳои мусаллаҳона ва дароз гаштани дасти мудохилаи бозингарони геосиёсии минтақавӣ ва байналмилалӣ табдил медод [9].

Маҳз дар заминаи андешаҳои сулҳхоҳонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи манфиатҳои ҳаётан муҳимми Тоҷикистон, ҷиҳати эҷоди навори амният ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар тӯли марзҳои кишвар, инчунин, инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои олам, дар ҳамкории зич бо сарони давлатҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон, ки ба сафари корӣ ба сарзамини ваҳдатофари Тоҷикистони соҳибистиқлол ташриф оварда буданд, 31 марти соли 2025 санадҳои муҳимми таърихӣ – Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва қабули **“Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ”** дар фазои тантанавӣ аз ҷониби сарони давлатҳо ба имзо расонида шуд.

Қабули Эъломияи мазкур намунаи олии ҳалли баҳсҳои байнидавлатӣ бо роҳи сулҳомез ва музокира буда, таҷрибаи намунавӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Моҳиятан қабули санадҳои мазкур аз ҷумла, “Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ” ба ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ миёни се кишвар ва чолишҳои минтақавӣ, инчунин рушди ҳамкориҳо дар шакли зерин мусоидати ҷиддӣ менамояд

1. ҳалли масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи марзҳо миёни кишварҳои минтақа, ки имкони барангехтани низоъҳо миёни қавму халқҳои минтақаро ба бор меовард;

2. бартараф намудани монеаҳои гуногун дар ростои ҳамгироии муассири минтақавӣ, омаду рафти озоди одамон ва ҳамлу нақли бемамониати молу хизматрасонӣ;

3. табдил додани Водии Фарғона аз минтақаи эҳтимолии низоъангез ба макони имконият, рушд ва тавсеа;

4. тақвияти талошҳо ҷиҳати эҷоди навори амният ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар тӯли марзҳои Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа;

5. боз ҳам инкишоф додани муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақа;

6. мусоидат ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ миёни минтақаҳои наздисарҳадӣ ва боло рафтани ҳаҷми табодули мол миёни кишварҳо.

Аз ин рӯ, бо итминони комил гуфта метавонем, ки таҷрибаи сулҳофарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз Иҷлосияи тақдирсоз дар шаҳри Хуҷанд оғоз гардида, то имзои “Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ” ва дигар иқдомҳои сулҳхоҳона ва башардӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз сатҳи миллӣ манша гирифта, ба сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ расидаанд, ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилаӣ мусоидати ҷиддӣ менамоянд.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки бо назардошти саҳми бузург дар эҳё ва таҳкими давлатдории навини Тоҷикистон ва таҳкими сулҳу ваҳдат дар кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 декабри соли 1999 бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамзамон, мардуми сипосгузори тоҷик ба поси азхудгузаштагӣ ва муборизаҳои ҷоннисоронаи Сарвари худ дар бунёди давлати муосири Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат пешбарӣ намудаанд. Дарвоқеъ, қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат” рӯйдоди одилонаву таърихӣ мебошад, ки 14 ноябри соли 2016 № 1356 ба тасвиб расонида шуд. [4]

Инчунин, бо назардошти саҳми арзанда дар таҳкими сулҳ ва амнияти байналмилалӣ то имрӯз ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби созмону ниҳодҳои бонуфузи байналмилалӣ ва тақрибан 20 давлати дунё аз чор

сӯи олам, 27 орден, 12 медал, 8 доктори фахрӣ, 12 профессори фахрӣ ва 5 нишони фахрӣ тақдим гардидааст. Миёни онҳо аз ҷумла, 2 ордени дӯстӣ ва 3 ҷоизаи сулҳ мебошанд [13].

Ҳамзамон бо ин, барои саҳми шоистаи шахсии Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими амнияту суботи минтақавӣ, рушди муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи судбахши миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам минтақавӣ, инчунин роҳбарони кишварҳои абарқудрати дунё Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро ба мукофотҳои олии давлатӣ сарфароз гардонидаанд.

Ҳамин тавр, санаи 23 августи соли 2012 дар шаҳри Ишқобод аз ҷониби Президенти вақти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти*“саҳми шоистаи шахсӣ дар таҳкими амнияту суботи минтақавӣ, рушди муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунпаҳлӯи судбахши миёни ду кишвар ва дастгирии мавқеи бетарафии ин кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ”* ба ***мукофоти олии давлатӣ - ордени Президенти Туркманистон Битараплик (Бетарафӣ)*** сарфароз гардонида шуд.

Инчунин, 17 августи соли 2018 дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, *“барои саҳми сазовори шахсӣ дар таҳкими робитаҳои бисёрасраи дӯстӣ, таъмиқи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, тавсеаи робитаҳои гуногунҷанбаи фарҳангӣ ва гуманитарӣ байни халқҳои бародари узбеку тоҷик, барои хизматҳои бузург дар рушди ҳамкории самарабахши ҷумҳуриҳ ба манфиати наслҳои имрӯзу оянда, ташаббусҳои самаранок барои таъмини сулҳ, амният ва субот дар минтақаи мо”* **бо мукофоти олии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ордени “Эл Юрт Ҳурматӣ”** сарфароз гардонида шуданд [8].

Ҳамзамон, санаи 04 майи соли 2023 дар шаҳри Остона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев бо дарназардошти *“саҳм ва хизматҳои шоёни Пешвои миллат дар таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманди миёни ду кишвар”* **бо нишони олии Қазоқистон ордени «Алтин Қирон»** сарфароз гардонида шуданд [7].

Зиёда аз ин, дар рафти Вохӯрии сеюми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки 06 августи соли 2021 дар шаҳри Туркманбошии Ҷумҳурии Туркманистон баргузор гардид, “*барои хизматҳои шоиста дар рушди муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказӣ, таҳкими сулҳу амният дар минтақа, пешбурди манфиатҳо ва ташаббусҳои муштараки кишварҳои минтақа дар арсаи байналмилалӣ”* [11, с.25], бо Қарори муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ нахустин ***мукофоти олӣ – “Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ”*** дар вазъияти тантанавӣ ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон тақдим гардид [20, с.46].

Инчунин, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби роҳбарони қудратҳои ҷаҳонӣ низ ҳамчун сиёсатмадори сулҳофар эътироф гардидааст.

Дар ин замина, санаи 21 ноябри соли 2023 бо Фармони Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин бо назардошти “саҳми бузурги шахсӣ дар таҳкими муносибатҳои шарикӣ ва иттифоқии стратегӣ байни Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таъмини суботу амнияти минтақавӣ”, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо ***ордени «Барои хизмат дар назди Ватан» дараҷаи III*** сарфароз гардонида шуданд [18].

Таъкид намудан ба маврид аст, ки санаи 5 июли соли 2024 мутобиқи “Қонуни Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои фахрии давлатӣ” “барои саҳми арзанда ва мусоидати бисёрсола дар рушду густариши робитаҳои дӯстии

неки ҳамсоягӣ ва шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ" Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо ***ордени "Дӯстӣ" Ҷумҳурии Мардумии Чин*** сарфароз гардонда шуданд.

Зимни маросими сарфарозгардонӣ Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими муносибатҳои накуи ду кишвари дӯсту бародар ва дар сиёсатҳои минтақавию ҷаҳонӣ боризу барҷаста номида, таъкид доштанд, ки ба ин хотир *бори аввал дар таърихи давлатдории Чин ин мукофоти олии давлатӣ - Ордени "Дӯстӣ"- Ҷумҳурии Мардумии Чин берун аз кишвар тақдим карда мешавад* [6].

Масъалаҳои болозикр гувоҳи он аст, ки таҷрибаи сулҳофарӣ ва нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу амнияти байналмилалӣ ва дӯстӣ миёни мардумони олам эътирофи ҷаҳонӣ касб намудааст.

Дар маҷмуъ, вобаста ба дарки воқеии масъалаҳои мазкур, таҳлилу баррасии бештари моҳияти ваҳдати миллӣ ва таҳкими сулҳу суботи кишвар дар давраи дарозмуддат пешниҳодҳои зеринро манзур менамоем:

- бо назардошти таҷриба ва саҳми Тоҷикистон дар таъмини амнияти минтақавию байналмилалӣ, таъсис додани "Донишгоҳи сулҳи Тоҷикистон" дар шаҳри Душанбе;
- тарғиби аҳаммияти "Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ" дар доираҳои илмии миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар самти ваҳдати кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- таҳлилу таҳқиқи илмӣ ва таҳияи амсилаи намунавии "сулҳофарии" Тоҷикон ва тарҷумаи он бо забонҳои аввали Созмони Милали Муттаҳид;
- дар баробари "Раванди Душанбе" зимни ҳамкорӣ бо сарпарастони "Муколамаҳои байналмилалии сулҳ ва амният" табдили Душанбе ба майдони баргузории "марҳалаҳои душанбегӣ" ва таҳлилу баррасии масъалаҳои сулҳу амният, аз қабили Конфронси Мюнхен оид ба амният, "Гуфтугуи Теҳрон" дар кишвари мо ва ғайраҳо.

**Адабиёт**


1. Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ҷумҳурият. – 1992. – 1 декабр.
2. Киргизия и Таджикистан подписали договор о прекращении конфликтов [Текст]. [Электронный ресурс]. URL: https://ria.ru/20220925/dogovor-1819318257.html. (дата обращения: 21.06.2025).
3. Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикстон" [Матн] // Ҷумҳурият. – 1992. – 24 ноябр.
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат". ш.Душанбе, 14 ноябри соли 2016 № 1356 [Матн]. [Манбаи электронӣ. URL: http://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView? DocumentId= 128045. (санаи муроҷиат: 10.06.2025).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят содир намудаанд" [Матн] // Ҷумҳурият. – 1992. – 3 декабр.
6. Маросими сарфарозгардонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофоти олии Ҷумҳурии Мардумии Чин - ордени "Дӯстӣ". 05.07.2024. шаҳри Душанбе [Матн] [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.president.tj/event_by_ theme/ bilate ral _relations/china/37885. (санаи муроҷиат: 21.06.2025).
7. Маросими супоридани мукофоти давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон - ордени "Алтин Қирон" ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

04.05.2023, Қазоқистон [Матн] [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/30589. (санаи муроҷиат: 28.06.2025).

8. Маросими супоридани мукофоти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ордени “Эл Юрт Ҳурматӣ” ба Пешвои миллат.17.08.2018, Узбекистон [Матн] [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/18184. (санаи муроҷиат: 23.06.2025).

9. МИД Киргизии обсудил с госсекретарем США конфликт с Таджикистаном [Текст]. [Электронный ресурс]. URL: https://ria.ru/20220923/blinken-1818882097.html. (дата обращения: 25.06.2025).

10. Муроҷиатномаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Эмомалӣ ба халқи шарифи Тоҷикистон [Матн] // Ҷумҳурият. – 1992. – 12 декабр.

11. Мухаммадзода, П. А. Эмомали Рахмон - выдающийся политик мирового уровня [Текст] // Таджикистан и современный мир. – 2023. – № 3 (83). – С. 24-32.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 28.12.2024. шаҳри Душанбе [Матн] [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.president.tj/event/missives/49225. (санаи муроҷиат: 23.06.2025).

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.04.2002, шаҳри Душанбе [Матн] [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://prezident.tj/event/missives/6240. (санаи муроҷиат: 05.06.2025).

14. Президент. Шарҳи ҳол. Эмомалӣ Раҳмон [Матн] [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.president.tj/president/biography. (санаи муроҷиат: 18.06.2025).

15. Суханронӣ ба муносибати 18-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ. 26.06.2015, шаҳри Душанбе [Матн] [Манбаи электронӣ]. URL: https://prezident.tj/event_by_theme/ internal_ poli tics/national_unity/8584. (санаи муроҷиат: 22.06.2025).

16. Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. 09.03.2024, шаҳри Душанбе [Матн] [Манбаи электронӣ]. URL: https://www. president. tj/event/speeches/37084. (санаи муроҷиат: 20.06.2025).

17. Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд [Матн] // Ҷумҳурият. – 1992. – 8 январ.

18. Указ Президента Российской Федерации от 04.10.2022 г. № 704. О награждении орденом «За заслуги перед Отечеством» III степени Президента Республики Таджикистан Рахмона Э. Президент Российской Федерации В.Путин. Москва, Кремль 4 октября 2022 года № 704 [Текст]. [Электронный ресурс]. URL: http://kremlin.ru/ acts/ bank/48353. (дата обращения: 28.06.2025).

19. Ҷоизаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.president.tj/president/awards. (санаи муроҷиат: 21.06.2025).

20. Шарифзода, С. С. Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳамкориҳои минтақавии Осиёи Марказӣ / С.С. Шарифзода [Матн] // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – №4 (84). – С. 41-50.

## АЗ ХУҶАНД ТО ХУҶАНД: ТАҶРИБАИ СУЛҲОФАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Дар мақола яке аз масъалаҳои мубрам дар шароити нави муносибатҳои байналмилалӣ, масъалаи сулҳ, ваҳдат ва таъмини амният мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф талош намудааст, ки рӯйдодҳои муҳимми солҳои аввали истиқлоли давлатиро таҳлилу баррасӣ намуда, аҳаммияти сулҳу ваҳдатро дар як давраи барои Тоҷикистон муҳим нишон диҳад.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар таҳқиқот муаллиф ҳамчун навгонӣ нишон додааст, дарки мавзуъ ва мафҳуми “аз Хуҷанд то Хуҷанд”- яъне ибтидои талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини сулҳу субот ва ваҳдату ягонагӣ аз Иҷлосияи тақдирсоз дар шаҳри Хуҷанд (16 ноябр то 2 декабри соли 1992) то имзои санадҳои муҳимми таърихӣ – Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва қабули“Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ” дар таърихи 31 марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд мебошад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки бо талошҳои сулҳхоҳонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик тавонист дар заминаи Иҷлосияи тақдирсоз дар шаҳри Хуҷанд (аз Хуҷанд) ба сулҳу ваҳдати миллӣ, инчунин, таҷрибаи сулҳофарӣ ва қабули“Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ” (то Хуҷанд) ба ваҳдат ва таъмини сулҳ дар минтақа даст ёбад.

Ҳамзамон, муаллиф талош намудааст, ки иқдомҳои муҳим ва таҷрибаи сулҳофарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ таҳлил намуда, хулосаҳои мушаххасро манзур намояд.

**Калидвожаҳо:** таҷриба, сулҳофар, Пешвои миллат, Эъломияи Хуҷанд, дӯстии абадӣ, тақдирсоз, сулҳ, ваҳдат, таърихӣ, вазъи сиёсӣ, байналмилалӣ, Муроҷиатнома, авввалин Паёми стратегӣ.

## ОТ ХУДЖАНДА ДО ХУДЖАНДА: МИРОТВОРЧЕСКИЙ ОПЫТ ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА

В статье анализируется и рассматривается одна из актуальных проблем в новом контексте международных отношений — проблема мира, единства и обеспечения безопасности.

Автор предпринял попытку проанализировать и обсудить важные события первых лет государственной независимости и показать важность мира и единства в критический для Таджикистана период.

Одним из важных вопросов, который автор выделил как новаторский в исследовании, является осмысление темы и понятия «от Худжанда до Худжанда» - то есть начало усилий Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона по обеспечению мира, стабильности и единства от судьбоносного заседания в городе Худжанде (16 ноября - 2 декабря 1992 года) до подписания важных исторических документов - Договора между Республикой Таджикистан, Республикой Кыргызстан и Республикой Узбекистан о точке соединения государственных границ трех стран и принятия «Худжандской декларации о вечной дружбе» 31 марта 2025 года в городе Худжанде.

Автор подчеркивает, что благодаря миролюбивым усилиям Лидера нации Эмомали Рахмона таджикский народ смог достичь мира и национального единства на основе судьбоносной Сессии в городе Худжанде (от Худжанда), а также опыта миростроительства и принятия «Худжандской декларации о вечной дружбе» (до Худжанда), единства и обеспечения мира в регионе.

В то же время автор предпринял попытку проанализировать важные инициативы и миротворческий опыт Лидера нации Эмомали Рахмона на национальном и международном уровнях и сделать конкретные выводы.

**Ключевые слова:** опыт, миротворец, Лидер нации, Худжандская декларация, вечная дружба, судьбоносный, мир, единство, исторический, политическая ситуация, международный, Обращение, первое Стратегическое послание.

## FROM KHUJAND TO KHUJAND: THE PEACEBUILDING EXPERIENCE OF THE LEADER OF THE NATION, EMOMALI RAHMON

This article examines one of the most pressing challenges in contemporary international relations – the pursuit of peace, unity, and security. The author analyzes the key events of the early years of Tajikistan's independence and demonstrates the importance of peace and national unity during this critical period.

A central innovation highlighted in the study is the interpretation of the concept *"From Khujand to Khujand"* – referring to the beginning of the efforts of the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, to establish peace, stability, and unity starting with the historic Khujand Session (November 16 – December 2, 1992) and culminating in the signing of important historical documents: the Treaty between the Republic of Tajikistan, the Republic of Kyrgyzstan, and the Republic of Uzbekistan on the junction point of their state borders, and the adoption of the *"Khujand Declaration on Eternal Friendship"* on March 31, 2025, in Khujand.

The author emphasizes that, owing to the peacebuilding efforts of the Leader of the Nation, Emomali Rahmon, the Tajik people were able to achieve peace and national unity based on the outcomes of the historic Khujand Session (from Khujand), and through the adoption of the *"Khujand Declaration on Eternal Friendship"* (to Khujand), contribute to unity and regional stability.

In addition, the article analyzes the major initiatives and peacebuilding experience of the Leader of the Nation, Emomali Rahmon, at both national and international levels, drawing concrete conclusions regarding their significance.

**Keywords:** peacebuilding experience, Leader of the Nation, Khujand Declaration, eternal friendship, historic session, peace, unity, political situation, international relations, Address, first strategic message.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шарифзода Саидҳомид Сафар,** номзади илмҳои таърих, сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишонӣ: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 89; тел: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

**Седения об авторе: Шарифзода Саидхомид Сафар,** кандидат исторических наук, начальник Управления анализа и прогнозирования вопросов региональной безопасности ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89; тел: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

**Information about the author: Sharifzoda Saidhomid Safar,** Candidate of Historical Sciences, Head of the Department of analysis and forecasting of Regional Security Issues, of the CSR under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki street 89; phone: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

УДК 069 (091): [061.4+069.51] (575.3)

# ИЗ ИСТОРИИ СОЗДАНИЯ МУЗЕЕВ ТАДЖИКИСТАНА (1920-1970гг)

**Иброхимзода Зафаршо Сафо**
Государственное учреждение “Национальный музей”
Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан

После русских завоевательных походов в Туркестан, в Среднюю Азию направляется большой поток научных исследователей, заинтересованных в изучении археологии, геологии, зоологии и ботаники региона.

В 1876 году в Ташкенте создаётся **Туркестанский музей,** который считается первым музеем на территории Русского Туркестана. Огромную роль в этом сыграли научные общества – **Туркестанское отделение Русского географического общества**, Среднеазиатское учёное сообщество – и только что созданная школа шелководства, предоставившая место для хранения первых коллекций.

В 1890-е годы практически в одно и то же время создаются **Ферганский публичный музей, Самаркандский, Семиреченский, Фарабский и Закаспийский** музеи. В них были представлены в основном археологические и минералогические коллекции.

Целью музеев были: 1. Изучение региона. Первые коллекции музеев в Центральной Азии были естественно-научными (геология, ботаника, зоология). Музей выступал хранилищем собранных материалов и одновременно прикладным пособием по исследованию региона.

2. Создание коллекций-собраний, представляющих научный или художественный интерес. Коллекционирование, вошедшее в моду в конце XIX — начале XX века, благодаря чему у многих появлялись археологические и нумизматические коллекции.

Музеи нередко создавались при библиотеках. Например, Туркестанский музей был создан в 1876 году как Туркестанская публичная библиотека и музей. Его учредители писали генерал-губернатору письма о том, что, хотя Туркестанский регион со времени его завоевания и открытия европейскому населению постоянно становился источником обогащения многих музеев как в России, так и за её пределами, в самом Туркестане никакой коллекции и музея до сих пор не было. И для того чтобы сохранить культурное наследие и самостоятельно его изучать, необходимо создать музей. Самаркандский музей был создан по той же программе в 1896 году в результате раскопок Афросиаба.

Музей также рассматривался как центр притяжения научных сил. Для путешественников, которые ехали изучать Центральную Азию, музеи были опорными пунктами, куда всегда можно было обратиться за помощью в экспедиции, найти там проводника [16, с.10].

После завоевания Средней Азии царской Россией возник интерес к древностям и коллекционированию редкостей среди дворянства и военных Туркестана. До Великой Октябрьской революции музеев на территории нынешнего Таджикистана не было.

Культурная революция в Туркестане стала происходить именно после присоединения Средней Азии к России, а впоследствии и создания Таджикской ССР. После ликвидации экономической отсталости быстрыми темпами стало развиваться народное хозяйство, ускорился процесс в области культурного развития. После установления Советской власти и образования Туркестанской АССР культурно-просветительская работа в республике не проводилась вплоть до IX Всетуркестанского съезда Советов и V съезда Компартии Туркестана в связи с отсутствием единого направляющего центра и достаточно продуманного плана.

23 июля 1921 года СНК Туркреспублики утвердил «Положение о Туркестанском главном политико-просветительном комитете (Туркглавполитпросвет)», в котором нашли свое яркое отражение основная цель и задачи политико-просветительской работы применительно к конкретным условиям Туркестанской республики. «Основной деятельностью Туркглавполитпросвета республики, – указывалось в Положении, - является государственная пропаганда коммунизма путем организации, объединения и руководства всей государственной агитационно-просветительской работы» [11, с.18].

Все основные формы политико-просветительской и культурно-массовой работы по коммунистическому воспитанию трудящихся республики (популяризация политических, научных знаний, художественное, эстетическое воспитание масс и др.) проводились через областные отделы и другие учреждения Главполитпросвета. Политико-просветительская работа, проводившаяся в Красной Армии, в войсках ВЧК, Туркбюро ВЦСПС, согласовывалась с Главполитпросветом Туркнаркомспроса.

«Туркполитпросвет, - говорилось в Положении, - имеет окончательной задачей полное объединение в своих руках всего аппарата политико-просветительской работы ТАССР» [11, с.19].

Центральный исполнительный комитет советов Туркестанской республики декретом от 30 января 1920 года № 191, явившегося результатом предварительной инициативной работы Уполномоченного главархива РСФСР и Туркомиссии (Комиссии ВЦИК по делам Туркестана) создал Комитет по делам музеев и охране старины, искусства и природы, который имел целью государственную охрану памятников старины и искусства имеющих важное государственное научное и художественное значение. Комитет являлся государственным учреждением в Туркестане, которое должно было не только сберечь и сохранить культурное наследие, но и показать его значение для науки и культуры [7,с.3-17]. Для руководящей помощи Комитету в составе РАИМК (Ленинград) была организована комиссия в составе В. В. Бартольда (председатель), С. Ф. Ольденбурга, Н. К. Бакланова, С. М. Дудина, К. К. Романова, А. П. Удаленкова и др. Благодаря деятельности этой комиссии стало развертываться деятельность археологических и этнографических групп с целью изучения прошлого региона и которая занялась охраной памятников на территории Туркестана.

Создание Туркомстариса позволило сосредоточить усилия заинтересованных учреждений на решении важнейших задач по сохранению и изучению памятников культуры и искусства.

В связи с территориальным размежеванием республик Средней Азии в 1924 году и созданием национальных Комстарисов при СНК Республик в 1925 году Туркомстарис был преобразован в Средазкомстарис [5, с.37-44].

Культурно-просветительская работа в начале 30-х годов в Таджикистане должна была помочь организации социалистической системы просвещения. Советское правительство стало выделять огромные средства для развертывания сети культурно-просветительских учреждений в республике и на их содержание. В стране стала быстро развиваться сеть библиотек, клубов, развивалось радиовещание, кино. Музеи стали создаваться в последнюю очередь, после того, как стали создаваться все условия, обеспечивающие сохранность и изучение памятников старины и искусства.

Партийная организация и Правительство Таджикской ССР уделяли серьёзное внимание музейной работе. Первый в Таджикистане музей был создан в 1931 году в г. Ходженте. В целях сохранения соборной мечети Шейха Муслихиддина как исторического памятника Ходжента городской комитет партии счел целесообразным использовать её под городской музей. Первым директором Ходжентского музея был назначен Александр Васильевич Уэльс [12, с.21].

На пути организации музея стояли большие трудности: не было материальной базы, специалистов музейного дела и т.д. Всё это нужно было начинать и создавать заново. К концу 1931 года штат работников музея составлял 4 человека. Уже в первые годы своего существования музей добился значительных сдвигов в работе. К концу первой пятилетки укрепилась материальная база музея и он стал пользоваться популярностью в республике. Только за один 1933 год музей посетили свыше 12 тыс. человек. К этому времени музей имел в своем фонде до 2,5 тысяч экспонатов.

Постановлением СНК Таджикской ССР от 14 декабря 1932 года Ходженский городской музей, финансируемый гороно, был реорганизован в отделение республиканского музея и передан в ведение Наркомпроса Таджикской ССР.

Реорганизация способствовала дальнейшему повышению роли и значения музейного дела в республике. Передача музеев в ведение Наркомпроса улучшила систему финансирования мероприятий по комплектации их экспонатами, способствовала усилению методического руководства, повышению их роли в пропаганде достижений социалистического строительства и т.д.

Еще в начале 1930 года была предпринята первая попытка организации республиканского музея в городе Душанбе. Но вплоть до 1933 года музей не смог развернуть свою работу и экспонаты, приобретенные им через Среднеазиатский музей в Ленинграде, лежали в беспорядочном состоянии без надзора в сыром помещении. Часть их пришла в негодность, а часть была расхищена.

Учитывая неблагополучное положение дел с организацией музея в республике, культурно-пропагандиский отдел (культпроп) ЦК КП (б) Таджикистана и Центральный архив республики 25 февраля 1932 года приняли обращение ко всем учреждениям и трудящимся о помощи в организации в Душанбе музея революции.

В обращении говорилось: «До сих пор в Таджикистане не существует Музея Революции и мы не имеем права отражения показа героической борьбы за пролетарскую революцию, в частности, борьбы против басмачества, показа победного пути Советской власти в Таджикистане. Учитывая необходимость и своевременность такого показа, Центроархив Таджикской ССР совместно с культпропом ЦК КП(б) организует ко дню 15-летия Октябрьской революции выставку, которая явиться основой для создания Музея революции в Таджикистане. Не подлежит сомнению, что задача создания выставки при раздробленности и разбросанности материалов может быть выполнена лишь при условии всемерного содействия как со стороны всех учреждений Таджикистана, так и со стороны непосредственных участников борьбы за Советскую власть и научных работников.

Поэтому культпроп ЦК КП(б) Таджикистана и Центроархив Таджикской ССР обращаются ко всем учреждениям и отдельным лицам с просьбой прислать имеющиеся у них материалы, относящиеся к революционному движению и советскому строительству в Таджикистане (фотографические снимки, переписку, описания отдельных эпизодов борьбы за пролетарскую революцию, список участников борьбы, воспоминания, всякие документы, освещающие этапы борьбы, и т.п.)» [5, с.3].

Это обращение привлекло внимание общественности и способствовало налаживанию сбора и сохранности экспонатов научно-исторического значения. Большую помощь в этом оказывала Таджикская база Академии наук СССР, организовавшая экспедиции с целью изучения истории, этнографии и археологических памятников Таджикистана и достигшая особенно ценных результатов по исследованию согдийских памятников.

В целях наведения должного порядка в работе по экспонированию исторических памятников СНК Таджикской ССР 1 января 1934 года принял постановление «О хранении согдийских документов». В нем указывалось: «Учитывая большое научное

значение собранных Хайдарабадской экспедицией Таджикской базы Академии наук СССР документов, характеризирующих историю, культуру и быт согдийцев, поручить комиссии … в пятидневный срок составить опись указанных документов и проработать мероприятия о порядке хранения согдийских документов и внести на утверждение СНК соответствующий проект постановления. Поручить вышеуказанной комиссии одновременно проработать вопрос об организации в первой половине 1934 г. Государственного музея в г.Душанбе и в декадный срок внести на рассмотрение СНК соответствующий проект постановления» [15, с.45].

В выступлении председателя СНК А.Рахимбаева при обсуждении проекта данного постановления говорилось о необходимости ознакомления научных кругов и широких масс трудящихся с культурой народа, населявшего в древности территорию современного Таджикистана, и с достижениями в работе Таджикской базы АН СССР по изучению этой культуры, А. Рахимбаев говорил о необходимости организации в Москве, Ленинграде и Душанбе выставки «Согдийская культура».

9 марта 1934 года было принято Постановление ЦК КП (б) Таджикистана «О музее». Постановление обязывало:

«1. Приступить к организации музея Таджикистана, подчинив его в финансовом отношении Наркомпросу, а по линии идеологического руководства непосредственно ЦК Компартии Таджикистана.

2. Объединить в музее все музейные ячейки, имеющиеся при различных ведомствах и учреждениях.

3. Передать в распоряжение музея, в связи с ликвидацией Охотрыбсоюза, все находящиеся у него чучела животных, птиц и т.д.

4. Предложить Совнаркому республики рассмотреть дополнительную смету музея, ассигновав необходимые средства.

5. Предложить Хлоптракторцентру в месячный срок разместиться в помещении Наркомзема, передав свое помещение в распоряжение музея.

6. Предложить Хлопкотрасцентру немедленно выделить клубный зал и 1 комнату для музея...» [3, с.422-423].

Музей развернул свою работу в составе историко-революционного, физико-географического (отдел природы), культурно-бытового, сельскохозяйственного и промышленного отделов.

Музей проделал значительную работу по собиранию памятников старины и культуры таджикского народа. Среди 531 собранного в те годы музеем экспоната, имеющих историческое значение, насчитывалось до 176 ценнейших книг и рукописей, относящихся к истории таджикского народа и других народов Средней Азии.

Организованный в 1934 году Таджикский республиканский музей за короткое время достиг значительных результатов в работе, привлекая все большое число посетителей. Если в октябре 1936 года музей посетило 2985 человек, то через месяц – в декабре 9819 человек.

Партийная организация и правительство Таджикистана уделяли большое внимание Республиканскому музею и оказывали ему практическую помощь. 16 февраля 1937 года СНК Таджикской ССР принял постановление «О работе Республиканского музея», в котором наряду с признанием определенных успехов в работе музея указывались существенные недостатки в его деятельности и намечались пути их устранения.

«Отмечая некоторое оживление в работе Таджикского Республиканского музея (открытие отделов природы, истории, соцстроительства, развертывание массовой работы с посетителями, работа по собиранию памятников старины), - говорилось в

постановлении, - Совнарком считает, что музей отстает от предъявляемых к нему требований и далеко еще не обеспечивает показ широким слоям трудящихся Советского Таджикистана побед и достижений социалистического строительства республики. В частности, Совнарком отмечает следующие недостатки музея:

-незаконченность и слабое оформление экспозиций;

-недостаточное количество высококачественных музейных экспонатов, показывающих хозяйственные и культурные достижения республики; слабая работа по собиранию музейных материалов и использование имеющихся фондов; медленное развертывание работ по подготовке к 20-летней годовщине Великой Октябрьской революции; неудовлетворенное обслуживание посетителей групповодами».

В целях улучшения и расширения музейной работы Совет Народных Комиссаров Таджикской ССР постановил:

«1. К 20-летию годовщины Великой Октябрьской революции закончить развертывание и оформление всех основных отделов музея (природы, истории и соцстроительства).

2. Усилить работу по обогащению экспозиции высококачественными экспонатами, отражающими осуществление ленинской национальной политики.

3. Развернуть энергичную работу по собиранию экспонатов и освоению имеющихся фондов.

4. Обеспечить посетителей музея специальными экскурсоводами, а также приступить к составлению путеводителей.

5. Предложить Наркомзему в месячный срок переселить канцелярию автобазы из здания музея с предоставлением освобождающего помещения в распоряжение музея.

6. Предложить горсовету предоставить госмузею не менее 3 квартир для выселения сотрудников, живущих в здании музея.

7. Предложить Наркомпроссу и Наркомфину при окончательном рассмотрении бюджета предусмотреть увеличение ассигнования музея на 1937 год до 2220 тыс. руб.

8. Обязательно все научные и хозяйственные организации, находящиеся на территории республики, систематически выделять музею экспонаты, отражающие их работу, и консультировать соответствующие отделы музея.

9. В целях укрепления музейного отдела в республике сосредоточить в Таджикском республиканском музее научно-методическую музейную работу и инструктаж работников Ленинабадского и Пенджикентского музеев» [3, с.447-448].

Благодаря исключительному вниманию и заботе партийных и советских органов Таджикистана музеи к концу 30-х годов заняли достойное место среди культурно-просветительных учреждений.

В годы Великой Отечественной войны фонды музеев пополнились материалами, пропагандировавшими героическое прошлое таджикского народа, немеркнущие подвиги Красной Армии на фронтах, трудовой героизм районов тыла [18, с.40].

После Великой Отечественной войны музейное дело получает дальнейшее развитие. В 1945 году в Душанбе был открыт Музей изобразительных искусств. В его основу были положены экспонаты, полученные от Комитета по делам искусства при Совете Министров СССР. К 7 ноября 1947 года в помещении музея была организована выставка. Она состояла из двух отделов-живописи, скульптуры, графики и народного творчества (художественные ремесла) [13, с.32]. Музей изобразительного искусства в 1957 году издает каталог в честь проведения Декады таджикской литературы и искусства в городе Москве в котором подчеркивается, что « Декадная художественная выставка является смотром достижений таджикских художников» [17, с.13].

Значительно улучшилась работа Республиканского историко-краеведческого музея. Отделы промышленности, сельского хозяйства, горно-рудных предприятий, транспорта, культурного строительства были пополнены экспонатами с выставки «Природные богатства Таджикской ССР». Работники музея стали принимать активное участие в археологических, этнографических и других экспедициях проводимых в республике. Все это способствовало успешной работе музеев в 50-60 гг. XX века. Только за один 1950 год республиканский музей посетило около 180 тыс. человек. В различных городах и районах республики было развернуто 36 выставок. Основную тематику составили разделы «Развитие экономики и культуры Таджикистана за годы Советской власти», «Руководящая роль Коммунистической партии в борьбе за построение коммунизма», «Забота Коммунистической партии о благе народа» и др. музеи республики пополнились новыми экспонатами, в них открылись дополнительные отделы.

Так, в 1961 году Пенджикентский музей приобрел 324 экспоната: за год музей проводил 123 экскурсии [3, с.422]. Начиная с 1952 года Республиканский историко-краеведческий музей издает научный журнал под названием «Сообщения республиканского историко-краеведческого музея Таджикской ССР. Выпуск 1.» [9]. Второй выпуск этого научного журнала издается в 1955 г. [10]. В 1958 году музей издает «Путеводитель по залам». В нём подчеркивается что: «В настоящее время экспозиция музея расположена в 32-х залах, в которых представлены материалы по отделам: природы, истории дореволюционного прошлого и истории советского периода» [8 ].

Коллектив научных работников Республиканского историко-краеведческого музея в 1961 году организовал 28 передвижных выставок. Сотрудники музея выступали с лекциями в Калай-Хумбском, Ванчском, Гармском, Кулябском и других районах страны. Экспозиции музея постоянно пополнялись новыми экспонатами [14, с.5].

В 60-е годы в республике создаются музеи промышленных предприятий, колхозов и совхозов. Так, в 1960 году в клубе Курган-Тюбинской сельхозартели им. В.И.Ленина открылся первый колхозный музей изобразительного искусства. Таджикские художники передали музею около 100 картин и написали для него несколько полотен, показывающих труд людей и природу Таджикистана [3, с.418].

XXII съезд КПСС, определяя задачи развития советской культуры и искусства, указал, что «вся разветвленная сеть театров, клубов, дворцов и домов культуры, библиотек, музеев и других культурно-просветительских учреждений в городе и на селе должна эффективно служить делу коммунистического воспитания трудящихся, повышению их культурного уровня, развитию талантов и дарований, которыми столь богат наш народ» [10, с.166]. Среди всех учреждений культурно-просветительского профиля не последнее место принадлежало и музеям. В системе Министерства культуры Таджикской ССР находились музеи: Республиканский историко-краеведческий и изобразительных искусств [1, с.125-126], Ленинабадский межрайонный историко-краеведческий, Хорогский областной историко-краеведческий и Педжикентский музей им. Рудаки. Функционировали филиал историко-краеведческого музея в г.Кулябе и филиал Ленинабадского историко-краеведческого музея в г. Ура-Тюбе (ныне Истаравшан). На общественных началах работал музей при Доме культуры Курган-Тюбинского района. Кроме того, работали отраслевые ведомственные музеи: литературный музей им. С.Айни, музей этнографии, археологический музей, квартира-музей А.А. Семенова, геологический и зоологические музеи Академии наук Таджикской ССР, музей Министерства народного образования Таджикской ССР, литературный музей им. Джами при Таджикском госуниверситете. Фонд экспонатов только системы

Министерства культуры республики в 1979 году составил около 54 тыс. предметов [2, с.12].

В музеях велась научно-просветительская работа, сбор экспонатов. В этих целях организовывались научно-исследовательские поездки в районы республики. Так, в Гармской группе районов сотрудники Республиканского историко-краеведческого музея выявили 72 историко-этнографических экспонатов, сделали много фотоснимков. По Кулябской группе собрали 100 экспонатов. Институт истории им. А.Дониш передал музею 310 керамических изделий [2, с.11-12]. Сотрудники музеев активно вели большую культурно-просветительскую работу. В 1968 году они провели 369 лекций, организовали 24 выставки. В 1969-1970 гг. в Республиканском объединенном историко-краеведческом музее были разработаны тематические композиции по темам: «Развитие науки, культуры, здравоохранения в республике в послевоенный период», «Революционное движение в Средней Азии в начале XX века» и др. Впервые в республике этот музей оформил озвученные диаграммы с подсветом «Колхоз им. С. Урунходжаева Ходжентского района» и «Будущее Яванской долины» [4, с.21]. В отделе дореволюционного прошлого была открыта новая экспозиция на тему «Первобытнообщинный строй на территории Средней Азии». Сотрудники музея провели 25 встреч с ветеранами гражданской и Великой Отечественной войн, Героями Советского Союза и Социалистического Труда, организовали 22 стационарные и передвижные фотовыставки на предприятиях. Только в 1968 году музей посетило 166,7 тыс. человек, было проведено 1262 экскурсии, здесь побывало 26 иностранных делегаций, 77 групп «Интуриста».

В Ленинабадском межрайонном историко-краеведческом музее демонстрировались экспозиции «Решения XXII съезд КПСС в жизнь», «Ленинабад в прошлом, настоящем и будущем». Сотрудники музеев прочитали лекции и доклады-«Ленинабад за годы Советской власти», «Установление Советской власти в Северном Таджикистане» и др. Музей организовал передвижную выставку «Образ Ленина в произведениях художников Таджикистана». Выставка побывала в Науском, Матчинском, Аштском районах. По её материалам было прочитано около 70 лекций и докладов.

Интересные экспозиции были созданы в музее им. Рудаки в Пенджикенте. Его часто посещали зарубежные гости. В 1966-1970 гг. там побывали представители ГДР, Франции, Чехословакии и других стран. Правнук К.Маркса Роберт Лонге оставил в книге отзывов такую запись: «Посещение музея и. Рудаки дает истинное познание эволюции человека, начиная с эпохи камня и бронзы..» [2, с.13-14]. Ленинский зал музея пополнился новыми материалами и документами о победе революции в Зерафшанской долине, пребывании М.И.Калинина в Самарканде в 1925 году. Фонд музея состоял из 9905 предметов [2, с.13-14].

Хорогский областной историко-краеведческий музей в 1967 году открыл 5 новых экспозиций. Особое внимание посетителей привлекала экспозиция «Октябрь и Памир». В музее насчитывалось более 1,2 тыс. экспонатов.

Экспонаты Кулябского филиала Республиканского объединенного историко-краеведческого музея давали широкое представление о природных богатствах края, больших изменениях, которые произошли в экономике и жизни людей Юго-Восточного Таджикистана за годы Советской власти.

В Доме культуры Курган-Тюбинского района был открыт историко-краеведческий музей на общественных началах. Здесь была представлена дореволюционная домашняя утварь, одежда, сельхозорудия. Специальные разделы

посвящались первым советским учителям г. Курган-Тюбе, участникам Великой Отечественной войны.

Таким образом, история создания музеев в Республики Таджикистан показывает, что роль этих научно-исследовательских и научно-просветительских учреждений в обществе того времени была велика. Сотрудники музеев республики в рамках своей миссии внесли достойную лепту в обогащение научных знаний посетителей через сбор древних артефактов, организации различных выставок, чтение лекций, проведение экскурсий и издание научных журналов.

**Литература**

1. Архив Министерства культуры Таджикской ССР. Текстовые отчеты и справки за 1969. оп. 1. Д.344, л. 125, 136.
2. Архив Министерства культуры Таджикской ССР. Текстовые отчеты и справки за 1979 г. л.13,14.
3. Из истории культурного строительства в Таджикистане [Текст]: сб. документов. – Душанбе, 1966. – 672 с.
4. Историко-краеведческий музей [Текст]: путеводитель. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 160 с.
5. Лунин, Б. В. Из истории изучения памятников старины искусства Средней Азии (Туркомстарис, Средазкомстарис, Узкомстарис) [Текст] // Общественные науки в Узбекистане. – 1990. – №3. – С.37-44.
6. Материалы XXII съезд КПСС [Текст]. – М., 1966. – 201 с.
7. Нечкин, Д. И. Задачи и ближайшие цели Комитета по делам музеев и охраны памятников старины и искусства и природы Средней Азии [Текст] // Известия Средне-Азиатского комитета по делам музеев и охраны памятников старины и искусства и природы (Средазкомстарис). – Ташкент, 1926. – Вып. 1. – С.3-17.
8. Путеводитель по залам [Текст]. – Сталинабад, 1958. – 75 с.
9. Сообщения республиканского историко-краеведческого музея Таджикской ССР. Выпуск 1: Археология [Текст] / отв. ред. Е. М.Линде. – Сталинабад, 1952. – 93 с.
10. Сообщения республиканского историко-краеведческого музея Таджикской ССР. Выпуск II: История и этнография [Текст] / под. общей ред. Н. А. Кислякова. – Сталинабад, 1955. – 159 с.
11. Туркомнаркомпрос [Текст] // Бюллетень официальных сообщений и распоряжений. – 1921. – № 4. – 18.
12. Хамидов, Д. Из истории музейного дела в Таджикистане (1917-1941гг) [Текст]. – Ходжент: Ношир, 2014. – 104 с.
13. ЦГА Таджикистана. Ф. 379, оп. 1. Л.13, л.32.
14. ЦГА Таджикистана. Ф. 461, оп.2,д.7, л.5.
15. ЦГА Таджикистана. Ф. Р-18, оп. 1, д. 756, л.45.
16. Чабров, Г. История музейного дела в Средней Азии (дореволюционный период) [Текст]. – Ташкент, 1951. – 240 с.
17. Чудович, Е. Н., Долгоносова, Е. М. Выставка изобразительного искусства Таджикской ССР [Текст]. – М., 1957. – 90 с.
18. Шукуров, М. Р. Из истории развития культурно-просветительских учреждений в Таджикистане [Текст] // Труды ТГУ им. В.И.Ленина. – 1960. – Т.27 / серия истор.наук. – Вып.1. – С.40.

## АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИСИ ОСОРХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН (солҳои 1920-1970)

Муаллиф дар мақола заминаҳои бунёди аввалин осорхонаҳо ва масъалаҳои марбут ба ташкили ин муаасисаҳо, аз қабили таъсиси комиссияҳои бонуфуз, таҳияи нахустин қарорҳои дахлдори соҳавиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Қайд мегардад, ки аввалин осорхона дар Тоҷикистон соли 1931 ташкил гаштааст, ки он айём барои ба роҳ мондани фаъолияти тахассусии он мушкилоти зиёд аз қабили мавҷуд набудани бинои мувофиқ, норасоии мутахассисони касбӣ, ба таври кофӣ ҷамъоварӣ нагаштани маводи осорхонавӣ, маблағгузории соҳа ҷой доштанд. Тибқи хулосаи муаллиф, новобаста ба мушкилоти мавҷудаи замон шуруъ аз солҳои 1930 ба дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон фаъолияти осорхонавӣ дар ҷумҳурӣ рушд менамояд, ки таъсиси осорхонаи таъриху кишваршиносӣ дар шаҳри Душанбе, осорхонаи санъати тасвирӣ дар пойтахт, осорхонаҳои таъриху кишваршиносӣ дар шаҳри Панҷакент, Қурғонтеппа, Кулоб, Хоруғ, хона-осорхонаҳо бунёд мегарданд. Ҳамчунин дар мақола муаллиф дар асоси маводди маҳфуз дар бойгониҳо оид ба шумораи тамошобинон, баргузории намоишҳо, хондани маърузаҳо, таҳияи шиносномаҳои илмии экспонатҳо, харидории ёдгориҳои таърихӣ барои осорхона, пешбурди фаъолияи экскурсионӣ, шумори умумии фонди осорхонавии назди вазорати фарҳанги Тоҷикистон, боздиди тамошобинони хориҷӣ, таҳия ва нашри аввалин маҷаллаҳои илмии осорхонавӣ маълумот медиҳад.

**Калидвожаҳо:** осорхона, қарор, бино, фаъолияти фарҳангӣ-маърифатӣ, мушкилот, мутахассис, ҳуҷҷатҳои суғдӣ, намоиш, экспонат, экспозитсия, тамошобин, шиносномаи илмӣ, экскурсия, фонд, маҷаллаи илмӣ

## ИЗ ИСТОРИИ СОЗДАНИЯ МУЗЕЕВ ТАДЖИКИСТАНА (1920-1970ГГ.)

В своей работе автор исследует процесс формирования первых музеев в Таджикистане и трудности, с которыми сталкивались при их создании. В частности, речь идёт о формировании специальных комиссий и разработке первых нормативных актов в этой сфере. Отмечается что в 1931 году в Таджикистане был основан первый музей и в процессе его работы возникали различные трудности: не хватало помещений, не было достаточного количества сотрудников, нужно было собирать экспонаты, искать пути финансирования и т. д.

По мнениию автора статьи, несмотря на существующие проблемы в 30-х годах XX века правительство республики начало оказывать поддержку развитию музейного дела в стране. Это подтверждается созданием историко-краеведческого музея и музея изобразительных искусств в Душанбе, а также открытием историко-краеведческих музеев в Пенджикенте, Курган-тюбе, Кулябе и Хороге и образованием домов-музеев.

В результате исследования архивных документов автор статьи представляет сведения о работе музея в рассматриваемый период. В частности, он приводит данные о количестве посетителей, проведении выставок, чтении лекций, составлении научных описаний экспонатов, приобретении новых предметов для коллекций, организации экскурсий, а также данные о количестве музейных экспонатов в фондах музеев, подчиняющихся Министерству культуры республики. Кроме того, автор упоминает о количестве иностранных гостей и создании первых специализированных научных журналов.

**Ключевые слова:** музей, постановление, здание, культурно-просветительская работа, проблема, специалист, согдийские документы, выставка, экспонат, экспозиция, посетитель, научный паспорт, экскурсия, фонд, научный журнал.

# ON THE HISTORY OF THE ESTABLISHMENT OF MUSEUMS IN TAJIKISTAN (1920–1970)

This article explores the process of creating the first museums in Tajikistan and the challenges faced in their establishment. Particular attention is given to the formation of special commissions and the drafting of the first regulatory acts in this field. The first museum in Tajikistan was founded in 1931. During its early years, it encountered numerous difficulties, including a lack of suitable premises, an insufficient number of qualified staff, the need to collect artefacts, and the search for funding.

According to the author, despite these challenges, from the 1930s onward the government of the republic began to support the development of the museum sector. This is evidenced by the establishment of the Historical and Regional Museum and the Museum of Fine Arts in Dushanbe, as well as regional history museums in Panjakent, Qurghonteppa, Kulob, and Khorugh, in addition to the creation of house-museums.

Drawing on archival documents, the author provides detailed information about the activities of museums during this period. The article presents data on visitor numbers, exhibitions, public lectures, preparation of scholarly descriptions of exhibits, acquisition of new artefacts for collections, organisation of excursions, and the overall number of items preserved in museum collections under the Ministry of Culture of the republic. It also notes the number of visits by foreign guests and the establishment of the first specialised scholarly museum journals.

**Keywords:** museum, decree, building, cultural and educational activities, challenges, specialist, Sogdian documents, exhibition, exhibit, exposition, visitor, scholarly description, guided tour, collection, scholarly journal.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Иброҳимзода Зафаршо Сафо** – директори Муассисаи давлатии “Осорхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа. Нишонӣ: 734001**,** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ, 11. Тел.: (+992) 900 04 44 43; E-mail: Ibrohimzoda72@gmail.com.

**Сведения об авторе: Ибрагимзода Зафаршо Сафо** – директор Государственного учреждения “Национальный музей” Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат философских наук. Адрес: 734001, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Исмоили Сомони, 11. Тел.: (+992) 900 04 44 43; E-mail: Ibrohimzoda72@gmail.com

**Information about the author: Ibrohimzoda Zafarsho Safo** – director of the State Institution “National Museum” of the Executive office of the President of the Republic of Tajikistan, candidate of philosophical sciences. Address: 734001, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Ismoili Somoni Avenue, 11. Phone number: (+992) 900 04 44 43; E-mail: Ibrohimzoda72@gmail.com

ТДУ [37.01+323+008] (470+675)

# РАВАНДИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ТАЪЛИМ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ДАР ЗАМОНИ ҲУКУМАТИ ПОДШОҲИИ РОССИЯ

**Шоқурбонова Ҷаҳоноро Шарифхоновна**
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Таҳлили историографӣ оид ба раванди ҳамроҳшавии минтақаи Осиёи Миёна ба Россия вобастагии назарраси тафсирҳоро аз идеологияи давлатӣ дар давраҳои гуногун нишон медиҳад. Дар историографияи тоинқилобӣ ин мавзуъ асосан дар заминаи манфиатҳои геополитикии Империяи Россия ва дар доираи консепсияи ҳукмронии расмии сиёсӣ-фарҳангӣ баррасӣ мешуд. Дар историографияе, ки дар давраи шуравӣ ташаккул ёфт, низ ин масъала берун аз идеологияи ҳизбӣ баррасӣ намешуд, ки боиси тағйирёбии босуръати тафсир вобаста ба сиёсатҳои ҷории давлат мегардид.

Яке аз намояндагони муҳимми мактаби таърихнигории марксистӣ-ленинии ИҶШС М. Н. Покровский историографияи буржуазӣ-ашрофии тоинқилобиро мавриди танқид қарор дода, онро ҳамчун ғаразнок ва субъективӣ дар арзёбии раванди густариши нуфузи Россия ба минтақаҳои шарқии кишвар арзёбӣ менамуд [4, с.4-8]. Бо вуҷуди ин, аллакай дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–1945) мавқеи мазкур қисман бознигарӣ шуда, таваҷҷуҳ ба нақши маърифатпарваронаи Россия дар минтақа афзоиш ёфт. Дар солҳои 1950-ум мафҳуми «нақши озодихоҳона»-и Россия дар таърихи Осиёи Миёна ҳукмрон буд, дар ҳоле ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ баррасии сиёсати Россия аксаран аз зовияи танқидӣ – аз ҷумла бо ишора ба фишор болои фарҳанг ва забони халқҳои маҳаллӣ сурат гирифт [28].

Имрӯз аксар таҳқиқот бар онанд, ки ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Империяи Россия шакли маъмурии назоратро ба худ гирифт, ки асосан ба манфиатҳои геополитикӣ ва иқтисодии давлат мутобиқ буд. Тибқи таъкиди Ҳ. Пирумшоев, «ҳеҷ гуна далелҳо наметавонанд сиёсати подшоҳӣ нисбат ба Осиёи Миёнаро сафед кунанд, зеро ин минтақа комилан тобеи манфиатҳои низомӣ-сиёсӣ ва иқтисодии империя буд» [21]. Аз ин рӯ, сиёсате, ки дар минтақа амалӣ мешуд, ба манфиати идоракунии мутамаркази марказмеҳвар, бо ҳадафи таъмини субот ва мутобиқсозии иҷтимоӣ-фарҳангии аҳолӣ равона гардида буд [10, с.550].

Дар ин замина, низоми маориф дар сиёсати ҳукумати подшоҳӣ нақши калидӣ дошт. Таҷрибаи амалии густариши шабакаи муассисаҳои таълимии русӣ дар минтақаҳои дигар, аз ҷумла Қазоқистон, Сибир ва Шарқи Дур, ҳамчун замина барои татбиқи сиёсати фарҳангӣ дар Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Дар ин минтақаҳо таъсиси мактабҳои русии миссионерӣ ҳамчун воситаи ҳамзамон насронисозӣ ва итоатпазирии фарҳангии аҳолии маҳаллӣ арзёбӣ мешуд. Масалан, соли 1789 дар Омск «мактаби осиёӣ» барои фарзандони ашрофзодагони қазоқ таъсис ёфт [8] ва соли 1850 дар Оренбург мактаби ҳафтсола барои аҳолии маҳаллӣ ташкил гардид [8]. Ин муассисаҳо дар роҳи ташаккули шабакаи нави маориф дар Осиёи Миёна ҳамчун намуна хизмат мекарданд.

Бо вуҷуди ин, муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки сиёсати маориф дар кишвари Туркистон бо таҷрибаи дигар минтақаҳо тафовут дошт. Генерал-губернатори Туркистон К.П. Кауфман сатҳи баланди исломишавии ҷомеаро ба назар гирифта, зарурати муносибати мулоимтарро дарк мекард.

Дар шароити набудани низоми расмии таҳсилот дар аксари минтақаҳои Осиёи Миёна дар асри XIX, маъмурияти подшоҳии Россия кӯшиш мекард, ки мактабро ҳамчун абзори таъсиррасонӣ ва тарбияи насли мутобиқ бо арзишҳои империя истифода намояд. Дар ин раванд, нақши генерал-губернатор К. П. Кауфман калидӣ арзёбӣ мешавад, зеро ӯ ҳамчун яке аз ташаббускорони асосии таҳияи сиёсати маорифӣ барои Туркистон шинохта мешавад. Дар суханронии барномавии худ Кауфман пешниҳод кард, ки кӯдакони рус ва маҳаллӣ дар як муассисаи таълимӣ таҳсил намоянд, то ки ин иқдом ба ташаккули ҳувияти шаҳрвандии муштарак дар ҳудуди империя мусоидат кунад [9].

Бо вуҷуди ин, воқеияти амалӣ аз эъломияҳои расмӣ фарқ мекард. Таҳлили санадҳои замони мазкур нишон медиҳад, ки сиёсати мактабдорӣ бештар ба ҷараёни тадриҷии ҳамзистии фарҳангҳо ва назорати маъмурӣ асос ёфта буд. Дар ин самт, номаи Кауфман ба раиси ҷамъияти миссионерон (аз 16 январи соли 1869) аҳаммияти хосса дорад. Дар он зикр мешавад, ки усулҳои суннатии тарғиб, ки дар Сибир нисбат ба халқҳои ғайриисломӣ самаранок буданд, барои мардуми мусулмони Осиёи Миёна номуносиб ба ҳисоб мерафтанд. Кауфман таъкид мекунад, ки кӯшишҳои мустақими насронисозӣ боиси муқовимати сахт мегардад, дар ҳоле ки паҳн кардани донишҳои дунявӣ метавонад дарозмуддат таъсиррасон бошад ва ба коҳиши нуфузи рӯҳониёни анъанавӣ оварда расонад [28].

Ба ин мавқеъ таҳқиқотчиёни рус, аз ҷумла М.А. Терентев низ ишора кардаанд, ки менависад: «Кауфман қасдан аз пуштибонии муассисаҳои таълимии мусалмонӣ даст кашида буд, зеро интизор мерафт, ки онҳо ба таври табиӣ аз байн меравand» [24, с.271]. Дар ҳамин рӯҳия, В. Масалский ва Ф. Керенский зикр мекунанд, ки генерал-губернатор ба коҳиши тадриҷии таъсири мадрасаҳо умед мебаст, бе он ки ба онҳо фишори мустақим оварда шавад [15, с.338]. Н. П. Остроумов низ қайд мекунад, ки дар оғози ишғоли минтақа, муассисаҳои суннатии таълимӣ асосан сарфи назар мешуданд, бо умеди он ки онҳо бо мурури замон аҳамияти иҷтимоии худро аз даст медиҳанд [19, с.139].

Бо мақсади ҳамоҳангсозии сиёсати маориф, соли 1870 Комиссияи махсус таҳти роҳбарии Бродовский таъсис ёфт, ки вазифаи асосии он таҳияи принсипҳои таҳсилоти халқӣ дар Туркистон буд. Ҷолиб он аст, ки ба ҳайати ин комиссия намояндагони соҳаи маориф ё омӯзгорони ботаҷриба шомил карда нашуданд. Бо вуҷуди ин, лоиҳаи таҳияшуда – «Принсипҳои асосии маорифи халқӣ дар Туркистон» дар соли 1875 тасдиқ гардида, асоси ташкили низоми нави таълим гардид [2, с.299]. Бар пояи он, шабакаи мактабҳои русӣ-маҳаллӣ бо шумораи маҳдуди хонандагон ва таҳти назорати пурраи маъмурияти рус ташкил карда шуд.

Таъсис ва густариши ин гуна муассисаҳои таълимӣ ҳанӯз пеш аз қабули расмии Қонуни мактабҳои халқӣ оғоз ёфта буд. Масалан, соли 1870 дар Самарқанд аввалин мактаби расмии русӣ таъсис ёфт, ки то соли 1874 дар он 36 писарбача таҳсил мекарданд. Дар Тошканд муассисаи шабеҳи таълимӣ соли 1871 фаъол гашт, ки барномаи се-солаи таълимӣ ва синфҳои ҳунариро дар бар мегирифт. Маҳз пас аз таъсиси Комиссияи Бродовский суръати ташкили чунин мактабҳо афзоиш ёфт.

Ҳадафи асосии маъмурияти марказӣ аз густариши шабакаи мактабҳои русӣ-маҳаллӣ паҳнсозии арзишҳои фарҳанги рус ва таҳкими ҳузури давлат дар минтақа буд. Тавре ки генерал-губернатор К.П. Кауфман зикр мекунад, «рушди маорифи халқӣ дар минтақа бояд ба самти манфиатҳои русӣ равона шавад, ки ин фарогири рушди ҳаёти иқтисодӣ, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ ва ҳамгироии аҳолии маҳаллӣ бо низоми умумии империя мебошад» [9]. Тибқи таҳлили К.Е. Бендриков, Кауфман ба дастурҳои Вазорати маорифи халқӣ такя мекард, ки дар онҳо омадааст: «Ҳадафи

ниҳоии маориф барои ҳамаи халқҳои ғайрирусии империя бояд ҳамгироӣ бо миллат ва фарҳанги рус бошад» [3, с.63].

Бо вуҷуди ин, сиёсати мазкур дар доираҳои зиёиёни тараққихоҳ ва шарқшиносон мавриди интиқод қарор гирифт. Масалан, А. А. Семёнов навиштааст, ки ин низом русҳоро водор месохт, ки ба мардуми маҳаллӣ ҳамчун намояндагони "нажоди поёнӣ" муносибат кунанд ва онҳоро бо истилоҳҳои таҳқиромез, ба монанди «инородец», тавсиф намоянд [22, с.3]. Дар чунин шароит, ҳарчанд дар мактабҳо омӯзиши «Қонуни Худо» иҷозат дода мешуд, вале омӯзиши Қуръон ва ҳуқуқи исломӣ асосан ба доираи таълими хонаводагӣ маҳдуд мемонд. В. В. Бартольд менависад, ки чунин равиш ба суннатҳои таълимии ҷомеаҳои исломӣ мухолиф буд, зеро дар кишварҳои мусулмонӣ таҳсилоти динӣ ҳамеша ҷузъи ҷудонашавандаи барномаи таълимӣ ба шумор мерафт [2, с.302].

Ин маҳдудиятҳо норозигии рӯҳониёни маҳаллиро ба вуҷуд овард ва дар байни мардум овозаҳо паҳн шуданд, ки гӯё таҳсил дар мактабҳои русӣ боиси дурӣ аз арзишҳои дини ислом мегардад. Бинобар ин, бисёре аз волидон аз фиристодани фарзандони худ ба чунин муассисаҳо худдорӣ мекарданд. Илова бар ин, таълим танҳо бо забони русӣ ва сарфи назар кардани анъанаҳои таълимии суннатӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ нарасида буд. С. М. Граменицкий сабаби инро дар он мебинад, ки «аҳолии маҳаллӣ барои чунин низоми таълим омода набуд» [6, с.8], дар ҳоле ки Н.П. Остроумов илова мекунад, ки норасоии мутахассисони тахассусманд ва набудани барномаи дақиқи таълимӣ таъсири манфӣ расонд [18, с.8].

Муҳаққиқон ба масъалаи номувофиқ будани идоракунии маъмурии мактабҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Масалан, Остроумов нозири асосии мактабҳо А. Л. Кунро танқид карда, мегӯяд, ки ӯ ҳангоми ташрифи аввал ба минтақа дар бораи вазифаҳои худ тасаввуроти равшане надошт [19, с.141-142]. Як сабаби муҳимтарини иштирок накардани аҳолии маҳаллӣ дар мактабҳо беэътимодӣ ба ин муассисаҳо буд. Натиҷаҳои оморӣ низ нишон медиҳанд, ки шумораи шогирдони маҳаллӣ хеле кам буд. Т. Н. Қорӣ-Ниязов менависад, ки «миёни мардум овозаҳое паҳн мешуданд, ки рӯҳониён онҳоро густариш медоданд, ба он мазмун, ки хатмкунандагони мактабҳои русӣ ба хизмати ҳарбӣ бурда мешаванд ва маҷбур ба қабули масеҳият мегарданд» [11, с.57].

Дар натиҷа, яке аз монеаҳои ҷиддӣ барои рушди муассисаҳои нави таълимӣ набудани таълими расмии фанҳои динӣ буд. Тибқи маълумоти В. В. Бартольд, соли 1883 аз 286 хонандаи гимназияҳои Тошканд ҳамагӣ 20 нафар (7%) ба аҳолии маҳаллӣ мансуб буданд, ва аз 333 духтари таҳсилкунанда танҳо 10 нафар (3%) маҳаллӣ буданд. То соли 1896 ин нишондод боз ҳам коҳиш ёфт: аз 327 писарбача ҳамагӣ 10 нафар (3%), ва аз 377 духтар – танҳо 8 нафар намояндаи мардуми бумӣ буданд [11, с.300].

Талошҳои ҳокимият барои беҳбуд бахшидани вазъ натиҷаҳои назаррас надоштанд. Интернатҳои иловагӣ дар назди гимназияҳои Тошканд ва Верний, ки соли 1879 таъсис ёфтанд, натавонистанд ҷалби хонандагони маҳаллиро ба таври ҷиддӣ афзоиш диҳанд ва баъдтар баста шуданд [11, с.300]. Ҳамчунин, Семинарияи омӯзгорие, ки барои тайёр кардани кадрҳои маҳаллӣ пешбинӣ шуда буд, дар тӯли 25 сол (1879–1904) танҳо 25 намояндаи аҳолии маҳаллиро хатм кард [27].

Бо дарки зарурати ислоҳоти сиёсати маориф, генерал-губернатор Н. О. Розенбах пешниҳод намуд, ки мактабҳои русӣ-маҳаллӣ бо дарбаргирии таълими расмии ислом аз ҷониби омӯзгорони маҳаллӣ таъсис дода шаванд [16, с.102]. Аввалин чунин муассиса дар шаҳри Тошканд, дар хонаи тоҷири маҳаллӣ Саид Ғанӣ таъсис ёфт. Дар он омӯзгори варзида В. П. Наливкин дарс медод ва кӯшиш мекард, ки раванди таълим ба муҳити маҳаллӣ мутобиқ карда шавад [16]. Бо мурури замон, мактабҳои русӣ-маҳаллӣ ба унсури муҳим дар сиёсати таълимии минтақа табдил ёфтанд, ки ҳадафи он ҷалби

тадриҷии аҳолии маҳаллӣ ба фазои таълимии муосир ва фарҳанги умумимиллии империя буд.

Бо вуҷуди ин, муносибати ҷомеа ба чунин мактабҳо яксон набуд. Хусусан байни табақаҳои аристократии маҳаллӣ ин муассисаҳо эҳсоси боварӣ ба вуҷуд намеоварданд, ва онҳо бештар барои фарзандони камбизоатон тавсия мешуданд [19]. Ҳатто дар шароити афзоиши шумораи ин мактабҳо (то соли 1911 – 89 адад), интизориҳои ҳукумат дар мавриди таъсири онҳо бар тарбияи насли мутобиқ ба низоми давлатӣ пурра амалӣ нашуд. Шумораи хатмкунандагон кам боқӣ монд ва сифати таълим ба сатҳи қобили қабул нарасид. М. М. Вирский менависад, ки «ҳеҷ як мактаб дар вилояти Самарқанд ягон маҳаллиро ба воя нарасондааст, ки тавонад бо забони русӣ озодона бихонад ва бинависад» [5].

Бархе муҳаққиқон сабаби ин вазъиятро ба муқовимати рӯҳониёни исломӣ рабт медиҳанд, аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мушкили асосӣ дар номувофиқ будани худи системаи таълим бо муҳити иҷтимоӣ ва анъанаҳои маҳаллӣ ниҳон буд [23, с.70]. Дар натиҷа, зарурати ислоҳи мактабҳои русӣ-маҳаллӣ ҳатто барои худи мақомот низ возеҳ гардид. Ин боз ҳам бештар ҳангоми фаъолияти генерал-губернатори нав, барон А.Б. Вревский зоҳир гардид, ки дар охири соли 1891 ба губернаторони вилоят дастур дод, ки чораҳои иловагӣ барои беҳбуд бахшидани вазъ андешанд.

Вревский дар баромади худ нигаронии амиқи худро аз теъдоди ками хонандагон, ҳузури номуназзами онҳо ва сатҳи заифи таълим баён намуд. Ӯ қайд кард, ки «хароҷоти солонаи мактабҳо (зиёда аз 23 000 рубл) натиҷаи назаррас намедиҳад» [19, с.144]. Ба гуфтаи ӯ, «нафаронеро, ки манфиати омӯзиши забон ва фарҳанги русиро дарк мекунанд, набояд интизор шуд. Рафтан бо ҷараён маънои суст кардани равандҳои ҳамгироии фарҳангӣ ва мушкилтар сохтани ҳамбастагии минтақа бо давлатро дорад» [19].

Дар идомаи таҳлил, Вревский самаранок набудани маҷбуркунии маъмуриро низ танқид кард ва таъкид намуд, ки ҷалби хонандагон тавассути раисони волостҳо ва аксакалон натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Таҳсилоти иҷборӣ, ба гуфтаи ӯ, на ба ташаккули дониш, балки ба ҳузури номиналӣ ва натиҷаҳои заифи таълимӣ оварда мерасонад.

Яке аз мушкилоти ҷиддии дигар сатҳи пасти омодагии омӯзгорони мактабҳои русӣ-маҳаллӣ буд. Бисёре аз онҳо хатмкардагони Семинарияи омӯзгории Туркистон буданд, ки ба талаботи муҳити фарҳангии маҳаллӣ омода набуданд. В.В. Бартольд ишора мекунад, ки «пешрафти мактабҳои русӣ аз он маҳдуд мешуд, ки омӯзиши аз ҳад зиёди забонҳои маҳаллӣ метавонад рушди адабиёт ва фарҳанги дохилӣ дар минтақаҳоро тақвият бахшад ва ба ҷараёни ҳамгироии фарҳангӣ таъсири баръакс расонад» [2, с.99].

Мувофиқи санадҳои Комиссияи Палена ва ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҳар як мактаби русӣ-маҳаллӣ ду омӯзгор дошт: як рус ва як маҳаллӣ. Муаллимони рус, ки аз ҳисоби хатмкардагони Семинария таъин мешуданд, асосан «гӯишҳои маҳаллӣ»-ро медонистанд. Аммо истифодаи истилоҳи «гӯиш» ба ҷои «забони маҳаллӣ» дар санадҳо муносибати нисбатан зинавӣ ба фарҳанги маҳалро инъикос мекард. Дар навбати худ, муаллимони маҳаллӣ аксаран аз миёни хатмкардагони мактабҳо ва мадрасаҳо ҷалб карда мешуданд.

Идоракунии мактабҳо пурра дар дасти маъмурияти рус қарор дошт ва таълими ҳамаи фанҳо бо забони русӣ анҷом мешуд. Дар ин замина, нобаробарии музди меҳнат миёни омӯзгорон ба таври назаррас эҳсос мешуд: маоши муаллимони рус тақрибан чор маротиба бештар аз музди ҳамтоёни маҳаллӣ буд, ки ин нишонгари муносибати ғайримутаносиб дар сохтори таълимӣ мебошад. Ҳарчанд чунин тадбирҳо бо мақсади ҷалби мутахассисони рус амалӣ мешуданд, натиҷаҳо ба таври куллӣ интизориҳоро

бароварда накарданд. Мувофиқи гузориши К. К. Пален, бархе аз омӯзгорон «на танҳо аз нигоҳи касбӣ, балки аз лиҳози ахлоқӣ низ ба вазифаи худ мутобиқ набуданд, ки ин на танҳо онҳоро, балки худи ғояи густариши маърифатро зери суол мебурд» [2, с.99].

Мушкили дигар музди меҳнати пасти муаллимони маҳаллӣ буд, ки ҳамагӣ 120 рубл дар солро ташкил медод. Ин водор месохт, ки бисёре аз онҳо дар мактабҳои суннатии маҳаллӣ низ фаъолият дошта бошанд, ки даромадашон асосан аз хайрияҳои волидайн ва шогирдон вобаста буд [20, с.99]. Аз ин сабаб, ба муассисаҳои таълимии расмӣ бештар нафароне ҷалб мешуданд, ки ба талаботи касбӣ ва фарҳангии маъмурият пурра ҷавобгӯ набуданд.

Маблағгузории мактабҳо асосан бар дӯши аҳолии маҳаллӣ вогузор шуда буд. Бар асоси протоколҳои ҷамъиятӣ ва санадҳои бойгонӣ, масалан, дар Панҷакент ҳафт воҳиди маъмурӣ (волост) солона дар маҷмуъ 906 рубл 50 тин ҷудо мекарданд, ки қисми зиёди буҷаи мактабҳоро ташкил медод. Боқимонда (688 рубл 50 тин) аз ҳисоби даромади шаҳрӣ пардохта мешуд. Ин сохтор, дар асл, масъулияти молиявии пурраро ба зиммаи ҷомеа мегузошт [27].

Тибқи маълумоти В. Т. Кочаров, дар мактабҳои яксинфаӣ мудирон 600 рубл ва муаллимони фанни динӣ ҳамагӣ 150 рубл маош мегирифтанд. Дар мактабҳои дусинфаӣ нишондиҳандаҳо андаке беҳтар буданд, вале принсипи нобаробарӣ боқӣ монд [13, с.43]. Ҳангоми муқоисаи хароҷоти солона барои як шогирд маълум мешавад, ки барои ҳар як донишомӯзи рус тақрибан 9,5 тин дар сол ҷудо мешуд, дар ҳоле ки барои хонандагони маҳаллӣ ҳамагӣ 1 тин масраф мегардид [25]. Қисми зиёди кумакпулиҳои давлатӣ ба муассисаҳои русӣ равона мешуданд, ва муассисаҳои маҳаллӣ маблағи ночиз мегирифтанд.

Бо вуҷуди ҳамаи мушкилот ва маҳдудиятҳо, таъсиси мактабҳои русӣ-маҳаллӣ ба рушди низоми таълим дар минтақа таъсири муайян гузошт. Ин муассисаҳо дорои барномаи устувор буданд, ки синну соли хонандагонро ба назар мегирифт. Китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ таҳия мешуданд – чизи наве барои муҳити анъанавии таълимӣ. Дар ҳоле ки таълим асосан бо забони русӣ сурат мегирифт, омӯзгорони маҳаллӣ иҷозат доштанд, ки ба кӯдакон асосҳои таълимоти исломиро низ омӯзонанд.

Академик В. В. Бартольд воқеаи хотирмони зеринро зикр мекунад: «Соли 1894 ман бо як ҷавони сарт вохӯрдам, ки ҳам дар мактаби суннатӣ ва ҳам дар мактаби русӣ-маҳаллӣ таҳсил карда буд. Вақте пурсидам, ки кадом мактабро бештар дӯст медорад, ҷавоб дод: «Намедонам, ки дар он дунё чӣ мешавад, вале дар ин дунё мактаби русӣ бештар маъқул аст» [27].

Т. Н. Қорӣ-Ниёзов низ дар ёддоштҳояш менависад, ки дар чунин мактабҳо «забони русӣ, арифметика, асосҳои таърих, ҷуғрофия ва табиатшиносӣ, инчунин саводи модарӣ ва таълимоти исломӣ тадрис мешуд» [11, с.61]. Ғайр аз ин, дар минтақа инчунин омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ таъсис дода шуда, дар баъзе мактабҳо синфҳои ҳунармандӣ ифтитоҳ гардиданд. Вале ин ташаббусҳо ҳам ба сабаби шумораи ками муассисаҳо ва мувофиқ набудани барномаҳо ба ниёзҳои воқеии иқтисодии минтақа густариш пайдо накарданд. То соли 1893, дар саросари Россия 464 муассисаи таълимӣ бо 862 шуъбаи ҳунармандӣ амал мекард, дар ҳоле ки дар тамоми кишвари Туркистон танҳо 9 мактаби дорои синфҳои ҳунармандӣ вуҷуд дошт, ки дар маҷмуъ ҳамагӣ 343 шогирдро фаро мегирифтанд [13, с.49].

Бо дарки зарурати омодасозии кадрҳо барои соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат, мақомот пешниҳод доштанд, ки мактабҳои кишоварзӣ ва муассисаҳои олии марбут ба ин соҳа таъсис дода шаванд. Аммо татбиқи амалии ин тарҳҳо суст ва ғайрипурра сурат гирифт, зеро сиёсати маориф дар амал бештар ба таҳкими фарҳанги марказӣ нигаронида шуда буд, на ба рушди эҳтиёҷоти иқтисодии маҳаллӣ.

Дар натиҷа, низоми маорифи расмӣ дар Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатии марказӣ амал мекард. Гарчанде ки мактабҳои русӣ-маҳаллӣ бо мақсади ҳамгироии иҷтимоӣ ва фароҳам овардани фазои таҳсилоти умумидавлатӣ таъсис ёфта буданд, дар воқеият, онҳо ҳамчун абзори паҳнсозии арзишҳои фарогир ва маҳдудсозии таъсири муассисаҳои суннатӣ арзёбӣ мешуданд. Бархӯрди ҷомеа ба ин раванд нобаробар буд ва маҳз омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динӣ монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи татбиқи самараноки он гардиданд.

**Адабиёт**

1. Азиатская Россия [Текст] / Изд. Переселенческого управления Главного управления землеустройства и земледелия. – СПб., 1914. – Т. 1. – 257 с.

2. Бартольд, В. В. История культурной жизни Туркестана [Текст] / В. В. Бартольд. – Л.: Изд-во АН СССР, 1927. – 318 с.

3. Бендриков, К. Е. Очерки по истории народного образования в Туркестане (1865–1924 гг.) [Текст] / К. Е. Бендриков. – М.: Изд-во Акад. пед. наук РСФСР, 1960. – 512 с.

4. Брежнева, С. Н. Историография проблемы присоединения Туркестанского края к России: вторая половина XIX – начало XXI вв. [Текст]: дис. … д-ра ист. наук. – М., 2005. – 282 с.

5. Вирский, М. М. Справочная книжка Самаркандской области 1902 г. [Текст] / под ред. М. М. Вирского. – Самарканд, 1902. – Вып. VII. – 344 с.

6. Граменицкий, С. М. Очерк развития народного образования в Туркестанском крае [Текст] / С. М. Граменицкий. – Ташкент: Типография Сыр-Дарьинского обл. стат. комитета, 1896. – 89 с.

7. Добросмыслов, А. И. Ташкент в прошлом и настоящем [Текст] / А. И. Добросмыслов. – Ташкент, 1912. – 224 с.

8. История Казахской ССР. Изд. 3-е [Текст]. – Алма-Ата: Изд-во АН Казахской ССР, 1952. – 289 с.

9. История народов Узбекистана [Текст] / под ред. Я. Г. Гулямова. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1947. – Т. 2. – 512 с.

10. История таджикского народа. Том IV: Позднее средневековье и новое время (XVI в. – 1917 г.) [Текст] / под общей редакцией академика Р. М. Масова. – Душанбе: Дониш, 2010. – 1124 с.

11. Кары-Ниязов, Т. Н. Размышления о пройденном пути [Текст] / Т. Н. Кары-Ниязов. – М.: Наука, 1970. – 57 с.

12. Керенский, Ф. Медресе Туркестанского края [Текст] // Журн. Мин-ва нар. просвещения. – 1892. – № 4. – Отд. 4. – С. 25.

13. Кочаров, В. Т. Из истории организации и развития народного образования в дореволюционном Узбекистане (1865–1917 гг.) [Текст] / В. Т. Кочаров. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1966. – С. 33–34.

14. Лунин, Б. Б. Средняя Азия в научном наследии отечественного востоковедения. Историографический очерк [Текст] / Б. Б. Лунин. – Ташкент: ФАН, 1979. – С. 121-122.

15. Масальский, В. И. Россия. Полное географическое описание нашего отечества. Т. 19: Туркестанский край [Текст] / под ред. В. П. Семёнова-Тянь-Шанского. – СПб.: А. Ф. Маркс, 1913. – 338 с.

16. Наливкин, В. П. Туземцы раньше и теперь [Текст]: очерк. – Ташкент, 1913. – С. 81-82.

17. Наливкин, В. П., Наливкина, М. Очерки быта женщины оседлого туземного населения Ферганы [Текст]. – Казань: ЗВАРАО, 1886–1887. – Т. 1. – 244 с.

18. Остроумов, Н. П. Воспоминания / Н. П. Остроумов. – Ташкент, 1910. – 109 с.

19. Остроумов, Н. П. Колебания во взглядах на образование туземцев в Туркестанском крае [Текст] // Кауфманский сборник. – М.: Тип. И. Н. Кушнерев и Ко, 1910. – С. 139-161.

20. Пален, К. Учебное дело [Текст] // Россия. Полное географическое описание нашего отечества. Т. 19: Туркестанский край / под ред. В. П. Семёнова-Тянь-Шанского. – СПб.: А. Ф. Маркс, 1910. – 99 с.

21. Пирумшоев, Х. П.; Маликов, М. Х. Россия – Таджикистан: история взаимоотношений [Текст]. – Душанбе: РТСУ, 2009. – 687 с.

22. Семенов, А. А. Роль русского народа в развитии хозяйства и культуры народов Средней Азии до Окт. революции [Текст] // Изв. отд. обществ. наук АН ТаджССР. – Сталинабад, 1958. – Вып. 17. – С. 3.

23. Смирнов, Е. Т. Дервешизм в Туркестане [Текст] // Сб. материалов по мусульманству. – СПб., 1899. – С. 70.

24. Терентьев, М. А. История завоевания Средней Азии: в 3 т. Т. 3 [Текст]. –СПб., 1906. – 496 с.

25. Убайдуллоев, Н. К. Историография народного образования Таджикистана: (вторая половина XIX – первая половина XX вв.) [Текст]. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айни, 2016. – 410 с.

26. Убайдуллоев, Н. К. История народного образования Таджикистана второй половины XIX – начала XX вв. [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 176 с.

27. [Хароҷоти солона барои як шогирд] [Текст] // Туркестанские ведомости. – 1879. – 25 сентября.

28. [Ҷараёни тадриҷии ҳамзистии фарҳангҳо] [Текст] // Туркестанские ведомости. – 1900. – 6 января. – № 2.

## РАВАНДИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ТАЪЛИМ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ДАР ЗАМОНИ ҲУКУМАТИ ПОДШОҲИИ РОССИЯ

Мақола ба таҳлили равандҳои ташаккули низоми таълим дар Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX дар замони ҳукумати подшоҳии Россия бахшида шудааст. Муаллиф бар асоси манобеи таърихӣ ва бойгонӣ нишон медиҳад, ки мактабҳои русӣ-маҳаллӣ на танҳо муассисаҳои омӯзишӣ, балки абзорҳои сиёсати фарҳангии империя буданд. Дар маркази баррасӣ шахсияти генерал-губернаторон К.П. Кауфман ва А.Б. Вревский қарор дорад, ки барои ҳамгироии мардуми маҳаллӣ талош мекарданд. Вале муқовимати рӯҳониёни исломӣ, набудани омӯзгорони ихтисосманд, сатҳи пасти маблағгузорӣ ва номувофиқии барномаҳои таълимӣ бо муҳити иҷтимоии минтақа, сиёсати таълимиро ба натиҷаҳои маҳдуд рӯ ба рӯ сохтанд. Мақола хулоса мекунад, ки дар шароити истисмори мустамликавӣ, маориф на ҳамчун воситаи рушди иҷтимоӣ, балки ҳамчун абзори назорат ва ҳамзистии сунъии фарҳангҳо истифода мешуд.

**Калидвожаҳо:** Осиёи Миёна, маориф, Кауфман, Вревский, мактаби русӣ-маҳаллӣ, сиёсати фарҳангӣ, муқовимати рӯҳониён, мадраса, ҳамгироӣ, истисмор, анъана, ташаккули ҳувият.

## ПРОЦЕСС ФОРМИРОВАНИЯ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ В СРЕДНЕЙ АЗИИ В ПЕРИОД ЦАРСКОГО ПРАВЛЕНИЯ РОССИИ

Статья посвящена анализу формирования системы образования в Средней Азии во второй половине XIX — начале XX века в условиях российского имперского правления. Автор показывает, что русско-туземные школы играли роль инструмента культурной ассимиляции, а не просто просвещения. Центральными фигурами исследования выступают генерал-губернаторы Кауфман и Вревский, под чьим руководством разрабатывались принципы школьной политики. Однако инициатива натолкнулась на сопротивление местного духовенства, недоверие со стороны населения и институциональные сложности. Образовательные учреждения страдали от недостатка финансирования, квалифицированных кадров и неприемлемости учебных программ для местной среды. В итоге, несмотря на попытки интеграции, система показала низкую эффективность. В статье делается вывод, что имперская образовательная политика в Туркестане рассматривала образование как механизм контроля и подчинения, а не как способ развития региона.

**Ключевые слова:** Средняя Азия, образование, русско-туземные школы, Кауфман, Вревский, миссионеры, ислам, интеграция, культура, административный контроль, сопротивление.

## THE PROCESS OF EDUCATIONAL SYSTEM FORMATION IN CENTRAL ASIA DURING THE RUSSIAN IMPERIAL RULE

The article investigates the development of the educational system in Central Asia during the second half of the 19th and early 20th centuries under Russian imperial governance. The author emphasizes that Russian-native schools were not only educational institutions but also tools of cultural assimilation and imperial control. The analysis centers around the roles of governors Kaufman and Vrevsky, who initiated school policies aiming to integrate local populations. However, these reforms faced significant obstacles, including resistance from Islamic clergy, local distrust, underfunding, and a shortage of qualified teachers. The curricula, designed from a Russian perspective, failed to align with the social and cultural environment of the region. As a result, educational reforms achieved limited success. The study concludes that the colonial educational agenda prioritized imperial integration and administrative control rather than regional development.

**Keywords:** Central Asia, education, Russian-native schools, colonial policy, Kaufman, Vrevsky, cultural assimilation, Islam, integration, traditional institutions, local resistance, imperial control.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шоқурбонова Ҷаҳоноро Шарифхоновна** – унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121.

**Сведения об авторе: Шокурбонова Джахоноро Шарифхоновна** – соискатель кафедры истории таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121.

**Information about the author: Shokurbonova Jahonoro Sharifkhonovna** – an applicant at the Department of History of the Tajik People at the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121.

ТДУ 338 (091+323) (575.34)

# ВАЗЪИ САНОАТИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Зубайдуллозода Саидҷон**
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ низоми идории иқтисодӣ низ вайрон шуда, риштаҳои алоқаи байни корхонаҳои муштарак канда шуданд. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ҷумҳуриро бухрони шадиди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта, соҳаҳои саноат, нақлиёт, роҳҳо, алоқа, кишоварзӣ мубталои ин бӯҳрон гаштанд. Ноҳияи Қубодиён низ аз зумраи чунин навоҳие буд, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ зиёни бузурги иқтисодӣ дид.

Дар ноҳия ҷиҳати рушди соҳаи саноат диққати махсус дода мешуд. Мақсади асосии рушди саноатии ноҳия афзун намудани самаранокӣ ва фоиданокии корхонаҳои саноатӣ, бо роҳи тағйир додани намуди истеҳсолот баҳри тавлиди маҳсулоти серталаботи бозоргир бо истифодаи технологияи пешқадам, васеъ намудани бозори фурӯш ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Моҳи ноябри соли 1993 Шурои вазирони Тоҷикистон дар бораи сохтмони се комплекси бофандагӣ дар вилояти Хатлон як ҷо бо корпоратсияи «Язекс»-и Туркия қарор қабул намуд. Яке аз ин корхонаҷоти бофандагие, ки дорои шаш фабрика аст дар ноҳияи Қубодиён сохта мешавад. Дастгоҳои он аз Итолиё, Олмон, Туркия ва дигар мамолик оварда мешаванд. Ба фаъолияти корхона мутахассисони кишвари Туркия ёрии техникӣ мерасонанд, коргарони он аз ҷумлаи аҳолии маҳаллӣ тарбия мешаванд. Дар он тақрибан 1200 нафар коргар кор хоҳад кард.

Моҳи октябри соли 1996 дар ноҳияи Қубодиён аввалин корхонаи саноати заводи пахтатозакунии ба номи Носири Хисрав кушода шуд, ки ин аз ҳаёти осудаю пурбори ояндаи неки ноҳия гувоҳӣ медиҳад. Ҳамчунин ин корхона метавонад ба баланд шудани сатҳи зиндагии мардуми ноҳия мусоидат намояд [6].

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар соли 1998 дар ноҳияи Қубодиён истеҳсоли маҳсулоти саноатии пахта дар корхонаҳои коркарди он 2635 тоннаро ташкил медод [10, с.105].

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2000-ум 151 фоиз ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ 20584,7 ҳазор сомониро ташкил медод [10, с.102].

Дар соли 2002 ноҳияи Қубодиён дар соҳаи саноат комёбиҳои назаррас ба даст овард. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 4294,2 сомониро ташкил дод, ки назар ба ҳамин давраи соли 2001 641,7 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Аз он ҷумла истеҳсоли маҳсулоти истеъмоли халқ 1522 ҳазор сомониро ташкил дода, 30 тонна равған истеҳсол карда шуд [5].

Соҳаи сохтмон низ баъди солҳои тӯлони рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Бо мақсади татбиқи мурожиатномаи ҳукумати вилоят сохтмони сехи консервабарории совхози «Ҳаваскор», ки зиёда аз 10 сол ин ҷониб ба охир нарасида буд, оғоз ёфт [5].

Дар ҷануби вилоят дар заминаи кони оҳаксанги «Туюктоғ», кони гили Қубодиён дар соли 2002 сохтмони корхонаи тавлиди сементи Бешкент тарҳрезӣ шуд. Захираи

ашёи хом барои ин корхона ба беш аз 60 сол мерасад. Дар ин ҷо ҳамчунин дар ояндаи начандон дур сохтани комбинати истеҳсоли маснуоти асбосементи, хусусан шифер ва қубурҳо ба назар гирифта шуд, ки ин такони калоне хоҳад буд дар тараққиёти минбаъдаи индустрияи сохтмон [7, с.31].

Таҳқиқотҳо муайян намуданд, ки захираҳои табии ва қувваи кории ноҳияи Қубодиён имконият медиҳад, ки дар оянда як қатор корхонаҳои саноатӣ, махсусан саноати сохтмон, хурока ва бофандагиро ба роҳ мондан мумкин аст. Ҳамчунин ноҳия бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Афғонистон ҳамсарҳад буда, имконияти содироти маҳсулоти саноатиро доро мебошад.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2005 63391 ҳазор сомонӣ дар соли 2006 67828 ҳазор сомониро ташкил медод. Аз рақамҳо маълум мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ назар ба соли 2005 дар соли 2006 хеле зиёд гардидааст [8, с.87].

Натиҷаҳо нишон доданд, ки рушди соҳаи саноати ноҳияи Қубодиён назар ба солҳои 1991-1992 дар солҳои 2005-2006 хеле боло рафтааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Қубодиён аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 80037 ҳазор сомонӣ, дар соли 2008 82438 ҳазор сомониро ташкил медод. Аз рақамҳо маълум мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ назар ба соли 2005 дар соли 2006 хеле зиёд гардидааст [8, с.87].

Дар ноҳияи Қубодиён ҷиҳати рушди соҳаи саноат диққати махсус дода мешавад. Мақсади асосии рушди саноатии ноҳия афзун намудани самаранокӣ ва фоиданокии корхонаҳои саноатӣ, бо роҳи тағйир додани намуди истеҳсолот баҳри тавлиди маҳсулоти серталаботи бозоргир бо истифодаи технологияи пешқадам, васеъ намудани бозори фурӯш ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад. Дар соли 2010 ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ тамоюли афзоишро касб намуда, нисбат ба соли 2008 25,9% зиёд шудааст [3, с.39].

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2010 99909 ҳазор сомонӣ, дар соли 2011 87963 ҳазор сомониро ташкил медод. Аз рақамҳо маълум мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2011 хеле кам шудааст [8, с.87].

Саноат яке аз соҳаҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум ва таъмини ҷойҳои нави корӣ ба шумор меравад.

Дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи 86176,1 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шуд, ки нисбати соли 2010 88 фоизро дар бар мегирад. Истеҳсоли нахи пахта 2120 тонна ё ин, ки нисбати соли 2010 64,7 фоиз, истеҳсоли равғани растанӣ 516 тонна ё ин, ки нисбати соли 2010 100 фоиз, истеҳсоли орд 6847 тонна ё ин, ки нисбати соли 2010 100 фоизро дар бар гирифтааст. Нон ва маҳсулоти нонӣ 3171 тонна истеҳсол карда шуда, нисбати соли 2010 100 фоиз ва истеҳсоли маҳсулоти нимтайёри доругӣ 6,6 тоннаро ташкил намудааст [15].

Дар соли 2011 ҳаҷми гардиши савдои чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо бо нархҳои ҳақиқӣ ба маблағи 39879,8 ҳазор сомонӣ расид, ки нисбати соли 2010 4869,1 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Ба аҳолии ноҳия ба маблағи 2820,7 ҳазор сомонӣ хизматрасонии пулакӣ расонида шудааст, ки нисбати соли 2010 787,4 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад [15].

Мувофиқи ҳисоботи раиси ноҳия ба маблағи 64 млн 877 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шуд, ки нисбати соли 2011 122,2 фоизро дар бар мегирад. Истеҳсоли нахи пахта 2283,5 тонна ё ин, ки 119,3 фоиз, истеҳсоли равғани растанӣ 582

тонна ё ин, ки 103,9 фоиз, истеҳсоли орд 7147 тонна, ё ин, ки 108,6 фоиз, нон ва маҳсулоти нони 2872 тонна ё ин, ки 100,5 фоиз, истеҳсоли хишт 2766 дона ё ин, ки 103,2 фоиз, истеҳсоли гушт 1175 тонна ё ин, ки 100,3 фоиз ва истеҳсоли кунҷора 3492 тонна ё ин, ки 115 фоизро нисбати ҳамин давраи соли 2011 дар бар мегирад [16].

Ноҳияи Қубодиён дорои захираҳои бузурги табиӣ буда, барои истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ аз лиҳози табиӣ фоиданок хеле мувофиқ мебошад. Бо ҳамин мақсад дар ноҳия Ҷамъияти Саҳомии Шакли пушидаи «Аввалин» кушода шудааст, ки ба ҷамъоварии маҳсулоти нимтайёри доругӣ аз решаи ширинбия машғул аст.

Дар ин давра Ҷамъияти Саҳомии Шакли пушидаи «Аввалин» ба миқдори 89,8 тонна маҳсулоти нимтайёри доругӣ аз решаи ширинбия коркард намудааст, ки ин 3 млн 328 ҳазор сомониро ташкил менамояд [16].

Корхонаҳои саноатии ноҳияро лозим аст, ки барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла коркарди пахта тамоми имкониятҳои мавҷударо истифода бурда, барои истеҳсол тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Барои беҳтар намудани рушди соҳаи саноати ноҳия, нақшаи амал оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ ва таъмин намудани чорабиниҳои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2011–2015» корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки шумораи умумии лоиҳаҳои Барнома аз 158 адад иборат буда, арзиши умумии онҳо 126 млн 429 ҳазор сомониро ташкил мекунад, аз он ҷумла блоки иқтисодӣ 53 адад лоиҳа ба маблағи 27 млн 365 ҳазор сомонӣ, ё ин, ки 21,6 фоиз, блоки иҷтимоӣ 70 адад лоиҳа ба маблағи 21 млн 432 ҳазор сомонӣ, ё ин, ки 17 фоиз, блоки инфрасохтор 15 адад лоиҳа ба маблағи 70 млн 876 ҳазор сомонӣ, ё ин, ки 56 фоиз, экология ва ҳолатҳои фавқулодда 11 адад лоиҳа ба маблағи 6 млн сомонӣ, ё ин, ки 4,8 фоиз ва идоракунӣ 9 адад лоиҳа ба маблағи 749 ҳазор сомонӣ, ё ин, ки 0,6 фоизи арзиши умумии барномаро ташкил мекунад [1].

Инчунин сарчашмаҳои маблағгузории барнома аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 6 млн 888 ҳазор сомонӣ, буҷетӣ вилояти 1 млн 190 ҳазор сомонӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ 32 млн 311 ҳазор сомонӣ, сармояи хориҷӣ 10 млн 541 ҳазор сомонӣ, маблағҳои соҳибкорон, аҳолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ 11 млн 169 ҳазор сомонӣ ва эҳтиёҷот ба маблағ 64 млн 421 ҳазор сомонӣ мебошад [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 7-уми октябри соли 2014 ҳангоми сафари кории худ ба ноҳияи Қубодиён дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони ноҳия суханронӣ намуда, ҷиҳати рушди соҳаи саноати ноҳия қайд намуданд: «Соҳаи саноати ноҳия аз ҷумлаи самтҳои таҳкимбахши иқтидори иқтисодӣ буда, ин соҳа дорои имкониятҳои васеъ барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мебошад. Дар ноҳия 9 корхонаи саноатӣ дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият карда, соли 2013 дар онҳо ба маблағи умумии 70 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки дар қиёс ба соли 2012-ум 11 фоиз зиёд мебошад. Вале дар ҳашт моҳи соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 35 миллион сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2013 кам мебошад. Аз ин лиҳоз, сохтору мақомоти дахлдор, пеш аз ҳама, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки ҷиҳати бартарафсозии камбудиву норасоиҳои мавҷуда ва рушди босуботи соҳаи саноати ноҳия чораҳои мушаххас андешанд» [11, с.14].

Соли 2014 дар ноҳия 66,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шуд, ки ин дар қиёс ба соли 2012 – 4,6 фоиз, ё ин ки 2,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад [3, с.30].

Дар худуди ноҳияи захираи калони ашёи хоми кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабазавот мавҷуд мебошад, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани он имконияти бунёд намудани корхонаҳои саноатии хурду миёнаи коркарди маҳсулоти

кишоварзӣ аз манфиат холӣ нест. Бинобар сабаби кам будани корхонаҳои саноатӣ, зарари таъсири фаъолияти он ба муҳити зисти ноҳия ба мушоҳида намерасад. Дар ноҳия имкониятҳои мувофиқ ҷиҳати ташкили истеҳсолот оид ба барориши сементи сохтмонӣ, оҳаксанг, сангреза ва мутобиқан ба роҳ мондани барориши маснуоти оҳану бетон, маводи сохтмонӣ мавҷуд мебошанд, ки барои ҳалли мушкилиҳои сохтмон ва таъминоти манзил барои аҳолӣ нақши назаррас мебозад [3, с.32].

Соли 2015 дар ноҳияи Қубодиён ба маблағи 21924,5 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2014 1410,2 ҳазор сомонӣ зиёд буда, 106,9 фоизро дар бар мегирад. Истеҳсоли нахи пахта 727,0 тонна, ё ин ки 167,7 фоиз, истеҳсоли орд 2360,0 тонна, ё ин ки 102,8 фоиз, нон ва маҳсулоти нони 2760 тонна ё ин, ки 100,2 фоиз ва истеҳсоли маҳсулоти маҳсулоти нимтайёри дорувори 18800 кг, ё ин ки 1,8 баробарро ташкил менамояд [4].

Барои беҳтар намудани рушди соҳаи саноатӣ ноҳия, нақшаи амал оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ ва таъмин намудани чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2011-2015 корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Бинобар ин, дар барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия бахши соҳибкории хурду миёна яке аз соҳаҳои оояндадори иқтисодиёти ноҳия ба шумор меравад [4].

Дар нимсолаи аввали соли 2016 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ 33 млн 451 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 бо нархҳои муқоисавӣ 102,8 фоизро ташкил дод [14].

Дар ин давраи соли 2016 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ бо нархҳои муқоисавӣ ба маблағи 6 млн 251 ҳазор сомонӣ сармояи асосӣ ҷалб карда шуда аст, ки ин 149 фоиз, корҳои сохтмони васлкорӣ 5 млн 456 ҳазор сомонӣ ё ин ки 149 фоиз, фондҳои асосӣ ба маблағи 5 млн 825 ҳазор сомонӣ ё ин ки 87 фоиз ба кор андохта шуда, хонаҳои истиқоматӣ 3 ҳазору 322 метри мураббаъ, ё ин ки 103 фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 ташкил мекушад [14].

Дар ноҳия сохтмон ва бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва иншоотҳои иҷтимоӣ ба нақша гирифта шудааст, лекин бинобар сабаби коҳиш ёфтани манбаи маблағгузорӣ мушкилиҳо вуҷуд дорад.

4 августи соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо корҳои бунёдкорию созандагӣ ба ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон омаданд [12].

Дар намоишгоҳи маҳсулоти тайёри саноатӣ, яке аз корхонаҳое, ки имрӯз дар доираи барномаи давлатии рушди соҳибкорӣ дар ноҳияи Қубодиён фаъолият дорад, ин ҶДММ «Насими Раҳим» мебошад. Корхонаи мазкур дар намоишгоҳ 10 намуди консерва аз меваю сабзавотро ба намоиш гузошт [13].

Дар ноҳия истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ низ васеъ ба роҳ монда шудааст. ҶДММ «Ороиши диёр» аз ҷумлаи корхонаҳои истеҳсолие мебошад, ки аз семент ҳар гуна масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла тахтасангҳои ороишӣ тайёр мекунад. ҶСП «Аввалин» аз корхонаҳои бузргтарини ноҳияи Қубодиён ба шумор меравад, ки дар он ба воситаи коркарди решаи ширинбия доруҳои қиматбаҳои табобатӣ барои бемориҳои ҷигар ва кислотаи глисирринзн ҳосил менамоянд. Корхонаи мазкур ҳанӯз соли 2010-ум бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурӣ таъсис ёфта, дар он аз навъи гиёҳи ширинбия дору тайёр мекунанд ва аз пасмондаи он маҳсулоти сӯзишвории брикет тавлид карда мешавад [13].

Дар раванди сафари корӣ ба ноҳияи Қубодиён Пешвои миллат қайд намудаанд, ки доир ба супориши дар сафари қаблӣ додашуда ҷиҳати таъмини рушди соҳаи саноати ноҳия то имрӯз як қатор корҳо иҷро шудаанд, аз ҷумла як корхонаи хиштбарорӣ ва

якчанд корхонаи коркарди маҳсулоти чорво ва қолинбофии дастӣ таъсис дода шудаанд, аммо ин барои ноҳияи сераҳолӣ кифоя нест, зеро наметавонад масъалаҳои вобаста ба шуғли аҳолиро ҳаллу фасл намояд. Илова бар ин, фаъолияти самараноки коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ таъмин нагардида, соли 2016 ва шашмоҳаи якуми соли 2017 аз 21 корхонаҳои саноатӣ 10 корхона фаъолият накардааст. Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи рушди маҳал, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Қубодиён, инчунин, дигар сохтору мақомоти дахлдор бояд ҷиҳати ислоҳи чунин вазъ, яъне ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, ба кор даровардани иқтидорҳои нави саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, омода намудани мутахассисони соҳибкасб ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ чораҷӯӣ намоянд [13].

Корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ дар 6 моҳи соли 2019 ба маблағи 3 миллиарду 619 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуда, ҳаҷми истеҳсолро нисбати соли 2018 381 миллион сомонӣ зиёд намуданд. Мутаассифона, дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо имкониятҳои рушди соҳаи саноат ба пуррагӣ истифода намешаванд. Тибқи маълумотҳои расмӣ, шаҳру ноҳияҳои вилоят танҳо аз ҳисоби коркарди пахтаи захирашуда, аз ҷумла дар ноҳияҳои Вахш – 4020 тонна (24 млн сомонӣ), Панҷ – 2347 тонна (13,4 млн сомонӣ), Абдураҳмони Ҷомӣ – 2102 тонна (11,8 млн сомонӣ), Хуросон – 1366 тонна (7,6 млн сомонӣ), Қубодиён – 958 тонна (3,8 млн сомонӣ), Дӯстӣ – 670 (3,8 млн сомонӣ), Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – 758 тонна (4,2 млн сомонӣ), Ёвон – 668 тонна (3,8 млн сомонӣ), Ҷайҳун – 497 тонна (3,8 млн сомонӣ), Носири Хусрав – 286 тонна (1,6 млн сомонӣ) метавонистанд дар маҷмуъ 84,3 миллион сомонӣ ҳаҷми истеҳсолро зиёд намоянд [9].

Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2020-ум ба 1 милиарду 270 миллион сомонӣ расида, афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 15,5 фоиз, ё ин ки 171 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Аз ин ҳисоб ба соҳаи саноат 104,8 миллион сомонӣ, ё ин ки 106,5 фоиз рост меояд [12].

Ҳамин тавр, чи тавре таҳлили мавзуъ нишон дод дар рафти бесарусомониҳои солҳои 90-ум вазъи саноати ҷумҳурӣ пурра хароб гардида, бештари объектҳои соҳа хусусӣ гардонида шуда, қисми дигар ғорат шуданд. Баъди имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ва ба эътидол омадани вазъи кишвар дар ноҳияи Қубодиён низ барои эҳёи саноат ва барқарор намудани баъзе объектҳои саноатӣ хукумат чораҳои қатъи андешид.

**Адабиёт**

1. Ахборот оид ба рафти иҷрои қарори раиси вилояти Хатлон аз 6 феврали соли 2014, №22 [Матн] // Бахши бойгонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён (Минбаъд ББМИҲДНҚ).

2. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2012-2016 [Матн]. – Душанбе, 2016. – 107 с.

3. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2016-2020 [Матн]. – Душанбе, 2015. – 112 с.

4. Гузориш оид ба иҷроиши супориши раиси вилояти Хатлон аз 7 майи соли 2015 [Матн] // ББМИҲДНҚ.

5. Дар бораи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии хоҷагии халқи ноҳия дар нимсолаи аввали соли 2002 [Матн] // Шараф. – 2002. – 16-31 июл. – № 15 (7902).

6. Муртазоев, Н. Нахустин хорхонаи саноатӣ дар ноҳия [Матн] // Шараф. – 1996. – 1-15 ноябр. – № 1 (7820).

7. Миралиев, А. Вилояти Хатлон: Қадамҳои нахустин дар роҳи рушду эҳё [Матн] / А. Миралиев. – Душанбе, 2002. – 96 с.

8. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 218 с.

9. Маърӯзаи муовини аввали раиси вилоят Амонулло Хайрулло [Матн] // Хатлон. – 2019. – 11 июл. – № 28 (3213).

10. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2015 [Матн]. – Хатлон, 2016. – 277 с.

11. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] // Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – Ҷилди 15. – 576 с.

12. Сайфуллозода, А. Нишасти Садриддинзода бо рӯзноманигорон [Матн] // А. Сайфуллозода // Тахти қубод. – 2020. – 20 феврал. – №8-11 (8364 – 8366).

13. Сафари кории Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон [Матн] // Тахти қубод. – 2017. – 12 август. – № 24-25 (8248).

14. Халифаев, С. Шаш моҳи имсол ба ноҳия чи дод [Матн] / С. Халифаев // Тахти қубод. – 2016. – 15 август. – № 23 (8211).

15. Ҳисоботи раиси ноҳияи Қубодиён оид ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисоди дар соли 2011 [Матн] // ББМИҲНҚ.

16. Ҳисоботи раиси ноҳияи Қубодиён оид ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисоди дар соли 2012 [Матн] // ББМИҲНҚ.

17. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] // Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – Ҷилди 15. – 576 с.

## ВАЗЪИ САНОАТИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур оид ба вазъи саноати ноҳияи Қубодиён дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан меравад. Дар ноҳияи Қубодиён ҷиҳати рушди соҳаи саноат диққати махсус дода мешуд. Мақсади асосии рушди саноатии ноҳия афзун намудани самаранокӣ ва фоиданокии корхонаҳои саноатӣ, бо роҳи тағйир додани намуди истеҳсолот баҳри барориши маҳсулоти серталаботи бозоргир бо истифодаи технологияи пешқадам, васеъ намудани бозори фурӯш ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Дар ноҳия сохтмон ва бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва иншоотҳои иҷтимоӣ ба нақша гирифта шудааст, лекин бинобар сабаби коҳиш ёфтани манбаи маблағгузорӣ мушкилиҳо вуҷуд дорад.

Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2020-ум ба 1 милиарду 270 миллион сомонӣ расида, афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 15,5 фоиз, ё ин ки 171 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Аз ин ҳисоб ба соҳаи саноат 104,8 миллион сомонӣ, ё ин ки 106,5 фоиз рост меояд.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳия, Қубодиён, саноат, корхона, маҳсулот, истеҳсолот, самаранок, рушд, технология, меҳнат, муҳоҷират.

## СОСТОЯНИЕ ПРОМЫШЛЕННОСТИ КУБОДИЕНСКОГО РАЙОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

В данной статье рассмаривается состояние промышленности Кубодиёнского района Республики Таджикистан в годы независимости. В годы независимости в Кубодиенском районе особое внимание уделялся развитию промышленности. Основной

целью промышленного развития региона является повышение эффективности и рентабельности промышленных предприятий, за счет изменения вида производства, выпуска востребованной продукции с применением передовых технологий, расширения рынка сбыта и создания новых рабочих мест.

В регионе планируется строительство производственных предприятий и социальных объектов, но не имеются источников финансирования.

Объем валового внутреннего продукта в 2020 году достиг 1 миллиарда 270 миллионов сомони, по сравнению с аналогичным периодом 2019 года рост составляет 15,5% то есть больше на 171 миллион сомони. Следует отметить, что на долю промышленности приходится 104,8 миллион сомони, что составляет 106,5%.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, район, Кубодиен, промышленность, предприятие, продукт, производство, эффективиюсть, развитие, технология, труд, миграция.

## INDUSTRIAL STATE OF THE QUBODIAN DISTRICT IN THE YEARS OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses the industrial state of the Qubodian district during the years of independence of the Republic of Tajikistan. In the Qubodian district, special attention was paid to the development of the industrial sector. The main goal of the district's industrial development is to increase the efficiency and profitability of industrial enterprises by changing the type of production to produce marketable products using advanced technology, expanding the sales market and creating new jobs.

The construction and construction of industrial enterprises and social facilities is planned in the district, but there are difficulties due to the reduction in funding sources.

The gross domestic product in 2020 reached 1 billion 270 million somoni, an increase of 15.5%, or 171 million somoni, compared to the same period in 2019. Of this amount, 104.8 million somoni, or 106.5 percent, falls on the industrial sector.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, district, Qubodian, industry, enterprise, product, production, efficiency, development, technology, labor, migration.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Зубайдуллозода Саидҷон** – ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.Тел.: +992 93.114.88.82

**Сведения об авторе: Зубайдуллозода Саиджон** – ассистент кафедры истории таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Адрес: 734003 Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 121. Тел.: +992 93.114.88.82

**Information about author: Zubaidullozoda Saidjon** – assistant of the Department of History of Tajik nation, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 734003 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Str. 121, Tel.: (+992) 93.114.88.82

ТДУ 902/904: [63+711.4+745] (575.3+5)

# САРАЗМ - ГАҲВОРАИ ТАМАДДУНИ КИШОВАРЗӢ, ҲУНАРМАНДӢ ВА ШАҲРСОЗИИ ТОҶИКОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Сангова Фирӯза Холмуродовна**
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ёдгориҳои таърихӣ шоҳиди зиндаи фарҳангу тамаддун ва оинаи гузаштаи миллати куҳанбунёди тоҷик мебошанд. Имрӯз онҳо дар сартосари кишвари соҳибистиқлоламон ҳифз гардида, чун роҳнамо бозкунандаи саҳифаи зиндагӣ, таърихи куҳан ва давраҳои мухталифу мушкилтарини ҳаёти аҷдодони қадимтарини тоҷикон маҳсуб мешаванд.

Воқеан, ёдгориҳои таърихӣ мояи ифтихори тоҷикон, сарчашмаи рушди иқтисод ва сайёҳии мамлакатамон ба шумор мераванд. Тоҷикистон бо мавзеъҳои таърихии худ машҳури ҷаҳон гардидааст. Намунаи бозёфтҳои таърихӣ, гоҳе як қисмате аз ашё, ангуштарин ё сафолпорае, олоти истеҳсолот ё рӯзгор, ки дар бузургтарин осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд, таърихи чандинҳазорсолаи шаҳрҳоро метавонанд ба моён қисса кунанд.

Пайдоиши шаҳрҳо, дар ҳаёти инсон табаддулоти куллӣ, зарурати таърихӣ маҳсуб шуда, маҳсули фаъолияти дурударози инсоният дар роҳи тараққиёти ҷамъият ва фарҳанг мебошад. Ба дигар сухан, шаҳрҳо давоми тараққиёти деҳаҳои кишоварзон ба ҳисоб мераванд, ки дар натиҷаи равнақи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷамъият ба миён омада, дорои шароити ба худ хос мебошанд. Аслан, шаҳрсозӣ аз давраҳои қадимтарин дар як қатор давлатҳо: Шумер, Акад, Миср ва Ҳиндустон (дар миёнаи дуюми ва ибтидои ҳазораи III-и то милод), дар Чин (ҳазораи III- II-и то милод), дар Аврупои шарқӣ (ҳазораи II-и то милод) ва дар Амрикои Миёна (ҳазораи I-и то милод) оғоз ёфтааст.

Беҳуда, нахустин ҷамъияти инсониро ҷамъияти ихтирокорӣ ва эҷодкорӣ наномидаанд. Инсон ҳанӯз дар ҷамъияти ибтидоӣ, аз замони мезолити миёна 12000 сол қабл аз ин бахри беҳбудии рӯзгори худ дар сохтани олотҳои оддитарини сангӣ, чӯбин ва устухонӣ малака пайдо намуда, мушкилиҳои ба вуҷудомадаро бартараф месохт. Дар замони нави санг, яъне неолит 8000 - 6000 ҳазор сол то милод, инсони шаклан ва ҷисман инкишофёфта бо дастони худ аз санг тиру камон, найза, табар, корд ва дигар олотҳоро сохтааст. Дар ҳаёти инсон давраи нави санг - неолит сохтани зарфҳои гилӣ ва хонаҳои истиқоматӣ табаддулоти куллӣ ҳисоб меёфт.

Масалан, аллома А. И. Исоқов зимни бозёфтҳои худ, ба монанди дос ва ҷувозчаҳои сангин ба чунин хулоса меояд, ки дар ҳақиқат сокинони Саразм ҳанӯз аз ҳазораи V-и то милод ба зироаткорӣ машғул буданд. Дар ин хусус ӯ чунин қайд намудааст: «Ин бозёфт барои мо аҳамияти хеле калон дошт, зеро акнун бо боварии комил гуфта метавонем, ки аҷдодони мо ҳанӯз аз асри сангу биринҷ ба кишоварзӣ шуғл доштаанд» [6, с.19].

Бояд зикр намуд, ки 13-уми сентябри соли 1976 дар ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд табарзини хурдакаки биринҷии ҳангоми хонасозӣ дар яке аз шаҳрҳои бостонии суғдиён - Панҷакент ёфтшуда, мисли муждае аз мавҷудияти Саразмшаҳр ҳамчун нахустин маркази пайдоиши тамаддун, шаҳркадаи аҳди энеолит, яъне давраи сангу биринҷ дарак додааст. Дар натиҷаи ҳафриёти ин ёдгории беҳамтои таърих, нуктаи нави маданияти аҳди қадим, ҳазораи IV то милод аз ҷониби ҷӯяндаи асрори куҳан, бостоншиноси маъруфи тоҷик Абдуллоҷон Исоқович Исоқов кашф гардид. Ба ақидаи

олими суғдшинос В. А. Лившитс шаҳраки қадимтарини тоҷикон – Саразм аст ва номи он аз вожаи тоҷикии «саризамин» пайдо шуда, маънои «Сари замин» ё «Сарзамин»-ро дорад.

Боиси ифтихор аст, ки ин бозёфти пурарзиш, табарзини биринҷӣ шаҳркадаи Саразмро ҳамчун гаҳвораи тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон дар Осиёи Марказӣ ва кошифи он бостоншиноси варзида А. И. Исоқовро асосгузори саразмшиносии тоҷик ба ҷаҳониён пешниҳод ва муаррифӣ намуд. Саҳми олими забардаст, муаррихи маъруф ва Ходими Хизматнишондодаи илми Тоҷикистон А. И. Исоқов (1935 – 1997) дар илми бостоншиносии тоҷик басо бузург аст. Ин шахсияти шинохта, тавонист бо ду бозёфти илми бостоншиносии Тоҷикистон, дар ду ҳафриёти бузурги асри XX–ҳафриёти димнаи Панҷакенти қадим (нахустин кашфиёт дар сарзамини бостонии тоҷикон, қалъаи Абаргари болои кӯҳи Муғи ноҳияи Айнӣ, ки соли 1932 тавассути чӯпон Ҷураалӣ Муҳаммадалӣ кашф шуд) ва Саразм (тавассути иштирокчӣ ва маъюби Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), сокини деҳаи Авазалии ноҳияи Панҷакент Ашуралӣ Тайлонов, ки табари биринҷии ёфтшударо ба Осорхонаи ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Панҷакент чун ҳадя супорид) фаъолияти субботкоронаи худро нишон диҳад.

Фарзанди фарзонаи миллат А. И. Исоқов дар қатори дигар олимону бостоншиносон, таърихшиносон, ба монанди Б. Ғафуров, ки шоҳасари «Тоҷикон»-и оламшумули ӯро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Шиносномаи миллат» номидааст, инчунин асосгузори бостоншиносии тоҷик А. Ю. Якубовский, М. М. Дяконов, А. М. Беленитский, Б. А. Литвинский, В. А. Ранов, Р. М. Мунчаев, А. А. Аскаров, Н. Н. Неъматов, Р. Масов, А. Мухторов ва дигарон корҳои бузурги тадқиқотиро дар соҳаи илм ба анҷом расонад.

Сармуҳаққиқ ва нахусткошифи ёдгории Саразм А.И. Исҳоқов бо ёрии Ашуралӣ Тайлонов ва Усмонҷон Эшонқулов мавқеи ҷойгиршавӣ ва масоҳати ёдгории таърихии Саразмро муайян ва ҳисоб карда, ба чунин хулоса омадаанд, ки он дар сари шоҳроҳи Панҷакент ва Самарқанд, дар болооби Зарафшон (соҳили чапи дарёи Зарафшон) - яке аз дарёҳои калони Осиёи Марказӣ, дар баландии 910 метр аз сатҳи баҳр, дар наздикии деҳаи Саразм 15 километр ғарбтар аз шаҳри бостонии тоҷикон – Панҷакент ва 45 километр дуртар аз дигар шаҳри Суғдзамин - Самарқанд ҷойгир мебошад.

Нахусткошифи Саразм А. И. Исоқов оид ба масъалаҳои ҳафриёт ва бозёфтҳои нодири Саразм бо маърӯзаҳои худ дар Симпозиумҳои Фаронсавию Шуравӣ дар Порис (11.1985с.), дар Амрикоию Шӯравӣ дар Вашингтон (05.1986с.) ва дар Шӯравию ва Фаронса, ки охири моҳи августи соли 1987 дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, чун иштирокчии фаъол баромад намуда, мақоми хосаи Саразмро дар бостоншиносии ҷаҳон муайян кард, ки ин комёбии беназир ва ифтихори бузурги халқи тоҷик мебошад. Аз маърӯзаҳои бостоншинос маълум гардид, ки сокинони марказҳои мадании аҳди кишоварзии Шарқ, ба монанди Афғонистон, Эрон, Балуҷистон ва Ҳиндустон ва мардуми водии Зарафшон дар натиҷаи равобит аз дастовардҳои моддӣ ва маънавии якдигар бархурдоранд ва мавқеи саразмиён дар ташаккулёбии маданияти кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии Шарқ бузург мебошад.

Бояд зикр намуд, ки ёдгории Саразм 100 гектар масоҳат доштааст, вале ва зиёда аз 40 гектари он осеб дидааст. Дар болои ин ёдгорӣ аз асри VI милодӣ деҳаҳои нав, ба монанди Авазалӣ, Раҷабалӣ, Ғурач ва Соҳибназар, биноҳои маъмурӣ ва хонаҳои истиқоматӣ бунёд гардиданд. Дигар қисмати ёдгорӣ зери биноҳои фермаҳо, мактабҳо ва майдони киштзорҳо мондааст.

Нишонаҳои аввалин давлатшаҳрҳо дар ҷамоаи Саразм мушоҳида мешавад. Дар шаҳркадаи Саразм гуруҳи идоракунанда вуҷуд дошт, ки ба ҳашт ҳазор аҳолӣ сарварӣ мекард. Табақаҳои гуногуни ҷамъияти онрӯза, ба монанди кишоварзон, чорводорон,

бофандагон, кулолон, чармгарон, маъдангудозон, сангтарошон ва заргарон дар ин шаҳри қадима зиндагӣ мекарданд.

Саразми бостон дар давраи муайяне маҳалли зуҳури таҳаввулоти фарҳангии барҷаста буда, чаҳор ҳазор сол маркази тиҷоратии дар минтақа маҳсуб меёфт. Ёдгории Саразм натанҳо намунаи беҳтарини тамаддуни ориёӣ дар мамлакати Суғд, балки ёдгории нахустин ва беназири аҳолиии зироаткори Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Дар ин хусус бостоншиноси маъруф Нуъмон Неъматов ибрози ақида намудаанд, ки Саразм чун маркази маданияти аҳди қадимаи кишоварзии болооби Зарафшон дар чаҳор давраи зист бо маданияти Ҷанубу Ғарбии Осиёи Марказӣ ва Шарқии Миёна алоқамандии зич доштааст [6, с. 25].

Саразми Панҷакенти Тоҷикистонро ба чандин далел метавон шаҳри бостонӣ номид: аз номи шаҳр, биноҳои монументалӣ, кӯчаҳои сангфаршшуда, табақаҳои иҷтимоии ҷомеа, нобаробарии молу мулкӣ, дуконҳо, тиҷорату савдо, чорводорӣ, кишоварзӣ, маъданҷӯиву маъдангудозӣ, бофандагӣ, ресандагӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, чармгарӣ, коркарди чӯб ва сангтарошӣ, яъне ҳама рукнҳои шаҳрсозӣ, ки хоси Осиёи Миёна мебошад.

Табақаҳои гуногуни ҷамъияти онрӯза, ба монанди кишоварзон, чорводорон, бофандагон, кулолон, чармгарон, маъдангудозон, сангтарошон ва заргарон дар ин шаҳри қадима зиндагӣ мекарданд. Кулолони Саразм барои сохтани зарфи сафолӣ хоки мувофиқро аз доманакуҳҳои водии Зарафшон пайдо мекарданд. Меъморон нақша кашида, деворҳоро тарҳрезӣ менамуданд, ки ин ҳам яке аз нишонаҳои шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ маҳсуб меёбад.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷамоаи ибтидоӣ ин ду намуди машғулият: зироаткорӣ ва чорводорӣ натанҳо асоси иқтисодиёт ба шумор мерафтанд, балки омилҳои муайянкунандаи маданияти он давра маҳсуб меёфтанд. Аз рӯи маълумотҳои бостоншиносӣ аз давраи асри санг (10000-6000 то милод) қавму қабилаҳо дар кишвари Тоҷикистон ва берун аз он ба киштукор ва инкишофи олатҳои истеҳсолӣ шуруъ кардаанд. Ҳатто дар Фарҳангномаи ориёӣ, дар китоби «Авесто» маълумотҳои нодир оид ба кишоварзию боғдорӣ, обёрии заминҳо ва чорводории ниёгони тоҷикон дода шудааст. Масалан, водии Зарафшон дар аҳди қадим ба туфайли иқлими мусоид, олами ҳайвонот, паррандаҳои шикорӣ, меваҷот ва растаниҳои хӯрданибоби худ яке аз гӯшаи бойтарини ҷаҳон ба ҳисоб мерафт, ки дар ин давра дар деҳкадаи Саразм сохти авлодӣ ҳукмрон буд. Кишоварзон зироатҳои ғалладонагии бо меҳнати зиёд ҷамъовардаи худро тавассути олотҳои сангӣ қима карда, аз онҳо барои худ хӯрокҳои серғизо мепухтанд.

Аслан, дар Саразми аҳди санг занон аз талу теппаҳо донаҳои худрӯйро чида, ба бошишгоҳ меоварданд, ки ҳангоми кӯфтан ин донаҳо ба ҳар сӯ пош хӯрда, қисме зери хок мемонданд ва соли оянда он донаҳои пошхӯрда аз нав сабзида мебаромаданд. Занон аз ин хӯшаҳо баҳри хонаводаи худ хӯрок тайёр мекарданд. Аз ин ҷост, ки занонро нахустдонапошу нахустдонағундор, нахусттанӯрсоз ва нахустнонпаз номидаанд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи чандин маротиба такрор ёфтани ин ҳодиса одамон ба хулосае омаданд, ки донаҳоро ба шакли маданӣ кишт кардан лозим аст ва дар ҷуфт кардани замин, яъне дар кишоварзӣ аз ягон намуди ҳайвонот истифода намебурданд. Бинобарин тавассути олоти сангиву устухонӣ, минбаъд мисиву биринҷӣ бо қувваи даст кишоварзони Саразм заминро нарм карда, ба киштукор шуруъ мекарданд.

Дар ин хусус, бостоншиносони аҳди асри биринҷ ва ихтисосмандони соҳаи кишоварзӣ Г. Ф. Коробкова, Н. Я. Мерперт, В. М. Массон, Р. М. Мунчаев М. М. Дяконов, Н. И. Вавилов, Г. Н.Лисисина, Т. М. Потемкина собит намудаанд, ки дар он давра кишоварзони Саразм заминро яклухт ҷуфт намекарданд. Онҳо заминро ба

монанди ҷӯйчаи чуқуриаш 10-15 сантиметр кофта, донаҳои ғалларо дар он мерехтанд ва бо хок мепӯшониданд. Дар натиҷа он донаҳо ба сабзидан шуруъ мекарданд, ки сабзиши онҳо ба мусоидати обу ҳаво вобастагии зич дошт [6, с.155].

Тибқи маълумоти маъхазҳои таърихӣ, аз замонҳои қадим ниёгони тоҷик, аниқтараш аз ҳазорсолаи IV то милод дар Саразми бостонӣ, ки он яке аз марказҳои калонтарини филизгудозии қадими Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мерафт, аз конҳои болооби Зарафшон тиллою нуқра, мису сурб ва фирӯзаю қалъагӣ ба даст меомад. Дар ҷараёни ҳафриёт аз Саразм кӯраҳои филизгудозӣ ва ороиши мисӣ ёфт шудаанд, ки ба мо аз он рӯзгор дарак медиҳанд. Оид ба истеҳсол ва истифода намудани олоти мисӣ аз ҷониби аҷдодони тоҷик  дар асри VI то милод Ҳеродот,  дар асри I то милод Страбон ва дигар ҷуғрофиянависони ҷаҳон маълумоти арзишманди худро баён кардаанд.

Дар гузашта саразмиён бо мардуми давлатҳои халиҷи Форс, баҳри Араб, дарёи Ҳинд ва Бадахшон робитаи тиҷоратӣ доштанд, ки ашёҳои мухталифи ёфтшуда, ба монанди асбобҳои зебу зинатӣ, ки дар тайёр намудани онҳо заргарон аз сангҳои қиматбаҳои ақиқу фирӯза, лоҷуvард низ истифода бурдаанд, ашёи биринҷӣ ба монанди табару ханҷарҳои дудама, корд ва сангҳои дастадори тарозу, зарфҳо, гӯшмоҳиҳо ва ғайраҳо аз касбу ҳунар, савдо ва тиҷорат огоҳ будани сокинони Саразмро ошкор месозанд.

Зироаткорӣ ва чорводорӣ дар аҳди санг пайдо шуда буданд, ки машғулияти дуюмдараҷа баҳри саразмиён маҳсуб меёфтанд. Дар асри биринҷӣ зироаткорӣ ва чорводорӣ ба соҳаи муҳимми хоҷагӣ табдил ёфта, аҳамияти шикорро камтар карданд. Асри биринҷӣ яке аз давраҳои муҳимтарини дар таърихи инсоният, аз он ҷумла дар таърихи халқи тоҷик маҳсуб меёбад, ки он дар тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва дар сохти иҷтимоии ҷамъият тағйироти ҷиддӣ: истихроҷу гудозиши маъдан, сохтани асбобҳои фулузӣ, такмили олоти истеҳсолот (биринҷӣ), обёрии сунъӣ дар киштукор, ба хоҷагии истеҳсолкунанда гузаштани қабилаҳо, нобаробарии молумулкӣ ва иҷтимоӣ, заминаи ба ҷамъияти синфӣ гузаштанро фароҳам меорад ва ҳоказо.

Аз талу теппаҳои Саразм устухонҳои ҳайвонҳои мухталиф ёфт шудаанд, ки аз инкишофи чорводорӣ дар ин макон далолат мекунад. Саразмиён ба ду намуди чорводорӣ мепардохтанд - яке   доманакуҳӣ, ки саршумори чорворо меафзуд ва дигарӣ - наздиҳавлигӣ, ки аҳолиро бо ширу гӯшт таъмин мекард. Дар натиҷаи омӯзиш олимони ҳайвонотшиносони русу фаронсавӣ ба чунин хулоса омаданд, ки мардуми Саразм гӯшти чорвои яксоларо истеъмол мекарданд, ки ин аз маҳорати баланди ҳунари таббохӣ (ошпазӣ) доштаи онҳо далолат мекунад. Саҳми бостоншиносони Панҷакент дар кори масъулиятнок ва пурмашаққати шаҳркадаи Саразм, ки дар муддати 20 сол 12 хандақ ва 11 ҳафриётгоҳро тадқиқ намудаанд, барҷаста аст. Инҳо иборатанд аз Усмонҷон Эшонқулов, Раҳматҷон Тоҳирӣ, Абдурауф Раззоқов, Шарофиддин Файзулло, Саидмуроди Бостонгуҳар ва Ҷамшеди Абдулло.

Дар аҳди биринҷӣ қабилаҳои Осиёи Миёна, аз он ҷумла ниёгони халқи тоҷик, мардуми Саразмшаҳр ба дараҷаи баланди тараққиёти маданияти моддӣ ва маънавӣ расида, дар байни тамаддуни шаҳрҳои Шарқи Наздику Миёна ва Ҳиндустон ва қабилаҳои Поволже, Сибир, Қазоқистон,  Осиёи Марказӣ ва Хитой чун ҳалқаи пайвандкунанда гардида буданд [2, с. 24-25].

Мардуми Саразм барои сохтан ва тайёр намудани асбобҳои рӯзгор аз элементҳои кимиёвӣ бештар истифода мебурданд. Масалан, мис ва қалъагиро бо ҳам даромехта, аз он корд, табар, ханҷарҳои дудама, чангаки моҳигирӣ, пайкон, сӯзан ва дирафш сохта, барои худ аз пашму пӯст либос ва палос медӯхтанд.

Дар Саразми бостон истифодаи олот ва ашёҳои мисӣ нисбат ба нуқра, қурғошим, қалъагӣ бештар буд, ки онҳо ба се гуруҳ ҷудо мешаванд:

1. Олоти истеҳсолӣ ва ҳунармандӣ: сӯзан, диравш, симчаи бофандагӣ, дирафш, ки тавассути онҳо либосҳо ва пойафзоли базебу пурдошти пашмию чармӣ медӯхтанд.

2. Олот: табар-тешаи дудама, корду ханҷарҳо, пайконҳои камону найза, чангакҳои моҳигирӣ, ки якчанд вазифаро иҷро мекарданд. Масалан, табар-тешаи дудама дар ҳунари чӯбкорӣ, дарахтбурӣ ва кандани ҷинсҳои кӯҳӣ истифода бурда мешуд.

3. Олотҳои зебу зинатии занона аз мису биринҷӣ ба монанди дастпона, сархора, оина, шаъбаю марҷонҳо сохта мешуданд, ки ин аз таҷрибаи зебоипарастии тоҷикони бостон шаҳодат медиҳад.

Дар ҳафриёти Саразмшаҳри бостонӣ аз ҷониби бостоншиносон дар Саразм чаҳор давраи ҳаёт ошкор карда шудааст. Давраи якум, давраи пайдоиш – 3500-3200 сол то милод (Саразми I), давраи дуюм - 3200-2900 сол то милод (Саразми II) , давра сеюм – 2900-2700 сол то милод (Саразми III) ва давраи чорум - 2700-2000 сол то милод (Саразми IV)-ро дар бар гирифтааст.

Мутахассисон пажуҳиши ёдгории таърихии Саразмро ба се марҳалаи асосӣ ҷудо кардаанд. Марҳалаи якум ба солҳои 1977-1983, марҳилаи дуюм ба солҳои 1984-1997 ва марҳилаи сеюм ба солҳои 1997-2000-2019 рост меояд.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи Саразм ҳамчун ёдгории аҳди энеолит ва асри биринҷии Варазруд, ки аз соли 1977 то имрӯз идома дорад, бостоншиносони тоҷик Абдуллоҷон Исоқов, Абдурауф Раззоқов, Нозукой Исҳоқова, Галина Каримова, Шарофиддин Қурбонов, Саидмурод Бобомуллоев (Бостонгуҳар), Раҳматҷон Тоиров, Ҷамшеди Абдулло ва дигарон нақши муассир гузоштаанд.

Аз соли 1978 таҳти роҳбарии А. И. Исҳоқов отряди археологии Институти таърихи АФ РСС Тоҷикистон тадқиқот бурдааст. То соли 1986 чаҳор бино ва даҳ ҳандақ дар ёдгории Саразм ошкор карда шуд. Аз соли 1984 марказҳои илмӣ ва бостоншиносии хориҷӣ ба омӯзиши Саразм шуруъ намуданд. Дар ин ёдгории қадими ориётаборон ба ковишҳои археологӣ бостоншиносони франсавӣ Анри Пол Франкфорт ва Ролан Безенвал аз соли 1984, муҳаққиқони амрикоӣ Филипп Кол ва К.К.Ламберг-Карловский аз соли 1985 шуруъ карданд.

Дар он Симпозиуме, ки дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид, инчунин яке аз бостоншиносони машҳури Фаронса Ролан Безенвал, ки он рӯзҳо чун муҳаққиқи маъруфи Маркази таҳқиқотии илмии Фаронса дар ҳафриёти Саразм таҳқиқоти илмӣ мегузаронд, низ иштирок дошт ва оид ба бозёфтҳо ва мавқеи Саразм дар тамаддуни ҷаҳонӣ маърӯза намуд. Р. Безенвал аз соли 1984 то рӯзи вафоташ 29-уми сентябри соли 2014 дар ҳафриёти Саразм фаъолият намудааст. Худи ӯ барои таҳқиқ ва муайян кардани олами ҳайвоноту наботот, сангҳои қиматбаҳо, таркиби биринҷӣ, муҳити зист, намуди зироатҳо, обёрӣ, махсусан, таърихи ёдгориҳои Саразм, мутахассисони варзидаи Фаронса Жон Деса - зоолог, Фабион Сесброн - маъданшинос ва Мишел Казанова - мутахассиси сангҳои қиматбаҳоро ба кори ҳафриёт даъват кардааст.

Саҳми Р. Безенвал чун дӯстдори забон ва таърихи қадимаи тоҷикон, донандаи беҳтарини таърихи куҳани Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва Шарқи Наздик дар экспедитсияи муштараки Тоҷикистон ва Фаронса, дар таҳқиқи ёдгории беназири Саразми бостон, ки ба хазинаи тиллоии илми ҷаҳонӣ ворид гашт, басо бузург мебошад.

Аз ибтидо, олимон аз рӯи бозёфтҳои таърихӣ ҳудуди ҷанубии Ҷумҳурии Туркманистонро нахустин маркази пайдоиши маданияти кишоварзӣ меҳисобиданд. Вале ёдгориҳои ҳаммонанде, ки дертар аз аз ҷануби Ҷумҳурии Узбекистон, аниқтараш дар водии Сурхандарё ёфт шудаанд нисбат ба бозёфтҳои Ҷануби Туркманистон хеле ҷавонтар буданд. Тавассути ин кашфиёти бузург - Ҳафриёти Саразм боз ақидаи олимон дар бораи он, ки тамаддуни қадимтарини Тоҷикистон ва тамоми Осиёи Марказӣ дар куҷо воқеъ гардидааст, ба куллӣ дигар шуд. Яъне минтақаи қадими кишоварзӣ аз

шаҳри Ашқобод то Панҷакент тӯл кашида, давоми тамоми тамаддуни Шарқи куҳан, аз давлати Туркия сар карда, то шимоли Ҳиндустонро дар бар мегирад.

Шаҳраки Саразм яке аз қадимтарин ёдгории мардуми Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, ки дар он кишоварзӣ, чорводорӣ, меъморӣ ва ҳунару ҳунармандӣ (кулолгарӣ, чармгарӣ, бофандагӣ, ресандагӣ, чӯбтарошӣ, сангтарошӣ, заргарӣ ва ғайраҳо) хеле ривоҷу равнақ доштанд. Биноҳои мухташам, кӯчаҳои сангфарш, инкишофи тиҷорат ва дуконҳои ҳунармандӣ, ки дар ин шаҳраки бостонӣ вуҷуд доштанд, аз аввалин нишонаҳои маданияти шаҳрдорӣ ва шаҳрнишинӣ дарак медиҳанд.

Аз рӯи тасдиқи муаррихон, тахминан се ҳазор сол пеш дар Саразм ҳаёт хотима ёфтааст. Дар натиҷаи таъсири иқлим аҳолии Саразм бо хушксолиҳои пешомада мубориза бурда натавониста, ба дигар тараф, ба воҳаҳои наздики дарёи Зарафшон кӯч бастаанд. Ҳамин тариқ, шаҳри Панҷакенти қадим (Панҷакат) ва минбаъд дигар шаҳрҳои қадимаи суғдӣ пайдо шудаанд. Умуман, тадқиқотҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки Саразмшаҳри асри биринҷии тоҷикон яке аз куҳантарин шаҳрҳои Вароруд маҳсуб меёбад, ки аҳолии он то асри IV то милод, яъне то ҳуҷумҳои ғоратгаронаи Искандари Мақдунӣ ба Шарқ соҳиби маданияти тараққикарда буданд.

Дар шаҳри Саразми бостон дар ҷашни муборакӣ мардумӣ - Наврӯз, ки он якчанд рӯз давом меёфт, хосу ом, ҳама табақаи ҷамъият бо ҳам мепайвастанд ва байни онҳо ягонагиву муттаҳидӣ ба вукуъ меомад. Дар ин рӯз шоҳу гадо, бою ниёзмандон баробар буданд ва бо чеҳраҳои нуронию бекина, бо хушнудӣ якдигарро муборакбодӣ мекарданд. Хусусан, деҳқонону кишоварзон, ҳунармандону косибон, ҳама пиру барно, кӯдакон либосҳои зебои идона пӯшида, дар талу теппаҳо хушҳолонаю шодон таронахонии наврӯзӣ ва зарофатгӯӣ карда, ба базми Наврӯз зебу зиннат мебахшиданд ва Наврӯзгоҳи Саразм пур аз савту наво мегардид.

Ба ғайр аз ин, дар Саразм дар арафаи ҷашнҳои бузург – Наврӯз, Меҳргон ва Сада маросими камарбандӣ, ки он яке аз маросимҳои ойинҳои бостонӣ (зардуштӣ) ба шумор мерафт, ниҳоят ҷолибу мухташам барпо мешуд. Дар ҷашнгоҳ мардум дар гирди оташи муқаддас ҷамъ меомадаанд. Баъди дуохонии муъбад аз китоби «Авасто» (ба соҳиби дину ойин будани тоҷикони қадим ишора шудааст) оид ба ростиву, накукорӣ, ҷавонмардӣ, меҳру ситоиш нисбат ба зан, ба замину офтоб, обу ҳаво ва ғайра падарону модарон ба фарзандонашон либосҳои нав, камарбандҳои зардӯзӣ ва нуқракӯбро ҳадя намуда, ба меҳмонон зиёфати калон медоданд, ки ин аз маҳорати баланд дар касбу ҳунар доштаи зардӯзону заргарон ва одоби баланди меҳмондорию меҳмоннавозии саразмиён шаҳодат медод.

Муъбади пири сафедпӯш ҷавонони ба балоғат расидаро дар ин маросим муборакбод намуда, ба онҳо некрою росткор («Ҳумата, ҳухта, ҳваршта»–«Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек») буданро таъкид месозад. Аз ин бармеояд, ки дар тарбияи фарзандон на танҳо падару модар, балки ҷамъияти онрӯзаи Саразм низ заҳмат мекашид, яъне бетараф набуд. Базми наврӯзии саразмиёни фарҳангдӯст бо шукуҳу шаҳомати хоса мегузашт. Садои сурнаю карнай, таблаку дафҳояшон баланд шуда, рақсу бозиҳои сокинони деҳкадаи Саразм оғоз мегардид. Ривоят мекунанд, ки дар Наврӯз, хусусан дар маросими камарбандӣ Ҳуварн, афшини Панҷакат (сардори мулки Панҷакенти имрӯза) бо меҳру ифтихор барои далерӣ ва шуҷоат ба миёни Сапитамони ҷавон, писари Пуришасп (собиқ сарлашкари моҳири Саразм) камарбанди зарринро чун ҳадяи ифтихорӣ бастааст. Афшинзода Ҳуриён чун рамзи дӯстӣ дар ин рӯз ба Сапитомон аспи саманди бодпоро тухфа кардааст [12, с. 8-9].

Мавриди зикр аст, ки ниёгони тоҷик дар давоми таърихи беш аз панҷҳазорсолаи худ дар сарзамини қадимаи Суғду Бохтар ҷашни Наврӯзи дилафрӯзро, ки яке аз ҷиҳатҳои муҳимми асолати он – пайвастан ва барқарор намудани силсилаи робитаҳо байни табиат, инсон ва кайҳон мебошад, ҳеҷ гоҳ фаромӯш накардаанд. Воқеан, дар

чаҳорчӯби маросимҳои наврӯзӣ тамоми паҳлуҳои ҳаёти мардум: иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ ҷой дода шудааст. Аз ин ҷост, ки Наврӯзро пайвандгари аслҳо ва наслҳо, оинаи таърихи фарҳанг ва афкори ҷаҳонбинии халқи тоҷик номидаанд.

Аксарияти маросимҳоро мардуми табиатпарасти тоҷик, кишоварзони Саразм низ ба мақсади беҳдошти табиати диёр, ғанимат шуморидани зиндагию рӯзгор, аз бадию нопокӣ, нохушиҳою офатҳо наҷот бахшидани мардуми худ ташкил мекарданд. Масалан, Ашаглон (Ашанглон) низ яке аз чунин эътиқодҳост, ки онро кишоварзон маросими мавсимӣ, боронхоҳӣ меҳисобанд:

Ашаглони ростина,
Оҳиста бҷунбон остина.
Ғаллаи сабзм қоқ шидаст,
Кай меҷунбони остина?

Ин маросим дар фолклори тоҷик натанҳо бо номи Ашаглон, инчунин бо номҳои Ашанглон, Сусмомо, Хотунсӯз, Сусхотун, Ялқонхотун, Тӯйи Сусмомо, Дуои борон ва дар осори классикон ин маросими боронхоҳӣ бо номи “Хиргоҳхотун” машҳур мебошад. Маросими Ашаглон натанҳо дар байни қавму қабилаҳои гуногуни Эрону Афғонистон ва дар баъзе қабилаҳои турк, балки байни кишоварзони тоҷики Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла дар Саразму Панҷакат, водиҳои Хатлону Ҳисор, Рашту Дарвоз ва Бадахшон, Хуҷанду Истаравшан, Самарқанду Бухоро, Сурхондарёву Қашқадарё маълум ва машҳур аст, ки то имрӯз (дар моҳҳои марту апрел ва май) он созмон дода мешавад.

Ба ҳама маълум аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол 5500 – солагии шаҳраки бостонии тоҷикон - Саразм 12 сентябри соли 2020 бо шукуҳу шаҳомат ҷашн гирифта шуд ва зимни суханронӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин макони таърихӣ донишмандону муҳаққақиқон ва иштирокчиёни Симпозиуми байналмилалии «Саразм – оғози тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон» - ро ба диёри зебоманзари биҳиштосои Тоҷикистон ва шаҳри бостонии Панҷакент хайрамақдам гуфта, оид ба Саразми бостон фикру андешаҳои худро ибрози ақида намуда, чунин таъкид карданд: «Ҳоло саҳифаҳои зиёди таърихи Саразм таҳқиқ нашудаанд ва мо умед дорем, ки донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ минбаъд низ саҳифаҳои норавшани таърихи ин маркази тамаддунро таҳқиқ намуда, дастраси ҷомеаи ҷаҳон хоҳанд кард» [11].

Дар замони Зардушт низ ҳангоми хушксолӣ ва боронталаб шудани кишти деҳқонии ғалла мардум бо мақсад ва нияти фаровонии кишт, файзу баракати ҳосили деҳқонию барзгарӣ суруду таронаҳои даъвати боронро аз фарҳангномаи ориёӣ, аз китоби “Авасто” хонда, аз Аҳурамаздо ва фариштаи обу ободонӣ– Аноҳита талаби рӯзгори нек ва покро мекарданд [3, с. 91, 92].

Соҳаи зироаткорӣ дар асоси заминҳои обӣ, ки ҳосили дучанд ва сечанд медоданд, равнақ меёфт. Аҳди қадим сохтмони аввалин иншоотҳои обёрӣ тоҷикон (каналҳо, корезҳо, чиғирҳои обкашӣ, обанборҳо) оғоз ёфтааст. Дар шаҳркадаи Саразм ва Панҷакат соҳаи кишоварзӣ тараққӣ кардааст, ки он ба системаи обёрии ҳамон давра вобастагии зич доштааст.

Хусусан, осори дарғоти Варағсар, ки оби дарёи Зарафшонро дар он давра ба се шоха тақсим мекард ва даҳҳо каналу корезҳои ёфтшуда (Говкуш, Ҳошодӣ, Туқсанкорез ва Ғулакандоз) оид ба мавҷуд будани системаи обёрии қадима гувоҳӣ медиҳанд. Шаҳраки Саразм дар мавзеи нисбатан баланд сохта шудааст. Замоне дар қисми ҷанубию шарқии ёдгории Саразм кӯле бо номи Оймкӯл вуҷуд доштааст, ки бошандагони шаҳр оби онро барои ниёзҳои хоҷагӣ, кишоварзӣ ва чорводорӣ васеъ

истифода мебурданд. Азбаски оби дарёи Заравшон, ки дар шимолтари ёдгорӣ, 20 метр аз шаҳри Саразм паст буд, бинобарин сокинони Саразм аз он истифода намебурданд [4].

Боз як далели ҷолиби дигар он аст, ки саразмиён дар ҳазораи сеюми то милод, аллакай анбори ғалла бо ғунҷоиши то сад (100) тоннаро доштанд. Онҳо ин миқдор маҳсулотро барои эҳтиёҷоти бо орд ва тухмӣ таъмин намудани аҳолӣ саришта мекарданд. Бошишгоҳи Саразм ҳоло дар илми бостоншиносӣ ҳамчун ягона ёдгории қадимии кишоварзӣ дар Вароруд (Мовароуннаҳр) маҳсуб меёбад, ки он дар ҳазораи IV-и то милод ба яке аз марказҳои бузурги кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳунармандию косибӣ табдил ёфта, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Дар ҳазораҳои IV-III то милод Роҳи Лоҷвард, баъдтар Роҳи Бузурги Абрешим тавассути Саразми бостонӣ аз Аврупо ба шаҳрҳои Чин ва Ҳинди қадим мегузашт. Бояд гуфт, ки саразмиён муносибати тиҷоратӣ бо сокинони қадими Туркманистони Ҷанубӣ, Эрон ва Балуҷистон доштанд. Саразми тоҷикон дар натиҷаи таъсири мутақобилаи фарҳангҳо рушд ёфтааст [5, с. 280].

Чи тавре, ки ба мо маълум аст, дар аҳди бостон ва дар давоми зиндагии худ ниёгони тоҷик соҳиби эътиқоди зиёд буданд. Ба гуфти бостоншиноси тоҷик Абдурауф Раззоқов, ки солҳои зиёд ба ҳафриёти Саразм машғул мебошад, мазҳаби сокинони он зардуштӣ будааст. Инчунин Қабристони «Маликаи Саразм» бебаҳотарин ва гаронбаҳотарин бозёфти ҳафриёти Саразм маҳсуб меёбад, ки соли 1984 аз ҷониби бостоншинос Абдурауф Раззоқов кашф гардидааст. Баъдан аз тарафи симошинос (антрополог) Телман Хоҷаев муайян карда шуд. Ҳангоми кофтукови археологӣ аз ин макон панҷ қабр ёфтанд, ки яке аз онҳо ҷасади зани ҷавон, ки қадаш 164 – 165 сантиметр ва тахминан синни 20 - 23 сола мебошад, ки он ба миёнаи ҳазораи IV-и то милод рост меояд.

Дар хусуси ҳафриёти Саразм яке аз бостоншиносони машҳур Б. А. Литвинский чунин ибрози ақида намудааст: «Ҳафриёти Саразм бо роҳбарии А. И. Исоқов аҳамияти ҷаҳонӣ дорад. Он барои таърихи худи халқи тоҷик хеле муҳим мебошад. Ин ҷо аввалин бор муяссар гашт, аниқ карда шавад, ки гузаштагони қадими тоҷикони сокини водии Зарафшон камаш панҷ ҳазор сол муқаддам, эҳтимол аз ин ҳам пештар кишоварз буданд».

Ба ақидаи бостоншинос Саидмурод Бобомуллоев (Бостонгуҳар) қабристони «Маликаи Саразм» дар ҳафриёти рақами 4-и мамнуъгоҳи Саразм кашф шудааст. Чунин унвон гирифтани ин ҳафриёт барои он аст, ки ҷасади зан бо кулоҳ, сарулибоси бо сангҳои қиматбаҳо ороёфта (4,5 килограмм сангҳои лоҷуворд), аз якпаҳлӯ ба тарафи чап, ба монанди тифли дар батни модар ҷойгирбуда, дафн шудааст, ки бостоншиносон ин тарзи дафнро батнӣ меноманд. Дар ин ҷо, ҳангоми таҳқиқот модар ва соҳиби як фарзанд будани Малика низ исботи худро ёфтааст. Ғайр аз ин, аз қабр муҷассамаи гилини худи Малика, 16 намуди ороишот, ки аз ҳазор адад зиёд, чун ҷиҳози ороишӣ ойинаи биринҷӣ ва сафедаву упо, зару зевари занона ба монанди 49-то муҳраю гарданбанди тиллоӣ, дастпонаҳои аз устухони гӯштмоҳӣ инчунин аз сангҳои қиматбаҳои фирӯза, лоҷуворд, лаъл, ақиқ ва гачу ва оҳаксанг тайёркардашударо ёфт намуданд. Умуман, аз ин тарзи гӯрондан бармеояд, ки даспонаҳо дар шаҳрҳои Моҳанҷодорои Ҳиндустон ва Меҳргари Покистон ёфт шудаанд, ки тоҷирон меоварданд, гӯшвораҳо бо истифода аз тилло, нукра, садафи баҳрӣ, сангҳои дар давраҳои қадимтарин, 7- 4 ҳазор сол то милод дар Осиёю Аврупо фавтидагонро батнӣ бо тамоми ҷавоҳироту ороишот дафн мекарданд [7, с. 2, 14].

Бостоншинос У. Эшонқулов оид ба системаи обёрӣ, истифодаи об ва заминҳои корам дар водии Зарафшон тадқиқот бурда, намудааст, ки дар наздикии деҳкадаи Саразм сойи Қирқача ҷойгир будааст, ки аз оби чашмаҳо пур мешудааст. Минбаъд барои истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ, сохтмон, шустушӯ, хиштрезӣ ва барои бо об

таъмин кардани ҳайвонот саразмиён аз оби сой, рудхонаҳо, ҳавзҳои гуногунҳаҷм ва обанборҳо истифода мебурданд. То имрӯз кишоварзон на танҳо аз заминҳои деҳаҳои Чимқурғон, Камарқишлоқ, Ӯртақишлоқ, Шӯрнова, Чиларза ва Саразм, балки аз оби сойи Қирқача низ пурра истифода мебаранд.

Воқеан, саразмиён барои сохтан ва истифода намудани системаи обёрӣ (ирригатсионӣ) меҳнати зиёд сарф мекарданд, ки ин далели дар соҳаи илму амали обёрӣ ба муваффақияти бузург ноил гардидани аҷдодони тоҷик мебошад. Аз рӯи тасдиқи муаррихон, тахминан се ҳазор сол пеш дар Саразм ҳаёт хотима ёфтааст. Дар натиҷаи таъсири иқлим аҳолии Саразм бо хушксолиҳои пешомада мубориза бурда натавониста, ба дигар тараф, ба воҳаҳои наздики дарёи Зарафшон кӯч бастаанд. Ҳамин тариқ, шаҳри Панҷакенти қадим (Панҷакат) ва минбаъд дигар шаҳрҳои қадимаи суғдӣ пайдо шудаанд.

Бостоншиносон дар ҳафриёти Саразм ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Дар натиҷаи ковтуковҳои бостоншиносӣ дар ҳафриёти Саразм таҳти роҳбарии сармуҳаққиқ ва нахусткошифи он А. И. Исоқов олоти мухталифи кишоварзӣ, аз қабили сангҳои гуногуншакли лунда ва суфташуда, ғармичҳои аз ҷиҳати шакл ва ҳаҷм гуногун, дастаи ҷувоз ва косачаҳои мармарӣ, низ ёфт шудаанд. Ҳар яке аз ин олатҳо вазифаи худро дошта, ҳазорсолаҳо ба мардуми ин сарзамини қадимбунёд хизмат кардаанд. Бештар аз 150 хонаи истиқоматӣ (ки аз рӯи нақшаи махсус (чоркунҷа) аз хишти хом сохта шудаанд, барои омӯзиши санъати меъмории халқи тоҷик аҳаммияти калон дорад), ибодатгоҳи мансуб ба асри II-и то милод, ки аз чаҳор ҳуҷра иборат буда, дар дохили онҳо зарфҳои сангию гилӣ ва катибаҳое бо ранги сурх мавҷуд буда, 4-то оташкадаи оташпарастон, даромадгоҳҳо, долонҳои рӯбарӯҷойгиршуда, ҳавлиҳои кушод, ки истиқоматкунандагон аз танӯр ва оташдонҳои мудаввар барои бузургдошти оташ истифода мебурданд, кӯчаву тангкӯчаҳо барои рафтуомад, анбори ғалланигаҳдории ҷамъятӣ, асбобу анҷоми рӯзгор, асбобҳои зиннатийи нуқрагӣ, тиллоӣ, биринҷӣ, мисӣ, зарфҳои сафолини пурнақшу нигор, порчаҳои нақшҳои деворанигорҳо, сангҳои корӣ, сангҳои қиматбаҳо, устухони ҳайвонот ва паррандаҳои гуногун ёфт ва маълум гардиданд. Сокинони Саразмшаҳр дар ҳавлиҳои худ барои партовҳо хандақ доштаанд, ки ҳангоми кофтуков бостоншиносон аз дохили онҳо бештар асбобҳои рӯзгор ва маданият ёфт намудаанд.

Хуллас, Саразми тоҷикон далели барҷастаи ҳамбастагиҳову робитаҳои устувори иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки рӯз ба рӯз таваҷҷуҳи оламиёнро нисбати худ бештар намудааст. Саразми Панҷакенти Тоҷикистонро ба чандин далел метавон шаҳри бостонӣ номид: аз номи шаҳр, биноҳои монументалӣ, кӯчаҳои сангфаршшуда, табақаҳои иҷтимоии ҷомеа, нобаробарии молу мулкӣ, дуконҳо, тиҷорату савдо, чорводорӣ, кишоварзӣ, маъданҷӯиву маъдангудозӣ, бофандагӣ, ресандагӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, чармгарӣ, коркарди чӯб ва сангтарошӣ, яъне ҳама рукнҳои шаҳрсозӣ, ки хоси Осиёи Миёна мебошад. Табақаҳои гуногуни ҷамъияти онрӯза, ба монанди кишоварзон, чорводорон, бофандагон, кулолон, чармгарон, маъдангудозон, сангтарошон ва заргарон дар ин шаҳри қадима зиндагӣ мекарданд. Кулолони Саразм барои сохтани зарфи сафолӣ хоки мувофиқро аз доманакуҳҳои водии Зарафшон пайдо мекарданд. Меъморон нақша кашида, деворҳоро тарҳрезӣ менамуданд, ки ин ҳам яке аз нишонаҳои шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ маҳсуб меёбад.

Бояд зикр намуд, ки яке аз намуди ҳунармандии қадимаи мардуми Саразм коркарди санг мебошад. Сангтарошони Саразм аз сангҳои гуногун қариб чил намуди олотҳои корӣ, хоҷагӣ ва бештари ашёҳои рӯзгор, олотҳои суфтагарӣ, дуредгарӣ (аз қабили шоҳкоса, коса, дег, дӯлча, пиёла, ҷом, ғармичҳо, табар, дос, болға, тиру камон,

найза, ӯғури дастаи онҳо, искана, парма ва пармачаҳо ва ғайра)-ро ба дараҷаи баланди ҳунармандӣ аз санг месохтанд.

Аз ин бармеояд, ки Саразмиён ҳамеша дар тӯли ҳаёту рӯзгори худ, дар корҳои кишоварзӣ, шикорчигӣ, моҳидорӣ, чармгарӣ, коркарди маъдан, бофандагӣ, заргарӣ, кулолгарӣ ва дигар касбу ҳунарҳо аз олотҳои сангӣ ба таври васеъ истифода мебурданд. Инчунин сангтарошони моҳири саразмӣ аз сангҳои қиматбаҳо ба монанди лоҷувард, фирӯзаю ақиқ намуди гуногуни марҷону шабаҳо, муҳраҳою бозубанд сохта, мардуми Саразм ва бурунмарзиро таъмин мекарданд [1, с. 45].

Бозёфтҳои Саразми бостон гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳунари кулолгарӣ ё ба истилоҳи дигар сафолгарӣ, ки аз қадимтарин ҳунарҳои зебо, нафисаи тоҷикон маҳсуб меёбад, чун осоре аз марҳилаи аввалин, ибтидоии тамаддуни инсоният ба шумор меравад, дар ин мавзеъ хеле ривоҷу равнақ ёфтааст. Чи тавре сарчашмаҳо гувоҳӣ ва бозёфтҳо шаҳодат медиҳанд, маҳз дар маҳсулоти сафолӣ, ки онҳо аз гӯшаҳои мухталифи ҷаҳон ёфт шудаанд, розу ниёз, талабу хоҳиш ва орзую омоли одамони қадим мувофиқ ба фаҳмишу дониш, таҷрибаву шавқу завқ, зеҳну маҳорату истеъдод, инчунин эътиқоду ҷаҳонбиниашон хеле нозукона, мунаққаш ва рангоранг инъикос ёфтаанд.

Тибқи маълумоти санадҳои таърихӣ ва таҳқиқоти ҳафриёти Саразм ба мо маълум гардид, ки ниёгони тоҷикон аллакай дар давраи неолити асри санг ба истеҳсол намудани зарфҳои сафолӣ шуруъ карда, зарфҳо бидуни накш нигор ва рангҳо истеҳсол карда мешуданд. Бо мурури замон, баъдан дар қарни VI –и то милод ҳунари кулолгарӣ ривоҷу равнақ пайдо намуда, истеҳсоли зарфҳои мунаққаш роиҷ ва машҳур гардид. Технологияи кулолгарӣ дар ҳазораи чоруму сеюм боз ҳам мураккабтар шуда, аввал хумдонҳои яккабата ва баъдан дуқабата ихтироъ мекарданд, ки одамони қадим дар рӯзгор ва хоҷагидорӣ аз онҳо бештар истифода мебурданд.

Мавриди зикр аст, ки кулолони Саразм тавассути чархи кулолӣ косаю табақҳо, истакон, ҷому пиёлаҳо, хуми калону хумча, кӯзаҳо сохта, онҳоро бо рангҳои сурх, қирмизӣ, сиёҳ, гулобӣ ва зард мунаққаш оро медоданд, ки ин аз маҳорати баланди ҳунармандӣ ва зебоипарстии саразмиён шаҳодат медиҳад.

Воқеан, намунаи маҳсулоти кулолии Тоҷикистон ба монанди хум, хумча, кӯза, хурма, ҷом, коса, лаълӣ, пиёла, лаълӣ, табақ дар асоси ёдгориҳои асри биринҷӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи ёдгориҳои он давра, аз ҷумлаи се минтақаи таърихӣ – фарҳангии ҳудуди Осиёи Марказӣ бо минтақаҳои Ӯзбекистон, Туркманистони Ҷанубӣ ва қисман Қирғизистон хеле шабоҳат ва ҳам фарқият доранд [13, с. 591].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки бо ибтикори худ ба Саразми тоҷикон умри дубора бахшид, зимни суханронӣ дар вохӯрӣ бо намояндагони зиёиёни кишвар зикр намуданд, ки сарчашмаҳои таърихӣ ва бозёфтҳои маданияти қадимаи ба ҳазораи чоруми то милод тааллуқдошта шаҳодат медиҳанд, ки аввалин давлатҳои таърихии мо дар сарзамини Суғди бостон таъсис ёфтаанд, ки ёдгории Саразм намунаи беҳтарини шаҳрҳои онрӯза, шинохти куҳани миллати тоҷик маҳсуб меёбад [8, с. 3].

«Бешубҳа, огоҳ будан аз таъриху фарҳанги куҳани миллати худ на танҳо боиси ифтихори миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва ваҳдати миллист, балки боиси таҳкими робитаи тамаддунҳои халқу миллатҳои гуногун ва густариш ёфтани сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ байни онҳо дар шароити имрӯзаи хеле мураккаби ҷаҳони муосир мебошад» - Асосгузори сулҳу Ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [10, с.15].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ёдгории Саразм дар китоби худ «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» қайд намудааст, ки дар давраи охири асри санг, дар замони неолит ва дар муҳимтарин давраи ҷамоаи аввалини инсоният, яъне дар

асри биринҷӣ водии Суғд аз ҷониби кишоварзон аз худ карда шудааст. Бошишгоҳҳои ба он давра тааллуқдошта ҳама ба зери хок монда, хароб гардидаанд. Баъдтар ба бостоншиносон муяссар гардид, ки дар наздикии шаҳри қадимаи Панҷакент, дар Болооби руди Суғд, қисмати шарқии канали Варағсар яке аз деҳаҳои давраи энеолит ва асри биринҷӣ Саразмро дар ҳафриёти Саразм кашф намоянд. Инчунин дар хусуси номи ёдгории Саразм, ақидаи худро баён кард, ки вожаи «саразм» маънои сари заминро дорад [9, с. 31, 34].

Мардуми Саразмшаҳр минбаъд гудозиши маъдани мисро ёд гирифтанд, ки дар ин кор ба онҳо таҷрибаи сафолпазии кулолон кӯмак расонидааст. Ба ақидаи бостоншиноси маъруфи тоҷик Юсуфшоҳ Яқубов ҳунари мисгариро саразмиён хуб медонистанд. Бозёфтҳо, асбобҳои рӯзгор аз ҳафриёти Саразм ба монанди сӯзан, диравш, мех, табар, чангак, табарҳои сангӣ, табарзоғнӯл, табарзин, теша, асбобҳои зинатӣ ва ғайраҳо хеле зиёданд, ки саразмиён дар рӯзгори худ истифода мебурданд. Деҳкадаи Саразм дар ҳазораи IV-и то милод дар натиҷаи аз вилоятҳои Марғуш омадани аҳолӣ пайдо шуда, давоми маданияти мезолит ва неолити ин кишвар маҳсуб меёбад, ки сохтмони манзилгоҳҳо ва ибодатгоҳҳои саразмиён аз алоқаи мадании онҳо бо мардуми Марғуш гувоҳӣ медиҳад. Аҳолии Саразм бештар ба истеҳсоли мис машғул буданд. Ин қадамҳои аввалин дар саноати фулузсозии аввалия, яъне дар ҷамоаи ибтидоӣ бо меҳнат ва заҳмати зиёд гузошта шуд, чунонки худи бостоншиносон муайян кардаанд, чандин ҳазор сол тӯл кашидааст. Кишоварзони саразмӣ бо кишоварзони аҳди худ дар ҷануби Афғонистон, Ҳузистон, Сиистон, Балучистон, Хуросон ва Теҳрон (Сиёлк) рафтуомад доштанд [14, с.60].

Воқеан, ба муваффақиятҳою комёбиҳои бузурги илмӣ ноил гардидани бостоншиносон саҳм ва ғамхории роҳбарони ҷумҳурӣ ва ноҳия, хусусан саҳми Асосгузори сулҳу Ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят калон аст. Маҳз онҳо барои кори пурсамари бостоншиносон шароитҳо фароҳам оварданд он имкон медиҳад перомуни ниёгони шуҳратманди халқи тоҷик донишу маълумотҳои нав ба нави илмӣ ҷамъоварӣ карда шавад, ки ин сазовори арҷу сипос аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намунаи барҷастаи осори таърих, ба ёдгории Саразм ғамхорона таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои корҳои ҷустуҷӯиву бостоншиносӣ, ободу ва баркарор кардани ин мавзеи қадимтарини таърихӣ маблағ ҷудо мекунад, ки боиси арзу сипос аст. Маҳз бо ибтикори Сарвари тамаддунофар, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳркадаи Саразм соли 2000-ум «Мамнуъгоҳи таърихӣ ва бостоншиносии Саразм» эълон гардид, ки барои бунёди он 1,3 миллиард сомонӣ маблағ ҷудо карда шуд. Аз 21 сентябри соли 2001-ум ёдгории Саразм ҳамчун «Маркази ташаккули тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон» эълон гардид.

Мавриди зикр аст, ки Саразм ҳамчун намунаи шаҳри қадим ба рӯйхати мероси фарҳанги умумибашарӣ бо дастур ва ҳидояти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Хушбахтона, 31 июли соли 2010 бо пешниҳоди Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Саразм бо рушди маданияти кишоварзӣ ва шаҳрсозиаш ба “Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО” шомил гашт ва бо ин иқдом тамаддунофарии аҷдодони тоҷиконро собит намуд. Боиси ифтихори халқи тоҷик аст, ки ниёгонамон беш аз 5500 сол пеш аз милод, ҳанӯз дар ҳазорсолаи IV-III дорои фарҳанги баланди кишоварзию

чорводорӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозӣ буда, истеҳсоли мис, биринҷ, тилло, нуқра ва қурғошимро медонистанд. Мардуми Саразм ба марказҳои мадании кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик робитаи тиҷоратӣ доштанд.

Мавриди зикр аст, шаҳри Саразми бостонӣ тасдиқи асили таърихи тамаддуни ориёии шашҳазорсолаи халқи тоҷик мебошад ва омӯзиши он дар таърихи тамаддуни тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна саҳифаи наверо кушод. Маълум гардид, ки аҷдодони тоҷик яке аз аввалин ғаллакорон, кишоварзони сайёраи Замин маҳсуб мееёбанд. Ба мардуми ҷаҳон муяссар гардид, ки дар симои ҳафриёти Саразм ва бозёфтҳои он маданияти моддии маркази нави тамаддуни қадими халқи тоҷикро мебинанд. Натиҷаҳои ҳафриёти шаҳркадаи бостонии Саразм барои омӯзиши бостоншиносии минбаъда ва барои боз намудани саҳифаҳои нави таърихи халқи тоҷик имконияти хуб фароҳам меорад.

Воқеан, Саразм яке аз шаҳрҳои қадимии давраи аввали зисту зиндагии одамон дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ҳафриёти Саразм як дастоварди беназир, кашфиёти нодир, комёбии бузурги халқи тоҷик ва сарфарозии мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад. Ёдгориҳои таърихӣ мояи ифтихор ва сарчашмаи рушди иқтисод ва сайёҳии мамлакатамон ҳисоб мееёбанд. Бинобарин ҳифз намудани ёдгориҳо, осори боқимондаи таърих барои ҳар як шаҳрванди худшиносу ватандӯст фарз ва қарзи виҷдон аст.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистони соҳибистиқлол тавассути Саразм – гаҳвораи тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон дар Осиёи Марказӣ, ки онро гаҳвора, оғози маданияти кишоварзии Варорӯд номидаанд, ба ҳайати тамаддуни қадимтарини инсоният ворид мегардад.

**Адабиёт**

1. Бостонгухар, С. Верховья Зарафшана во II тысячилетии до н.э. [Текст] / Саидмурод Бостонгухар. – Душанбе, 1998. – 146 с.

2. Ғафуров, Б. Тоҷикон (давраи қадимтарин, қадим, миёна ва нав). Китоби якум [Матн] / Бобоҷон Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 560 с.

3. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик [Матн]. – Душанбе: СИЭМТ, 2015. – Ҷилди 1. – 667с.

4. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик [Матн]. – Душанбе: СИЭМТ, 2018. – Ҷилди 3. – 800 с.

5. Исаков, А. Раскопки в Саразме. Археологические открытия в Саразме [Текст] / Абдуллоджон Исаков. – М., 1979. – 350 с.

6. Исоқов, А. Саразм – оғози тамаддуни халқи тоҷик [Матн] / Абдуллоҷон Исоқов. – Хуҷанд: Ношир, 2005. – 395 с.

7. Раззоқов, А. Саразми Панҷакент 5500 сол [Матн] / Абдурауф Раззоқов. – Душанбе, 2002. – 83 с.

8. Раҳмон, Э. Вохӯрӣ бо намояндагони зиёиёни кишвар аз 19 марти соли 2018, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj › 2018/03/20.

9. Раҳмон, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.

10. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) [Матн] / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.

11. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 5500-солагии Саразм. 14.09.2020. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://president.tj/node/23799.

12. Тоҳирӣ, Д. Сапитамон-Рухшона-Искандар (романи таърихӣ) [Матн] / Давлатшоҳи Тоҳирӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 365 с.
13. Энциклопедияи Советии тоҷик [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1986. – Ҷилди 6. – 634 с.
14. Яқубшоҳ, Ю. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Юсуфшоҳ Яқубшоҳ. – Душанбе: Собириён, 2009. – 239 с.

## САРАЗМ - ГАҲВОРАИ ТАМАДДУНИ КИШОВАРЗӢ, ҲУНАРМАНДӢ ВА ШАҲРСОЗИИ ТОҶИКОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар мақола муаллиф оид ба ёдгории таърихӣ-фарҳангии Саразм, ки он дар қисмати шимолии Тоҷикистони имрӯза, вилояти Суғд ҷойгир аст, бахшида шудааст.

Ёдгории Саразм намунаи беҳтарини шаҳрҳои қадим, шинохти даврони куҳани миллати тоҷик маҳсуб меёбад, ки дар он гурӯҳи идоракунанда ва табақаҳои гуногуни ҷамъияти онрӯза: кишоварзон, чорводорон, бофандагон, кулолон, маъдангудозон, сангтарошон ва заргарон зиндагӣ карда, ки бо ҳунарҳои асили худ ҳамчун миллати пешқадам тоҷиконро дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардаанд.

Муаллифи мақола бар асоси маълумоти бостоншиносон нишон медиҳад, ки сокинони марказҳои фарҳангии давраи кишоварзии Шарқ, аз қабили Афғонистон, Эрон, Балуҷистон, Ҳиндустон ва мардуми водии Зарафшон дар натаҷаи робитаҳои худ аз дастовардҳои моддию маънавии ҳамдигар баҳра бурда, Саразмиён дар ташаккули фарҳанги деҳқонӣ ва шаҳрсозии Шарқ нақши муҳим бозидаанд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки аҷдодони тоҷикон нахустин ғаллакорон ва кишоварзони сайёраи Замин маҳсуб меёбанд. Ба мардуми ҷаҳон муяссар гирдид, ки дар симои ҳафриёти Саразм ва бозёфтҳои он маданияти моддии маркази нави тамаддуни қадими халқи тоҷикро мебинанд.

**Калидвожаҳо:** табар, сӯзан, силсилаи робитаҳо, чӯбкорӣ, шаҳрсозӣ, шаҳрдорӣ, ҳунар, маросим, нуқра, қалъагӣ, табақ, ғаллакорон, кишоварзон, маданияти моддӣ, кулолон, чорводорон, ҳафриёт.

## САРАЗМ - КОЛЫБЕЛЬ ЗЕМЛЕДЕЛЬЧЕСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ, РЕМЕСЕЛ И ГРАДОСТРОИТЕЛЬСТВА ТАДЖИКОВ В СРЕДНЕЙ АЗИИ

Статья посвящена историко-культурному памятнику Саразм, который расположен в северной части современного Таджикистана, Согдийской области.

Памятник Саразм считается лучшим образцом древних городов, древним признанием, древнейшим проявлением таджикской нации, где проживали различные группы и сословия общества того времени: земледельцы, скотоводы, ткачи, гончары, рудокопы, горняки, каменотесы, ювелиры, сделавшие таджиков ведущей нацией, своими самобытными, оригинальными ремеслами, представленными на мировом уровне.

Автор статьи на основе археологических данных показывает, что жители культурных центров земледелческого периода Востока, таких как Афганистан, Иран, Белуджистан, Индия, и народы долины Заревшана в результате своих контактов извлекали пользу из материальных и духовных достижений друг друга, а саразмиийцы сыграли значительную роль в формировании земледельческой культуры, ремесл и урбанизации Востока.

Стоит отметить, что предки таджиков считаются одними из первых хлеборобов и земледельцев на планете Земля. Люди всего мира смогли увидеть в образе раскопок Саразма и его находках материальную культуру нового центра древней цивилизации таджикского народа.

**Ключевые слова:** топор, игла, цепь звенья, деревообработка, градостроительство, управление городом, ремесло, церемония, серебро, железо, тарелка, семена, земледельцы, материальная культура, гончар, скотоводы, раскопки.

## SARAZM: CRADLE OF AGRICULTURAL CIVILIZATION, CRAFTS, AND URBAN DEVELOPMENT OF THE TAJIKS IN CENTRAL ASIA

This article is dedicated to the historical and cultural site of Sarazm, located in the northern part of present-day Tajikistan, in the Sughd region.

Sarazm is regarded as one of the earliest examples of ancient urban settlements and as an enduring testament to the antiquity of the Tajik nation. It was home to ruling groups and diverse social classes of that period – farmers, herders, weavers, potters, metalworkers, stonecutters, and jewelers – whose authentic crafts positioned the Tajiks among the advanced peoples of the ancient world.

Drawing on archaeological data, the author shows that the inhabitants of major cultural centers of the agricultural era in the East – including Afghanistan, Iran, Baluchistan, India, and the peoples of the Zarafshan Valley – benefited from one another's material and spiritual achievements through mutual contacts. In this process, the people of Sarazm played a significant role in the development of agricultural culture, crafts, and early urbanization in the East.

It follows that the ancestors of the Tajiks were among the first grain cultivators and farmers of the Earth. The findings of Sarazm allow the international community to recognize in its excavations the material culture of a new center of ancient Tajik civilization.

**Keywords:** axe, needle, cultural interactions, woodworking, urban planning, city governance, crafts, rituals, silver, fortification, dish, grain cultivators, farmers, material culture, potters, herders, excavations.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Сангова Фирӯза Холмуродовна,** муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ. 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел.: +992 919-19-16-43; (37) 234-83-46; 234-85-46; Email: mail@ddtt.tj: tguk2025@gmail/com; www:www.tguk.tj

**Сведения об авторе: Сангова Фируза Холмуродовна**, старший преподаватель кафедры гуманнитарных наук Таджикского государственного университета коммерции. Адрес: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Дехоти.1/2, Таджикский государственный Университет коммерции.Телефон: +992 919-19-16-43; (37) 234-83-46; 34-85-46; Email: mail@ddtt.tj: tguk2025@gmail/com; www:www.tguk.tj

**About the author: Sangova Firuza Kholmurodovna,** senior lecturer of the Department of Humanities of the Tajik University of Commerce. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dekhoti str. 1/2, Tajik State University of Commerce.Phone: +992 919-19-16-43; (37) 234-83-46; 234-85-46; Email: mail@ddtt.tj: tguk2025@gmail/com; www:www.tguk.tj

**РӮЗНОМАНИГОРӢ**
**ЖУРНАЛИСТИКА**
**JOURNALISM**

**ТДУ 82-7: 07 (051) (575.3)**

# ТАНҚИДИ КАМБУДИҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ШАХСИЯТҲОИ МАНФӢ ДАР ҚОЛАБИ ЖАНРҲОИ ҲАҶВӢ (ДАР АСОСИ МАВОДДИ МАҶАЛЛАИ «ХОРПУШТАК»)

**Ҳошимзода Бахтиёр Ҳошим,**
**Мухуддинзода Қурбонхоҷаи Саиди**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маҷаллаи «Хорпуштак» ҳамчун як василаи муҳимми танз ва танқид дар фазои матбуоти тоҷик мақоми хоссаеро соҳиб аст. Ин нашрия бо истифода аз забони ҳунарӣ ва усули ҳаҷвӣ, масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву фарҳангиро ба баррасӣ мегирад. Ҳадафи аслии ин мақола дар он аст, ки таъсири равонӣ ва иҷтимоии танқиди камбудиҳои ҷомеа ва рафторҳои ношоистаи ашхоси алоҳидаро дар қолаби жанрҳои гуногун, ки дар ин маҷалла истифода мешаванд, таҳлил намояд. Дар асари «Журналистикаи советии тоҷик» зикр мешавад, ки жанрҳои ҳаҷвӣ, аз қабили лавҳа, очерк, фелетон, памфлет, пародия, луқма ва эпиграмма, барои баён ва интиқоди ҷанбаҳои манфии ҳаёти ҷомеа васеъ истифода мешаванд [16,с.124-170]. Маҳз тавассути ҳамин шаклҳои адабӣ, «Хорпуштак» на танҳо нуқсонҳоро нишон медиҳад, балки бо таъсири зеҳнӣ ва отифӣ ба шуур ва зершуури хонанда, ӯро ба андеша водор месозад. Ин гуна танқидҳои ҳаҷвӣ василаи муҳим барои баланд бардоштани сатҳи маърифати иҷтимоии мардум мебошанд. Онҳо бо ба тасвир кашидани паёмадҳои манфии амалҳои нодуруст, хонандаро ба бознигарии рафтор ва муносибати худ водор мекунанд. Илова бар ин, мазмуни ҳаҷвӣ ҳангоми баён кардани ҳақиқат, шиддати танқидро сабуктар карда, қобилияти қабул ва дарки он паёмро афзун месозад. Моҳияти аслии чунин танқидҳо на танҳо дар фош кардани камбудиҳо, балки дар мусоидат ба ислоҳ ва рушди ҷаҳонбинии ҷомеа нуҳуфтааст. Ҳамзамон, ин навъи танқид рӯҳияи масъулиятшиносӣ ва эҳсоси уҳдадориро ҳам дар байни рӯзноманигорон ва ҳам дар миёни мақомот бедор мекунад. Чуноне ки таъкид шудааст: “Бетараф набудан нисбат ба навиштаҳо, талош барои шинохти воқеият, ва масъулият дар ифшои камбудиҳо – аз талаботи замон нисбат ба матбуот ва муаллифон мебошанд” [14,с.238-244]. Ба ин тартиб, «Хорпуштак» бо забони танз на танҳо ҷомеаро ба фикр кардан водор месозад, балки ҳамчун оинае хизмат мекунад, ки симои воқеии мушкилоти иҷтимоиро инъикос карда, роҳи эҳтимолии ҳалли онҳоро низ нишон медиҳад. Маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» дар фазои матбуоти тоҷик ҳамчун як манбаи пурмазмун ва таъсиргузори танқидӣ шинохта мешавад. Он танҳо як минбари фарҳангӣ нест, балки воситаи муҳимми равоншиносӣ ва иҷтимоиест, ки тавассути забони ҳаҷв ва шеваҳои адабӣ ба ташаккули шуур ва афкори ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Ин маҷалла бо ба коргирии жанрҳои гуногун аз фелетону памфлет то эпиграмма, шеърҳои ҳаҷвӣ ва карикатура ба хонанда на танҳо мушкилотро нишон медиҳад, балки ӯро ба андеша, таҳлил ва ҳавасмандӣ барои ислоҳ водор месозад. Жанрҳо дар публитсистика на танҳо ҳамчун абзори ифода хизмат мекунанд, балки ҳар кадом як соҳаи мустақили эҷодиро ташкил медиҳанд. Публитсистика, ба унвони яке аз шохаҳои муҳимми фаъолияти рӯзноманигорӣ, бо

жанрҳои хоси худ вуҷуд ва фаъолияти худро муаррифӣ мекунад [21,с.288-293]. Аз рӯзҳои аввали нашри маҷаллаи «Хорпуштак», нависандагон ва ҳаҷвнигорони тоҷик зарурати истифодаи воситаҳои ифодаи муассирро дарк карда, мекӯшиданд, ки барои расонидани мазмун ва ғояҳо шаклҳои мувофиқу таъсирбахшро пайдо кунанд. Матолиби нашршаванда дар «Хорпуштак» аз нигоҳи мавзӯъ ва жанр гуногунанд, вале аксаран ба масъалаҳои мубрами рӯз, ифшои камбудиҳои иҷтимоӣ ва танқиди рафтору амали шахсиятҳои алоҳида равона шудаанд. Аз миёни жанрҳои гуногун, фелетон, памфлет, эпиграмма, чистон, латифа, шеърҳои ҳаҷвӣ ва карикатураҳои бадеӣ мақоми асосиро ишғол мекунанд. Бахусус дар солҳои то аввали даҳаи 1990, маводи фелетонӣ ва памфлетҳои қолибу сатҳи баланд дар саҳифаҳои ин маҷалла фаровон ба чашм мерасид. Маҷаллаи «Хорпуштак» дар айни замон ду хидматро анҷом медиҳад: аз як тараф, мероси ҳаҷвии адабиёти шифоҳӣ ва классикии тоҷикро зинда медорад, ва аз ҷониби дигар, бар асари таъсири фарҳанг ва матбуоти ҷаҳонӣ, хоса матбуоти рус ва аврупоӣ, дар ташаккули навъи муосири ҳаҷв дар Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад.

Бо ҳамин тартиб, «Хорпуштак» на танҳо як минбари танз аст, балки бозтобдиҳандаи шиносоӣ бо таҷрибаҳои беҳтарини байналмилалии ҳаҷв ва мутобиқ кардани онҳо ба воқеияти иҷтимоии маҳал мебошад. Жанрҳои публитсистӣ ва бадеӣ дар ин маҷалла мақоми меҳварӣ доранд ва дар таҳкими сатҳи маърифати иҷтимоӣ, бедор сохтани ҳисси масъулият ва ташвиқиислоҳи камбудиҳо нақши муассир мебозанд. Адабиёти ҳаҷвии тоҷик дар ташаккули худ аз сарчашмаҳои гуногун таъсир пазируфтааст, ки яке аз муҳимтарини онҳо адабиёти ҳаҷвии рус мебошад. Осори ҳаҷвнигорони маъруфи рус, аз ҷумла Н. В. Гогол, А. П. Чехов, М. Е. Салтиков-Шедрин, А. М. Горкий, В. В. Маяковский, Демян Бедний ва С. Михалков дар ташаккули шеваи фикррронӣ ва завқи эҷодии адибони тоҷик, бахусус дар офариниши фелетон, нақши муассир гузоштаанд. Ин нуктаро дар осори ҳаҷвии адибони маъруфи тоҷик, ба монанди Абулқосим Лоҳутӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Муҳиддин Аминзода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Раҳим Ҷалил, Самад Ғанӣ, Ҳоҷӣ Содиқ, Фазлиддин Муҳаммадиев, А. Шукурӣ, Б. Ғанӣ ва дигарон ба равшанӣ дидан мумкин аст. Осори онҳо, ки пайваста дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» ба табъ мерасиданд, аз ин таъсир бархӯрдор буда, услуб ва сабки ҳаҷвнигории тоҷикро ғанӣ гардонидаанд.

Маҷаллаи «Хорпуштак» дар рушди жанри фелетон дар Тоҷикистон нақши калидӣ бозидааст. Аз замони таъсисёбӣ то ба имрӯз, ин маҷалла ҳазорҳо фелетонро ба чоп расондааст, ки ин нишондиҳандаи мавқеи устувор ва талаботи баланд ба ин жанри публитсистӣ мебошад. Хусусияти асосии фелетон дар он аст, ки воқеаҳо ва равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бо нигоҳу шеваи танқидӣ ва бо забони ҳаҷвӣ ба тасвир кашида мешаванд. Ҳадафи фелетон на танҳо ба вуҷуд овардани ханда ё масхара, балки таваҷҷуҳи ҷомеаро ба мушкилоти ҷойдошта ҷалб намудан ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли онҳоро пешниҳод кардан мебошад. Фелетон як жанри омехтаи публитсистика ва адабиёт буда, дар он унсурҳои бадеият, танз, таҳлил ва сатира ба ҳам омехта шудаанд [2, с.231]. Ин жанр воқеиятро на танҳо ҳамчун иттилоъ, балки ҳамчун падидаи ниёзманди таҳлили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ баррасӣ менамояд. Ба ҳамин хотир, фелетон дар матбуоти тоҷик, бахусус дар «Хорпуштак», на танҳо як жанри ҳаҷвӣ, балки як абзори муассири мубориза бо беадолатӣ, беаҳаммиятӣ ва беинсофӣ ба шумор меравад.

Фелетонҳои чопшуда дар маҷаллаи «Хорпуштак» ҳам аз лиҳози мазмун ва ҳам аз ҷиҳати мавзӯъ, дорои гуногунрангӣ ва бархурди танқидии шадид буданд. Аз оғози фаъолияти маҷалла то солҳои 1990, мавзуъҳои фелетонҳо беш аз ҳама ба соҳаҳои муҳим ва ҳалкунандаи зиндагии иҷтимоӣ ба монанди хоҷагии қишлоқ, фаъолияти колхозҳо, маориф, фарҳанг, мавқеи зан дар ҷомеа, савдо, илм ва матбуот бахшида мешуданд. Бисёре аз ин матолиб ба ҷанбаҳои мухталифи сиёсати давлатӣ ва амалишавии қарорҳои

ҳукуматӣ марбут буданд ва ҳаҷвнигорон бо сабки хоси танқидии худ дар равандиислоҳи камбудиҳои мавҷуда саҳм мегузоштанд. Муаллифони фелетонҳои маҷаллаи «Хорпуштак» аз воқеаҳои рӯзмарра илҳом гирифта, нуқсонҳои идорӣ, иҷтимоӣ ва шахсиятиро дар шакли масхараомез ва дар айни замон, пурмазмун ба тасвир мекашиданд. Забони ҳаҷвӣ ба онҳо имкон медод, ки танқидро бе сухани сахт, вале муассир баён кунанд ва хонандаро водор созанд, ки масъалаҳоро аз дидгоҳи нав бинад. Аз ибтидои солҳои 1990 то ба имрӯз (соли 2024), поинравии сатҳи ҳаҷв ва фелетон, ки дар замони шӯравӣ яке аз абзорҳои муҳимми ҷалби ҷомеа ба мушкилоти иҷтимоӣ ба шумор мерафт, ба таври возеҳ эҳсос мешавад. Қаламии бештари қаламкашони собиқ, ки дар солҳои пешин бо ҳаҷвҳои бурро ва фелетонҳои таъсиргузори худ шинохта мешуданд, хомӯш гашта, ҷои онҳоро холигии мазмунӣ ва эҳсоси ниёз ба танқидҳои ҷиддӣ гирифт. Дар замони шуравӣ, хусусан тавассути фаъолияти маҷаллаи «Хорпуштак», фелетон ба як шакли пурмазмуни танқид ва таҷассумгари нигоҳи иҷтимоии рӯзноманигорон табдил ёфта буд. Кормандони маҷалла бо баргузории рейдҳои журналистӣ аз муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳо ва хоҷагиҳои қишлоқ мавод ҷамъоварӣ намуда, онҳоро бо забони ҳаҷвӣ таҳлил ва ба нашр мерасониданд. Ин фелетонҳо аксар бо лаҳни шадид, вале бадеӣ ва таҳлилӣ навишта мешуданд ва дар рубрикаҳои машҳури маҷалла «Хорпуштак» ва «Почтаи Хорпуштак» ҷой мегирифтанд.

Мавзуъҳои ин навъи танқидҳо на танҳо ба бахши иқтисодиёт, балки бештар ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ тамаркуз доштанд. Аз ҷумла, камбудиҳо дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, муносибати носаҳеҳ бо мардум, сӯистифода аз мансабу мақом ва рафтори ношоистаи роҳбарон бо забони ҳаҷвиву бадеӣ ва бо истинод ба воқеиятҳои мушаххас матраҳ мешуданд. Ин навъи фелетон бо ҳадафи бедор сохтани ҳисси масъулият дар миёни мансабдорон, ҳифзи арзишҳои адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон навишта мешуд. Дар замони шӯравӣ фелетон на танҳо воситаи масхара ва танқид буд, балки як механизми муассири фаҳмиши мушкилот ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо маҳсуб мешуд. Чунончи, дар шумораи №2 моҳи августи соли 1953 таҳти унвони «Ҳосили баланди ҳавобаландӣ» [23, с.9] фелетоне ба табъ расида буд, ки бо шеваи ҳаҷвии шадид норасоиҳо дар самти гузоришҳои бардурӯғи истеҳсолӣ ва фурсатталабии масъулонро танқид мекард. Ҳамчунин, дар шумораи №4 (апрели соли 1961) фелетони маъруфи «Одамсурати гургсират» [17, с. 6-8], дар шумораи №7 (1957) бо номи «Гурги борондида» [4, с. 6], ва дар шумораи №13 (1972) таҳти унвони «Раис дорам, чӣ ғам дорам» [18, с. 4] интишор ёфта буданд, ки ҳар кадом бо забони бурро ва мазмуни ҳаҷвӣ беадолатиҳои идорӣ, масъулиятгурезӣ ва муносибатҳои фасодомезро фош мекарданд. Ин фелетонҳо аз як тараф ҳамчун намунаҳои барҷастаи танқиди иҷтимоӣ ва аз ҷониби дигар, чун воситаҳои тарбиявӣ хизмат мекарданд. Онҳо тавассути мухтавои бадеӣ, сатира ва мазҳабу шаклҳои шеърии ҳаҷвӣ ба бедоршавии шуур ва афкори ҷамъиятӣ мусоидат менамуданд. Муаллифон на танҳо мушкилро нишон медоданд, балки онро тавре таҳлил мекарданд, ки хонанда наметавонист ба масъала бетараф монад.

Мутаассифона, имрӯз назар ба гузашта фаъолияти ҳаҷвнигорӣ ба таври ҷиддӣ коҳиш ёфт. Вақто, ки ба шумораҳои соли 2024-2025 назар меафканем, жанри фелетон дар фазои матбуоти Тоҷикистон қариб ки ғайрифаъол гардидааст. На танҳо шумораи чунин маводҳо кам шудааст, балки ҳамзамон шиддати танқид ва таъсири иҷтимоии онҳо низ заиф гаштааст. Ин ҳолат ба таври амиқ эҳсоси зарурати эҳё ва рушди дубораи жанри фелетонро ба вуҷуд меорад. Ба ҳамин тартиб, таҷрибаи чандинсолаи маҷаллаи «Хорпуштак» дар самти таҳияи фелетонҳо нишон медиҳад, ки ин жанр метавонад на танҳо васила ифодаи фикри танқидӣ, балки омили фаъоли ташаккули ҷомеаи масъул ва бедору бохабар бошад. Эҳёи дубораи ҳаҷв ва истифодаи оқилонаи он дар фазои

имрӯзаи иттилоотии кишвар, метавонад дар раванди ислоҳоти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ нақши муассир гузорад.

Маҷаллаи «Хорпуштак» дар тӯли таърихи фаъолияти худ ҳамчун як минбари муҳимми танз ва танқид, нақши назаррас дар ташаккул ва рушди жанрҳои публитсистӣ ва адабии ҳаҷвӣ, хусусан фелетон ва ҳикояи ҳаҷвиро бозидааст. Ин маҷалла бо истифода аз забони ҳаҷвӣ ва шаклҳои гуногуни жанрӣ, камбудиҳои иҷтимоӣ, маъмурӣ ва шахсиятҳои масъулро бо шеваи шадид мавриди баррасӣ қарор медод. Фелетон дар «Хорпуштак» мақоми марказӣ дошта, бештар барои ифшои беадолатиҳо, сӯистифодаи мансаб, муносибати номатлуб бо мардум ва фош кардани рафтори ғайриқобили қабул дар идораҳо ва муассисаҳо истифода мешуд. Шаклҳои гуногуни фелетон, аз ҷумла фелетон-корреспонденсия, фелетон-ҳикоя, фелетон-мақола ва фелетон-шарҳ, бо сабку лаҳнҳои ҳаҷвӣ ва таҳлилӣ дар маҷалла ба таври густарда ҷой доштанд. Забони ҳаҷвӣ, образҳои киноявӣ ва ифодаҳои ишоратомез, ки дар фелетонҳо истифода мешуданд, ба хонанда таъсири равонӣ ва иҷтимоӣ мерасониданд. Ҳадафи ниҳоии фелетонҳои «Хорпуштак» на танҳо хандаовар сохтани хонанда, балки бедор кардани ҳисси масъулият ва ташаккули андешаи интиқодӣ дар ҷомеа буд.

Мазҳака як навъи ҳаҷвӣ аст, ки бо истифода аз воқеаҳои хандаовар ва тасвирҳои зинда, паҳлуҳои манфӣ ва ношоисти зиндагиро баён мекунад. Ҳадафи асосии ин жанр на танҳо фароғат додан аст, балки бо истифода аз шеваи танқидӣ ҷомеаро огоҳ намудан ва ба ислоҳ талқин кардан мебошад. Дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» мазҳака мавқеи махсусро касб намуда, ҳамчун яке аз жанрҳои муҳим ва маъруфи ҳаҷвӣ шинохта шудааст. Мазҳакаҳо одатан дар шакли кӯтоҳ ва ҳаҷман хурд, одатан дар доираи 1-2 саҳифа, бо иштироки 2 то 6 персонаж сурат мегиранд. Ҳар персонаж бо хусусиятҳои баёншудаи худ  ки ҳам хислатҳои хандаовар ва ҳам ҷиҳатҳои манфии ахлоқӣ ё иҷтимоӣ мебошанд – тавсиф мешавад. Ин ҷараён ба таври зебо ва бо истифода аз табъу забони ҳаҷвӣ танқиди масоили муҳимро ба зимма мегирад. Мазҳакаҳо бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ, аз қабили фасод, роҳбарони нобовар, хушомадгӯӣ ва коррупсия тамаркуз мекунанд. Дар муҳлати кӯтоҳ, сюжети мазҳака зуд пеш меравад, низоъҳои байни персонажҳо бо забони ҳаҷвӣ ва шӯхиҳо ба намоиш гузошта шуда, мушкилот ва камбудиҳо баррасӣ ва танқид мегарданд. Аз нигоҳи таҳқиқоти адабӣ, Воҳид Асрорӣ дар баррасии худ оид ба жанрҳои ҳаҷвӣ ва мазҳака таъкид мекунад, ки мазҳака ва ҳаҷви мардумӣ на танҳо як навъи соддаи фароғатӣ нестанд, балки васоили муассири иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошанд. Ба гуфтаи ӯ, ҳаҷви мардумӣ аз решаҳои амиқи эҷодиёти халқӣ ва мубориазаҳои табақаҳои заҳматкаш сарчашма мегирад. Ин жанр бо василаи танқид ва мазаммат садои норозигии мардумро нисбат ба зулму беадолатӣ баён мекунад ва барои адолат ва ҳақиқат талқин менамояд.

Аз ин лиҳоз, мазҳака ҳамчун як навъи ҳаҷвии наздик ба ҳаҷви халқӣ нақши муҳимми иҷтимоӣ ва тарбиявӣ дорад, ки ҳамеша баёнгари нозукиҳои ҳаёти воқеӣ ва тавзеҳи камбудиҳои рӯзгор мебошад. Мазҳакаҳо ҳамчун жанри бадеии танқидӣ ва ҳаҷвӣ дар матбуоти тоҷик, бахусус дар саҳифаҳои гуногуни маҷаллаи «Хорпуштак», нақши назаррас ва муассир доштаанд. Чунончи мазҳакаҳои «Рубарӯкунӣ» (муаллиф Е. Петрик, «Хорпуштак», 1955, №9, [6,с.2], «Кайвону бисёр шуд» (муаллифон М. Собир ва М. Нодир, 1956, №12, [20,с.6]  ва «Қадаматон болои дида» (муаллиф М. Одинаев, 1967, №22, саҳ.3) [11,с.3]  намунаҳои равшани ин жанр маҳсуб мешаванд, ки бо истифода аз фактҳои воқеии ҳаёти ҷамъиятӣ ва тасвири камбудиҳои иҷтимоӣ ба хонанда таъсири амиқ мегузоранд. Мазҳакаҳои маҷаллаи «Хорпуштак» бо хусусиятҳои хоси жанрӣ ва усулҳои беназир шинохта шудаанд. Ин асарҳо, ки асосан аз воқеаҳои рӯзмарра ва шахсиятҳои воқеӣ бармеоянд, бо истифода аз лаҳни ҳаҷвӣ ва танқидӣ баён мегарданд. Мазҳака на танҳо барои фароғат ва хандондани хонанда навишта мешавад, балки ҳамчун василаи ошкор намудани камбудиҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ низ хизмат мекунад.

Бо тавзеҳи возеҳ ва тасвири дақиқи воқеаҳо ва рафторҳои шахсиятҳои гуногун, мазҳака хонандаро водор мекунад, ки ба мушкилот ва нуқсонҳои ҷомеа бодиққат назар афканад ва фикру андеша намояд. Масалан, дар мазҳакаи «Қадаматон болои дида» беэътиноӣ ва беаҳаммиятии роҳбарони муассисаҳои давлатӣ ба таври шадид танқид мешавад. Ё мазҳакаи «Кайвону бисёр шуд», ки ба худхоҳӣ ва бемасъулиятии мансабдорон ишора мекунад, бо шеваи шӯхиомезу ҳаҷвӣ равшан ифшогарӣ мешавад. Хусусияти дигари мазҳакаҳо дар он аст, ки онҳо бо забони содда, шуху ҳаҷвӣ ва бо истифодаи усулҳои адабӣ, мисли киноя, муболиға ва иборахои истиораомез навишта мешаванд. Ин хусусиятҳо ба мазҳакаҳо имкон медиҳанд, ки бо таъсири равонӣ ва амиқ хонандаро ба фикр бурда, аҳаммияти масоили муҳимми иҷтимоиро таъкид намоянд.

Памфлет дар таърихи матбуоти тоҷик, бахусус дар даврони шуравӣ, мақоми муҳим пайдо кард. Чопи он дар маҷаллаҳои ҳаҷвӣ, аз ҷумла «Хорпуштак», воситаи муассир барои ошкор кардани нуқсонҳои иҷтимоӣ ва танқиди камбудиҳои сохторҳои роҳбарӣ гардид. Ба гуфтаи муҳаққиқ А. Қутбиддинов, «Памфлет жанре дониста мешавад, ки дар он интиқод, танз, ҳукм ва хулоса шиддат дорад» [9, с.134]. Як ҷиҳати фарқкунандаи ин жанр, ба гуфтаи муҳаққиқон, сатира будани он аст: «Памфлет бо хусусияти сатира доштанаш фарқ мекунад» [16, с.154]. М. Муродов низ забони памфлетро «фасеҳу оммафаҳми» номидааст [15, с.270]. Унсурҳои бадеии баён дар памфлет, ки барои ошкор ва маҳкум кардани симои манфури душман ва хиёнаткор истифода мешаванд, ҳиссиёти амиқи нафрат, кина ва адовати оштинопазирро дар шуури хонанда бедор мекунанд. Ин таъсир, ки аз ҳиссиёти амиқ ва ботинӣ бармеояд, боис ба таҳрик ва ангезиши мавқеъгирии хонанда нисбати зуҳуроти номатлуб мегардад. Аз ин рӯ, памфлет на танҳо воситаи интиқоди иҷтимоӣ, балки омилест барои таъсиррасонӣ ба равандҳои эмотсионалӣ ва психологӣ ва таҳрик додани хонанда ба муқобили зулму беадолатӣ. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки «Асосан эҳсоси бадбинӣ, нафрат, кинаву адовати амиқи оштинопазир ба зуҳуроти муайяни иҷтимоӣ мебошад» [15, с.278]. Дар памфлет ақида ва фикр мавқеи марказӣ доранд, ки боиси таъсири равонии амиқ ва таҳрики андешаҳои интиқодӣ мегардад [16, с.155]. Истифодаи тамасхур ва танқиди маҳвкунанда дар памфлет ба таъсири амиқи он кӯмак мекунад. Ғайр аз он, бо такя ба мазмуни афсонаву латифаҳо, эҳсосоти хонандаро бештар таҳрик медиҳад [16, с.156]. Дар саҳифаҳои маҷаллаи «Хорпуштак» памфлетҳои пурмаҳсул бо қалами адибон маъруфи тоҷик, аз қабили Абдусалом Деҳотӣ, Мирсаид Миршакар, В. Молдавер, С. Ғанӣ ва Б. Ғаниев нашр шудаанд. Абдусалом Деҳотӣ бо асарҳои машҳури худ, аз ҷумла «Аз кароматӣ пирии мо чи аҷаб», «Маккора» ва «Ба даст деҳу ба по дав», мавзуъҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиро бо забони танқидӣ баён намудааст. Ҳамчунин дар маҷалла памфлетҳо бо мавзуъҳои байналхалқӣ низ ҷой доранд. Масалан, памфлети «Намур бузакам, баҳор меояд» ғаразҳои империалистии Амрико ва ниятҳои пинҳонии онҳо барои тақсими ҷаҳону ҳатто фатҳи моҳро мавриди танқид қарор медиҳад. Муаллиф таъкид мекунад, ки «ин нерӯҳо на танҳо рӯи заминро байни худ тақсим кардан мехоҳанд, балки нияти фатҳи моҳ ва истифодаи он барои манфиатҳои ғаразноки худро низ доранд». Памфлет бо тамоми хусусиятҳои худ ҳамчун воситаи пурқуввати танқидӣ дар адабиёти ҳаҷвии тоҷик ба ҳайси абзори бадеиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ нақши калидӣ бозида, хонандаро ба муқовимат бо зуҳуроти номатлуб ва беадолатӣ даъват мекунад. Ба ақидаи муҳаққиқ Абдуллоҷон Мавлонов “Памфлетҳое, ки дар маҷалла чоп шудаанд (ба истисноӣ дусетои онҳо), хеле суст баромадаанд” [12, с.19-20]. Ҳангоми таҳлили мавзуъҳои мушаххас дар маҷалла, метавон қайд кард, ки памфлетҳо бо усули муассир ва ҳунарӣ таҳия шуда буданд. Онҳо бо шеваи равшан ва шадиди танқидӣ, забони бурро ва таъсири амиқи равонӣ тавонистанд камбудиҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро фош намоянд. Тасвири рӯшан ва таҳлили дақиқи рафтори манфии шахсиятҳо бо

далелҳои возеҳ нишон медиҳад, ки жанри памфлет дар «Хорпуштак» танҳо воситаи интиқод набуда, балки ба бедор кардани шуури ахлоқии хонанда низ равона гаштааст. Ин шакли таҳлилӣ возеҳ исбот мекунад, ки памфлет то чӣ андоза метавонад шуури ҷамъиятро бедор намуда, мавқеи интиқодиро тақвият бахшад.

Маҷаллаи «Хорпуштак» бо истифода аз жанри памфлет фаъолона ба ошкорсозии амалҳои хиёнаткорона ва фош кардани дуздии мансабдорон машғул буд. Матолиби он бо услуби ҷолиб ва таъсирбахш омода мешуданд, ки таваҷҷуҳи хонандагонро ба мавзуъҳои муҳим ҷалб мекарданд ва нақши адибон дар ошкорсозии чунин ҳолатҳо хеле муҳим буд. Аммо, мутаассифона, дар даврони муосир ин навъи адабиёт қариб комилан аз саҳна хориҷ шудааст ва чунин матолиб дар маҷаллаҳо кам ё умуман пайдо намешаванд.

Ба унвони мисол, дар шумораи 6 (74) - июни соли 1959, саҳифаи 9, памфлет бо унвони «Аз кароматы пирии мо чи аҷаб» нашр шуда, ки дар он муаллиф ду қабати ҷомеаро танқид мекунад: шахсони фиребгар ва қаллоб, ки бо манфиати шахсӣ ва бе ягон виҷдон дигаронро фиреб медиҳанд. Мақсади аслии В. Молдавер дар ин асар фош кардани хатари чунин афрод ва таъкиди масъулияти шаҳрвандон дар ҳифзи манфиатҳои худ мебошад. Ӯ таваҷҷуҳи мардумро ба зудбоварӣ ва нодида гирифтани қонунҳои ҳуқуқӣ ҷалб намуда, зарурати чораҷӯӣ аз ҷониби мақомот ва шаҳрвандонро таъкид менамояд. Ҳамчунин, дар шумораи 2 июни соли 1972, саҳифаи 2, памфлети «Ба даст деҳу ба по дав» аз Б. Ғаниев нашр гардидааст. Памфлетҳои маҷаллаи «Хорпуштак» бо истифода аз танқид, тамасхур ва сатира нақши муҳим дар таҳрики равонӣ ва ахлоқӣ мебозанд. Мавзуъҳои аслӣ, аз қабили фасоди маъмурӣ, манипулятсияи равонӣ ва истифодаи нуфуз барои манфиатҳои шахсӣ, нишон медиҳанд, ки жанри памфлет бо забони мустаҳкам ва далелҳои воқеӣ ба бедор кардани шуури интиқодӣ ва таҳрики ҳиссиёти ахлоқӣ хидмат мекунад. Эпиграмма жанре мебошад, ки аз давраҳои қадим барои ифодаи андешаҳои танқидӣ ва ҳаҷвӣ бо истифодаи матни кӯтоҳ ва таъсирбахш ба кор бурда мешавад. Манбаъҳои пайдоиши он ба адабиёти классикӣ ва антиқӣ бармегарданд, ки дар тӯли таърих бо шаклҳои гуногун, аз ҷумла дар назму наср, таҳаввул ёфтааст. Аз нигоҳи коршиносон, эпиграмма воситаи пурқувват ва ҳунармандонаест, ки бо ҳикмат ва шеваи танз андешаҳои мухталифро дар шакли мухтасар ифода мекунад. Мутобиқи фикри муҳаққиқон, эпиграмма на танҳо ба адабиёти бадеӣ хос аст, балки ба журналистика низ ворид шуда, дар он шаклҳои нави баён ва тобишҳои гуногунро касб намудааст.

Ба ақидаи муҳаққиқ И.Усмонов,«Эпиграмма пеш аз ҳама кинояву рамз аст ва ҳаҷви он хандаи созанда ва хандаи пурлутф» [21,с.127] мебошад. Эпиграмма ҳам дар шакли назм ва ҳам дар наср офарида мешавад, ва бо ҳаҷми кӯтоҳи худ таъсири равонӣ мебахшад. Бо вуҷуди ин, анъанаи классикии жанр ҳанӯз ҳам ба таври назаррас рӯҳи адабии худро ҳифз кардааст. Дар ин маврид андешаи муҳаққиқ М.Муродов дуруст аст, ки анъанаи қадимии жанрро эътироф кардааст: “.эпиграмма дар соли 1960-1970 маъмул гардида бошад ҳам, анъанаи классикӣ дошт” [15,с.282]. “Эпиграмма низ ба рухдоду факт такя мекунад ва дар ҳолатҳои дигар фикру андеша дар он хислати умумии фарогир дорад. Дар он чандмаъноӣ корбаст мешавад ва сареъияту қофиянокӣ ҷолибияти онро таъмин менамояд” [9,с.144-145]. “Эпиграмма на танҳо василаи танқидӣ, балки як навъ санъати зебоии калом мебошад, ки бо шеваи ҳунармандона маънии амикро ифода мекунад” [3,с.38]. Эпиграмма як воситаи пуртаъсири баёни эҳсосот ва танқиди иҷтимоӣ мебошад. Дар саҳифаҳои маҷаллаи “Хорпуштак” эпиграмма дар мавзуи ашхоси алоҳида бо мазмунҳои гуногун нашр гардидааст. Чунончи дар шумораи №4 феврвли 1989 саҳифаи 6 “Хорпуштак” бо номи “Фонди адабӣ” [22,с.6] нашр гардидааст.

Эпиграммаҳо дар маҷаллаи «Хорпуштак» асосан барои танқид кардани камбудиҳои иҷтимоӣ ва хислатҳои манфии шахсиятҳо истифода мешуданд. Ин жанр бо забони равон ва ҳаҷвомез камбудиҳои ҷамъиятиро рӯшан мекунад ва хонандаро водор месозад, ки ба масъалаи масъулият ва ахлоқи фардӣ таваҷҷуҳ намояд. Масалан, эпиграммаи «Фонди адабӣ», ки дар шумораи №4-уми феврали соли 1989 нашр шудааст, масъулияти шахсро дар истифодаи дониш ва маърифат таъкид мекунад. Дар ин асар, шоир бо истифода аз забони рамзӣ ва тамасхур, камбудии мудири дукони китобро, ки бе истифода аз манбаъҳои илмӣ зиндагӣ мекунад, ба шеваи нишонрас танқид менамояд.

Эпиграммаҳо дар саҳифаҳои «Хорпуштак» бо ҳунари калом ва мазмуни танқидӣ ҳамчун василаи тарбияи ахлоқӣ ва бедор кардани шуури интиқодӣ нақши муҳим доштанд. Онҳо на танҳо барои хандондани хонандагон, балки барои баррасии масъалаҳои ҷиддии иҷтимоӣ низ истифода мешуданд. Дар солҳои 60-ум эпиграммаҳо мунтазам бо шеърҳои ҳаҷвии шоирони маъруфи мисли Гулназар Келдӣ, Наимҷон Назирӣ, Сайидалӣ Маъмур ва Бурҳон Ғанӣ нашр мешуданд. Муаллифон бо истифода аз зарофат ва шеваҳои тамасхур, нуқсонҳо ва норасоиҳои инсонҳо ва сохторҳоро ба намоиш мегузоштанд. Масалан, эпиграммаи Н. Назирӣ бо номи «Ҷавоби лагандбардор» шахсони хушомадгӯй ва лагандбардорро танқид мекунад. Бо вуҷуди ин, дар давраи Истиқлолият истифодаи эпиграмма дар саҳифаҳои «Хорпуштак» камтар шудааст, ки ин нишондиҳандаи зарурати эҳёи дубораи ин жанр ҳамчун василаи пурқуввати танқид ва таҳлили иҷтимоӣ мебошад. Эпиграмма ҳамоно метавонад абзори муассир барои баррасии камбудиҳои ҷамъиятӣ ва таҳкими ахлоқи шаҳрвандӣ боқӣ монад. Дар тӯли фаъолияти худ маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» ҳамчун минбари муҳимми интиқоди иҷтимоӣ ва публитсистикаи бадеӣ нақши бориз доштааст. Он дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, бедор кардани масъулияти ашхос ва ошкор кардани амалҳои номатлуби шахсони алоҳида саҳми калидӣ гузоштааст. Маводди маҷалла, ки аз фелетонҳо, ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва мазҳакаҳо иборат буд, нишон дод, ки жанрҳои ҳаҷвӣ на танҳо ҳамчун василаи тарбиявӣ ва ахлоқӣ, балки ҳамчун воситаи муҳимми равонӣ барои шиносоӣ ва ислоҳи камбудиҳои ҷомеа хидмат мекунанд. Муаллифон бо истифодаи забони зинда ва образҳои ҳаҷвӣ тавонистанд мушкилоти мухталифи иҷтимоӣ, маъмурӣ ва фарҳангиро ба таври ошкору таъсирбахш ифода намоянд. Хусусан, жанри фелетон, ки дар солҳои Шуравӣ ба авҷи фаъолияташ расида буд, бо истифодаи шеваҳои гуногуни публитсистӣ ва таҳлили танқидӣ, ҳамчун воситаи мубориза бо беадолатиҳо ва масъулиятношиносии мансабдорон шуҳрати зиёд ёфт. Ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва мазҳакаҳо низ барои баррасии паҳлӯҳои манфии ҳаёти ҷамъиятӣ ва равоншинохтӣ нақши муассир доштанд ва бо услуби гуфтории оддӣ ба хонанда таъсири амиқ мерасониданд.

Дар маҷмуъ, маҷаллаи «Хорпуштак» бо истифодаи жанрҳои гуногуни ҳаҷвӣ на танҳо минбари интиқодӣ, балки мактаби адабӣ ва равонӣ барои ташаккули маданияти иҷтимоӣ ва маърифати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд. Таҷрибаи ин маҷалла исбот мекунад, ки ҳаҷв ва танқид на танҳо воситаи фошсозии камбудиҳо, балки омили рушд ва таҳкими ахлоқи ҷомеа мебошанд. Барои эҳёи дубораи ин анъанаи муҳимми публитсистӣ ва адабӣ дар шароити муосир зарур аст, ки насли нав ва ҳунармандони ҳаҷвнависро дастгирӣ намоем ва платформаҳои озоди интиқодиро таҳким бахшем. Маҷаллаи «Хорпуштак» дар таърихи матбуоти тоҷик ҳамчун як минбари муҳимми танқид ва мазҳака мавқеи устуворро касб намудааст. Он бо истифода аз жанрҳои гуногуни ҳаҷвӣ, аз ҷумла фелетон, памфлет, эпиграмма, мазҳака ва карикатура, тавонист ба таври муассир камбудиҳои иҷтимоӣ, маъмурӣ ва ахлоқии ҷомеаро фош созад ва ҷомеаро ба ислоҳ ва андешаи интиқодӣ водор намояд. Шаклҳои мухталифи ҳаҷв, ки дар саҳифаҳои «Хорпуштак» ҷой дода мешуданд, аҳаммияти тарбиявӣ, ахлоқӣ

ва сиёсӣ дошта, боиси бедории маърифатӣ ва афзудани масъулиятшиносӣ дар ҷомеа мегардиданд. Бо вуҷуди ин, таҳлили замони муосир нишон медиҳад, ки сатҳу миқдори чунин маводди ҳаҷвӣ, бахусус фелетон ва памфлет, дар солҳои охир коҳиш ёфтааст. Ин вазъ ба эҳсоси норасоии танқиди солим ва зарурати эҳёи дубораи жанрҳои ҳаҷвӣ дар фазои иттилоотии кишвар сабаб шудааст.

**Адабиёт**


1. Асрорӣ, В. Ҳаҷв ва мазҳака дар адабиёти тоҷик [Матн] / В. Асрорӣ // Шарқи сурх, 1957. – №6 – С.84.
2. Ворошилов, В. В. Журналистика. Базовый курс [Текст] / В. В. Ворошилов. – СПб.: Изд –во Михайлова В.А., 2004. – 704 с.
3. Грехнев, В. А.«Анфологические эпиграммы» А. С. Пушкина [Текст] // Болдинские чтения. – Горький, 1976. – С. 38.
4. Гурги борондида [Матн] // Хорпуштак. – 1957. – №7 (51). – С.6.
5. Дар бобати рафтори беадабонаи баъзеҳо [Матн] // Хорпуштак. – 1955. – №12 (32). – С.4.
6. Е., П. Рубарӯкунӣ [Матн] // Хорпуштак. – 1955. – №9. – С.2.
7. Кӯҳзод, Ӯ. Бурротар зи теғ [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Маориф, 2019. – 240 с.
8. Кӯҳзод, Ӯ. Гардани ғам бишканем [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 334 с.
9. Қутбиддинов, А. Ҳ. Хусусиятҳоии мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳалии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод”) [Матн]: рисолаи докторӣ. – Душанбе, 2021. – 245 с.
10. Лазутина, Г. В., Распопова, С. С. Жанры журналисткого творчества [Текст]: учебное пособие для студентов вузов / Г.В.Лазутина, С.С.Распопова. – М.: Аспект Пресс, 2012. – 320 с.
11.М., О. Қадаматон болои дида [Матн] // Хорпуштак. – 1967. – №22. – С.3.
12.Мавлонов, А. Ҳаҷв ва мутоиба дар адабиёди садаи XX тоҷик [Матн]. – Хуҷанд, 2012. – 283 с.
13. Мирзо, К. Марги душвор [Матн] / К. Мирзо // Дар орзуи падар: маҷмуаи роману повест ва ҳикояҳо. – Душанбе: Адиб, 2001. – С.420-431.
14. Муродов, М. Б “Вокуниш: Хусусиятҳои функсионалӣ ва аломатҳои жанрӣ” дар асри иттилоотӣ [Матн] / Муродов М.Б // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). – 2018. – №1. – С.234.
15. Муродов, М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ (масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул) [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.
16. Нуралиев, А., Саъдуллоев, А., Усмонов, И., Гулмуродов, У / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. Журналистикаи советии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 1989. – 173 с.
17. Одамсурати гургсират [Матн] // Хорпуштак. – 1961. – №4. – С.6.
18. Раис дорам чи ғам дорам [Матн] // Хорпуштак. – 1972. – №13 (463). – С4.
19. Раҳмонзода, Ҷ. М. Жанр дар публитсистика [Матн] / Раҳмонзода Ҷ.М // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). – 2025. – №1. – С.144.
20. Собир, М., Нодир, М. Кайвону бисёр шуд [Матн] // Хорпуштак. – 1956. – №12. – С.6.
21. Усмонов, И. К. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 138 с.
22. Фонди адабӣ [Матн] // Хорпуштак. – 1989. – №4. – С.6.
23. Ҳосили баланди ҳавобаланди [Матн] // Хорпуштак. – 1953. – №2. – С. 9.

## ТАНҚИДИ КАМБУДИҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ШАХСИЯТҲОИ МАНФӢ ДАР ҚОЛАБИ ЖАНРҲОИ ҲАҶВӢ (ДАР АСОСИ МАВОДДИ МАҶАЛЛАИ «ХОРПУШТАК»)

Мақолаи мазкур ба таҳлили нақши жанрҳои ҳаҷвӣ дар ошкорсозии камбудиҳои иҷтимоӣ ва танқиди шахсиятҳои манфӣ дар доираи фаъолияти маҷаллаи «Хорпуштак» бахшида шудааст. Муаллифон таъсири равонӣ ва иҷтимоии жанрҳое чун фелетон, памфлет, мазҳака ва эпиграммаро дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва бедор кардани ҳисси масъулият дар ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Дар баробари таҳлили маводи «Хорпуштак», мақола инчунин ба муқоисаи сабки ҳаҷвнигории ин маҷалла бо равишҳои адабии русу тоҷик мепардозад. Аз ҷумла, таҳаввули жанри фелетон дар матбуоти тоҷик ва шабоҳатҳои он бо фелетонҳои рӯзноманигорони маъруфи рус мавриди баррасӣ қарор гирифта, саҳми «Хорпуштак» дар рушди сатираи публитсистӣ ва интиқоди иҷтимоӣ бо далелҳои мушаххас таъкид мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқи мазкур собит месозанд, ки истифодаи оқилона ва ҳадафманди жанрҳои ҳаҷвӣ метавонад на танҳо ханда биёрад, балки ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, бедор шудани ҳисси масъулият, ва таҳкими муҳити танқидии солим дар ҷомеа мусоидат намояд. Бо дарназардошти аҳамияти рӯзафзуни нақши ВАО дар ҷомеа, корбурди жанрҳои ҳаҷвӣ метавонад як роҳи муассири таъсир ба сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар гардад. Дар мақола нишон дода мешавад, ки чӣ гуна ин жанрҳо ҳамчун василаи таъсиргузори иҷтимоӣ амал намуда, симои мушкилоти ҷомеаро бо забони ҳаҷвӣ ба тасвир мекашанд. Тавассути таҳлили намунаҳои мушаххаси чопшуда дар «Хорпуштак» ва муқоисаи онҳо бо сабкҳои адабии русу тоҷик, мақола саҳми ин маҷалларо дар рушди жанри фелетон ва сатираи публитсистӣ таъкид менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқ собит мекунанд, ки истифодаи оқилонаи жанрҳои ҳаҷвӣ метавонад ба таҳкими тафаккури интиқодӣ ва ислоҳи иҷтимоӣ мусоидат намояд.

**Калидвожа:** танқиди иҷтимоӣ, шахсиятҳои манфӣ, жанрҳои ҳаҷвӣ, фелетон, памфлет, мазҳака, эпиграмма, маҷаллаи «Хорпуштак», сатира, андешаҳои ҷамъиятӣ, таъсири иҷтимоӣ, фарҳанги интиқодӣ.

## КРИТИКА СОЦИАЛЬНЫХ НЕДОСТАТКОВ И ОТРИЦАТЕЛЬНЫХ ПЕРСОНАЖЕЙ В РАМКАХ САТИРЫ (НА МАТЕРИАЛЕ ЖУРНАЛА «ХОРПУШТАК»

Статья посвящена анализу роли сатирических жанров в выявлении социальных недостатков и критике отрицательных персонажей в рамках деятельности журнала «Хорпуштак». Авторы рассматривают психологическое и социальное воздействие таких жанров, как фельетон, памфлет, комедия и эпиграмма, на формирование общественного сознания и пробуждение чувства ответственности в обществе. Помимо анализа материалов «Хорпуштак», статья также затрагивает сравнение сатирического стиля этого журнала с литературными традициями русской и таджикской сатиры. В частности, рассматривается развитие жанра фельетона в таджикской печати и его сходство с произведениями известных русских публицистов, а также подчеркивается вклад «Хорпуштака» в развитие сатиры и публицистики с конкретными примерами. Результаты исследования подтверждают, что разумное и целенаправленное использование сатирических жанров может не только вызвать смех, но и способствовать формированию критического мышления, пробуждению чувства ответственности и укреплению здоровой критической среды в обществе. С учетом возрастающей роли СМИ в обществе, использование сатирических жанров может стать

эффективным инструментом воздействия на социальную и культурную политику страны. В статье показано, как данные жанры функционируют как средства социального влияния, изображая проблемы общества в сатирической форме. Анализ конкретных примеров, опубликованных в «Хорпуштаке», и их сравнение с русской и таджикской литературной традицией подчеркивают вклад журнала в развитие жанра фельетона и сатирической публицистики. Итоги исследования доказывают, что грамотное использование сатиры способствует развитию критического мышления и социальным преобразованиям.

**Ключевые слова:** социальная критика, отрицательные личности, сатирические жанры, фельетон, памфлет, комедия, эпиграмма, журнал «Хорпуштак», сатира, общественные идеи, социальное влияние, критическое мышление.

## CRITICISM OF SOCIAL FLAWS AND NEGATIVE CHARACTERS THROUGH SATIRICAL GENRES (BASED ON THE MATERIALS OF THE MAGAZINE "KHORPUSHTAK")

This article analyzes the role of satirical genres in exposing social shortcomings and criticizing negative figures within the editorial practice of Khorpushtak magazine. The authors examine the psychological and social impact of genres such as the feuilleton, pamphlet, satirical comedy, and epigram on shaping public opinion and fostering a sense of social responsibility.

Alongside the analysis of Khorpushtak materials, the article compares the satirical style of the magazine with Russian and Tajik literary traditions. In particular, it discusses the development of the feuilleton genre in the Tajik press and its parallels with the works of prominent Russian journalists, emphasizing the magazine's contribution to the advancement of satirical journalism and social critique through concrete examples.

The findings demonstrate that the deliberate and purposeful use of satirical genres does not merely provoke laughter, but also nurtures critical thinking, awakens a sense of responsibility, and strengthens a healthy culture of criticism in society. Given the growing influence of mass media, satire can serve as an effective instrument for shaping social and cultural policy.

The article shows how satirical genres function as tools of social influence, portraying societal issues through humorous yet critical language. By analyzing specific examples from Khorpushtak and comparing them with Russian and Tajik literary practices, the study underscores the magazine's role in the development of the feuilleton genre and satirical journalism. The results confirm that the effective use of satire contributes to strengthening critical thought and fostering social reform.

**Keywords:** social criticism, negative figures, satirical genres, feuilleton, pamphlet, satirical comedy, epigram, Khorpushtak magazine, satire, public opinion, social influence, critical thinking.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Ҳошимзода Бахтиёр Ҳошим** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, дотсент, декани факултаи журналистика. Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: adab-75@mail.ru. Тел.: (+992) 935-32-60-22

**Муҳуддинзода Қурбонхоҷаи Саиди,** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мудири радиои «Садои ДМТ» факултети журналистика. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 93-333-59-66. E-mail: muhuddizoda@mail.ru

**Информация об авторах: Хошимзода Бахтиёр Хошим** – доктор филологических наук, доцент, декан факультета журналистики Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Электронная почта: adab-75@mail.ru Телефон: (+992) 935-32-60-22

**Мухуддинзода Курбонходжа Саиди,** Таджикский национальный университет, руководитель радио «Садои ДМТ», факультет журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 93-333-59-66. E-mail: muhuddizoda@mail.ru

**Information about the authors: Khoshimzoda Bakhtiyor Khoshim** – Doctor of Philology, Associate Professor, Dean of the Faculty of Journalism at the National University of Tajikistan.Address: 734025, Rudaki Avenue 17, Dushanbe, Republic of Tajikistan. E-mail: adab-75@mail.ru Phone: (+992) 935-32-60-22

**Muhuddinzada Qurbonkhoja Saidi,** Tajik National University, Head of Radio «Sadoi DMT» , Faculty of Journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 93-333-59-66. E-mail: muhuddizoda@mail.ru

**ТДУ 07: [004+681.3+007] (575.3)**

# ВИЖАГИҲО ВА ИМКОНОТИ МАВОДДИ ИНТЕРНЕТӢ АЗ МАНЗАРИ МУАРРИФИИ КИШВАР

**Сафарзода Моҳира Амиралӣ**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳама гуна воситаи ахбори омма дар муаррифӣ ва ташаккули образу имиҷи давлату кишвар вижагӣ ва имконоти хос дорад. Ҳар қадар имконияти воситаи ахбори омма васеъ бошад, ҳамон қадар матну амалҳои имиҷсозӣ вусъат ёфта, ҷолибият ва муассирияти мавод таъмин мегардад.

Дар шароити имрӯза Интернет ҳамчун воситаи пахши иттилоот ва иртиботи иттилоотии афроди ҷомеа имконоти зиёд дорад. Аз ҷумла, дар интернет имконоти васеи таъмин намудани иштироки узвҳои ҳисси инсон мавҷуд аст. Бахусус, маводди мултимедӣ фарогири расм, матн, садо, навор, графика, слайд ва дигар унсурҳо буда, дар раванди рубару шудан бо ин гуна мавод, биниш (навору расму матн), шунавоӣ (садо), ламс (ҳангоми болову пойн кардани саҳифа, интерактив) васеъ истифода гардида, таваҷҷуҳ низ ба он банд мешавад. Бо чунин тарз дар қолаби жанрҳои гуногун пешниҳод намудани мавод ҳам ҷолибиятро таъмин менамояду ҳам таъсирнокиро меафзояд. Муҳаққиқ М. Муродӣ дуруст зикр мекунад: “Агар радио имкони бештари пахши чӣ рух додан, телевизион чӣ гуна рух додан ва матбуот барои чӣ рух доданро дошта бошанд, интернет ин се имконият ва ё бартариро дар худ таҷассум мекунад. Дар натиҷа, ба мухотабон маҳсулоти тамоман нав пешниҳод мешавад, ки хусусияти ҳам матбуотӣ (матн, акс, карикатура), ҳам радиоӣ (садо), ҳам телевизионӣ (намоиш, слайд-шоу) ва ҳам интернетӣ (иртиботи мустақим, овоздиҳӣ, шарҳ, мавқеъгирӣ)-ро дорад” [6, с.161]. Ҳамин аст, ки таҳияи маводди интернетӣ аз журналист маҳорату заҳмати зеҳниву техникиро талаб намуда, водор месозад, ки аз вежагиҳои кори тамоми воситаҳои ахбори омма истифода кунад.

Табиист, ки пайдоиши воситаҳои нави ахбори омма боиси зуҳури падидаҳои нави эҷодӣ мегардад. Ба ибораи дигар, имконот ва талаботи интернет ва аудиторияи он водор менамояд, ки усулҳои нави ба шакл даровардани маҳсулоти иттилоотӣ коркард ва маъмул гардад. Ба ин

монанд, рушди телевизион ва дигар шудани муносибатҳои иҷтимоӣ ба пайдоиши жанри ток-шоу замина фароҳам овард. Ин падидаҳои нав миёни муҳаққиқон баҳсҳоро ба вуҷуд оварда, ки маводди интернетиро баъзеҳо жанри мустақил ва баъзеҳо танҳо қолаб медонанд.

Ба андешаи мо жанрро на аз рӯйи шалки пешниҳод – матнию чандрасонаӣ ҷудо бояд кард, балки хислати вижаи жанрҳоро бояд ба назар гирифт. Масалан, мо медонем, ки лавҳа ба очерк наздикӣ дорад, дар ин жанрҳо зиндагиномаи шахс тасвир мегардад ва ҷанбаи тарбиявиашон бештар аст. Аммо дар лавҳа маъмулан, як лаҳзаи ҳаёти шахс инъикос мегардад, ки ба тасвири симои ботинии ӯ мусоидат мекунад.

Лавҳа метавонад дар шакли матн, садо, навор ё маводди чандрасонаӣ пешниҳод гардад. Аз тарзи пешниҳод аломатҳои жанрӣ тағйир наёфта, танҳо бо имконоти воситаи пахши хабар матни лавҳа дар қолабҳои гуногун таҳия ва нашру пахш мешавад. Чунончи, лоиҳаи “Тоҷикистон, ба пеш”-и сомонаи “Азия плюс” аз рӯйи махсусияти жанрӣ лавҳа буда, матни он дар қолаби чандрасонаӣ бастабандӣ шудааст. Ин лоиҳаи асосан дар “бораи варзишгарони номдори ҷумҳурӣ, инчунин онҳое, ки ба ояндаи пуршарафи варзиши тоҷик умед мебахшанд, нақл мекунанд. Ҳамаи қаҳрамонҳо ифтихори мамлакатанд, ки ба онҳо нигариста хитоб мекунем: Тоҷикистон, ба пеш! Тоҷикистон, ба пеш!” [13]. Аз ин бар меояд, ки маводди ин лоиҳа на танҳо дар бораи ғолибияти касе иттилоъ медиҳад, балки барои бинанда намунаи ибрат мегардад. Тамошои он шавқу ҳаваси ҷомеаро ба варзиш бештар намуда, бинандагон, бахусус наврасону ҷавононро барои ба чунин натиҷаҳо ноил гардидан ташвиқ мекунад. Ба ибораи дигар, маводди лоиҳаи “Тоҷикистон, ба пеш” иттилоотӣ набуда, балки публитсистӣ-бадеӣ мебошад, ки бештар дар қолабҳои жанрии лавҳаву очерк ба шакл дароварда мешавад. Азбаски дар ин барнома дастовардҳои алоҳидаи варзишгарон бештар инъикос мегардад, имконоти корбурди аносири жанри лавҳа мувофиқтар аст. Чунончи муҳаққиқ И. Усмонов навиштааст: “вазифаи лавҳа фақат маълумот додан нест, балки ба таври таъсирбахш, зебо ва дилкаш дар хусуси одамҳо нақл кардан аст” [8, с. 89]. Интернет ҳамчун воситаи пахш ба таҳиягарон имкон додааст, ки лавҳаро дар шакли наву ҷолиб пешниҳоди аудитория намоянд ва аз расм, матн ва навор дар формати кэпшн-видео васеъ истифода кунанд. Барои тақвияти фикр, яке аз бахшҳои ин барномаро, ки дар бораи фаъолияти варзишии ғолиби бозиҳои олимпии Лондон-2012 Мавзуна Чориева нақл намуда, олами ботинии ӯро ҳамчун зани қавиирода, устувор, ҷасур ва серталош ифшо менамояд, мавриди таҳлил қарор медиҳем. Дар мавод баъд аз сарлавҳа акси қаҳрамон, ки дар толор бо либосҳои варзишӣ нишастааст, ҷой дода шудааст. Сипас, порчаи матнӣ бо маълумот дар бораи Мавзуна ва зинаҳои муваффақияти ӯ мазмуни лавҳаро пурра мекунад. Ҳамин маълумотро аз кепшэн-видео низ гирифтан мумкин аст, ки қисме аз забони қаҳрамон садо медиҳад ва қисми дигари он дар поёни навор дар сатр навишта мешавад ва он хусусияти асосии ин фармат ба ҳисоб меравад. Навор ҳамагӣ 3 дақиқаю 33 сония идома ёфта, бидуни матни муаллиф, бо мусиқии хосса таъсирнокии он бештар гардидааст.

Барои сомонаҳои интернетӣ бастабандии чандрасонаӣ (мултимедийная упаковка) воситаи ҷолибу хуб маҳсуб меёбад. Тавассути шаклҳои ҷолиб ба аудитория маълумоти зиёди муҳимро пешниҳод намудан мумкин аст. Масъалаи қобили мулоҳиза он аст, ки чунин шаклҳои ҷолиб барои баъзеҳо формат ва бархи дигар жанр аст. Дар ин дарку шинохти ноҳамсон, як нукта аз назари аксарият дур мемонад, ки он дар қолаби чандрасонаӣ пешниҳод намудани ҳар жанр, махсусан, жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ аст. Дар баробари ин омезиши жанрҳо ва имконоти интернет боиси тавлид ва шаклгирии жанрҳои нав гардидааст, ки тарзи пешниҳодашон қолаби чандрасонаиро талаб мекунад. Яке аз намунаи чунин жанрҳо лонгрид аст, ки дар муҳити касбии рӯзноманигорӣ барои баъзеҳо жанр ва барои дигарон ҳамчун формат

шинохта мешавад. Чунончи, муҳаққиқи рус А. В. Колесниченко лонгридро жанр номида, хислати хоси жанриашро дар омӯзиши пурраи мавзуъ ва матн, истифодаи сарчашмаҳои зиёди иттилоъ ва матни ҳаҷман калон медонад [2]. Баръакси ин, муҳаққиқон Булаева М. Н [1, с. 122], Лазутина Г. В. [3, с. 21] ва дигарон онро формат меҳисобанд. Ба назари мо, шинохти А. В. Колесниченко дурусттар аст, яъне лонгрид жанри комиле аст, ки дар дохили он форматҳои гуногуни мултимедӣ истифода мешавад [7, с. 137]. Лонгрид аслан, матнест, ки далелҳои зиёдро дар худ меғунҷонад ва матни он вобаста ба воқеаҳо чунон ба қисматҳо тақсим мешавад, ки бо хондани ҳар қисмат хоҳиши идома додани мутолиа фузун мегардад. Форматҳои мултимедӣ муҳтавои матнро боз ҳам такмил дода, ҷолибу диданӣ ва хонданӣ мегардонад, истифодабаранда шоҳиди воқеаҳо мегардад. Дуруст аст, ки дар лонгрид унсурҳои жанрҳои гуногун ё монандиро мушоҳида кардан мумкин аст, аммо набояд фаромӯш кард, ки ағлаби жанрҳо вежагиҳои умумӣ ва хоса доранд. Чунончи муҳаққиқ М. Муродӣ дарёфтааст: "жанрҳои публитсистика бо вуҷуди ашколи гуногун доштан, аломатҳо умумӣ низ дорад..." [5, с. 89].

Дар шинохти лонгрид тавсифи М. Н. Булаева нисбатан мувофиқтар аст. Бинобар дарёфту шинохти ӯ "Асоси лонгридро матни ҳаҷман калоне ташкил дода, унсурҳои дигар: расм, навор, инфографика ва ғ. матнро пурра мекунанд. Ҳамин тавр лонгридро лоиҳаи мултимедиявие номида метавонем, ки ба ягон проблемаи муҳим ё санаи воқеӣ бахшида шудааст" [1, с. 122]. Унсурҳои гуногуне, ки дар лонгрид истифода мешаванд, яъне расм, графика, графики иттилоотӣ, навор, садо, слайд-шоу, харита ва ғ. барои ба қисмҳо ҷудо намудани матн ва ҷолиб сохтани мавод ёрӣ мерасонанд. Ин унсурҳо ҷузъи иловагӣ набуда, балки қисматҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Дар сурати сарфи назар кардани аз яке аз унсурҳо мазмун тағйир намеёбад, аммо таъсирнокии асар камтар мегардад. Дар аксари мавридҳо мазмун ҳам то ҳадде тағйир меёбад, зеро муҳтавои ҳар кадом унсур мантиқан идомаи дигаре мебошанд. Ин маъноеро надорад, ки дар омодасозии лонгрид тамоми унсурҳо (навор, садо, расм, слайд-шоу, харита ва ғ.) ҳатман бояд истифода гарданд, аммо унсури истифодашуда бояд бамаврид ва саривақтӣ бошад. Масалан, садо такрори матни навишташуда набуда, балки мазмун аст, ки иттилооти наву тозаро ба аудитория пешниҳод менамояд. Ба мисли ин, расм танҳо барои рангорангӣ набуда, маъно ва ҳатто таърихчаеро бозгӯ мекунад. Графикҳои иттилоотӣ метавонанд ба ҷойи матни оморӣ ё маълумоте, ки рақами зиёдро ифода мекунаду хонандаро дилгир менамояд, истифода шаванд. Ба ҳамин монанд бо назардошти бартариҳо ҳар кадом формат дар ҷойи муайян истифода мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки лавҳаҳои дар доираи лоиҳаи "Тоҷикистон, ба пеш" дар қолаби чандрасонаӣ таҳия гардида, аз ин қолаб фарқ мекунанд. Масалан, бо гирифтани расму матн мазмуни навор коста намегардад, зеро ҳама маълумоти матнро аз навор гирифтан мумкин аст, ё баръакс матну расм бидуни навор ҳам маълумоти мақсаднокро расонида метавонанд.

Дар назарияи журналистикаи тоҷик ба лонгрид кам эътибор дода шудааст. Танҳо профессор Ҷ. Муқимов дар воситаи таълимии худ бо номи "Журналистикаи чандрасонаӣ" дар бораи лонгрид ва дигар падидаҳои замон дар соҳаи журналистика маълумот додааст. Номбурда лонгридро чунин тавсиф мекунад: "Лонгрид аз якчанд "боб"-и бо ҳам алоқаманд иборат буда, онҳо аз рӯйи драматургия ва сужа сохта шудаанд. Дар он воқеа ба таври хронологӣ накл гардида, хонандаро пайдарпай бо он шинос мекунад. Яъне лонгрид бо сабки классикӣ иншо гардида, драматургияи он дар атрофи ҳолатҳои вақту имкон сохта мешавад" [4, с. 76].

Фаврият хислати асосӣ ва муҳимми интернет ба шумор меравад. Маҳз ҳамин хислат боиси зиёд шудани ҳаводорони шабакаву сомонаҳои интернетӣ мегардад.

Интернет имкон медиҳад, ки на танҳо аз ҳар рӯйдоде дар ҳар гӯшаву канори дунё ҳамон лаҳза бохабар бошем, балки тариқи онлайн шоҳиди раванди ҳодиса гардем. Ин аст, ки жанрҳои иттилоотӣ дар интернет вижагӣ ва имконоти бештар пайдо намудаанд.

Сомонаи ширкати телевизионии “Мир”, ки шабакаи асосии телевизионӣ миёни давлатҳои ИДМ мебошад, дар бораи Тоҷикистон хабарҳои зиёд нашр мекунад. Матни хабар бо иловаи расми мувофиқ ба мавзуъ чоп мешавад, ки муаллифи расм дар бисёр маврид кормандони ШТ “Мир” мебошанд. Масалан, 16-уми декабри соли 2018 зери унвони “Дух истории: национальную вышивку Таджикистана внесли в список ЮНЕСКО” (“Рӯҳи таърих: Гулдӯзии миллии Тоҷикистон ба феҳристи ЮНЕСКО шомил шудааст” **[12]** хабари кӯтоҳ нашр гардидааст, ки аз пазируфта шудани чакан ба руйхати ЮНЕСКО иттило дода, дар баробари ин аз нозукиҳои ҳунари дастии мардуми тоҷик сухан меравад. Дар расм тарроҳи машҳури тоҷик Хуршед Сатторов бо коллексияи чакании худ қарор дорад. Услуби пешниҳоди хабар дар сомонаи ШТ “Мир” аз сомонаҳои давлатии дохили кишвар фарқ мекунад. Барои муқоиса хабари қабул шудани чаканро ба рӯйхати мероси фарҳангии ЮНЕСКО дар сомонаи “Мир” ва “Ховар” дида мебароем. Сомонаи АИ “Ховар”  ин иитилоъро нисбати ШТ “Мир” барвақттар  – санаи 30-юми ноябри соли 2018 зери унвони “Чакан ба рӯйхати мероси ғайримоддии башарият ворид карда шуд! Дар ин бора 29 ноябр қарори ЮНЕСКО ба тасвиб расид” **[14]** нашр намуда, дар он расми се бонуи тоҷики чаканпӯш ва пушташон чодари чакандӯзӣ ҷой дода шудааст. Хабарҳои “Ховар” ҷузъиёти такрор доранд. Баъди сарлавҳа ҳамоно як сухан аз забони шахси сеюм ва баъдтар аз ҷониби шахси якум гуфта мешавад: *“ЮНЕСКО – Идораи илму фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид дар иҷлосияи солонааш дар Маврикий «чакан» –як навъи гулдӯзии тоҷикиро ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил кард. Дар ин бора имрӯз Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО Шамсиддин Орумбекзода ба АМИТ «Ховар» хабар дод.*

Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО – Идораи илму фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид 29 ноябр дар ҷаласаи солонааш дар Маврикий чакан – як навъи гулдӯзии маъмул дар ҷануби Тоҷикистонро ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил кард...”.

Оғози хабари сомонаи “Мир” ҷолибтар буда, сархати дуюми он баръакси иттилои такрории сомонаи “Ховар” маълумоти тозаест, ки дар сомонаи “Ховар” мавҷуд нест[14]: "Чакони гулдӯзии тоҷикӣ ба феҳристи ЮНЕСКО шомил шуд. Зеварҳои миллӣ садҳо сол боз дар миёни занони манотиқи кӯҳистонии ҷумҳурӣ истифода мешуданд, хабар медиҳад хабарнигори МИР 24 Заррина Абдуназарова.

Зеварҳои дурахшон, ҳунари дастиро дизайнер Хуршед Сатторов дар либосҳои худ аз гулдӯзии миллӣ истифода мекунад. Ба наздикӣ аз коллексияи нави UNESCO дидан карда шуд. Хусусан рӯйпӯшӣ коршиносон мутаассир буд, ки дар замонҳои пеш ҳар як тоҷикдухтар барои тӯй чунин гулдӯзӣ мекард.”Дар идомаи ҳарду хабар дар бораи чакан маълумоти мухтасар пешниҳод мешавад, аммо ҳар кадом бо услуби хосса. Масалан, сомонаи “Мир” маълумотро аз забони тарроҳ Хуршед Сатторов, ки бевосита дар намоиш иштирок доштаасту ба дӯхтани либосҳои чаканӣ машғул аст ва роҳбари бахши либосҳои ансамбли рақсии миллӣ Сайдалӣ Гадоев меорад. Сомонаи “Ховар” бошад, ишора мекунад, ки сомонаи ЮНЕСКО дар бораи чакан чӣ гуфтааст. Аз ин бармеояд, ки кормандони сомонаи “Мир” барои таҳияи хабари кӯтоҳ ҳам заҳмат мекашанд. “Ховар” бошад, дар такя ба маълумоти дастрасгардида мавод омода мекунад. Дар баробари ин дар таҳияи хабарҳо имконоти интернет аз ҷониби кормандони сомонаи “Мир” васеан истифода мешавад. Масалан, чанд калимаи хабар, ки калимаҳои калидии хабарҳои ҳамсонанд, бо ранги сабз намудор карда шудааст, бо

интихоби калимаҳо метавонем хабари дигари ба ин монандро, ки бевосита дар бораи Тоҷикистон аст, дастрас намоем. Дар ҷумлаи “Қаблан палави суннатии тоҷикон – оши палав ба феҳристи ЮНЕСКО шомил шуда буд.” Калимаи “попал”-ро интихоб намуда, метавонем, дар бораи ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид шудани хӯроки милии оши палов маълумот гирем [12]. Тавассути он хабар бошад, калимаи “плов”-ро интихоб намуда, бо хабари “Фестиваль плова стартовал в Таджикистане” (“Дар Тоҷикистон ҷашнвораи палов оғоз мешавад”), ки соли 2015 нашр шудааст, рӯ ба рӯ мешавем. Ин усул имкон медиҳад, ки дар бораи урфу одат, анъана ва расму русуми тоҷикон хонанда маълумоти силсилавиро ба даст биёрад, ки дар муаррифии кишвар беаҳамият нест. Амалӣ намудани ин таҷриба дар сомонаи “Ховар” ва таҷрибаҳои дигаре, ки сомонаи “Мир” ва “Спутник” дар пешниҳоди жанрҳои хабарӣ истифода мебарад, манфиати бештар дорад, зеро хазинаи иттилоотии муаррификунандаи АМИТ “Ховар” нисбатан васеъ буда, хонанда метавонад силсилаи маълумотҳоро яке паси дигар дастрас намояд. Ҳар қадар дар бораи самтҳои гуногуни кишвар маълумот бештар пешниҳод гардад, ҳамон қадар имконияти муаррифии он зиёд мешавад.

Сомонаи “Спутник” усули болоро дар таҳияи хабарҳо васеъ истифода бурда, дар баробари ин барои хонанда вобаста ба иттилои мавриди таваҷҷуҳаш маводди зиёд пешниҳод менамояд. Барои тақвияти фикр чанд хабарро таҳлил меекунем. Хабари кушода шудани академияи Кембриҷ дар Тоҷикистонро сомонаи Спутник (https://tj.sputniknews.ru/) зери унвони “Рахмон открыл в Душанбе Кембриджскую академию” ("Раҳмон дар Душанбе Академияи Кембриҷро ифтитоҳ кард") [11] дар қолаби жанри хабари кӯтоҳ нашр кардааст. Баъди сарлавҳа, ки дар боло овардем, расми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо толибилмон дар лабаратория – синфхонаи академияи мазкур лид ҷой дорад, ки аз масоҳат ва имконоти фарогирии шумораи хонандагон иттилоъ медиҳад. Пас аз он иттилои асосӣ, яъне кушодани академияи Кембриҷ аз ҷониби Президент ва раиси шаҳри Душанбе зикр гардида, порчае аз суханронии Ҷаноби олӣ ҳангоми кушодашавии академия, ки аз матни асосӣ ҷудо шуда меистад, иқтибос шудааст: «Ҳукумати кишвар аз тамоми имкониятҳо баҳри фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбия истифода бурда истодааст, то насли наврас соҳиби донишу касбу ҳунарҳои замонавӣ гарданд», - иброз доштанд Сарвари давлат дар маросими ифтитоҳи Академия [11]. Аз мазмуни ин иқтибос бар меояд, ки роҳбарияти кишвар ба сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, баҳри тарбияи ҳамаҷонибаи захираҳои зеҳнӣ талош менамояд.

Ба ғайр аз матн дар мавод чор расми дигар пайиҳам ҷой дода шудааст, ки ҳангоми зер намудани ишораи давомнокӣ метавонем расмҳои дигарро бинем. Дар поёни расмҳо ба сарчашма – Пресс-служба Президента Республики Таджикистан (Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ишора гардидааст. Бо интихоби ин сарчашма якбора ба сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуда метавонем. Сомона ба қавле вазифаи сафарбариву роҳбаладиро иҷро мекунад.

Махсусияти пешниҳоди мавод дар сомонаи Спутник дар он аст, ки дар робита ба хабари интихобгардида, дар мобайн поёни мавод чанд хабари ҳамсон пайдо мешавад. Масалан, дар поёни хабари таҳлилшуда, расми зебои нахустин эстакадаи сеқабата дар Душанбе ҷой дорад, ки таваҷҷуҳро якбора ба худ мекашад ва зери он унвони хабар оварда шудааст: “Рахмон открыл первую в Таджикистане трехуровневую эстакаду” (Раҳмон нахустин гузаргоҳи сеошёнаро дар Тоҷикистон боз кард”). Баъди он сарлавҳаи ду хабари дигар ҷой дорад, ки бо интихоби онҳо бо шакли пурраи хабар метавонем шинос шавем: “К 1 сентября готовы: Рахмон открыл новую школу в Душанбе”, Китайская компания безвозмездно построит в Таджикистане три школы” (Омодагӣ ба 1

сентябр: Раҳмон дар Душанбе мактаби нав ифтитоҳ кард, ширкати чинӣ дар Тоҷикистон се мактабро ройгон месозад).

Аз гурӯҳи жанрҳои хабарӣ дар самти муаррифии давлат дар баробари жанри хабар, мусоҳиба нисбатан серистифода аст. Мусоҳибаҳои интернетӣ ҳам дар формати видеоӣ ва ҳам дар шакли матн пешниҳод мешаванд. Дар формати видео бештар дар сомонаи расмии шабакаҳои телевизионӣ пешниҳод мегарданд, чунки мусоҳибаи таҳияшуда аввалан, дар телевизион пахш мешавад, сипас, дар сомонааш. Аз ҷумла, мусоҳибаи таърихии Пешвои миллат дар ТВ СММ маҳз барои телевизиони СММ таҳия гардида, сипас, сомонаи расмии шабакаҳои телевизионӣ онро дар саҳифаи худ бознашр намуданд. Аз ҷумла, ТВ “Сафина” (https://www.youtube.com/ watch ?v= BP1 yte _4UO4), ТВ “Синамо” (https://sinamo.tv /video/377-musoibai-tarihii-peshvoi-millat-bo-habarnigori-televizioni-smm.html),

Аз матолиби дар қолаби жанрҳои хабарӣ таҳияшуда, сомонаҳои расмии иттилоотӣ, ки онҳо дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон таъсир гузошта метавонанд, камтар истифода мебаранд. Аз ҷумла, дар қолаби чанрасонаӣ кам андар кам мавод ёфтан мумкин аст, махсусан, маводе ки дар муаррифии Тоҷикистон таъсиргузор бошад. Ин гуна маводҳоро танҳо дар сомонаи “Азия плюс” метавон пайдо кард.

Аз омӯзиш ва таҳлили маводди сомонаҳои интернетӣ ва иттилоотӣ ба ташаккули имиҷи Тоҷикистон таъсиргузор метавон, ба хулосае расид, ки имконоти интернет аз дигар воситаҳои ахбори омма бештар бошад ҳам, аз он ҳамчун воситаи пахши иттилоъ васеъ истифода намегардад. Махсусан, масъулини сомонаҳои давлатӣ талабот ва услуби вижаи маводсозиро дар интернет ба назар нагирифта, матолибро дар қолабҳои анъанавӣ дар сомонаҳо мегузоранд.

**Адабиёт**


1. Булаева, М. Н. Мультимедйиный лонгрид как новый журналистский формат [Текст] // Журналистский ежегодник. – 2015. – № 4. – С. 121–123.
2. Колесниченко, А. В. Длинные тексты (лонгриды) в современной российской прессе [Текст] // Медиаскоп. – 2015. – Вып. 1. URL: http://www.mediascope.ru/node/1691 (дата обращения: .05.04.2025)
3. Лазутина, Г. В. Жанр и формат в терминологии современной журналистики [Текст] // Вестник Московского университета / Серия 10. Журналистика. – 2010. – № 6. – С. 20-21.
4. Муқимов, М. (Ҷовид Муқим) Журналистикаи чандрасонаӣ [Матн] / М. Муқимов. – Душанбе: Озар, 2019. – 167 с.
5. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ [Матн]: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2014. – 256 с.
6. Муродов, М. Журналистикаи чандрасонаӣ: масъалаҳои таълим ва омодасозии мутахассисон [Матн] / Мурод Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. – №4/3 (113) – С. 259-263.
7. Сафарзода, М. А. Вижагиҳои таҳлили маводи сомонаӣ дар қолаб ва жанрҳои публитсистӣ [Матн]: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назарӣ // Масъалаҳои илм ва таҳсилоти журналистӣ дар шароити ташаккули рӯзноманигории чандрасонаӣ. – Душанбе, 2021. – С. 137-144.
8. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн]. – Душанбе, 2009. – 139 с.

**Манбаъ**

9. Дух истории: национальную вышивку Таджикистана внесли в список ЮНЕСКО [Текст] // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mir24.tv/news/16339808/ duh-istorii-nacionalnuyu-vyshivku-tadzhikistana-vnesli-v-spisok-yunesko (санаи муроҷиат 14.05.2025)

10. Президент Таджикистана Эмомали Рахмон открыл в Хогоре первые два здания Университета ЦА [Текст] // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tj.sputniknews.ru/20180914/rahmon-otkryl-universitet-central-asia-khorog-1026780885.html?_ga=2.68231378.2125217102.1746979218-99506007.1696016682 (санаи муроҷиат 11.05.2025)

11. Рахмон открыл в Душанбе Кембриджскую академию [Текст] // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tj.sputniknews.ru/20180920/tajikistan-rakhmon-otkryl-dushanbe-kembridzhskuyu-akademiyu-1026846139.html (санаи муроҷиат 11.05.2025)

12. Таджикский и узбекский плов вошли в список наследия ЮНЕСКО [Текст] // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mir24.tv/news/15389978/tadzhikskii-i-uzbekskii-plov-voshli-v-spisok-naslediya-yunesko (санаи муроҷиат 14.05.2025)

13. Тоҷикистон, ба пеш! - проект о чести и гордости страны [Текст] // [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://asiaplustj.info/projects/sport_tajikistan (санаи муроҷиат 15.05.2025)

14. Чакан ба рӯйхати мероси ғайримоддии башарият ворид карда шуд! Дар ин бора 29 ноябр қарори ЮНЕСКО ба тасвиб расид” [Текст] // [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2018/11/chakan-ba-r-jhati-merosi-ajrimoddii-bashariyat-vorid-karda-shud-dar-in-bora-29-noyabr-arori-yunesko-ba-tasvib-rasid1/ (санаи муроҷиат 14.05.2025)

## ВИЖАГИҲО ВА ИМКОНОТИ МАВОДДИ ИНТЕРНЕТӢ АЗ МАНЗАРИ МУАРРИФИИ КИШВАР

Дар мақола вижагиҳои таҳияи маводи сомонаӣ нишон дода шуда, муайян гардидааст, ки имконоти Интернет дар таҳияи мавод дар қолаби жанрҳои публитсистӣ васеъ аст ва истифодаи босамари онҳо журналистро ба ҳадаф наздик мекунад. Вале дар натиҷаи таҳқиқ муаллиф муайян менамояд, ки ин имконоту вижагиҳои интернетӣ аз ҷониби журналистону кормандони воситаҳои ахбори омма хуб истифода намегарданд. Бештари маводҳое, ки дар сомонаҳои иттилоотӣ мебинем, ҳамон қолаби айнии матбуотиро мемонанд, дар ҳоле ки талаботи аудиторияи интернетӣ ба куллӣ тафовут дорад. Барои ба чунин хулоса омадан маводи зиёди сомонаҳои интернетӣ ҷамъоварӣ шуда, омӯхта ва дар муқоиса гузошта шудааст. Аз ҷумла, чанд мавод аз сомонаи расмии АМИТ “Ховар” бо сомонаҳои расмии телевизиони “Мир” ва сомонаи “Спутник” дар муқоиса таҳлил шуда, бартариву камбудиҳо нишон дода мешавад.

Муаллиф имконоти техникӣ ва дар ин замина имконоти эҷодии интернетиро нишон дода, таъсирнокии маводи мултимедиро равшан менамояд. Ҷолибияти маводи интернетӣ бо мисолҳои мушаххас собит мегарданд.

Барои тақвияти андешаҳо муаллиф ба сарчашмаҳои илмӣ ва интернетии зиёд рӯ оварда, фикрҳои худро асоснок мекунад.

**Калидвожаҳо:** сомона, интернет, телевизион, махсусият, жанр, формат, мултимедӣ, таъсирнокӣ, вижагӣ, иттилоотӣ.

## ОСОБЕННОСТИ И ВОЗМОЖНОСТИ ИНТЕРНЕТ-МАТЕРИАЛОВ ПРИ ПРЕДСТАВЛЕНИИ СТРАНЫ

В статье рассматриваются особенности разработки контента веб-сайтов. Установлено, что Интернет обладает широким спектром возможностей для разработки материалов в любом журналистском жанре, а их эффективное использование приближает журналиста к цели. Однако в результате исследования автор приходит к выводу, что эти возможности и особенности Интернета недостаточно используются журналистами и работниками СМИ. Большинство материалов, которые мы видим на информационных сайтах, остаются в том же формате, что и пресса, в то время как требования интернет-аудитории совершенно различны. Для этого был собран, изучен и сравнен большой объем материалов с веб-сайтов. В частности, сравниваются несколько материалов с официального сайта НИАТ «Ховар» с официальными сайтами телеканала «Мир» и сайта «Спутник», показаны их преимущества и недостатки.

Автор показывает технические и, в этом контексте, творческие возможности Интернета, а также подчеркивает эффективность мультимедийных материалов. Привлекательность интернет-материалов представлена на конкретных примерах. Для подкрепления своих идей автор опирается на многочисленные научные и интернет-источники.

**Ключевые слова:** веб-сайт, интернет, телевидение, специальность, жанр, формат, мультимедиа, воздействие, уникальность, информация.

## FEATURES AND POSSIBILITIES OF INTERNET MATERIALS IN THE REPRESENTATION OF THE STATE

The article explores the specific features of developing online content and highlights that the Internet offers broad opportunities for producing materials in various journalistic genres. Effective use of these opportunities enables journalists to achieve their professional objectives. However, the study reveals that these technical and creative possibilities of the Internet are not fully utilized by journalists and media professionals. Most materials published on news websites still replicate the conventional print format, whereas the needs and expectations of the online audience are fundamentally different.

For the purpose of the research, a wide range of online content was collected, analyzed, and compared. In particular, materials from the official website of NIAT *"Khovar"* were compared with those of the TV channel *"Mir"* and the news portal *"Sputnik,"* identifying both their strengths and shortcomings.

The author emphasizes the technical as well as creative potential of the Internet, underlining the effectiveness of multimedia content. The attractiveness and communicative impact of online materials are illustrated with concrete examples. To substantiate the findings, the author draws upon numerous scholarly and online sources.

**Keywords:** website, Internet, television, features, genre, format, multimedia, effectiveness, specificity, information.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Моҳира Амиралӣ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, докторанти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ 17, E-mail: anusha-16@mail.ru. Тел.: (+992) 93-862-94-65

**Сведения об авторе: Сафарзода Мохира Амирали** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры телевидения и

радиовещания факультета журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, E-mail: anusha-16@mail.ru. Тел.: (+992) 93-862-94-65

**formation about the author: Safarzoda Mokhira Amirali** –Tajik National University, Candidate of Philology, doctoral student, Department of Television and Radio, Faculty of Journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, E-mail: anusha-16@mail.ru Tel .: (+992) 93-862 -94-65

**ТДУ 82-4: [621.22+07+82-8] (575.3)**

# ВАСФИ КОРНОМАИ СОХТМОНЧИЁНИ ДИЛОВАР ДАР ЖАНРИ ОЧЕРК

**Кучарова Насиба Аламхоновна**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Корномаи сохтмончиёни баҳодур, ҳайати кормандони инженер-техникӣ ва роҳбарони олимақоми неругоҳи барқи обии «Норак» нисбат ба нергоҳҳои «Варзоб», «Қайроққум», «Шаршара», «Сарбанд», «Марказӣ» дар матбуоти даврӣ хеле муфассал ва ҳамаҷониба дарҷ гардида, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ин ба азамат ва мавқеи умумииттифоқии ин нергоҳи азим вобаста аст. Дар қарори КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони СССР аз 8 июли соли 1962 «О мерах по обеспечению развития энергетики СССР в 1962-1965 г.г.» [3, с. 2] сохтмони Норак яке аз муҳимтарин иншоот дар Иттифоқи Советӣ ва махсусан дар Осиёи Миёна дониста шудааст.

Мувофиқи иттилои С. Эргашев, дар соли 1968 иқтидори ҳамаи неругоҳҳои ҷумҳурии Тоҷикистон 742 ҳазор киловатт баробар буд, ки онҳо дар як сол 2,3 миллиард киловатт-соат қувваи барқ истеҳсол мекарданд… Иқтидори неругоҳи барқи обии «Норак» бошад, 2700 ҳазор киловатт буда, дар як сол 11 миллиард каловатт-соат қувваи электр истеҳсол мекунад, ки ин аз иқтидори як қатор ГЭС-ҳои «Волга» бештар аст ва дар сохтмони ин неругоҳ намояндагони 42 миллат аз Иттифоқи Шуравӣ фаъолият намуданд [13, с. 9-10].

Сохтмони «Норак» аз рӯзҳои ба кор шуруъ намудан таваҷҷуҳи аҳли ҷамоатчигии ҷаҳонро ба худ ҷалб намуда буд, ки ин ҳолатро аз мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, публитсистӣ, репортажҳо, мусоҳибаҳои мутахассисону роҳбарони Иттифоқи Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва мамолики хориҷӣ барьало мушоҳида кардан мумкин аст. Академик Муҳаммадҷон Шукуров нимаи дуюми соли 1979-ро, ки охирин агрегат – агрегати нуҳуми неругоҳи «Норак» ба истифода дода мешуд, дар назар дошта, қайд кардааст: «Агар ҳоло беҳтарин қисми он ҳама очерку репортажҳо, ҳикояву шеърҳо, мақолаҳои публитсистии проблемавӣ ва ёддоштҳоеро, ки дар бораи Норак навишта шудаанд, як ҷо гирд оварем, чандин ҷилд хоҳад шуд» [12, с. 135].

Очеркҳои ба неругоҳи «Норак» бахшида, аз ҷумла, «Сабри ӯ талху мевааш ширин буд» (Р. Мардон), «Аз қаъри дарё то қуллаи кӯҳ» (М. Хоҷаев), «Нурек в июне и декабре» (Б. Холопов), «Қавламон қатъист» (М. Шарифов), «Дар мадори офтоби Норак» (П. Ҷаҳонгир), «Дараи бедоршуда», «Чанд лаҳзаи умр» (Ҷ. Тошматов), «Дастатонро мефишорам, рафиқ Фёдор» (М. Даниелов), «Вахш мутеъ хоҳад шуд» (М.

Набиев), «Кохи нуру бародарӣ» (Мамадризоев), «Бунёдкорони сохтмони азим» (М. Боғиров), «Шуҳрат аз меҳнат» (Б. Шукуров), «Калиди хазинаҳои кӯҳсор» (О. Латифӣ), «Первое знакомство» (С. Топорков) намунаи барҷастаи ин жанри маъмули публитсистӣ ба шумор меравенд, ки дар ҳар кадоми онҳо як тарафи корнамоии сохтмончиёни диловар инъикос ёфтаанд.

Дар очерки Ҷ. Тошматов «Дараи бедоршуда» дар бораи се қаҳрамони сохтмон – Саттори сокини Пули Сангин, Виталий Кривоногов – инженери Тулагӣ ва Света Опаринаи диспечери аз Свердловск омада сухан меравад, ки ҳар кадом бо иродаи қавӣ ва эҳсоси баланди меҳандӯстӣ аз уҳдаи кори худ бо сарбаландӣ баромада буданд. Виталий чанд вақт дар Норак чун инженер фаъолият карда, норасоии мутахассисонро мушоҳида карда ва ба факултети бинокории Донишкадаи Тула мактуб менависад: «Сатрҳои номаи кутоҳ, вале пурҳарорати Виталий муаллимони институтро ба ҳаяҷон оварданд. Мактуб ба муҳокимаи тамомкунандагони ҳамонвақтаи институт гузошта шуд, оҳанги даъваткунандаи он дили ҷавононеро, ки акнун соҳиби диплом шуда буданд, беқарор намуд. Аз онҳо 11 кас қатъӣ қарор дод, ки фаъолияти меҳнатии худро дар Норак оғоз намоянд» [8, с. 3].

Дар очерки мазкур Виталий чун ҷавоне ба назар мерасад, ки норасоиҳои сохтмони «Норак»-ро ҳамчун инженер хуб дарк мекунад ва баробари фаъолияти корӣ дар ташвиқу тарғиби ба кор ҷалб намудани мутахассисони ҷавони кордон саҳмгузор мешавад. Дар тасвири ҷолиби Ҷ. Тошматов, агар Виталий мутахассисони ҷавони тулагиро ба сохтмони азими Тоҷикистон ҷалб намуда бошад, Света дар ГЭС-и «Норак» зарур будани қувваи кориро ба дугонааш васф карда, ӯро низ ба ин иншоот ҷалб менамояд. Дар очерк фаъолияти Светахонум басо ҷолиб ва хотирмон инъикос ёфтааст: «Света рӯз то бегоҳ серташвиш аст. Ӯ дар ҷои нишастааш аз манзараи кори тамоми участкаҳои туннел бохабар шуда меистад, аз ронандагони мошинҳои борашонро холӣ карда баргаштагӣ нарядҳои имзокардашударо гирифта, таҳ мекунад, ҳуҷҷатҳои давлатӣ-дия. Илова бар ҳамаи ин дар бораи кори якшабонарӯзаи туннел ахборот навишта, оид ба шумораи мошинҳое, ки ба базаи идораи «Гидроспедстрой» лозимад, талабнома мефиристад» [8, с. 3].

Чи хеле ки қайд шуд, дар кисмати очеркҳои нобурда оид ба корномаи занону духтарони шуҷои мамлакат ҳамвора сухан рафта, бо ҳамин проблемаи иҷтимоии занони тоҷик вобаста ба шароити таърихӣ матраҳ мегардад. Аз ин ҷиҳат, очерки Б. Шакаров бо номи «Рафоати оҳанинпо», ки он иштирок ва фаъолияти оилавиро дар сохтмони «Норак» фаро гирифтааст, қобили мулоҳиза аст. Проблемаи ба кор ҷалб кардани занони хонашин дар замони мо ҳам аз масъалаҳои зарурии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва ба ин масъала Ҳукумати Тоҷикистон, хосса Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Дар очерки мазкур бошад, ин масъала дар заминаи ҳамдигарфаҳмии зану шавҳар ва дӯстии халқҳо дар сохтмони «Норак» ҳал гардидааст. Рафоати хонашин, ки кори бомароми крани назди хонаашонро ҳар замон бо ҳавас менигарист, бо розигии шавҳар дар назди кранчии моҳир Вася Карчин шогирд истода, ин касби барои занон басе душвору заҳматталабро аз омӯхт ва худ аз пайи аз ҳисоби тоҷикдухтарон тайёр кардани шогирдон афтод. Муаллиф қувваи боварии Рафоат Шукуроваро дар лаҳзаи бори аввал мустақилона ба кор даровардани кран чунин ба қалам додааст: «Се дастакро бо тезӣ ва моҳирона идора кардан даркор, то ки кран ҳам

тағораи лойро бардорад, ҳам ба пеш ҳаракат кунад ва ҳам ба ҷониби хиштчинон тоб хурад… Беихтиёр ким-кадом қуввае дасти Рафоатро ба сӯи дастаки кран бурд. Ин қувваи боварӣ буд. Ӯ гарчи ин корро бори аввал мекард, лекин яқин медонист, ки аз уҳдааш ба хубӣ баромада метавонад. Қувваи боварӣ ғолиб баромад» [11, с. 5].

Бояд гуфт, ки як қатор воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» оид ба сохтмони неругоҳи «Норак» озмунҳо гузарониданд, ки баъзе очеркҳо, чун «Аз қаъри дарё то қуллаи кӯҳ» (М, Хоҷаев), «Шуҳрат аз меҳнат» (Б. Шукуров), «Кохи нуру бародарӣ» (М. Мамадризоев) ба ин озмунҳо пешниҳод шудаанд. Очерки Отахон Латифӣ «Калиди хазинаҳои кӯҳсор» бошад, бо рубрикаи «Диловарии пешсафон» дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» дарҷ гардидааст. Ин очерк ба депутат Файзулло Ашӯралиев бахшида шудааст. Нахуст дар маводи мазкур проблемаи маҳалгароӣ матраҳ шуда, муаллиф муносибати манфии қаҳрамони худ – Ашӯралиевро бо ҳамқишлоқиаш – ронандаи эксковатор муайян мекунад. Ин ронанда аз нуфузи Ашӯралиев истифода бурданӣ шуда, «одамони худиро аз хотир набарор» гӯён, бо вуҷуди навкорӣ ва камтаҷрибагӣ, аз ӯ мошини нав талаб мекунад. Ин сухани номуносиб Ашӯралиевро асабӣ мекунад: ««Одамони худӣ» гуфтанашон худаш чӣ маънӣ дорад? – қаҳраш омада мегуфт Ашӯралиев. – Хайр, гуфтем, ки ӯ дар Норак таваллуд шудааст. Акнун, ҳаминро сабаб нишон дода, аз дигарон худашро афзал донистанаш даркор-мӣ? Гапи намешудагӣ! Ту аввал ба донишу таҷрибаи хуб аз дигарон бартарӣ доштанатро исбот бикун. Ба мошин фарқе надорад, ки онро кӣ идора мекунад: одами таҳҷоӣ ё аз дигар шаҳру маҳал омадагӣ. Вай ба одами оқил, ба дастони шахси ҳунарманд итоат мекунад» [4, с. 2].

«Аз ҷиҳати сохт очеркҳои чопшударо ба ду қисмат, яъне ба очеркҳое, ки конфликт доранд ва очеркҳои бeконфликт ҷудо кардан мумкин аст. – гуфтааст профессор И. Усмонов. – Қисми зиёди очеркҳои дар матбуот чопшуда конфликт надоранд ва ё конфликташон сохта ба назар мерасад» [10, с. 145]. Дар очерки О. Латифӣ бошад, конфликт хеле бамаврид истифода шудааст. Дар ҳақиқат, маҳалгароӣ дар ҳама давру замон аз тафаккури маҳдуди одамон сар зада, боиси харобӣ ва қафомонии ҷомеа мегардад ва махсусан ин одати нохуб дар сохтмони «Норак» барин иншоотҳои азим, ки танҳо бо қувваи дӯстӣ ва якдилии ҳайати сохтмончиёну кормандони гуногунмиллат бунёд гардидаанд, бояд ҷой надошта бошад.

Дар тасвири муаллиф Ф. Ашӯралиев яке аз шахсиятҳои бонуфузи сохтмони «Норак» мебошад ва ӯ ин обрую эътиборро маҳз аз меҳнати созанда ба даст даровардааст. Қаҳрамони очерк дар аввал гумон дошт, ки маълумоти дар техникум гирифтааш барои фаъолият дар сохтмони «Норак» низ кифоя аст, вале дар ин сохтмон ҳис намуд, ки барои ба ҳадаф расидан донишу таҷрибааш нокифоя аст ва дар Донишкадаи политехникӣ касби инжинериро аз худ мекунад ва чун шогирди мутахассисони варзида Александ Бочкарёв ва Виктор Кочуев таҷриба андӯхта, бо меҳнати ҳалолу созанда дар сохтмони неругоҳ мавқеъ пайдо карда, баробари узви КМ ЛКСМ-и Тоҷикистон, депутати Совети Олии республика будан шуъбаи экстковартерчиёнро ба зима дорад ва дар тарбия намудани машинист-эксковатеррчиён саҳми арзанда мегузорад. Моҳияти зиндагии ӯро меҳнати ҳалол ташкил мекунад: «Ашӯралиев бо нишондиҳандаҳои хуби истеҳсолдӣ ноил мегардад. Дар бригада чандин эксковатору булдозер мавҷуд аст. Ҳиссаи ҳар як коркун аз рӯи коэфитсенти иштирокаш дар меҳнат ва аз тарафи вай риоя карда шудани кодекси ахлоқи бинокори коммунизм муайян карда мешавад» [4, с. 2].

Бояд гуфт, ки шахсиятҳои алоҳидае, ки дар сохтмони азими «Норак» бо корномаҳои худ дар ҷумҳурӣ ва умумииттифоқ эътибори зиёд пайдо кардаанд, дар ду ва зиёда очерк васф шудаанд. Аз ҷумла, қаҳрамони очеркҳои «Муҳаббат» ва «Кохи нуру бародарӣ» Муҳаббат Шарифов мебошад. Муҳаббат Шарифов муддати қариб 20 сол дар ГЭС-и “Норак” кор кардаст, ӯ дар ҳақиқат қаҳрамон ва ифтихори миллати тоҷик мебошад ва хизматҳояш ба халқу ватан барои ҳамешагӣ дар таърих бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст. Нахуст рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” очерки Ҷамолиддин Тошматовро бо номи “Муҳаббат” чоп кардааст.

Қаҳрамони очерк аз оғози сохтмони нерӯгоҳи “Норак” то анҷоми он иштирок намудааст: “Ӯ боз болои ҳамон харсанг омада қарор гирифт. Ин харсанг дар миёни шаххое, ки корвони шутурро ба хотир меоварданд афтида барои Муҳаббат ҳамчун нишастгоҳ хидмат мекард. Болои санг нишасту поёнро назорат мекард... Дар пайраҳае, ки аз боло чун риштаи сафед менамуд, равуои одамон канда намешуд. Вай ба ҷунбуҷули одамон нигариста ба баҳри андеша фуру мерафт... Ногоҳ аз поён, гӯё аз автомат тир холӣ мекарда бошад, садои гӯшхароши тир – тири ускунаи пармакунӣ шунида шуд. Риштаи хаёли Муҳаббат гусасту вай ба он сӯе, ки садо меомад, нигарист. Аммо акнун диққати ӯро мошинҳое, ки дар роҳи Душанбе-Кӯлоб рафтуомад доштанд, ба худ ҷалб карданд. Яке аз онҳо мошини брезентпӯше дар таги чинори канори роҳ омада қарор гирифт. Чашмони Муҳаббат ба он афтиду дар ҷояш карахт шуда монд” [9, с. 3].

Муаллиф қаҳрамони очеркашро аз давраи наврасӣ, ки дар теппаҳо машғули молчаронӣ буд, тасвир мекунад ва басо моҳирона воқеаро ба сохтмони бузурги ГЭС пайваст менамояд. Муҳаббат дар дил ҳис мекард, ки ояндаи ӯ ба дарёи Вахш пайванди ногусастанӣ дорад ва ҳамеша аз болои теппаҳо истода дарёро назар карда, аз он манзара ҳаловат мебурд. Дар аввал бунёди як ГЭС–и азим барои ҳама ба монанди афсона буд ва қаҳрамони очерк низ чунин мепиндорад. “Як ҳафта шуд, ки дар қишлоқ овозае паҳн гардид: “Дар ҷое, ки купруки Пулисангин бино ёфтааст, гӯё ГЭС-и азиме месохтанд, деҳаи Норак ба шаҳр мубаддал мегаштааст, деҳаи Тутқавул бошад, дар таги об мемондааст. Дар ҳар хонадон, дар кӯю кӯча, дар даҳони хурду калон ҳамин гап. Баъзеҳо бовар кунанд, баъзеҳо онро инкор мекарданд” [9, с. 3].

Муҳаббат аввал дар экспедисия ба кор медарояд, баъдан дар бахши бетон корро шуруъ мекунад. Дар очерк қаҳрамон чунин тасвир ёфтааст, ки ҳам кор кардааст, ҳам хондааст, ҳам ба хизмати аскарӣ рафта, баъд боз корашро дар ГЭС давом додааст ва то дараҷаи Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ расидааст. Албатта, қаҳрамони очеркҳо корҳоеро анҷом медиҳад, ки ба одамони муқаррарӣ дастнорас аст ва дар давоми очерк мо шоҳиди якчанд корнамоиҳои Муҳаббат мешавем.

Аксарияти маводе, ки мо дар ин маврид таҳлил намудем, марбут ба ГЭС-и “Норак” мебошад ва дар ҳамаи онҳо зикр шудааст, ки сабаби асосии пеш аз муҳлат анҷом ёфтани сохтмони ГЭС ин дар дӯстӣ ва аз як гиребон сар баровардани сохтмончиён аз тамоми халқҳои Иттифоқи Шуравӣ ва роҳбарони кордони онҳо буд, ки тамоми мушкилоти пешомадаро бо иродаи қавӣ, масъулияти ватандорӣ ва маслиҳати якдигар ҳал мекарданд. Вақте ки Комбинати хонасозии Орҷоникидзеобод колоннаҳои оҳану бетонро дар вақташ намефиристад, мутасаддиён бо роҳи дӯстӣ ин масъаларо ҳал мекунанд: “– Биё додар, як кор кунем. Дидем, ки телефон ба кор нарафт, дӯстиро ба кор барем. Ман ба роҳбарони управленияатон низ мегӯям... Ҳу, дар хотират ҳаст, сентябри

соли 1970 Леонид Илич Брежнев ба Норак омада, зимни суҳбат бо коргарон дархосту пешниҳодоти сохтмончиёнро ба ҳисоб гирифта гуфта буд: "Беҳтар мешуд, ки ба коргарони масолеҳу асбобу ускунаҳои техникирасонанда мурочиат кунед. Танҳо дар сурати аз кору бори якдигар огоҳ будан, ҳамдигарро дастгирӣ кардан суръати корро тезонидан мумкин аст". Ана, дар ҷавоби ҳамин суханон ба Орҷоникидзеобод, албатта раветон" [9, с. 3].

Корномаи Муҳаббат Шарифов, тавре зикр шуд, дар очерки "Кохи нуру бародарӣ" низ инъикос ёфтааст ва табиист, ки баъзе лаҳзаҳои корномаи қаҳрамон дар ин мавод низ такрор ёфтааст. Масалан, ҳал намудани масъалаи аз комбинати хонасозии Орҷоникидзеобод ба сохтмони "Норак" овардани маҳсулоти бинокорӣ такрор ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар ин очерк чанд лаҳзае ҳаст, ки такрор наёфта, боиси боло рафтани шахсияти қаҳрамон мегардад. Аз ҷумла, лахзаи тирамоҳи соли 1968 ҳамроҳи Вазири энергетика ва электрофикатсияи СССР Пётр Степанович Непорожный гузоштани аввалин мукаабметр бетон ба таҳкурсии бинои неругоҳи "Норак" хотирмон аст. Муҳаббат Шарифов ҳамроҳи бригадааш ба сохтани девори азими муҳофизатӣ тамоми зимистону тобистон фаъолият намуда, орзу дошт, ки саҳмашро дар рехтани аввалин бетони стансия гузорад: " – Бунёди стансияро ба кӣ месупорида бошанд? – ҳар рӯз ба сохтмони ҳавза нигоҳ карда, аз дил мегузаронд Муҳаббат. – Ба ҳар касе, ки ин кор супурда мешавад, хушбахттарин одам аст. Охир, бо дастони ӯ бинои кохи нуре барпо мегардад, ки барои халқ садҳо ва шояд ҳазорҳо сол хизмат мекунад. Ба онҳо нуру қувва, фаровонию хушбахтӣ мебахшад [5, с. 2].

Ва ҳамин хушбахтӣ ба Муҳаббат Шарифов тавассути меҳнати дуру дарози бунёдкорона дар неругоҳи "Норак" муяссар мегардад. Муаллиф ин лаҳзаро басо муассир ва хотирмон ба қалам медиҳад, ки аз он муҳаббату ифтихори хонанда ба қаҳрамони очерк афзуда, дар айни ҳол қувваи дӯстии халқҳои бародар бо тамоми возеҳӣ ҷилвагар мегардад. Мундариҷа ва ғояи очеки "Кохи нуру бародарӣ" сухани муҳақиқ С. Гуловро тақвият медиҳад, ки гуфтааст: "Муҳаққиқон собит намудаанд, ки ҳадафи аслии очерк тавсиф (тавсифи корнома, фидокории инсон ва нақши ӯ дар замин, манзараҳое, ки дар натиҷаи заҳмати одам ё рухдоди табиат диданбоб шудааст ва ғ.) аст" [2, с. 17].

Дар тамоми осори бадеӣ, илмӣ ва публитсистӣ, аз ҷумла, дар жанри очерк, хулосаи матолиб мавқеи муайян дорад. Дар очерки мазкур низ, ки зиндагинома ва корномаи қаҳрамон М. Шарифов муфассал ва ҳаматарафа баррасӣ гардидаст, хусусиятҳои илмӣ ва тарғиботии мавзуъ хеле амиқ ва хотирмон ҷамъбаст гардидаст: "Муҳаббат ин суханонро (суханони табрикии Котиби генералии КМ ҲКИШ Л. И. Брежневро дар рӯзи тантанаи умумихалқӣ дар Норак – К. Н.) гӯш карда, роҳи тай намудаи худро фикран ба хотир, дӯстони қарину ҳамкораш пеши назар оварда, дар дил мегуфт: Бале! Фақат бо дӯстиву ҳамкории халқҳои мамлакатамон чунин коҳи нуру бародариро офаридан имконпазир гардид ва ӯ хушбахт аст, ки дар бунёди ин кохи бузург дастранҷи вай ҳам нақш бастааст! Меҳнати хоксоронааш бо унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ва дигар мукофотҳои ҳукуматӣ қадр карда шудааст" [5, с. 2].

Ҳамин тариқ, ҳама он маводе, ки дар матбуоти даврӣ ба муносибати бунёди ГЭС-и "Норак" ба табъ расидаанд, хусусияти таълимӣ ва тарбиявӣ дошта, насли имрӯзро ба ободии Ватан ҳидоят мекунанд ва яке аз вазифаҳои публитсистика низ дар ҳамин аст,

ки дар бунёди иншооти азими кишвар фаъолона ширкат варзад, чараёни корномаи сохтмончиёнро баррасӣ созад, то наслҳои оянда аз зиндагии пуршараф ва масъулияти ниёгон дар назди халқу Ватан огоҳ гардида, ба онҳо пайравӣ ва арҷгузорӣ намоянд.

**Адабиёт**


1. Бозтоби бунёди иншоотҳои азим ва ташаббусҳои байналмилалӣ дар публитсистикаи муосир [Матн] / мураттиб И. Юсуфӣ; муҳаррир М. Муродӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – 480 с.
2. Гулов, С. Махсусияти очерки муосири тоҷик [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Дониш, 2012. – 116 с.
3. Калижнюк, С. Почётная задача [Текст] // Норак. – 1962. – 9 август.
4. Латифӣ, О. Калиди хазинаҳои кӯҳсор [Матн] // Тоҷикистони Советӣ. – 1976. – 23 апрел.
5. Мамадризоев, М. Кохи нуру бародарӣ [Матн] // Тоҷикистони Советӣ. – 1980. – 20 июл.
6. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 255 с.
7. Муродӣ, М. Воқеияти замон ва публитсистикаи тоҷик [Матн] / М. Муродӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 304 с.
8. Тошматов, Ҷ. Дараи бедоршуда [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1968. – 14 феврал.
9. Тошматов, Ҷ. Муҳаббат [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1983. – 24 июн.
10. Усмонов, И. Мулоҳизаҳо доир ба очеркҳои матбуот [Матн] // Садои Шарқ. – 1979. – № 6. – С. 141-146.
11. Шакаров, Б. Рафоати оҳанинпо [Матн] // Занони Тоҷикистон. – 1963. – № 2. – С. 4-5.
12. Шукуров, М. Шамъ шав, шамъ… [Матн] //Садои Шарқ. – 1979. – № 6. – С. 135-140.
13. Эргашев, С. Энергетика ваояндаи Тоҷикистон [Матн] // Норак. – Душанбе: Ирфон, 1971. – С.135.


## ВАСФИ КОРНОМАИ СОХТМОНЧИЁНИ ДИЛОВАР ДАР ЖАНРИ ОЧЕРК


Дар ин мақола дар бораи очеркҳое сухан меравад, ки ба корномаи баҳодурони сохтмони нерӯгоҳи барқи обии "Норак" бахшида шудаанд. Муаллиф сабаби нисбат ба дигар нерӯгоҳҳои Тоҷикистон, чун " Варзоб", "Қайроққум", "Шаршара", "Сарбанд", "Марказӣ", дар матбуоти даврӣ хеле зиёд мавриди зикр ва таҳлил қарор гирифтани нерӯгоҳи "Норак"-ро дар азамат ва мавқеи умумииттифоқии ин нерӯгоҳи азим медонад.

Чунонки таҳқиқ муайян намуд, сохтмони нерӯгоҳи "Норак" аз ибтидои солҳои 60-уми садаи ХХ оғоз гардида, то соли 1979 давом ёфт ва дар чараёни сохтмони он намояндагони 46 халқияти собиқ Иттифоқи Шуравӣ ширкат варзиданд. Корномаи Муҳаббат Шарифов (аз очерки "Кохи нуру бародарӣ"), Файзулло Ашӯралиев (аз очерки "Калиди хазинпҳои кӯҳсор"), Рафоат Шукурова (аз очерки "Рафоати

оҳанинпо"), Саттор, Виталий Кривоногов, Света Опарина (аз очерки "Дараи бедоршуда") ва садҳо баҳодурони арсаи меҳнаттавассути матбуоти даврӣ, аз ҷумла очеркҳо, расонаӣ гардида, номи неки онҳо дар таърихи навини мамлакати мо сабт гардидаанд.

Аз таҳлили муаллиф бармеояд, ки ҳама маводди дар матбуоти даврӣ ба муносибати бунёди неругоҳи барқи обии "Норак" интишор ёфта, хусусияти таълимӣ ва тарбиявӣ дошта, насли имрӯзро ба ободии Ватан ҳидоят менамояд ва яке аз вазифаҳои публитсистика низ дар ҳамин аст, ки дар бунёди иншооти азими кишвар фаъолона ширкат варзад, ҷараёни корномаи сохтмончиёнро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор диҳад.

**Калидвожаҳо:** неругоҳи барқи обии “Норак”, Тоҷикистон, матбуот, рӯзнома, маҷалла, сохтмончиён, публитсистика, очерк, мавод, корнома.

## ОПИСАНИЕ ПОДВИГА ОТВАЖНЫХ СТРОИТЕЛЕЙ В ЖАНРЕ ОЧЕРК

В данной статье рассматриваются очерки, посвящённые подвигу отважных строителей Нурекской ГЭС. Автор считает, что причиной, по которой Нурекская ГЭС стала объектом гораздо большего освещения и анализа в периодической печати, чем другие гидроэлектростанции Таджикистана, такие как Варзобская, Кайраккумская, Шаршара, Сарбандская, Маркази, является величие и всесоюзный статус этой гигантской электростанции.

Строительство Нурекской ГЭС началось в начале 1960-х годов и продолжалось до 1979 года, и в её строительстве участвовали представители 46 народов бывшего Советского Союза. Творчество Мухаббат Шарифова (из очерка «Гора Света и Братства»), Файзулло Ашуралыева (из очерка «Ключ к сокровищам гор»), Рафоата Шукурова (из очерка «Железный след»), Саттора, Виталия Кривоногова, Светы Опариной (из очерка «Пробудившееся ущелье») и сотен других героев трудового поприща освещалось в периодической печати, в том числе и в очерках, а их добрые имена вписаны в новейшую историю нашей страны.

Все опубликованные в периодической печати материалы, посвященные строительству Нурекской ГЭС, носят просветительский и образовательный характер, направляя нынешнее поколение к процветанию Родины, а одна из задач журналистики – активно участвовать в строительстве этих грандиозных объектов страны, обсуждать и исследовать ход работ строителей.

**Ключевые слова:** Нурекская ГЭС, Таджикистан, пресса, газета, журнал, строители, публицистика, очерк, материал, работа.

## DEPICTING THE HEROIC DEEDS OF BUILDERS IN THE ESSAY GENRE

This article analyzes essays dedicated to the heroic deeds of the builders of the Nurek Hydroelectric Power Station. The author explains that the reason why the Nurek Hydropower Station received far more coverage and analysis in the periodical press compared to other hydropower stations of Tajikistan, such as Varzob, Kairakkum, Sharshera, Sarband, and

Markazi, lies in its magnitude and its all-Union significance as a major hydro-energetic project.

The construction of the Nurek Hydroelectric Power Station began in the early 1960s and continued until 1979, with representatives of 46 nationalities of the former Soviet Union participating in the project. The heroic deeds of Muhabbat Sharifov (from the essay “Palace of Light and Brotherhood”), Faizullo Ashuraliev (from the essay “Key to the Mountain Treasures”), Rafoat Shukurova (from the essay “Rafoat of Iron Resolve”), Sattor, Vitaly Krivonogov, Sveta Oparina (from the essay “The Awakened Gorge”), along with hundreds of other labor heroes, were widely covered in the periodical press, particularly through essays, and their names have been preserved in the modern history of the country.

The author concludes that all the materials published in the press concerning the construction of the Nurek Hydroelectric Power Station possess educational and formative value, guiding today’s generation towards the prosperity of the homeland. Moreover, one of the essential tasks of journalism is to actively participate in reporting on the creation of such monumental national projects, analyzing and documenting the heroic work of builders.

**Keywords:** Nurek Hydroelectric Power Station, Tajikistan, press, newspaper, magazine, builders, journalism, essay, materials, achievements.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Кучарова Насиба Аламхоновна** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторанти кафедраи матбуоти факултети журналистика. Нишона: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Рӯдакӣ 17,E-mail: kucharova_nasiba@mail.ru. Тел.: (+992)988-49-80-80.

**Сведения об авторе: Кучарова Насиба Аламхоновна** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, дактарант кафедры печати факультета журналистики. Адрес: 734025, Република Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17,E-mail: kucharova_nasiba@mail.ru. Тел.: (+992) 988-49-80-80.

**Information about the author: Kucharova Nasiba Alamhonovn**a – Tajik National University, Candidate of Philology, PHD, Department of Print, Faculty of Journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, E-mail: kucharova_nasiba@mail.ru.Tel .: (+992) 988-49-80-80.

**ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ**
**ОБЩАЯ ПЕДАГОГИКА, ИСТОРИЯ ПЕДАГОГИКИ И ОБРАЗОВАНИЯ**
**GENERAL PEDAGOGY, HISTORY OF PEDAGOGY AND EDUCATION**

**ТДУ 371.224: [373+37.011.3+37.015.33]**

# МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ФИКРРОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

**Сабурӣ Хайрулло Мирзозода**
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Мувофиқи талаботи ҷомеаи муосир мактаб вазифадор аст, ки аз инсони (кӯдаки) номустақил ва камтавон шахсияти мустақил, тавоно, фаъол, эҷодкор ва содиқ ба Ватанро ба камол расонад ва ба ҳаёти бошарафона раҳнамун созад. Ва мактаб ин вазифаи пурмасъулиятро бо ёрии муаллимону олимони соҳаи педагогика, хонавода ва аҳли ҷомеа ба анҷом мерасонад. Дар ин маънӣ таъкидҳои муқаррари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд дастури амали ҳамарӯзаи масъулин ва кормандони соҳаи мактабу маориф дар таълиму тарбияи насли ояндасози миллат бошад, ки фармудаанд: «Мо, пеш аз ҳама, ба инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ диққати ҷиддӣ дода, бояд шумораи муассисаҳои томактабиро бамаротиб зиёд намоем ва барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам созем» [10].

Маълуми ҳамагон аст, ки муддати ҳашт сол аст, ки дар Тоҷикистон бар асоси ҳидоят ва раҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни умумиҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” баргузор карда мешавад, ки бегумон яке аз аввалин ҳадафҳои наҷиб ва бузурги он мусоидат ба ташаккули тафаккури кӯдакону наврасон ва ҷавонон ба шумор меравад, зеро дар меҳвари аслии талабот ва низоми ин озмун мутолеаи осор ва нақлу таҳлили онҳо қарор мегирад, ки дар натиҷа кӯдакон баробари хондани асарҳо андешаҳои худро дар бораи ғояву образ, мақсади навиштан ва бардошт аз омӯзиши он баён менамоянд. Шурӯъ аз соли 2021 бошад, озмуни “Илм – фурӯғи маърифат” низ роҳандозӣ гардид, ки ҳадафи асосии он низ мусоидат ба рушди тафаккури техникии наврасону ҷавон мебошад. Бегумон дар сатҳи баланди давлатӣ баргузор шудани ин ду озмун таваҷҷуҳи махсуси роҳбарияти олии кишвар, хосатан Пешвои миллатро барои мусоидат дар амри ташаккули фикри кӯдакон ва ҷаҳоншиносии онҳо бозгӯӣ мекунанд.

Дар ҳалли ин вазифаи умдатарини таълиму тарбия, яъне «Рушди қобилияти зеҳнӣ» мактаби ибтидоӣ пешоҳанг, заминагузор ва масъул аст, зеро «Хишти аввал»-ро дар ташаккули шахсияти хушзеҳн ва соҳиби тафаккури мустақилона, интиқодӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ маҳз мактаби ибтидоӣ мегузорад.

Ин талоши пайгиронаи мактаби ибтидоӣ дар зинаҳои баъдинаи таҳсилот тадриҷан таҳкурсии ташаккули бошитобтари тафакури бедор, муҳаррик, мустақилона, комилу эҷодии самарабахш ва муваффақона хоҳад буд. Дар ин росто мактаби ибтидоӣ ба шогирдони худ фаъолиятҳои мушкилу зарурии хондан, навиштан, баёни маънӣ, ба хотир гирифтан, ҳисоб кардан, расму суруд ва машқу ҳаракатҳои ҷисмониро маҳз бояд дар заминаи зеҳн ва тафаккури бедор омӯзонад. Зеро асрори рушд ва ташаккули шахсияти мустақил ва ҷӯяндаи кӯдак асосан дар ҳамин низоми фикрӣ, яъне дар «кашфи» маънӣ нуҳуфтааст.

Мо амалҳои хондану навиштан ва гуфторро, хусусан устуворсозии хотирро, ки дар ҳаёти инсон нақши арзанда дорад, ҳаргиз қатъи назар карданӣ нестем. Мушкилоти мактаби имрӯза дар он аст, ки баъзеҳо муҳиммияти хотирро аз рушди тафаккур ҳам болотар мегузоранд, ки дуруст нест. Онҳо далел меоваранд, ки «агар кӯдак зиёдтар азёд кунад», гӯё дар чараёни минбаъди ҳаёт ба кор меомада бошад. Ин андеша асосан дар мактабу мадрасаҳои пешин фаровон амалӣ карда мешуд, яъне кӯдакон ва наврасон қориазёд мекарданд ва бештарашон маънии онро намефаҳмиданд. Бояд гуфт, ки ин тарзи азёдкуниро на ҳамаи мударрисон дастгирӣ мекарданд ва ин паҳлӯи корро тарафдорони азёдкуниҳои қориёна нодида мегиранд. Аввал ин ки дар замони тезтағйирёбандаи имрӯза суръати зиндагӣ ва сохтори таълим хеле баланд шудааст ва неруи фикри таҳлилии наврасону навчавонон бояд ба талаботи ин суръати зиндагӣ мувофиқат кунад. Дуюм ин ки азёдкунии порчаҳои бадеӣ ба тафаккури гуманитарӣ поягузорӣ мекунад. Пас рушди тафаккури техникӣ аҳамияти худро аз даст медиҳад, ки дар замони мо устуворӣ ва қудрати давлат ва давлатдорӣ, пешравии истеҳсолоти саноатӣ ва иқтисодиётро бояд таъмин кунад. Тавре академик Файзулло Шарифзода таъкид мекунанд: "Барои он ки ҳам рушди тафаккури гуманитарӣ, ки ба нашъунамои маънавиёту фарҳанг нигаронида мешавад ва ҳам тафаккури техникии насли наврас ҳамрадифи тафаккури илмии ҷаҳониён гардад, ин ду фаъолиятро дар мактаб ба ҳам овардан, ҳамгиро кардан айни муддао хоҳад буд" [16]. Ҳамзамон бояд иқрор шуд, ки солиёни тӯлонист, ки ба ин мақсаду вазифаи муҳимтарини таълиму тарбия: бедорӣ ва рушди зеҳну тафаккури таҳлилии кӯдакон, ки дар илми педагогика заминаи устувори фаъолияти мустақилона, ҷӯёӣ ва эҷодӣ шинохта шудааст, хеле кам аҳамият дода мешавад. Ҳол он ки маҳз ҳамин заминаи устувори фикрӣ ояндаи донишомӯзӣ ва ҳаётии шахсияти насли созандаро муайян хоҳад кард. Тавре Пешвои миллат таъкид мекунанд: «Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва ба ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем» [10].

Дар мавриди табодули назар бо муаллимони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони донишкадаю донишгоҳҳо ва масъулини соҳаи мактабу маориф қариб ҳамеша саволе ба миён гузошта мешавад, ки «Фикрро чӣ навъ бояд бедор кард», «чӣ навъ ва бо кадом роҳҳо бояд инкишоф дод?»

Чӣ навъ бедор кардан ва чӣ навъ инкишоф додани фикри кӯдаконро муаллимону омӯзгорон дар мактаби олии педагогӣ бояд омӯхта бошанд ва бояд ба хубӣ донанд. Вале мутаассифона, шояд дар татбиқи бомақсадона ва бонизому пайгиронаи ин кори муҳим кам диққат медиҳанд ва кам талош меварзанд. Ҳол он ки дар барномаҳои нави таълим рушду ташаккули фаъолияти фикрӣ дар таълими ҳама фанҳои таълим ва зинаҳои таҳсилоти умумӣ таъкид карда шудааст.

Дар адабиёти бешумори педагогӣ, аз ҷумла барои таълими ибтидоӣ масъалаи бедорӣ ва рушди зеҳну тафаккури кӯдак аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба тафсил маънидод ва асоснок карда шудааст.

Масъалаи мазкурро академик Ф.Шарифзода аз нигоҳи илмӣ чунин асоснок намуда, пешниҳод менамоянд: "Фикри кӯдак ба шарофати захираҳои табиии ақл, зеҳн ва шуур, хотир ва унсурҳои қобилияти азалии фаҳмиш, омӯзиш, мушоҳида, муқоиса, таҳлил, ёфтани робитаҳо, фарқият ва монандии ашё, ҳодисоту воқеоти олам ва баровардани хулосаҳои оддитарини мантиқӣ рушд ва ташаккул мееёбад. Кӯдак дар ибтидо унсурҳои оддии ҳамаи ин захираҳои шууриро доро мебошад ва ин захираҳои кӯдак аз рӯзи таваллуд дар хонавода бояд тадриҷан ва мунтазам дастгирӣ ёбад. Минбаъд ба қадри имкони зеҳнӣ ва бидуни фишор, вале ба тариқи бозиҳои шавқоваронаю ҳавасмандкунанда бояд тарбия карда шавад. Барои расидан ба ин мақсаду вазифаҳои тарбиявӣ, қабл аз ҳама, хонавода масъул ва манфиатдор аст ва то вақти мактабравии фарзанд анҷоми ин мақсаду вазифаҳои тарбиявиро ба душ дорад."

[17]. Хонавода бояд донад, ки маҳз силсилаи амалҳои мушоҳидаи мақсаднок, муқоиса, ёфтани фарқу монандии ашёи муҳити хонавода ва хулосаҳои оддитарин дар бедории фикри фарзанд нақши пешбарандаву ҳалкунанда дорад. Дар иҷрои ин ва дигар вазифаҳои тарбиявӣ хонавода дар тӯли таҳсили фарзанд масъул аст. Ин қонуниятест, ки бояд ҳатман риоя карда шавад. Дар натиҷа падару модар соҳиби фарзанди солеҳ ва ҷомеа соҳиби шахсияти комилу салоҳиятманд хоҳад шуд. Масъулияти дар назди фарзанд ва ҷомеа доштаи падару модарро ҳанӯз устод Рӯдакӣ чунин таъкид карда буд:

«Эй дареғо, ки хирадмандонро
Бошад фарзанду хирадманд не!
В-арчи адаб дораду дониш падар,
Ҳосили мерос ба фарзанд не!» [9].

Дар бедорӣ ва рушду ташаккули фикрии кӯдак, ки волидайн метавонанд аз онҳо кор бигиранд, бозиҳои фикрӣ, ҷисмонӣ, парвози хаёл, фантазия, расмкашӣ, суробсозӣ, ва амалҳои қаҳрамонони ҳикояҳо, филмҳои тасвирӣ ва бадеӣ ва монанди инҳо хеле муфиданд. Силсилаи ин бозиҳо ва тадбирҳои ба бедорӣ ва рушди фикри кӯдак нигаронидашаванда хеле сода, зиёд ва гуногун буда метавонанд, аз ҷумла:

- мушоҳида, муқоиса ва шинохти рангҳо, садоҳо;
- мушоҳида ва муқоисаи сифату хислатҳои ашё, ҳайвоноти хонагӣ, ваҳшӣ, ҳодисоти табиат;
- сайру саёҳатҳои мақсаднок ба табиат;
- ба корҳои тасвирӣ ҳавасманд кардани фарзандон дар хонавода
- қисм-қисм хонондан ва шавқманд кардани фарзандон ба китобхонӣ;
- тамошои намоиш, саҳначаҳо, филмҳои тасвирӣ, саволу ҷавоб бо кӯдакон оид ба мазмун ва моҳияти онҳо;
- ҷалб ва ҳавасмандонии кӯдак бо корҳои оддитарини ҳавлӣ ва хона;
- бозиҳои зеҳнӣ(масъалагузорӣ) кардан бо кӯдакон дар вақти муайян, байтбаракҳо;
- намунаи ибрат будани волидайн;

Силсилаи ин ва дигари чунин тадбирҳои оддитарини тарбиявӣ чи аз ҷониби волидайн, муаллимон ва мураббиён дар ибтидо боиси бедории фикрӣ ва минбаъд тадриҷан сабаби асосии рушди фикри таҳлили бошуурона, мустақилона ва эҷодии кӯдакон хоҳад шуд. Дар ин ҷода фармудаи академик Лутфуллозода М.-ро саривақтӣ мешуморем, ки гуфтаанд: «шуури кӯдак ҳамчун низоми назарҳо ва боварӣ, қабл аз ҳама дар натиҷаи азхудкунии донишҳои оддитарин ташаккул меёбад» [7].

Бояд таъкид кард, ки бароҳандозии тадбирҳои тарбиявии мазкурро метавон аз овони тифлии кӯдак дар хонавода шурӯъ карда, минбаъд дар мактаб давом дод. Азбаски кӯдакон дар ҳар давраи синнусолии номбаршуда хусусият ва имконоти ҷисмонӣ, шуурӣ, зеҳнӣ ва фикрии хоси худро доранд, ба хотири садама назадан ба саломатии ҷисмонӣ ва равонии онҳо дар ташкили фаъолиятҳои тарбиявӣ ва таълимӣ низому меъёри муайянро бояд риоя кард, ки онро муаллимон хамчун мутахассис бояд ба хубӣ донанд ва дар чаҳорчӯбаи ҳамкории мактаб бо хонавода метавонанд волидайнро бо низом, мақсад, вазифаҳо, ҳаҷм ва дастрасии фаъолиятҳову тадбирҳои тарбиявии мазкур шинос кунанд.

Дар сурати муҳайё сохтани низоми аз ҷиҳати илмӣ асосманди ташкили фаъолияти фикрии инсон (кӯдак) вай ногузир оддитарин асрори таҳлил ва фикр карданро барои худ «кашф» мекунад. Дар натиҷа кӯдаки мактабхон масъалаҳои таълимии хондан, навиштан, гуфтан, ҳисоб кардан, ба хотир гирифтанро зимни ба кор андохтани имконоти зеҳнӣ ва тавонмандии фикрӣ бе мушкилоти шадид, вале бо мушкилоти нисбӣ

фаҳмида ҳал мекунад. Маълум аст, ки дар ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ ва таълимӣ мушкилоти муайян ё худ монеа бояд ҷой дошта бошад, чи тавре ки олими рус Л. С. Выготский фармудааст: «Инкишоф дар минтақаи наздиктарини мушкилот сурат мегирад» [2]. Яъне талаба фикр карда мехонад, фикр карда менависад, фикр карда сухан мекунад, хонда фикр мекунад, навишта фикр мекунад, ки оё дуруст хондам, навиштам, гуфтам ё на, ки ин ҳама фикркуниҳо мушкиланд, вале бартарафшаванда ва сабаби бедорӣ ва рушди фикр мешаванд.

Дар илми педагогика ақидае устувор аст, ки дар овони тифлӣ ва кӯдакии томактабӣ фаъолияти бозӣ дар ҳаёти кӯдак нақши пешбаранда мебозад ва баъди ба мактаб ворид шудан, фаъолияти фикрӣ ё таълимӣ ҷойи бозиро мегирад. Вале мушоҳида, таҳқиқи хусусиятҳои равонӣ ва захираҳои зеҳнии кӯдакон моро ба ақидаи дигаре овард, ки фаъолияти бозӣ баъди ба мактаб омадани кӯдак якбора аз нақши пешбарандагии худ маҳрум намешавад, балки агар ғолибан ба бозии таълимӣ ё худ бозии дидактикӣ табдил дода шавад, фаъолияти фикрию таълимиро вусъат мебахшад, пеш мебарад. Яъне фаъолияти бозӣ хусусан дар синфҳои ибтидоӣ бо фаъолияти таълимӣ тавъам мешавад ва сади роҳи хасташавии фикрии кӯдак мегардад. Ин вазъият то охирҳои мактаби ибтидоӣ идома меёбад ва ин рӯйдодро муаллимон бояд ҳамеша мадди назар дошта бошанд ва аксари фаъолиятҳои таълимиро тавассути истифодаи бозиҳои дидактикӣ роҳандозӣ намоянд.

Дар раванди амалҳо ва бозиҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, хаёлӣ ва дидактикӣ, ки мувофиқи қоида ва талаботи муайян доир карда мешаванд, дар кӯдак тадриҷан бедории фикр, фикри мустақилона, фикри хаёлӣ, таҳлилӣ, вале бонизом, ҷӯяндагӣ ва эҷодӣ рушду нумӯъ меёбад. Зеро мувофиқи таълимоти академик М. Лутфуллозода фикри мустақилона натиҷаи амали мустақилона аст ва «Қобилияти фикрии кӯдакон рушди малакаи меҳнати фикриро метезонад» [7] ва ба ин фикри мустақилона кӯдаконро расондан лозим аст. Бинобар ин ҳамагуна бозиҳо дар синфҳои ибтидоӣ бояд бомазмун, мақсаднок, яъне бозиҳои дидактикӣ бошанд. Дар натиҷа кӯдакон дар раванди чунин бозиҳо аз шавқоварӣ ва самарабахшии мушоҳидаю муқоисаҳои худ, монандкуниҳо ва фарқёфтанҳо, таҳлилу хулосабарориҳои худ, ки муваффақиятҳои нахустнишон ҳастанд, қаноатманд мешаванд ва минбаъд бо ғайрати дучанд ба ҳалли масъалаҳои душвортари таълимӣ камар хоҳанд баст.

Фаъолияти бозӣ ҳамсафари доимии фаъолияти таълимии муваффақонаи кӯдакон аст, ки инро чи волидайну муаллимон бояд ҳамеша дар мадди назар дошта бошанд. Дар ин росто, хусусан бозиҳои хаёлӣ, яъне сафарҳои хаёлӣ ба хусусиятҳои равонии кӯдак хеле мувофиқ, шавқовар, бедоркунандаи фикр ва самарабахш аст. Дар раванди ин навъи бозиҳои шавқовар ва зеҳнӣ, ки кӯдак фикран ба оламҳои дуродур сафарҳои хаёлӣ мекунад, тамоми имконоти эҳсосӣ, шуурӣ, зеҳнӣ ва фикрии худро ба ҳаракат медароварад. Дар натиҷа маҳз фикри ӯ бедор мешавад, рушд меёбад, шавқу завқи фикрии ӯ такмил меёбад.

Ба назари мо, агар ҳама гуна таълиму тарбия, оғоз аз хонавода, таҳсилоти томактабӣ, зинаҳои таҳсилоти умумӣ то таҳсилоти олӣ фаъолияти худро дар асоси риояи қонунияти «Рушди зеҳн ва фикри комил» анҷом диҳанд, насли навини ояндасози мо дар муддати начандон тӯлонӣ қуллаҳои баланди илми замонавиро фатҳ хоҳад кард, мутахассисони баландпояи мо дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир хоҳанд шуд ва дар рушди устувори Ватани азизамон даҳчанд саҳмгузор хоҳанд буд.

Дар соҳаи тарбияю таълими наслҳои ояндасози миллат барои рушди бемайлони тафаккури толибилмон иҷрои вазифаҳои зеринро муфид мешуморем:

1. Додани донишҳои назариявӣ бо татбиқи ҳамзамонӣ ва ҳатмии онҳо дар амал. Донишҳо бояд илмӣ, дунявӣ ва пурра (мукаммалии симои олам, ҳодисоту воқеот ва асрори онҳо), мантиқӣ (бе ихтилофи аслият), санҷидашаванда бошанд. Бояд дар хотир

дошт, ки ноогоҳӣ аз асрори оламу одам сарчашмаи тамоми нокомӣ ва бадбахтиҳои инсон аст.

2. Инкишофи фикри бонизоми мантиқӣ - қобилияти дар тафаккур, муҳокимот, қарору хулосаҳо ва амалҳои худ бомақсад, муттасил ва мӯътамад будан ва бовар доштан.

Ба хотири рушди тафаккури худ ҳар толибилм аз муассисаи томактабӣ то мактаби олӣ бояд ин омилҳоро мадди назар дошта бошад ва мураббию омӯзгор мунтазам ба ин таъкид намоянд ва донишомӯзонро ба ин хулосаи ҳаётӣ расонанд:

1. Маърифат - гирифтани донишҳо (таълим - машғулият, дарсҳо, фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, ҷустуҷӯӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ, китобхонӣ, сарчашмаҳои илмӣ ва иттилоотӣ).

2. Андеша (мулоҳиза) кардан - омӯхтани фикркунӣ ва таҳлил (мушоҳида, муқоиса, ёфтани фарқу монандӣ, хулоса кардан), ёфтани арзиш ва қабули қарори (хулосаи) ниҳоӣ (беҳтарин).

3. Ҳаёт - натиҷаи рафторест, ки ногузир давоми мантиқии фикри инсон аст. Маҳз ҳаёт ба дониш ва фаъолияти ҳам фикрӣ ва ҳам амалии инсон баҳо медиҳад, ки ӯ натиҷаи дилхоҳ ба даст овард ё на.

Барои он ки одам фикри худро босамар бедор кунад, рушд диҳад ва қавию тавоно намояд, вай бояд доимо доништалаб ва донишандӯз шавад, яъне кушиши «ҳамаро донистан» кунад, кӯшад, ки ҳама чизи пурасрор, арзишманд ва зарурӣ то ҳол нафаҳмидаашро фаҳмад. Ҳамзамон донишҳои ҳосилкардаашро дар амал бисанҷад ва натиҷаҳо ба даст оварад, ҳамчунон бифаҳмад, ки донишҳо ва асрори олам нопайдоканор аст, вале донисташаванда ва агар одам мунтазам заҳмати омӯзиш кашад, ҳатман донишманду тавоно хоҳад шуд, чи тавре ки Фирдавсии бузургвор фармудааст:

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Чунин мақсадгузориҳои баландпоя барои кӯдак, наврас ва навҷавон тадриҷан онҳоро ғаввоси укёнуси илм хоҳад кард. Дар ин бора Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ хеле бомаврид фармудааст:

Илм дарёст беҳадду канор,
Толиби илм аст ғаввоси биҳор.
Гар ҳазорон сол бошад умри ӯ,
Ӯ нагардад сер худ аз ҷустуҷӯ! [8].

Дар назди худ гузоштани мақсадҳои наҷиб ва арзишманди ҳаётӣ ва азми заҳмати ба даст овардани онҳо ба рушду нумӯи фикр таъсири амиқ ва мусбат мерасонад. Бинобар ин дар назди донишомӯз мунтазам мақсадҳои аз дирӯза арзишмандтару мушкилтар бояд гузошт, то ӯ барои ноил шудан ба ин мақсадҳои нав талошу сайъи бештаре анҷом диҳад. Аз ин бармеояд, ки агар инсон (толибилм) фикру андешаи худро пайгирона, бовусъат ва фаъолона рушд доданӣ шавад, бояд пеши худ мақсадҳои олӣ, арзишманд ва мураккабтар гузорад, барои расидан ба фаҳмишу донишҳои асоснок оид ба мавзуъ ва масъалаҳои таълимӣ, рӯйдод, ҳодисаю воқеоти олами ҳастӣ онҳоро бадиққат мушоҳида ва муқоиса кунад, оид ба онҳо сарчашмаҳои муътамад ва дастрасро қироат ва таҳлил кунад, хулоса барорад, нақшасозӣ кунад, амалҳои мақсаднок анҷом диҳад, монеаҳои фикрталабро бартараф созад, хатоҳои содиркардаашро дарёфта ислоҳ кунад, талошу кӯшишҳои наву такрорӣ анҷом диҳад, то даме, ки ба мақсади арзишманди гузоштааш бирасад. Зеро тавре академик М. Лутфуллозода мефармоянд:

«Шараф ва шарафёбии инсон аз илм аст, илме, ки на сарсарӣ ва рӯякӣ, балки бо заҳмату фаросат омӯхта мешавад» [6].

Ин ақида ва андешаҳои назариявӣ, ки аз озмоишҳои бешуморӣ таҳқиқӣ гузаштаанд ва ҳақоният ва ҳаётӣ будани худро дар амалия собит кардаанд, таъкид мекунанд, ки ҳанӯз дар хонавода, боғча ва синфҳои ибтидоӣ мунтазам фаъолиятҳои зеҳнӣ ва фикрталаб созмон дода шаванд, то дар раванди онҳо кӯдакони аз ҷиҳати зеҳнӣ соҳиби имконот ва омодагии гуногуни ҳаётӣ бошанд.  Охир ченаки ҳаққонияти донишҳо маҳз ҳаёт аст. Дар раванди рушди зеҳнию фикрии кӯдакон дарс ва машғулиятҳои таълимӣ бояд мазмуни илмӣ, мушаххас, мароқовар ва дастрас дошта бошанд. Дар натиҷа имконият ва шароит фароҳам мешавад, ки нерӯи зеҳнӣ ва фикрии кӯдакон на танҳо дар раванди фаъолиятҳои таълимии умумӣ, балки дар рафти фаъолияти таълимии рӯзмарраи инфиродӣ ва мустақилона низ рушд ёбанд, зеро кӯдакон агар мафҳуме, чизе, асрореро шахсан «кашф» кунанд, аз «кашфи худ» қаноатманду фараҳманд мешаванд. Ин ҳолати рӯҳии кӯдакон мувофиқи таълимоти академик Ф.Шарифзода “яке аз принсипҳои таълими ҳамгиро «Ташкили мавҷвору болоравандаи таълим» буда, имконият медиҳад, ки шогирдон ба фаъолияти фикрӣ ва инкишофи худ ҳавасманд шаванд, сустиродаҳо ва камғайратон аз муваффақиятҳои худ рӯҳбаланд гарданд ва ба «Фатҳи қуллаҳои» балантари донишу илм боғайраттар талош варзанд” [16].

Таҷриба ва таҳлилҳои илмӣ-методӣ ва амалии олимони саршиноси соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ собит менамояд, ки хонандагони хурдсол тавассути рушди фикри комил метавонанд асрори таълим ва дар оянда нозукиҳои ҳаётро кашф намоянд. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки дар хонандагон фикри комил рушд ёфта, онҳо бо нигоҳи тоза ва диди нав ба ҳаёт омода гарданд.

**Адабиёт**


1. Аз «Калила ва Димна» [Матн] // Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – С. 149.
2. Выготский, Л. С. Мышление и речь. Изд. 5, испр. [Текст]. – М.: Лабиринт, 1999. – 352 с.
3. Қаюмова, О. Э. Асрори инкишофи зеҳн ва нутқи мактабиёни хурдсол [Матн]. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. – 147 с.
4. Қаюмова, О. Э. Нақши бозӣ дар таълим [Матн]. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – 61 с.
5. Лихачев, Б. П. Педагогика [Текст]. – М.: Юрайт, 2003. – 316 с.
6. Лутфуллозода, М. Методикаи таълими ибтидои забони модарӣ [Матн]. – Душанбе, 2018. – С. 120.
7. Лутфуллозода, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2015. – С. 126.
8. Румӣ, М. Ҷ. Андарзнома [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ; мураттиб ва муаллиф пешгуфтору тавзеҳот Мирзо Муллоаҳмадов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – С. 136.
9. Рӯдакӣ, А. Шеърҳо [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 116 с.
10. Раҳмон, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018, ш. Душанбе [Матн] [Манобеи электронӣ]. – Речаи дастрасӣ: prezident.tj/event/missives/17365
11. Сабуров, Х. М. Низоми мазмуни таҳсилот: воқеият ва дурнамо [Матн]. – Хуҷанд:Меъроҷ, 2014. – 260 с.

12. Сабуров, Х. М. Таҳсилоти ибтидоӣ: мазмун, вазифа ва талаботи ҷомеа [Матн]. –Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 260 с.

13. Шарипов, Э. Алифбои шавқовар [Матн]. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2007. – 179 с.

14. Шарифзода, Ф ва диг. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2 [Матн] / Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев, Б. Ғаниева, С. Куйбекова. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 355 с.

15. Шарифзода, Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 543 с.

16. Шарифзода, Ф. Педагогикаи ҳамгиро [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 202-203.

17. Шарифзода, Ф., Сабурӣ, Х. М., Қаюмова, О. Фикр карданро бояд омӯхт [Матн]. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2020. – 268 с.

## МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ФИКРРОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

Мақола ба яке аз масъалаҳои ҳалталаби педагогикаи муосир, яъне рушди ҷаҳонбинии илмӣ ва баланд бардоштани қобилияти фикрронии насли наврас, алалхусус хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Пеш аз ҳама бо назардошти омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва пажӯҳиши олмон-педагогони варзидаи соҳа зарурияти ҳалли масъалаи мазкур нишон дода шудааст, ки он ба ташаккули қобилияти зеҳнӣ ва рушди фикррони мустақилонаи насли наврас нигаронида шудааст. Ҳамчунин масъулият ва вазифаи асосии хонавода, зинаи таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, мактаб ва аҳли ҷомеа дар рушди қобилияти фикррони хонандагон аз нигоҳи илмӣ ва таҷрибаи ималӣ асоснок карда шудааст. Дар мақола мушкилоти мавҷудаи мактаби миёнаи имрӯза ва омӯзгорон дар ҷодаи баланд бардоштани сифати таълим ва бо ин васила инкишофи самарабахши қобилияти фикррони насли наврас муайян карда шудааст. Барои мукаммал гардидани мазмуни мақола сарчашмаҳои панду ахлоқии намояндагони педагогикаи мардумӣ ва таҳқиқотҳои илмии педагогони шинохтаи муосири тоҷик вобаста ба мавзӯъ бомаврид истифода карда шудааст. Муаллиф дар назди муаллимон ва мутахассисони соҳа муаммои чӣ навъ бедор кардан ва инкишоф додани қобилияти фикррони кӯдаконро мегузорад, ки дар якҷоягӣ коркард ва дарёфти он барои баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмии насли наврас кумаки амалии худро хоҳад расонид. Аз тарафи муаллиф тадбирҳои методии бедор ва рушд додани қобилияти фикрии кӯдакон коркард ва ироа шудааст. Дар охир барои рушди тафаккури баркамоли наслҳои ояндасози миллат якчанд тавсияҳои судманд коркард ва пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо:** фикр, мактаб, муаллим, синфи ибтидоӣ, таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, хонавода, таълим, тарбия, тафаккур, рушди фикррони кӯдак, хондан, навиштан, баёни маънӣ, ба хотир гирифтан, ҳисоб кардан, тафаккури гуманитарӣ.

## ПРОБЛЕМА ФОРМИРОВАНИЯ СПОСОБНОСТИ К МЫШЛЕНИЮ УЧАЩИХСЯ В СОВРЕМЕННОЙ ПЕДАГОГИКЕ

Статья посвящена одной из актуальных проблем современной педагогики – развитию научного мировоззрения и повышению способности к мышлению подрастающего поколения, особенно учеников начальных классов. Прежде всего, на основе изучения научных источников и исследований опытных учёных-педагогов

показана современная необходимость и актуальность данной проблемы, которая направлена на формирование интеллектуальных способностей и развитие самостоятельного мышления подрастающего поколения.

С научной и практической точек зрения, также обоснована ответственность и основная роль семьи, дошкольного образования, начального образования, школы и общества в целом в развитии мыслительных способностей учащихся. В статье выявлены существующие проблемы современной средней школы и педагогов в сфере повышения качества обучения и, через это, эффективного развития мышления подрастающего поколения.

Для более полного раскрытия содержания статьи уместно использованы нравственные и этические наставления народной педагогики, а также научные исследования известных современных таджикских педагогов по данной теме. Автор ставит перед учителями и специалистами задачу – каким образом пробудить и развить способность к мышлению у детей, подчёркивая, что совместная разработка и решение этого вопроса окажет практическую помощь в укреплении научного мировоззрения молодёжи.

Автором также разработаны методические меры по пробуждению и развитию интеллектуальных способностей детей, которые представлены в статье. В заключение даны полезные рекомендации, направленные на развитие зрелого мышления будущих поколений нации.

**Ключевые слова:** мышление, школа, учитель, начальный класс, дошкольное образование, начальное образование, семья, обучение, воспитание, мысль, развитие детского мышления, чтение, письмо, осмысленное выражение, запоминание, счёт, гуманитарное мышление.

## THE PROBLEM OF DEVELOPING STUDENTS' THINKING ABILITIES IN MODERN PEDAGOGY

This article addresses one of the urgent issues of contemporary pedagogy – fostering a scientific worldview and enhancing the thinking skills of the younger generation, particularly primary school students. At the outset, drawing on scientific sources and the research of distinguished scholars and pedagogues, the article highlights the essential and timely nature of this issue, which is aimed at developing intellectual capacity and nurturing independent thinking among children.

The study also substantiates, from both theoretical and practical perspectives, the key responsibility of the family, the preschool and primary education systems, the school, and society at large in cultivating students' cognitive abilities. Furthermore, it identifies the existing challenges faced by modern secondary schools and teachers in improving the quality of education, and, consequently, in ensuring the effective development of students' thinking skills.

To enrich the discussion, the article incorporates the ethical and moral principles of folk pedagogy, as well as the findings of contemporary Tajik scholars in the field of pedagogy. The author raises before teachers and specialists the question of how to awaken and foster children's thinking skills, emphasizing that a collaborative approach to this challenge will strengthen the scientific worldview of the younger generation.

The author also proposes methodological strategies for stimulating and developing children's intellectual abilities, which are outlined in the article. Finally, a set of practical

recommendations is offered to support the cultivation of well-developed thinking among the future generations of the nation.

**Keywords:** thinking, school, teacher, primary education, preschool education, family, teaching, upbringing, cognition, development of children's thinking, reading, writing, meaningful expression, memorization, calculation, humanistic thinking.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Сабурӣ Хайрулло Мирзозода,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, тел.: 928477607, E-mail:saburov.67@mail.ru

**Сведения об авторе: Сабури Хайрулло Мирзозода,** доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, тел.:928477607, E-mail: saburov.67@mail.ru

**Information about the author: Saburi Khairullo Mirzozoda,** Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Social and Professional Pedagogy Department, Khujand State University named after Academician B. Gafurov., tel.928477607, E- mail:saburov.67@mail.ru

**ТДУ 681.3+004: [373+37.035.3+371]**

# КОРБАСТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

**Носирзода Боймуҳаммад Носир,**
**Бобокалонов Наврузбек Ражабович**
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки раванди илмӣ-техникӣ ва иқтисодӣ бо суръати баланд рушд меёбад, зарурати татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар низоми маориф аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Технологияҳои инноватсионӣ на танҳо воситаи афзоиши самаранокии раванди таълиманд, балки муҳаррики асосии рушди тафаккури эҷодӣ ва малакаҳои амалии хонандагон мебошанд. Хусусан, дар фанни «Технология» (таълими меҳнат), ки ҳадафи асосии он ташаккули маҳорати касбӣ, кор бо асбобу таҷҳизот, истифодаи воситаҳои техникию иттилоотӣ ва тарбияи шахсияти эҷодкор мебошад, ба кор бастани технологияҳои инноватсионӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Бояд таъкид кард, ки мафҳуми «технологияҳои инноватсионӣ» аз дидгоҳи олимон гуногун шарҳ дода мешавад. Масалан, А.В. Хуторской қайд мекунад, ки «технологияи инноватсионӣ маҷмуи усулҳо, воситаҳо ва созмондиҳии равандест, ки ба натиҷаҳои нав ва устувори таълимӣ оварда мерасонад» [12, с. 45]. Дар таълими меҳнат, ин маънои истифодаи усулҳои интерактивӣ, моделсозии рақамӣ, таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ, робототехника, технологияҳои 3D-чоп ва системаҳои иттилоотиро дорад.

Яке аз самтҳои муҳимми корбасти технологияҳои инноватсионӣ дар таълими меҳнат истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) мебошад. Тибқи андешаи Л. С. Виготский, рушди «қобилиятҳои зеҳнии хонанда дар робитаи фаъол бо муҳити иҷтимоӣ ва воситаҳои фарҳангӣ таъмин мегардад» [1, с. 112]. Дар асри рақамӣ, воситаҳои фарҳангӣ на танҳо китобҳо ва расмҳо, балки компютерҳо, нармафзорҳои омӯзишӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ мебошанд.

Дар амалияи таълими меҳнат, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ метавонад ба шаклҳои зерин сурат гирад:

- истифодаи симуляторҳо ва тренажёрҳои рақамӣ барои омӯзиши бехатари кор бо таҷҳизоти истеҳсолӣ;
- истифодаи платформаҳои онлайн барои пешниҳоди дастурҳои корӣ ва иҷрои лоиҳаҳои муштарак;
- ворид намудани робототехника ва автоматика ҳамчун қисми барномаҳои фаннӣ;
- ташкили лабораторияҳои мактабӣ бо дастгоҳҳои 3D-принтер, CNC-мошинҳо ва лазербурҳо;
- истифодаи технологияи «интернети чизҳо» (IoT) барои идоракунии таҷҳизоти таълимӣ.

Аз нуқтаи назари педагогика, ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ бояд на танҳо ба такмил додани воситаҳо ва таҷҳизот, балки ба тағйири тамоми модели таълим нигаронида шавад. Тадқиқотҳои Н.Ф. Тализина нишон медиҳанд, ки «фаъолияти таълимӣ ҳангоми истифодаи усулҳои фаъол, ки иштирок ва мустақилияти хонандаро талаб мекунанд, самаранoктар мегардад» [10, с. 87]. Ин маънои онро дорад, ки дар дарсҳои технология истифодаи лоиҳаҳо, моделсозии амалӣ ва муҳокимарониҳои гурӯҳӣ муҳим аст.

Технологияҳои инноватсионӣ ҳамчунин имконият медиҳанд, ки ба талаботи стандарти давлатии таҳсилот ҷавоб дода шавад. Масалан, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020) таъкид мекунад, ки «омӯзгор бояд дарсро ба тавре созмон диҳад, ки он малакаҳои ҳаётӣ, фарҳанги меҳнат ва тафаккури эҷодии хонандаро ташаккул диҳад. Ин талабот танҳо тавассути истифодаи усулҳо ва воситаҳои нав, ки шавқи хонандаро ба фаъолияти амалӣ меафзоянд, иҷрошаванда аст» [4].

Дар таҷрибаи байналмилалӣ низ воридкунии технологияҳои инноватсионӣ дар таълими меҳнат васеъ истифода мешавад. Масалан, дар Финляндия фанни технология бо фанҳои илмӣ ва санъат муттаҳид карда шуда, хонандагон аз синфҳои ибтидоӣ бо робототехника ва барномасозӣ шинос мешаванд. Дар Сингапур, барномаҳои «Makerspace» ва «FabLab» имконият медиҳанд, ки хонандагон дар муҳити озод ва бо дастрасии мустақим ба таҷҳизоти муосир кор кунанд.

Албатта, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар мактабҳои Тоҷикистон дорои мушкилоти хоси худ мебошад. Пеш аз ҳама, ин мушкилот ба таъминот бо таҷҳизоти муосир, сатҳи тахассуси омӯзгорон ва дастрасии инфрасохтори рақамӣ вобаста аст. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки ҳатто бо имкониятҳои маҳдуд, бо истифодаи эҷодкорӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо марказҳои илмӣ ва корхонаҳо, метавон қадамҳои муассир гузошт.

Ба андешаи Ш.М. Саидов, «инноватсия дар таълим на танҳо ворид кардани воситаҳои нав, балки ташкили муҳити равонӣ ва иҷтимоиест, ки истифодаи ин воситаҳоро имконпазир ва самаранок мегардонад» [7, с. 134]. Аз ин рӯ, барои ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои технология, зарур аст, ки сиёсати методӣ ва ташкилӣ тадвин карда шавад, ки ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагонро ба истифодаи фаъол ва мақсадноки онҳо ташвиқ намояд.

Дар асри XXI, ки онро асри иттилоот ва технологияҳои пешрафта меноманд, низоми маориф наметавонад дар канори инқилоби илмӣ-техникӣ бимонад. Инқилоб дар технологияҳо боиси тағйироти куллӣ дар иқтисод, саноат, фарҳанг ва ҳатто дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон гардидааст. Яке аз вазифаҳои асосии мактаб – омода кардани насли ҷавон барои зиндагӣ ва фаъолият дар чунин муҳити тағйирёбанда мебошад. Дар ин раванд, воридкунии технологияҳои инноватсионӣ дар таълими меҳнат аҳамияти

вижа дорад, зеро фанни технология маҳз барои ташаккули малакаҳои амалӣ, кор бо асбобу таҷҳизот ва ташвиқи фаъолияти эҷодӣ пешбинӣ шудааст [8].

Тибқи таърифи муосир, «технологияҳои инноватсионӣ» маҷмӯи усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкилӣ мебошанд, ки ба тағйироти босамар дар мазмун ва раванди таълим оварда мерасонанд. Масалан, профессор А. В. Хуторской таъкид мекунад, ки «инноватсия дар таълим ин ворид намудани маҳсул ё равандест, ки қобилияти баланд бардоштани самаранокии таҳсилро дорад ва натиҷаҳои устуворро таъмин менамояд» [13, с. 45].

Воридкунии технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои технология бояд на танҳо бо истифодаи таҷҳизоти муосир маҳдуд шавад, балки ба таҳияи усулҳои нави таълим ва ташкили муҳити эҷодӣ нигаронида шавад. Ин раванд ба чанд омил вобаста аст:

- омодагии омӯзгорон барои қабули усул ва воситаҳои нав;
- мавҷудияти инфрасохтори зарурӣ ва таҷҳизоти таълимӣ;
- дастрасии хонандагон ба захираҳои иттилоотӣ ва техникӣ;
- дастгирии маъмурияти мактаб ва мақомоти маориф.

Дар шароити мактабҳои Тоҷикистон, воридкунии технологияҳои инноватсионӣ метавонад дар чанд самт амалӣ гардад. Аввалан, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) дар дарсҳои технология бояд афзалият дошта бошад. Истифодаи компютерҳо, проексионӣ ва тахтаҳои интерактивӣ имкон медиҳад, ки маводи назариявӣ бо шакли визуалӣ ва қолиб пешниҳод гардад.

Сониян, ворид намудани технологияҳои истеҳсолии муосир, мисли 3D-чоп, буридани лазерӣ, мошинҳои CNC ва робототехника ба барномаи таълимӣ метавонад на танҳо шавқи хонандагонро зиёд кунад, балки онҳоро бо соҳаҳои замонавии истеҳсолот шинос намояд. Тавре ки тадқиқоти С.Й. Мухаммадиев нишон медиҳад, «иштироки хонандагон дар лоиҳаҳои амалӣ бо истифода аз технологияҳои муосир сатҳи саводнокии техникӣ ва малакаҳои ҳалли масъалаҳоро ба таври назаррас баланд мебардорад» [4, с. 76].

Сеюм, истифодаи усули лоиҳавӣ (Project-Based Learning) яке аз роҳҳои самараноки ворид кардани инноватсия мебошад. Дар ин усул хонандагон лоиҳаҳои воқеиро ичро мекунанд, ки ба эҳтиёҷоти ҳаёти воқеӣ мувофиқат мекунанд. Масалан, гурӯҳи хонандагон метавонад нақшаи сохтани модели хона бо истифодаи нармафзори моделсозии 3D таҳия кунад ва сипас онро бо 3D-принтер чоп намояд. Ин амал ҳам малакаҳои техникӣ ва ҳам малакаҳои ҳамкориро инкишоф медиҳад.

Аз дидгоҳи психологияи педагогӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба фаъол шудани тафаккури эҷодӣ ва мустақилияти хонанда мусоидат мекунад. Л.С. Виготский таъкид мекунад, ки «рушди равонии кӯдак дар ҳамкорӣ бо дигарон ва тавассути воситаҳои фарҳангӣ сурат мегирад» [1, с. 112]. Дар замони муосир, воситаҳои фарҳангӣ ин на танҳо китоб ва асбобҳои анъанавӣ, балки технологияҳои рақамӣ мебошанд, ки имкониятҳои бепоён барои омӯзиш фароҳам меоранд.

Дар баробари афзалиятҳо, воридкунии технологияҳои инноватсионӣ мушкилоти муайян низ дорад. Яке аз онҳо сатҳи нокифояи омодагии омӯзгорон барои истифодаи воситаҳои нав мебошад. Тадқиқоти А.Ҳ. Раҳмонов нишон медиҳад, ки «беш аз 40% омӯзгорони фанни технология дар мактабҳои деҳотӣ таҷрибаи кофӣ барои истифодаи таҷҳизоти муосир надоранд» [3, с. 58]. Ҳаллу фасли ин мушкилот тавассути курсҳои такмили ихтисос, семинарҳо ва ҳамкории омӯзгорон бо мутахассисони соҳаи технология имконпазир аст.

Мушкили дигари муҳим набудани таҷҳизоти лозимӣ дар бисёр муассисаҳои таълимӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки ҳатто бо захираҳои маҳдуд, тавассути истифодаи технологияҳои ройгони онлайн, ҳамкорӣ бо марказҳои

илмӣ ва корхонаҳо, инчунин ташкили лоиҳаҳои муштарак бо дигар мактабҳо, метавон қадамҳои муассир гузошт.

«Ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз ба сӯи иқтисоди донишмеҳвар (knowledge economy) ҳаракат мекунад, ки дар он малакаҳои кор бо технологияҳои муосир, қобилияти мутобиқ шудан ба тағйирот ва ҳалли мушкилоти мураккаб талаботи асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои технология на танҳо як иқдоми муосирсозӣ, балки як зарурати стратегӣ барои тайёр кардани хонандагон ба бозори меҳнати оянда мебошад» [7].

Тавре Ш.М. Саидов дуруст қайд мекунад: «Инноватсия дар таълим бояд ҳамчун раванди муттасили таҷдид ва такмилдиҳӣ фаҳмида шавад, на ҳамчун як марҳилаи муваққатӣ» [7, с. 134]. Дар ин замина, сиёсати давлатии соҳаи маориф бояд на танҳо дастгирии молиявӣ ва моддии воридкунии технологияҳоро таъмин кунад, балки механизми устувори тайёр кардани кадрҳои омӯзгориро низ фароҳам оварад.

Дар таҷрибаи омӯзиши фанни технология дар мактабҳои Тоҷикистон, қадамҳои аввалини воридкунии технологияҳои инноватсионӣ аллакай гузошта шудаанд. Дар баъзе муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар синфхонаҳои махсус бо тахтаҳои интерактивӣ, компютерҳо ва принтерҳо муҷаҳҳаз карда шудаанд.

Истифодаи чунин таҷҳизот талаб мекунад, ки омӯзгорон низ сатҳи дониши техникӣ ва малакаҳои истифодаи технологияҳои рақамиро баланд бардоранд. Аз ин рӯ, як қисми муҳимми раванд ташкил ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисос мебошад. Масалан, соли 2022 бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНИСЕФ, як қатор омӯзгорони фанни технология дар шаҳри Душанбе дар тренингҳои «STEAM-омӯзгор» ширкат варзиданд, ки дар он ҷо кор бо роботҳои таълимӣ, платформаҳои моделсозии 3D ва нармафзори CAD (Computer-Aided Design) омӯхта шуд.

Таҷрибаи хориҷӣ низ метавонад барои мо намунаи хуб бошад. Дар Кореяи Ҷанубӣ, барномаи давлатӣ барои ворид кардани робототехника ба мактабҳо бо номи «Robotics in Education» аз соли 2010 амалӣ мешавад. Дар доираи ин барнома, дарсҳои технология на танҳо бо истифодаи асбобҳои анъанавӣ, балки бо лоиҳаҳои барномасозӣ барои роботҳои хурд гузаронида мешаванд. Хонандагон бо нармафзори махсус алгоритмҳои ҳаракат ва иҷрои вазифаҳои роботро таҳия мекунанд. Ин равиш ҳам малакаҳои техникӣ ва ҳам тафаккури мантиқиро инкишоф медиҳад.

Дар Тоҷикистон низ баъзе мактабҳо ба тадриҷ қадамҳои мушобеҳ мегузоранд. Масалан, дар Маркази инноватсионии шаҳри Хуҷанд гурӯҳҳои эҷодӣ барои хонандагони синфҳои 7–11 ташкил шудаанд, ки дар он ҷо онҳо бо Arduino, Raspberry Pi ва сенсорҳои гуногун кор мекунанд. Ҳамчунин, дар барномаҳои онҳо ҷойи махсус ба фанҳои технология дода мешавад, ки дар он лоиҳаҳои марбут ба кишоварзии интеллектуалӣ (масалан, системаи автоматии обёрӣ бо сенсорҳои намӣ) иҷро мешаванд.

«Аз ҷиҳати методӣ, воридкунии технологияҳои инноватсионӣ бояд ҳамеша бо усулҳои фаъол ва эҷодкорона ҳамоҳанг бошад. Яке аз чунин усулҳо - усули таҳқиқотӣ (Inquiry-Based Learning) мебошад. Дар ин равиш, омӯзгор ба хонандагон на ҷавоби омода, балки саволи мушкил пешниҳод мекунад ва онҳо бояд бо ҷустуҷӯ, таҷриба ва истифодаи технологияҳои мавҷуда роҳи ҳалли онро пайдо кунанд. Масалан, ҳангоми омӯзиши фанни технология, ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои хона системаи равшанидиҳии каммасраф таҳия намоянд. Барои иҷрои ин супориш онҳо бояд маълумот дар бораи лампаҳои LED, схемаҳои барқӣ ва нармафзори идоракунии энергия пайдо кунанд ва сипас онро дар шакли лоиҳа пешниҳод намоянд» [14].

Яке аз унсурҳои муҳимми воридкунии инноватсия - ҳамгироии фанни технология бо дигар фанҳо мебошад. Консепсияи «STEAM» (Science, Technology, Engineering, Arts, Mathematics) маҳз ҳамин ҳамгироиро пешниҳод мекунад. Масалан, дар як лоиҳаи

муштарак, хонандагон метавонанд бо истифода аз принсипҳои геометрия (математика) ва барномасозӣ (информатика) модели сохтмони хурди аз ҷиҳати эстетикӣ зебо ва аз ҷиҳати муҳандисӣ устувор таҳия кунанд.

Дар баробари пешрафтҳо, бояд дар назар дошт, ки воридкунии технологияҳои инноватсионӣ низ метавонад бо мушкилоти муайян рӯбарӯ гардад:

- на ҳама мактабҳо дорои таҷҳизоти муосир мебошанд;
- барномаҳои таълимӣ на ҳамеша барои истифодаи технологияҳои нав мутобиқ шудаанд;
- омӯзгорон баъзан вақти кофӣ барои омодагӣ бо воситаҳои нав надоранд.

Барои бартараф кардани ин мушкилот, зарур аст:

1. Барномаи давлатӣ оид ба таҷдид ва муҷаҳҳазкунии синфхонаҳои фанни технология таҳия гардад.
2. Системаи муттасили такмили ихтисоси омӯзгорон бо истифода аз платформаҳои онлайн (масалан, Coursera, Khan Academy) ва ҳамкории байналмилалӣ роҳандозӣ шавад.
3. Муассисаҳои таълимӣ бо ширкатҳо ва марказҳои илмӣ ҳамкорӣ кунанд, то таҷҳизот ва таҷрибаи амалӣ ба хонандагон дастрас гардад.

Дар марҳилаи амалии воридкунии технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои технология, яке аз масъалаҳои калидӣ - мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ бо имкониятҳои таҷҳизоти нав мебошад. Агар барномаҳо танҳо ба истифодаи усулҳои анъанавӣ асос ёбанд, ворид кардани таҷҳизоти муосир натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Барои мисол, агар дар синфхона принтери 3D мавҷуд бошад, вале мавзӯи дарсҳо танҳо ба буридани чӯб маҳдуд шавад, имкониятҳои воқеии технология истифода намешаванд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барномаҳои фанни технология аз аввал барои мутобиқ шудан ба муҳити рақамӣ таҳия шаванд.

Яке аз таҷрибаҳои муваффақ дар ин самт дар литсеи рақамии шаҳри Душанбе амалӣ шудааст, ки дар он барномаи фанни технология ба панҷ модул тақсим шудааст: 1) кор бо технологияҳои анъанавӣ; 2) истифодаи технологияҳои иттилоотӣ; 3) робототехника; 4) истеҳсоли рақамӣ (3D-чоп, CNC); 5) инноватсия ва соҳибкорӣ. Ҳар як модул бо лоиҳаи ниҳоӣ анҷом меёбад, ки хонандагон бояд дар намоишгоҳҳои дохилимактабӣ ва шаҳрӣ пешниҳод кунанд.

Маҳз ҳамин равиш - пайвастани фан ба амалия ва маҳсулоти ниҳоӣ - яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани шавқи хонандагон ба дарс мебошад. Тавре ки тадқиқоти маркази таҳқиқоти педагогии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон нишон додааст, дар синфҳое, ки барномаи таҷрибавии инноватсионӣ истифода мешавад, сатҳи иштироки фаъолонаи хонандагон дар дарсҳо то 35% баландтар аст, нисбат ба синфҳое, ки бо барномаи анъанавӣ таълим мегиранд.

Аз ҷиҳати омодагии кадрӣ, дар Тоҷикистон соли 2023 лоиҳаи пилотии «Омӯзгори инноватсионӣ» оғоз ёфт, ки ҳадафи он баланд бардоштани салоҳиятҳои рақамии омӯзгорон мебошад. Дар доираи ин лоиҳа, омӯзгорон дар курсҳои амалӣ оид ба истифодаи платформаҳои моделсозии 3D, таҳияи барномаҳои идоракунии роботҳо ва эҷоди муҳити интерактивии таълимӣ ширкат меварзанд. Ҳангоми гузаронидани курсҳо аз принсипи «омӯзиш тавассути амал» истифода мешавад, ки онро бисёре аз олимон, аз ҷумла Ҷ. Дьюи, ҳамчун омили калидии омӯзиши самаранок қайд кардаанд.

Дар баробари рушди таҷҳизот ва усулҳои таълимӣ, воридкунии технологияҳои инноватсионӣ инчунин ба рушди малакаҳои муоширатӣ ва иҷтимоии хонандагон таъсир мерасонад. Масалан, дар лоиҳаҳои гурӯҳӣ, ки барои иҷрои онҳо аз воситаҳои рақамӣ истифода мешавад, хонандагон бояд на танҳо вазифаҳоро иҷро кунанд, балки нақшҳоро тақсим кунанд, баҳс намоянд ва қарор қабул кунанд. Ин таҷриба

қобилиятҳои ҳамкорӣ ва масъулиятро ташаккул медиҳад, ки дар бозори меҳнат арзиши баланд доранд.

Таъсири мусбии инноватсия дар таълими меҳнат дар кишварҳои гуногун аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ низ эътироф шудааст. ЮНЕСКО дар гузориши соли 2021 «ICT Competency Framework for Teachers» таъкид мекунад, ки омӯзгороне, ки технологияҳои навро дар дарсҳои амалӣ истифода мебаранд, на танҳо сатҳи донишҳои техникии хонандагонро баланд мебардоранд, балки ба рушди малакаҳои ҳаётӣ, мисли тафаккури интиқодӣ ва ҳалли эҷодии мушкилот мусоидат мекунанд.

Дар Тоҷикистон, имкониятҳои истифодаи таҷҳизоти муосир дар фанни технология инчунин дар самти ҳунарҳои мардумӣ низ мавҷуд аст. Масалан, дар баъзе мактабҳои вилояти Суғд, ки барномаҳои интегратсионии «Ҳунар + Технология» ҷорӣ шудаанд, хонандагон намунаҳои нақшҳои миллиро дар барномаҳои графикӣ эҷод мекунанд ва сипас бо дастгоҳҳои буриши лазерӣ ё чопи рақамӣ онҳоро ба матоъ ё чӯб мегузаронанд. Ин тарз ҳам ҳифзи мероси фарҳангиро таъмин мекунад ва ҳам истифодаи воситаҳои муосирро таълим медиҳад.

Аммо барои густариши чунин таҷрибаҳо дастгирии бештар лозим аст. Пеш аз ҳама, ҷалби сармоягузории хусусӣ ва ташкили шарикӣ бо ширкатҳои соҳаи технология метавонад имкониятҳои мактабҳоро васеъ кунад. Масалан, дар баъзе кишварҳо ширкатҳои истеҳсолкунандаи таҷҳизот барномаҳои «таҷҳизоти ройгон барои мактабҳо» роҳандозӣ мекунанд, то хонандагон аз хурдӣ бо маҳсулоти онҳо шинос шаванд [8; 11].

Воридкунии технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои технология як раванди бисёрқабата аст, ки омилҳои техникӣ, методӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад. Агар ин омилҳо дар як система ҳамоҳанг гарданд, дар оянда насли ҷавон на танҳо ҳамчун коргар ё мутахассиси техникӣ, балки ҳамчун ихтироъкори эҷодкор ва иштирокчии фаъоли ҷомеаи муосир вориди бозори меҳнат мегардад.

Дар хотима бояд гуфт, ки воридкунии технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) танҳо як вазифаи техникӣ нест, балки як раванди фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Он талаб мекунад, ки ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда ба як муҳити эҷодкор, ҳамкорӣ ва ҷустуҷӯ одат кунанд. Агар ин муҳит дуруст ташкил карда шавад, натиҷаи он на танҳо баланд шудани сифати таҳсил, балки омодасозии ҷавонон ба зиндагӣ ва кор дар ҷаҳони муосири пурраќобат хоҳад буд.

**Адабиёт**


1. Выготский, Л. С. Собрание сочинений. Т. 3. [Текст] / Л. С. Выготский. – М.: Педагогика, 1983. – 304 с.
2. Давлатов, Р. Ҷ. Кори мустақилонаи донишҷӯён ва нақши он дар омӯзиши фанҳои таълимӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ [Матн] / Р. Ҷ. Давлатов, Б. Н. Алламуродов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. – 2022. – №4 (29). – С. 159-168. – EDN NGUNNC.
3. Дьюи Дж. Психология и педагогика мышления [Текст] / пер. с англ. Н.М. Никольской; под ред. (и с предисл.) Н. Д. Виноградова. – М.: Мир, 1975. – 202 с.
4. Мухаммадиев, С. Й. Технологияҳои муосир дар таълими фанни технология: дастури таълимӣ- методӣ [Матн] / Й. С.Мухаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 156 с.

5. Носирзода, Б. Н. Ҳамгироии педагогӣ ҳамчун асоси ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ [Матн] / Б. Н. Носирзода // Фурӯғи илм. – 2025. – №1. – С. 361-367. – EDN GYYWYY.

6. Раҳмонов, А. Ҳ. Омодагии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои муосир [Матн] / А.Ҳ. Раҳмонов // Маориф ва фарҳанг. – 2019. – №3. – С. 56-60.

7. Саидов, Ш. М. Инноватсияҳои педагогӣ ва татбиқи онҳо дар низоми маориф [Матн]: китоби дарсӣ / Ш. М. Саидов. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 210 с.

8. Сатторов, А. Э. Об использовании компьютерных технологий в повышении технического творчества студентов [Текст] / А. Э. Сатторов, Б. Н. Алламуродов // Endless Light in Science. – 2022. – № 5-5. – P. 67-71. – DOI 10.24412/2709-1201-2022-67-71. – EDN DONCOQ.

9. Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2020. – 112 с.

10. Талызина, Н. Ф. Педагогическая психология [Текст]: учебное пособие / Н.Ф. Талызина. – М.: Академия, 2000. – 320 с.

11. Фаттоев, Х. Б. О воспитании творческой личности на уроках технологии [Текст] / Х. Б. Фаттоев, Б. Алламуродов, А. Э. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – № 3-3. – С. 293-296. – EDN WHFLWH.

12. Хуторской, А. В. Педагогическая инноватика [Текст]: учебное пособие / А.В. Хуторской. – М.: Академия, 2017. – 256 с.

13. Хуторской, А. В. Эвристическое обучение [Текст]: учебное пособие / А.В Хуторской. – М.: МПА, 1998. – 266 с.

14. Ministry of Education, Singapore. SkillsFuture for Education. – Singapore, 2018. – 45 p.

15. OECD. Innovating Education and Educating for Innovation. – Paris: OECD Publishing, 2016. – 256 p.

## КОРБАСТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

Мақола ба масъалаи корбасти технологияҳои инноватсионӣ дар фанни «Технология» (таълими меҳнат) бахшида шудааст. Муаллифон зарурати мутобиқсозии раванди таълим бо талаботи асри иттилоотӣ ва иқтисоди донишмеҳварро асоснок намуда, самтҳои асосии истифодаи технологияҳои навро дар дарсҳои амалӣ баррасӣ менамоянд. Дар мақола истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, 3D-чоп, буриши лазерӣ, робототехника ва усулҳои интерактивии таълим мисол оварда шудаанд. Таҷрибаи маҳаллӣ ва байналмилалӣ оид ба татбиқи инноватсияҳо таҳлил гардида, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки воридкунии технологияҳои инноватсионӣ ба рушди тафаккури эҷодӣ, малакаҳои техникиву иҷтимоӣ ва омодагии хонандагон ба бозори меҳнат таъсири мусбат мерасонад.

Муаллиф таҷрибаи муассисаҳои таълимии дохилӣ ва хориҷиро муқоиса намуда, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои татбиқи инноватсияҳоро муайян месозад. Дар асоси таҳлил тавсияҳои амалӣ оид ба густариши истифодаи технологияҳои нав дар раванди таълими меҳнат пешниҳод шудаанд.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои инноватсионӣ, таълими меҳнат, фанни технология, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, робототехника, 3D-чоп, усули лоиҳавӣ, STEAM, малакаҳои эҷодӣ, таҷҳизоти муосир.

## ВНЕДРЕНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКИ ТЕХНОЛОГИИ (ТРУДОВОЕ ВОСПИТАНИЕ)

Статья посвящена вопросу внедрения инновационных технологий в предмет «Технология» (трудовое воспитание). Авторы обосновывают необходимость адаптации образовательного процесса к требованиям информационной эпохи и экономики знаний, рассматривают основные направления использования новых технологий на практических занятиях. В статье приводятся примеры использования информационно-коммуникационных технологий, 3D-печати, лазерной резки, робототехники и интерактивных методов обучения. Проанализирован отечественный и зарубежный опыт внедрения инноваций, обозначены существующие проблемы и предложены пути их решения. Результаты анализа показывают, что внедрение инновационных технологий положительно влияет на развитие творческого мышления, технических и социальных навыков, а также на готовность учащихся к рынку труда.

Автор сравнивает опыт отечественных и зарубежных образовательных учреждений и выявляет преимущества и ограничения внедрения инноваций. На основе анализа даются практические рекомендации по расширению использования новых технологий в процессе трудового воспитания.

**Ключевые слова:** инновационные технологии, трудовое воспитание, технология, информационно-коммуникационные технологии, робототехника, 3D-печать, проектный метод, STEAM, творческие способности, современное оборудование.

## INTEGRATION OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN TECHNOLOGY LESSONS (LABOR EDUCATION)

This article addresses the issue of integrating innovative technologies into the school subject *“Technology”* (labor education). The authors justify the need to align the educational process with the requirements of the information age and the knowledge economy, and explore the main areas of applying new technologies in practical lessons. Examples include the use of information and communication technologies, 3D printing, laser cutting, robotics, and interactive teaching methods. The article analyzes both local and international experiences in implementing innovations, identifies existing challenges, and proposes possible solutions. The findings indicate that the introduction of innovative technologies positively influences the development of creative thinking, technical and social skills, and students’ preparedness for the labor market.

The study further compares the practices of domestic and foreign educational institutions, outlining the advantages and limitations of innovation implementation. Based on this analysis, the article provides practical recommendations for expanding the use of new technologies in the process of labor education.

**Keywords:** innovative technologies, labor education, technology education, information and communication technologies, robotics, 3D printing, project-based method, STEAM, creative skills, modern equipment.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Носирзода Боймуҳаммад Носир** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти

кафедраи методикаи таълими технология. Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Айнӣ, 67. Тел.: (+992)905-03-51-23; E-mail: ballamurodov83@mail.ru

**Бобокалонов Наврузбек Ражабович** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи методикаи таълими технология. Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. Тел.: (+992) 000020455.

**Сведение об авторов: Носирзода Боймухаммад Носир** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат педагогических наук, и.о. доцента кафедры методики преподавания технологии. Адрес: 735140, г. Бохтар, Республика Таджикистан, улица С. Айни, 67. Тел.: (+992) 905-03-51-23; E-mail: ballamurodov83@mail.ru

**Бобокалонов Наврузбек Ражабович** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры методики преподавания технологии. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айнӣ 67. Тел.: (+992) 000020455.

**Information about the authors: Nosirzoda Boymukhammad Nosir** – Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the Department of methodology of teaching technology. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Ayni street 67. Tel.: (+992) 905-06-51-23; E-mail: ballamurodov83@mail.ru

**Bobokalonov Navruzbek Razhabovich** – Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, lecturer of the Department of methods of teaching technology. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini st., 67. Phone: (+992) 000020455.

**ТДУ 574: [502+37.033+338] (575.3)**

# ТАРБИЯ ВА МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Сайдаҳмадзода Дилором**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мафҳуми тарбия ва маърифати экологӣ маҷмуи муносибатҳои шахсӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ, арзишҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо ва талабот, қоидаҳо, одатҳо мебошад, ки татбиқи онҳо сифати устувори муҳити зист, бехатарии экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табииро таъмин мекунад.

Мақсади асосии ташаккули тарбияи ва маърифати экологӣ дар марҳилаи имрӯза муттаҳид намудани саъю кӯшиш ва масъулияти муштараки тамоми сохторҳо, иттиҳодияҳои касбию ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар ташаккули тарбия. ҷаҳонбинӣ ва масъулияти баланди экологии аҳолӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои зерини ба ҳам алоқамандро ҳал кардан лозим аст:

- тарбияи экологии томактабӣ, мактабӣ ва беруназсинфӣ;
- азнавтайёркунии касбӣ ва такмили ихтисоси роҳбарон ва мутахассисоне, ки барои қабули қарорҳо дар соҳаи истифодаи табиат, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологии аҳолӣ масъуланд;
- кори доимию мақсаднок дар ҳамаи сатҳҳо ва сохторҳои ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор оид ба таҳияи механизми иқтисодӣ ва заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи истифодаи табиат, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологии аҳолӣ;
- паҳн кардани донишҳои экологӣ;

- ҷалби воситаҳои ахбори омма бо мақсади муттаҳид кардани сокинони шаҳр дар атрофи масъалаи ҳифз ва беҳбуди муҳити зист.

Мутаассифона дар солҳои охир бо мақсади пайи дарёфти фоида, баъзе нерӯҳо ба экологияи ҷаҳонӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод карда ба нобудшавии табиат ва боигариҳои он оварда мерасонанд. Аз ҷумла суръати бо шиддати тараққиёти илму техника ва истифодаи технологияҳои саноатӣ, афзоиши аҳолии кӯраи замин, заҳролудшавӣ ва ғайра аз ҷумлаи омилҳои хатарафзои табиату муҳити зист ба шумор мераванд. Бояд тазаккур дод, ки тамоми ин олудагию харобиҳои мавҷуд дар табиат аз истифодаи нодурусти инсон нисбат аз дороиҳои табиат аст. Расидани инсон барои фаъолиятҳои беандоза ва пешбурди рушди иқтисоду иҷтимоъ, сабаби хароб кардани табиат шудааст. Ин харобкорӣ дар обу ҳаво дигаргуни дар кураи замин ба вуҷуд овардааст, ки ҳаёт ва саломатии дигар мавҷудоти зиндаро ба хатар андохтааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки бо мақсади баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон, омӯзиши табиат ва ҳифзи боигариҳои он ҳамчун бахши дахлдори назарияи таълим дар баробари соҳаҳои ахлоқӣ, экологӣ ва дигар соҳаҳои маориф хуб баррасӣ карда шавад [8, с. 154-158].

Дар ҷодаи ҳифзи табиат ва муҳофизати боигариҳои он, рафъ ва пешгирии оқибатҳои мушкилоти экологӣ, тарбия ва маърифати экологии ҷомеа муҳим аст, ки тамоми қишрҳои ҷомеа дар бораи онҳо тасаввуроти амиқ дошта бошанд ва ҳамзамон омилҳои пайдоиш, микёси паҳншавӣ, оқибатҳо ва роҳҳои пешгирии онҳоро донанд. Моҳияти ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки баробари пешрафти ҷомеа ҷараёни таъсири фаъолияти инсон ба муҳити табиӣ васеъ шуда, дар заминаи инқилоби илмӣ-техникӣ босуръат идома меёбад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят хирадмандона таҳаввулоти бухрони экологии сайёраро мавриди назар қарор дода, дар мақолаи худ «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XXI» дурандешона чунин таъкид намуда буданд: «Тағйир ёфтани табиат дар назди одамон талаботи қатъӣ мегузорад, ки ба ҳамдигар оқилона, хайрхоҳона ва эҳтиромона муносибат намоянд» [6, с. 473].

Тарбия, маърифат ва фарҳанги экологӣ метавонад дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба масъалаҳои экологӣ ва фароҳам овардани шароит барои ноил шудан ба устувории экологӣ ва некӯаҳволии сайёраи мо мусоидат намояд. Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани тарбия ва маърифати экологӣ байни табиат ва иқтисодиёт робитаи зич ба вуҷуд меояд, зеро дар ин ҳолат маҷмуи пурраи принсипҳо, назарияҳо ва усулҳо пешниҳод мешавад, ки ниҳоят дар баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳо кӯмаки калон хоҳад расонид.

Бояд зикр намуд, ки маърифати экологӣ ҳамзамон омили асосии рушди иқтисодӣ мебошад, зеро истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва технологияҳои экологӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва тавсеаи истеҳсолоти экологӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, рушди маърифати экологӣ ба беҳтар шудани сифати зиндагии одамон, фароҳам овардани муҳити бароҳат ва бехатар барои зиндагӣ ва кор мусоидат мекунад. Қабул ва татбиқи принсипҳо ва арзишҳои маърифати экологӣ имкон медиҳад, ки аз назари қаблӣ ба табиат ҳамчун манбаи беохир ва бепоён даст кашида шавад ва он ҳамчун сарвати арзишманд, ки муносибати эҳтиёткорона ва ҳифзи доимиро талаб мекунад, баррасӣ шавад [3, с.368-371].

Дар мавриди ташаккулёбии шуур, тарбия ва ташаккули маърифати экологӣ ва дар асоси он бунёди маданияти экологӣ дар баробари дигар субъектҳо нақши воситаҳои ахбори омма низ дар хеле бориз аст. ВАО мувазззаф аст, ки ҷомеаро аз натиҷаҳои даҳшатовари муносибатҳои бераҳмона ба табиат огоҳ созад, барои ба ин мақсадҳо расидан рузноманигорони ояндаро зарур аст,ки аз курсҳои махсуси омӯзиши табиат, оқилона истифода бурдани сарватҳои он ва маърифати экологӣ гузашта донишҳои

замонавиро дар ин бахш омӯзанд ва ҳангоми фаъолияти хеш онҳоро васеъ истифода баранд. Воситаҳои ахбори омма дар баробари хабар додан аз навтарин бозёфтҳо ва таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи экология инчунин вазифадор аст, ки дар бораи мушкилоти гуногуни экологӣ, роҳҳои баланд бардоштани тарбия ва маърифати экологии шаҳрвандон, ҳамзамон фаъолияти лоиҳаҳои муваффақ дар соҳаи иқтисодиёт мақолаву гузоришҳоро бештар нашр намоянд. Инчунин бо мақсади муҳокима ва мубодилаи афкор аз рӯи ин масъалаҳо барномаҳо ва минбарҳои баҳсӣ ташкил намуда, метавонад таваҷҷуҳи оммаи васеъро ба масъалаҳо ва ташаббусҳои экологӣ ҷалб намояд, муносибати мусбӣ ба муҳити зистро эҷод карда ба ташаккули огоҳӣ ва ҳавасмандии экологӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва рушди ояндаи устувор кӯмак намояд.

Баланд бардоштани огоҳӣ ва таълим дар бораи масъалаҳои экологӣ имкон медиҳад, ки қарорҳои оқилона қабул карда шаванд, оқибатҳои онҳо ба муҳити зист ва захираҳои табиӣ дарк гарданд. Ҷорӣ намудани принсипҳои маърифати экологӣ метавонад шаклҳои маъмулии рафторро тағйир диҳад ва равишҳои алтернативии ҳалли мушкилоти глобалии экологиро пешниҳод кунад. Ин метавонад истифодаи технологияҳои тоза ва каммасраф, гузариш ба истифодаи даврии захираҳо ва идоракунии партовҳо, инчунин коҳиш додани вобастагӣ ба сӯзишвории истихроҷии барқарорнашаванда ва рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергияро дар бар гирад. Умуман, рушди маърифати экологӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ миқдори зиёди бартариҳо ва имкониятҳои фоидаоварро пешниҳод менамояд [2, с. 284].

Ҳуҷҷати асосие, ки принсипҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва иқтисодии сиёсати давлатиро дар соҳаи маърифати экологии аҳолӣ ба танзим медарорад, Қонуни ҶТ«Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» мебошад, ки 29 декабри соли 2010 таҳти № 673 ба имзо расида аз 4 боб ва 17 модда иборат аст. Дар қонуни мазкур доир ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифати экологии аҳолӣ, фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки ба таъмини шароит барои амалӣ намудани омӯзиши экологии аҳолӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсони воқеӣ ҷиҳати ташаккулёбии фарҳанги умумӣ ва тахассусии экологии шахс ва ҷомеа равона шудаанд мушаххас зикр шуда, ҳадди ақали маърифат ва дониши экологӣ чунин шарҳ дода шудааст:

- маърифати экологӣ - раванди таълим, ки мақсади он аз маърифати экологӣ баҳравар кардан, дар рӯҳи маърифати экологӣ таълиму тарбия додан, пойдор гардонидани фарҳанги экологӣ, дуруст ва оқилона муайян кардани тамоили донишандӯзӣ, нишон додани қобилият ва ташаккули рафтори дурусти шахсони алоҳида ва аҳолӣ оид ба ҳифз ва истифодаи табиат иборат мебошад;
- фарҳанги экологӣ – қисми таркибии фарҳанги умумибашарӣ ва миллиест, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ, арзишҳои ахлоқӣ, меъёр ва усулҳои таъсири мутақобилаи ҷамъиятро бо муҳити зист дар бар мегирад ва меросан барои ташаккулёбии дониш ва маърифати экологӣ дар шуур ва ахлоқи ҷамъиятии одамон дар тӯли ҳаёт ва фаъолияти наслҳо, ки ба ҳаёти солим, болоравии маънавиёти ҷамъият, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, бехатарии экологии кишвар ва ҳар фарди алоҳида мусоидат менамояд;
- дониши экологӣ – бахши маърифати ҷамъиятиест, ки ба истифодаи бошууронаи табиат ва таъмини муҳити зисти бехатар барои инсон равона шудааст;
- дониши экологии ҳадди ақал - ҳаҷми камтарини донишҳои зарурӣ барои ҳар як узви ҷомеа аст, ки мақсад аз он истеҳсоли бехавф ва каммасраф, сарфаи захираҳои табиӣ ва энергия, барқарорсозии хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳо, инчунин муҳити зист ва ташаккули муносибати эҳтиёткорона ба он мебошад [4, с.1].

Солҳои охир мушкилоти тарбия ва маърифати экологӣ характери глобалӣ пайдо карда, ба яке аз мавзуъҳои асосии сиёсати байналмилалӣ табдил ёфтааст. Шумораи аҳолӣ ва истеъмолот босуръат афзуда, таваҷҷуҳ ба ҳифзи табиат коҳиш ёфтааст. Ин ба афзоиши истеҳсолот, партовгоҳҳои нав ва паст шудани сифати зиндагӣ оварда мерасонад. Бо мақсади аз байн бурдани чунин хатарҳо, СММ дар солҳои 70-80-уми асри гузашта, консепсияи рушди устувор - бидуни зарар ба наслҳоиояндаро ба тавсиб расонидааст. Стратегияи рушди иқтисоди сабз бори аввал аз тарафи конфронси байналмилалӣ оид ба рушди устувори иқтисодӣ ва муҳити зист соли 1992 дар Бразилия (Рио-де-Жанейро) ва соли 2002 дар Африқои Ҷанубӣ (Йоханнесбург) қабул карда шуд, ки барои ташаккули иқтисодиёти сабз асос гузоштааст.

Унсури дигари таъсиркунандаи раванди тарбия ва маърифати экологӣ ин “Иқтисоди сабз” мебошад,ки тамоми намудҳои фаъолият ва нававариҳоро дар бар гирифта ба истифодаи устувори захираҳои табиӣ, кам кардани партовҳои моддаҳои олудагиовар, баланд бардоштани самаранокии энергия, рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия, истифодаи устувори захираҳои замин ва ғайра нигаронида шудааст. Иқтисоди сабз ба экология ва муҳити зист таъсири назаррас дорад. Ҷорӣ намудани равандҳои иқтисоди сабз ба ҳифзи гуногунии биологӣ ва мувозинати экосистемаҳо мусоидат мекунад, ки омили муҳимми ҳифзи муҳити табиӣ барои насли оянда буда, дар баланд бардоштани тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ низ метавонад саҳми босазо гузорад.

Инсоният тавонист дар асри XX фоҷеаҳои хеле зиёди экологӣ эҷод намояд, аммо дар асри XXI бисёр мушкилоти экологӣ, аз ҷумла тарбия ва маърифати экологӣ, аз тарафи инсоният метавонад роҳи ҳал пайдо намояд. Чунки тарбия ва маърифати экологӣ ин нахуст дониши оддӣ буда, зинаи аввали камолоти инсон ба ҳисоб меравад.

Ташаккул ва таҳкими маърифати экологӣ дар рушди муносибати бошуурона ва масъулиятшиносии одамон нисбат ба муҳити зист нақши амиқ ва назаррас дошта, инчунин ба рушди соҳибкории самаранок дар соҳаи экология мусоидат мекунад. Маърифати экологӣ ба ҳар як шахс имкон медиҳад, ки шаҳрванди бошууртар ва масъулиятноктар шавад, ки тавони қабули қарорҳои оқилона ба манфиати муҳити зист ва иштироки фаъолона дар чорабиниҳои мухталифи ҳифз ва нигоҳдории онро дошта бошад. Илова бар ин, он барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба масъалаҳои экологӣ ва фароҳам овардани шароит барои ноил шудан ба устувории экологӣ ва некӯаҳволии сайёраи мо мусоидат мекунад [2, с. 280].

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандона ва сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала диқати ҷиддӣ дода саъю кӯшиш дорад, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон меъёрҳо ва ҳуқуқи байналмилалиро дар соҳаи тарбия ва маърифати экологӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ пос дорад. Чуноне, ки дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамоянд «Ҳоло Тоҷикистон, тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ аз лиҳози истеҳсоли нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол мекунад. Кишвари мо имконият дорад, ки баъди ба кор андохтани иқтидорҳои нав, аз ҷумла нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” аз лиҳози фоизи истеҳсоли нерӯи барқ аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷаҳон ба ҷойи дуюм ё сеюм барояд. Ин саҳми Тоҷикистон дар ҳалли яке аз мушкилоти глобалӣ – кам кардани партовҳои гази карбон ба ҳавои атмосфера ва коҳиш додани оқибатҳои манфии гармшавии иқлим хоҳад буд. Дар робита ба ин ҳамчунин, зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил

додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир кунем» [5, с.8].

Ташкили тарбияи самараноки экологии шаҳрвандон имконият фароҳам меорад, ки инсон муҳити зистро ҳифозат кунад, тоза нигоҳ дорад, сарватҳои онро афзун гардонад. Худ дар он сиҳату саломат умр ба сар барад ва муҳити зисти аз ҷиҳати экологӣ тозаро ба наслҳои оянда боқӣ гузорад. Дар ин замина ташаккул додани ҳисси табиатдӯстии шаҳрвандон, ба баррасии ҷанбаҳои инкишофи таърихии муҳити зист, мушкилот, муаммоҳо ва садамаҳои экологӣ ва билохир, истифодаи оқилонаи манбаъ ва захираю боигариҳои табиат низ бештар маълумотҳои мушахасси илмию назариявӣ додан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳар як шаҳрвандро зарур аст, ки доир ба масъалаҳои тавсифу тавзеҳи мафҳумҳои табиат-инсон-ҷомеа, урфу одат ва алоқамандии инсон бо табиат, мавзеҳои зебою гуногунранги он шинос шуда, донишҳои возеҳу саҳеҳ пайдо кунад [7, с.305].

Инчунин барои тарбия ва баланд бардоштани маърифати экологӣ, ки яке аз омилҳои рушди иқтисодиёти ҳар як кишвар мебошад системаи таълими пайвастаи иловагии педагогӣ дар соҳаи экологӣ ва иқтисодӣ хеле зарур аст. Чуноне, ки муҳаққиқ А. Ф. Аменд қайд менамояд ин система бояд аз зерсистемаҳои зерин иборат бошад:

- таҳсилоти иловагӣ (таҳсили такмили ихтисос), ки аз ҷониби донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандони маориф ва филиалҳои онҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ амалӣ карда мешавад.
- корҳои илмию методие, ки бевосита аз тарафи муассисаҳои таълимӣ таҳти роҳбарии кафедраҳо, марказҳои илмӣ, олимон ва ғайра ташкил карда мешавад;
- корҳои методӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешаванд;
- худомӯзӣ – нақшаи инфиродии инкишофи маҳорати касбии муаллим дар соҳаи таълими экологӣ ва иқтисодӣ [1, с. 5-7].

Хулоса тарбия, маърифат ва таълими экологӣ-иқтисодиро метавон дар асоси модели омехта, ки ҳамгироии курсҳои асосӣ, махсус ва факультативиро дар бар мегирад, амалӣ кард. Ҳамин тавр, пайванди устувори системаи тарбия, маърифат ва таълими экологӣ-иқтисодиро бо пайвастагии барномаҳои таълимии сатҳҳо ва самтҳои гуногуни соҳаҳои таълимии дахлдор мебоояд таъмин намуд.

**Адабиёт**

1. Аменд, А. Ф. Теория и практика непрерывного эколого-экономического образования [Текст]: монография / А.Ф. Аменд. – Челябинск: Изд-во Чел. гос. пед. ун-та «Факел», 1996. – 152 с.

2. Досиев, М. Н. Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»: назария, методология, амалия [Матн]: дис... барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ). – Душанбе, 2024. – 344 с.

3. Короленко, А. Д. Современное значение «умного регулирования» как нового направления государственного регулирования экономики [Текст] // Молодой ученый. – 2015. – № 4 (84) – С.368-371.

4. Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ», 29.12.2010 таҳти № 673, Боби 1, Моддаи 1. [Матн] [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: prezident.tj /event/missives /17365

5. Раҳмон, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 [Матн] [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: prezident.tj /event/missives /17365

6. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 3. – 511 с.

7. Сайдаҳмадзода, Д. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд [Матн]. – Душанбе, 2022. – Ҷилди V. – 479 с.

8. Сайдаҳмадзода, Д. Тарғиби ҳифзи табиат ва муҳити зист дар осори мутафаккирони форсу тоҷик [Матн] // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовиддинови АМИТ. – 2023. – № 4. – С. 154-158.

## ТАРБИЯ ВА МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Муаллиф дар мақолаи хеш қайд менамоянд, ки тарбия, маърифат ва фарҳанги экологӣ метавонад дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ аз масъалаҳои экологӣ ва фароҳам овардани шароит барои ноил шудан ба устувории экологӣ ва некӯаҳволии сайёраи мо мусоидат намояд. Ҳамзамон, ишора шудааст, ки дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани тарбия ва маърифати экологӣ байни табиат ва иқтисодиёт робитаи зич ба вуҷуд меояд, зеро дар ин ҳолат маҷмуаи комили принсипҳо, назарияҳо ва усулҳо пешниҳод мешавад, ки ниҳоятан дар баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳо кӯмаки калон хоҳад расонид.

Бояд гуфт, ки маърифати экологӣ омили асосии рушди иқтисодӣ мебошад, зеро истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва технологияҳои экологӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва тавсеаи истеҳсолоти экологӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, рушди маърифати экологӣ ба беҳтар шудани сифати зиндагии одамон, фароҳам овардани муҳити бароҳат ва бехатар барои зиндагӣ ва кор мусоидат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандона ва сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала диқати ҷиддӣ дода, саъю кӯшиш дорад, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон меъёрҳо ва ҳуқуқи байналмилалиро дар соҳаи тарбия ва маърифати экологӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ п дорад.

**Калидвожаҳо**: тарбияи экологӣ, малака ва маърифати экологӣ, тарбияи экологӣ – иқтисодӣ, таълими экологӣ - иқтисодӣ, донишҳои экологӣ, вазъи экологӣ, фарҳанги экологӣ, муҳити зист, захираҳои табиӣ, рушди устувори иқтисодӣ,

## ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ И ОБРАЗОВАНИЕ КАК ФАКТОР ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ СТРАНЫ

Автор отмечает, что экологическое образование, воспитание и экологисеская культура могут способствовать повышению осведомленности общественности об экологических проблемах и созданию условий для достижения экологической стабильности и благополучия нашей планеты. Также отмечена, что при правильной реализации экологического образования и просвещения создается тесная связь между природой и экономикой, поскольку это обеспечивает полный набор принципов, теорий и методов, которые в конечном итоге будут в

значительной степени способствовать повышению эффективности и конкурентоспособности предприятий.

Следует отметить, что экологическая грамотность является ключевым фактором экономического развития, поскольку устойчивое использование природных ресурсов и экологически чистых технологий способствует созданию новых рабочих мест и расширению экологически чистого производства. Кроме того, развитие экологического сознания способствует повышению качества жизни людей, созданию комфортной и безопасной среды для проживания и работы.

Республика Таджикистан под мудрым руководством и конструктивной политикой Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона уделяет серьезное внимание данному вопросу и стремится к соблюдению международных норм и права в области экологического образования и просвещения, устойчивого развития экономики и улучшения экологической обстановки, как полноправный член мирового сообщества.

**Ключевые слова:** экологическое воспитание, экологические навыки и знания, эколого-экономическое воспитание, эколого-экономическое образование, экологические знания, экологическая ситуация, экологическая культура, окружающая среда, природные ресурсы, устойчивое экономическое развитие.

## ENVIRONMENTAL EDUCATION AND AWARENESS AS A FACTOR IN THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

The article emphasizes that environmental education, awareness, and culture play a vital role in raising public consciousness about environmental issues and creating conditions for achieving environmental sustainability and the well-being of our planet. Properly implemented, environmental education establishes a strong link between nature and the economy, as it offers a comprehensive set of principles, theories, and methods that significantly contribute to improving the efficiency and competitiveness of enterprises.

Environmental awareness is identified as a key factor in economic development, since the sustainable use of natural resources and the application of eco-friendly technologies foster job creation and the expansion of environmentally responsible production. Furthermore, strengthening environmental awareness helps improve the quality of life, creating a comfortable and safe environment for living and working.

The Republic of Tajikistan, under the wise leadership and constructive policy of the Founder of Peace and National Unity – the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, H.E. Emomali Rahmon, attaches great importance to this issue. The country strives to comply with international norms and regulations in the areas of environmental education, sustainable economic development, and ecological improvement, as a full-fledged member of the global community.

**Keywords:** environmental education, environmental awareness, eco-economic education, environmental knowledge, environmental culture, ecological situation, natural resources, sustainable economic development.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Сайдаҳмадзода Дилором -** муовини директори такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. Нишонӣ:

734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Тел.: (+992) 987-21-29-22, 933-700-600, e-mail: sdl6868@mail.ru

**Сведения об авторе: Саидахмадзода Дилором** – заместитель директора по повышению квалификации и переподготовке государственных служащих Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат педагогических наук, доцент. Адрес: 734003, г. Душанбе, ул. Саида Насира 33, Тел.: (+992) 987-21-29-22, 933-700-600, e-mail: sdl6868@mail.ru

**Information about the author: Saidahmadzoda Dilorom** – Deputy Director for Advanced Training and Retraining of Civil Servants of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. Address: 734003, Dushanbe, Said Nasir Street 33, Tel.: (+992) 987-21-29-22, 933-700-600, e-mail: sdl6868@mail.ru

**ТДУ 37.02: [373+371] (575.3)**

# ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ФИКРИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

**Абдусамадова Мунира Абдуғаффоровна**
Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд

Синфҳои ибтидоӣ зинаи аввали таҳсилот дар низоми маориф мебошад, бинобар ин дар он асосҳои дониш ва малакаҳое, ки барои таълим ва тарбияи минбаъдаи шахс заруранд, гузошта мешаванд. Ин ба таваҷҷуҳи зиёд ба ворид кардани дигаргуниҳои зарурӣ дар барномаи синфҳои ибтидоӣ вобаста аст. Дар чаҳорчӯбаи навсозии консепсияи муосири таълим, аксар омӯзгорон бо зарурати аввал ташаккул додани қобилиятҳои фикрӣ дар хонандагон рӯ ба рӯ мешаванд, ки барои рушди минбаъдаи инфиродӣ асос хоҳанд буд. Ин мушкилот бо он бештар мешавад, ки бо калон шудани кӯдак иқтидори рушди истеъдоди инфиродӣ, имконияти ташаккул ва рушди пурраи қобилиятҳои ӯ коҳиш меёбад.

Сатҳи инкишофи қобилияти фикрии хонандагони синни хурди мактабӣ пеш аз ҳама ба қобилиятҳои махсус, сифатҳои шахсияти онҳо вобаста мебошад. Аз муҳокимаҳои олимони соҳа чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки сафи хонандагони серқобилият ва наслҳои беҳтарини лаёқатмандро зиёд кардан бар манфиати кори таълиму тарбияи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Мушкилоти раванди рушди қобилияти фикрронии хонандагонро олим Г. А. Ковалев дақиқтар баён кардааст. Вай изҳор медорад, ки ошкор кардан ва рушд додани қобилиятҳои инфиродӣ танҳо дар раванди иҷрои вазифаҳои махсус, ки маводҳоеро дар бар мегиранд, ки ба ҷустуҷӯи эҷодии ҳалли имконпазир, ки дар доираи раванди классикии таълим душвор аст, амалӣ карда мешавад [6, с.189]. Инчунин, фардикунонии мавод ва вазифаҳои дар раванди таълим истифодашаванда ва фарқ кардани уфуқҳои омӯзиш ва рушд мувофиқи муносибати шахсӣ талаб карда мешавад.

Дар ин радиф, педагоги барҷаста К. Д. Ушинский чунин меҳисобид, ки мустақилона фикрронии хонанда ҳангоми бевосита иҷро намудани кори мустақилона ба вуҷуд меояд; мустақилият дар омӯзиш диққати хонандаро зиёд мекунад ва ӯ маводро бодиққат хонда, сатҳи фикрронии ӯ фаъол мегардад ва нисбат ба кор масъулият ҳис мекунад [8].

Бояд иброз намуд, ки дар синни хурди мактабӣ доираи дониш ва таҷрибаи ҳиссии бача васеъ шуда, ба ташаккули идроку тафаккури ӯ шароитҳои мусоид фароҳам меоянд: хаёли ӯ босуръат инкишоф меёбад ва нишонаҳои аввалини диққати ихтиёрӣ ва хотираи маънавӣ-мантиқӣ шакл мегирад.

Дар синни хурди мактабӣ суръати инкишофи қобилияти маърифатии хонандагон дар як сатҳи муайян шакл мегирад. Зеро дар ин раванд қобилияти ҷудо карда тавонистани рангҳо, шакл, ҳаҷм, андоза ва сохти ашё, фонемаҳои овозӣ, суръати пасту баланд садодиҳии овозҳо тез инкишоф меёбанд. Дастҳо барои ламскунӣ тайёр мешаванд. Ҳамаи ин тағиротҳои ба амал омада, ба тағирёбии фаъолияти хонанда ва ба омӯхтани шаклҳои нави амалҳои фикрии ӯ вобаста мебошад.

Қобили қайд аст, ки хонанда идроки ашёҳоро тавассути аз худ намудани таҷрибаи ҷамъиятӣ меомӯзанд. Лекин инкишофи қобилияти фикрии хонандаро дар рафти муташаккилона ба роҳ мондани таълиму тарбия интизор шудан мумкин аст. Масалан, барои ин машғулиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, бозиҳои дидактикӣ, ёд додани ҳалли супоришҳо ва масъалаҳои хусусияти дақиқдошта ва омӯзонидани амалҳои фикрӣ: муқоиса, таҳлил, таркиб, ҷамъбасткунӣ ба инкишофи қобилияти фикррониии хонанда мусоидат мекунанд.

Дар натиҷаи ин идроки хонанда пурмазмун, пурра, ботартибтар ва равшантар мешавад. Барои инкишофи идроки хонанда моҳияти ташкил ва баргузории дарсҳои мушаххасу намунавии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз фанҳои омӯхташавандаи стардарти таълимии синфҳои ибтидоӣ аҳамияти калон дорад.

Дар зинаи таҳсилоти ибтидоии мактабӣ тафаккури кӯдак дар рафти фаъолиятҳои мушаххаси ҷанбаи амалидошта шакл мегирад. Аз ин рӯ, ба туфайли омӯхтани тарзҳои иҷрои амал ва дар фаъолияти амалӣ истифода бурдани донишҳои пештара тафаккури хонандаро инкишоф медиҳад. Ба хонанда мунтазам супориш додан лозим аст, ки ӯ ба мустақилона фикркунӣ одат намояд. Бинобар ин масъалаҳое, ки ба бача дар рафти иҷрои ин ё он супориш дода мешавад, ҳамаи он дар атрофии се шакли масъалаҳои фикрӣ муттаҳид мешаванд, ки онҳоро дида мебароем:

А) бо роҳи айёнӣ-амалӣ;

Б) бо роҳи айёнӣ-образӣ;

В) бо роҳи муҳокимаҳои мантиқӣ [9].

Барои инкишофи тафаккури хонандаи хурдсол тарзҳои иҷрои амалҳои фикрӣ аҳамияти калон дорад. Аз ин нигоҳ, аввал хонанда бо ашёҳои аниқи воқеӣ тарзҳои иҷро кардани амалҳои гуногунро ёд мегирад. Баъдан, дар рафти фаъолият хонанда аз иҷрои амалҳои зоҳирӣ-психикӣ ба амалҳои ботинӣ-психикӣ мегузарад. Дар натиҷаи ин ӯ тарзҳои бо ашёҳо амал кардан шинос мешавад ва тавассути ин дар доираи донишу тасаввуроти вай тағиротҳо ба вуҷуд меояд. Акнун дар хотираи ӯ донишу мафҳумҳои муайян шакл мегиранд [9]. Тавассути истифодаи амалҳои интериоризатсия ва амалҳои экстериоризатсия хонанда аз хелҳои тафаккури айёнӣ-образӣ ва калимагӣ-мантиқӣ истифода мебарад.

Дар ин зина дар хонандагони хурдсол тафаккури каломӣ ва нутқӣ бо суръати тез инкишоф меёбад. Ин дар навбати худ хонандаро ба он водор мекунад, ки нисбат ба нутқи дигарон бодиққат бошад ва ба моҳияту мазмуни нутқи дигарон сарфаҳм равад ва ҳоказо.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи васеъ шудани таҷрибаи амалӣ, кӯдак ба ҳалли масъалаҳои мушаххас рӯ меорад. Агар шартҳо ва тарзҳои ҳалли масъала ба ӯ фаҳмо бошад, дар он сурат ӯ дар асоси далелҳои муайян ба таври мантиқӣ ва системанок фикр мекунад ва супоришҳои ба зима гирифтаашро ҳал мекунад.

Тарзҳои муҳокима ва фикрронии хонандаи хурдсол бисёртар хусусияти умумӣ дорад. Чунки хонанда дар рафти муҳокимаронии куллӣ, яъне хусусиятҳои муҳимми ашёҳо ва ҳодисаҳоро якҷоя муттаҳид ва ҷамъбаст карда наметавонад [5]. Масалан, кӯдакони 7-8-сола аз рӯи расми ҳайвонот тасвир ёфта ба таври зайл муҳокима меронанд: «Асп ҳайвон аст, чунки вай алаф мехӯрад ва одамон ба вай савор мешаванд». «Хирс ҳам ҳайвон аст, чунки вай дар беша зиндагӣ мекунад» ва монанди инҳо.

Дар рафти муҳокимаҳо маводи омӯхташаванда ва ё аз нав нақл кардани маънои ҳикояву афсонаҳо дар як навбат нутқи хонанда инкишоф меёбад. Зеро тавассути нутқ ӯ фикрҳояшро ифода мекунад. Зимнан, инкишофи тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим сурат мегирад. Махсусан барои инкишофи тафаккури хонанда бозиҳои ҷанбаи дидактикидошта аҳамияти калон дорад.

Раванди фаъолияти таълимӣ дар инкишофи тафаккури хонанда таъсири калон мерасонад. Натиҷаи тадқиқотҳои равоншиносон ва педагогон нишон медиҳанд, ки дар асоси тағйир додани мазмун ва мундариҷаи кори таълим ва истифодаи усулҳои самарабахш дар заминаи тафаккури мушаххас дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тафаккури абстрактиро инкишоф додан мумкин аст. Вале дар синни томактабӣ бошад, барои инкишофи тафаккури айёнӣ-образии бачагон шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешавад, то ки минбаъд дар давраи ба таълими мактабӣ ҷалб гаштани онҳо дар кори таълим монеа эҷод нагардад. Барои инкишофи тафаккури айёнӣ-образии хонанда пеш аз ҳама иҷрои ҳалли супоришҳои амалҳои фикрӣ ва васеъ шудани доираи чунин масъалаҳои фикрӣ дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад. Албатта, мунтазам шумораи ҳаҷми ҳал кардани чунин шакли масъалаҳоро тадриҷан зиёд кардан лозим аст [2]. Ҳалли ин гуна масъалаҳо ба инкишофи тахайюлоти хонандагон мусоидат мекунад. Мушоҳидаҳое, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 24-и шаҳри Хуҷанд гузаронида шуд нишон медиҳанд, ки тахайюлот ва қобилияти фантазияи бача бисёр бой ва ниҳоят аҷоибу рангин аст. Мо амалу ҳаракат ва фаъолияти хонандагонро дар рафти бозиҳои математикӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти семаҳсул мушоҳида карда, чунин тасаввур мекунем, ки барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ду олам - олами чизҳои ҳиссӣ, воқеӣ ва дунёи тахайюлоту фантазияҳои рангин вуҷуд дорад. Олами тахайюлот ва фантазияи асрорангези хонандагони хурдсол дар бозиҳои математикӣ маҳсули фаъолияти эҷодии онҳоро бисёр аниқу равшан инъикос гардонид. Баъзе муҳаққиқон аз хаёлоти рангини хонандагон як ҷаҳон маъниро пай бурда, ба хулосае омаданд, ки гӯё хаёл ба эҷод ва офариниши манбаъҳои хаёлӣ мутааллиқ аст.

Вале натиҷаи тадқиқоти олимон ва хулосаҳои мо нишон медиҳанд, ки сабаб ва манбаи инкишофи хаёл ба қонуниятҳои синнусолии хонандагони синни хурди мактабӣ вобаста набуда, балки тавассути самаранок ташкил кардан ва ба роҳ мондани

фаъолияти сермаҳсул; расмкашӣ, кулолӣ, тарҳсозӣ ва муҷассамасозӣ тахайюлоти бача бо суръати тез инкишоф меёбад [7].

Дар фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ диққат ва хотираи ихтиёрӣ бартарӣ дорад. Хонанда диққаташро ба дарс менигаронад, ба шарте, ки муаллима нисбати ҳамон дарс ҳаваси хонандаро ба вуҷуд оварда, эмотсияҳояшро бедор кунад, дар он сурат маводи таълимиро дар хотир нигоҳ медорад. Образҳои айёниро хонандагони хурдсол нисбат ба муҳокимаҳои калимагӣ тезтар ва зудтар ба хотир мегиранд [1].

Дар охири таҳсили синни хурди мактабӣ аз тарзу усулҳои бахотиргирӣ бо роҳи такрори калимаҳо ва ибораҳои забони модарӣ, ҳалли амалҳои математикӣ, мустақилона тасвир намудани расми ашёҳо ва ё манзараҳо, хондани суруд аз рӯи ритми муайянро истифода мебарад. Аз ин рӯ, инкишофи ҳамаи равандҳои маърифатии хонандагони синни 7-11 сола ба инкишофи нутқи онҳо алоқаи зич дорад. Зеро нутқ василаи тафаккур аст.

Л. С. Виготский яке аз аввалин донишмандонест, ки масъалаи таълим ва инкишофи равониро аз ҷиҳати назариявӣ инкишоф дода, дар муборизаҳои идеявӣ онро ҳимоя кардааст. Ӯ нишон дода буд, ки таълим бояд инкишофдиҳанда бошад. Таълимро тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки вай ба инкишофи вазифаҳои олии психикӣ тафаккури мантиқӣ, хотираи маъногӣ, хаёли эҷодӣ ва иродаи устувору мақсадноки бача мусоидат кунад [3].

Дар пайванд бо андешаҳои боло бояд қайд намуд, ки яке аз самтҳои асосии ташаккули қобилиятҳои фикрии хонандаи хурдсол - ин вазифаест, ки дар назди ҳар як омӯзгор меистад ва вазифаи аввалин дараҷа низ ба ҳисоб меравад. Дар баробари тарбияи фикрии хонандагон бояд оиди ташаккулёбии мустақилияти хонанда ҳарф зада, ҳаминро ба назар гирифтан лозим аст, ки ду масъалаи муҳим ба ҳамдигар бе восита алоқамандро ҳатман ба назар гирифтан лозим аст.

Якум, дар хонанда ташаккул додани қобилияти мустақилона кор кардан ва ин восита инкишоф додани ҷаҳонбини онҳо.

Дуюм, лозим аст ба хонандагон талқин шавад, ки дониши омӯхтаи онҳо дар амалия зарурат пайдо мекунад, яъне донишҳои назариявии онҳо дар амал татбиқ хоҳад шуд. Ҳамаи ин фаъолияти мустақилиятнокии хонандагонро мустаҳкам намуда, ҳиссиёти шахсият ва инкишофи қобилиятҳои фикрии онҳоро сайқал медиҳад [4].

Самараноки кори мустақилона ҳамин вақт маълум мешавад, ки агар он ҳамчун як ҷузви ҷараёни омӯзиш ба ҳисоб равад ва барои иҷро намудани он дар рафти дарс вақти муайянро ҷудо намоянд ва агар он аз руйи нақша ба таври муназзам ташкил шуда бошад, на фавқулоди ва тасодуфӣ.

Танҳо дар ҳамин ҳолат дар хонандагон малака ва маҳорати иҷро намудани корҳои гуногуни синфию хонагӣ пайдо мешавад ва суръати иҷроиши онҳо низ аз тарафи хонандагон тезтар мешавад.

Ҳамин тариқ, низоми ҳамаҷонибаи корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ дар мактаб ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки дар хонандагони гурӯҳи омӯзишӣ малакаҳои мустақилона ҷустуҷӯйи иттилоот дар мавзуи додашуда, ҳалли эҷодии вазифаҳои таълимии гузошташуда ва рушди малака ва салоҳиятҳои фикрӣ, ки дар талаботи стандартҳои муосири таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ зикр шудаанд, ташаккул диҳанд.

Марҳилаи ташаккулдиҳандаи омӯзиш оид ба ҷорӣ намудани амсилаи рушди қобилияти фикрронии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба раванди таълим ҳамаи синфҳоро аз синфҳои якум то чорум фаро мегирифт. Самаранокии амсилаи озмоишшаванда бо натиҷаҳои ташхиси гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ, ки пас аз ба итмом расидани марҳилаи ташаккулдиҳанда барои ташаккули малакаҳои фикрии муайяншуда гузаронида шудааст.

**Адабиёт**


1. Абдурахманов, С. Р. Психолого-педагогические аспекты активизации мыслительной деятельности учащихся начальных классов [Текст] // Современные наукоемкие технологии. – 2021. – № 6-2. – С. 288.
2. Барномаи таълими ибтидоӣ [Матн]. – Душанбе: ҶДММ Офсет, 2012. – 111 с.
3. Выготский, Л. С. История развития высших психических функций [Текст] / Л.С. Выготский // Собр. соч.: В 6 т. – М., 2003. – Т.3. – 328 с.
4. Джо Боулер. Безграничный разум. Учиться, учить и жить без ограничений [Текст]. – М.: Изд. Манн, Иванов и Фербер, 2019. – 272 с.
5. Казарян, Э. В. Развитие аналитического мышления и мыслительных способностей учащихся через утверждение демократических принципов и ценностей [Текст] / Э. В. Казарян // Научные вести. – 2022. – № 2(43). – С. 86.
6. Ковалев, Г. А. Пространственный фактор школьной среды: альтернативы и перспективы [Текст] / Г. А. Ковалев, Ю. Г. Абрамова // Учителю об экологии детства. – М., 1996. – С. 189-191.
7. Лутфуллоев, М. ва диг. Методикаи таълими муштарак дар синфҳои ибтидоӣ [Матн]. – Душанбе: Маориф, 1995. – 135 с.
8. Ушинский, К. Д. Избр. пед. соч.: в 2 т [Текст]. – М., 1974. – Том 2. – 195 с.
9. Эльконин, Д. Б. Психическое развитие в детских возрастах [Текст] / под ред. Д.И Фельдштейна; вступительная статья Д.И. Фельдштейна. 2-е изд. – М.: Издательство «Институт практический психологии», Воронеж: НПО «МОДЭК», 1997. – 416 с.


## ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ФИКРИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ


Мақолаи мазкур ба яке аз самтҳои актуалии кори таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст. Дар мақолаи мазкур аз андешаҳои пурмазмуни олимони соҳавӣ самаранок истифода гаштааст. Дар мақола ақидаҳо ва таҷрибаҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ бобати ташаккули қобилиятҳои фикррони хонандагон ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Самтгирӣ ба интихоби дақиқи усулҳо ва воситаҳои мувофиқи таъсири педагогӣ, ҳамчунин банақшагирии пешакии ҳатмии раванди амал ва риояи қатъии нақшаи таҳияшуда мазмуни мақолаи мзкурро фарогир аст. Муаллиф дар мақола нишон додааст, ки асосии ташаккули қобилиятҳои фикрии хонандаи хурдсол - ин вазифаест, ки дар назди ҳар як омӯзгор меистад ва вазифаи аввалин дараҷа низ ба ҳисоб меравад. Дар мақола нишон дода шудааст, ки сатҳи инкишофи қобилияти фикрии хонандагони синни хурди мактабӣ пеш аз ҳама ба қобилиятҳои махсус, сифатҳои шахсияти онҳо мебошанд. Аз муҳокимаҳои олимони соҳа чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки сафи хонандагони серқобилият ва

наслҳои беҳтарини лоёқатмандро зиёд кардан бар манфиати кори таълимутарбияи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** қобилият, фикр, барнома, ташаккул, шахсият, диққат, тафаккур, фаъолият, таълим, хонандагони хурдсол.

## ФОРМИРОВАНИЕ УМСТВЕННЫХ СПОСОБНОСТЕЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

Данная статья посвящена одному из актуальных направлений работы по обучению и воспитанию учащихся начальных классов. В данной статье эффективно используются содержательные мнения ученых данной отрасли. В статье подробно излагаются научные идеи и опыт отечественных и зарубежных ученых по формированию мыслительных способностей учащихся. Ориентация на точный выбор подходящих методов и средств педагогического воздействия, а также обязательное предварительное планирование процесса действий и строгое соблюдение разработанного плана составляют содержание статьи.

Автор в статье показал, что главное в формировании умственных способностей младшего школьника – это задача, стоящая перед каждым педагогом, и она также считается задачей первой степени. В статье показано, что уровень развития умственных способностей учащихся младшего школьного возраста зависит прежде всего от особых способностей, личностных качеств. Из обсуждений отраслевых ученых можно сделать вывод, что в интересах учебной работы учителей начальных классов увеличение рядов наиболее способных учеников и наиболее одаренных поколений отвечает интересам педагогической работы учителей начальных классов.

**Ключевые слова:** способность, мысль, программа, формирование, личность, внимание, мышление, деятельность, обучение, младших школьников.

## FORMATION OF THINKING SKILLS OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS IN THE LEARNING PROCESS

This article addresses one of the most relevant areas in the education and upbringing of primary school students. It draws effectively on the conceptual views and pedagogical theories of both domestic and foreign scholars. The author presents and analyzes various scientific ideas and practical experiences concerning the development of students' thinking abilities and mental skills.

The focus of the article is on the careful selection of pedagogical methods and tools that promote cognitive development, as well as on the importance of systematic planning and consistent implementation of instructional strategies. According to the author, fostering the thinking abilities of young learners is one of the core and foremost tasks of every teacher.

The article demonstrates that the level of development of mental abilities in primary school students largely depends on their individual capacities, special aptitudes, and personal qualities. Based on the research findings of leading educational theorists, the author concludes that expanding the number of capable and gifted students is one of the key objectives of modern primary education. This goal directly contributes to improving the quality of teaching and the effectiveness of the educational process as a whole.

**Keywords:** abilities, thinking, development, personality, attention, cognition, learning, activity, primary education.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Абдусамадова Мунира Абдуғаффоровна** – дотсенти кафедраи ҷомеашиносии донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), тел.: 92-641-00-74, E-mail: munira-74@mail.ru

**Сведения об авторе: Абдусамадова Мунира Абдугаффоровна** – доцент кафедры обществознании Институт точных наук и технологий Таджикистана в городе Худжанд (Республика Таджикистан, г. Худжанда), тел.: 92-641-00-74, E-mail: munira-74@mail.ru

**Information about the autor: Abdusamadova Munira Abdugafforovna** – is an Associate professor at the Department of Social Studies at the Institute of Exact Sciences and Technologies of Tajikistan in Khujand (Republic of Tajikistan s.Khujand), tel: 92-641-00-74, E-mail: munira-74@mail.ru

**Талабот**
**ба дастнависҳои пешниҳодшуда барои чоп дар маҷаллаи илмии**
**«Паёми Китобхонаи миллӣ»**

1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Маҷалла матни аслии мақолаҳои мукаммали илмии дорои хусусияти назарӣ ва амалиро, ки дар заминаи масъалаҳои мубрамми соҳаҳои гуногуни таърих, педагогика, психология, китобшиносӣ, китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва фанҳои ба онҳо алоқаманд анҷом дода шудаанд, барои чоп қабул мекунад.

1.2. Маводи пешниҳодшуда бояд баёнгари ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти китобхонаҳо, марказҳои библиографию иттилоотӣ, ҳаёти илмӣ ва фарҳангии кишвар бошанд.

1.3. Маҷалла фақат маводи пештар чопнашударо нашр менамояд. Лозим аст, ки корҳои пажуҳишӣ комил ва дорои хулосаҳои қобили эътимод, асоснок ва мудаллал бошанд.

1.4. Мақола бояд бо услуби илмӣ навишта шуда, мафҳумҳои нави воридшуда таъриф дошта бошанд. Маводи мақола бояд ба низом даровարда шуда, дорои сохтори возеҳ, санаду далел бошад, хусусияти проблемавии масъалаҳои матраҳшударо ошкор намояд, роҳҳои ҳалли масъаларо аз рӯи натиҷаҳои дар таҳқиқот бадастомада нишон диҳад.

1.5. Дар мақолаҳо бояд нишон дода шаванд:

– сарчашмаҳо (китобҳо, дастурҳо, захираҳои интернетӣ ва ғ.), ки асоси маводи пешниҳодшударо (истифодашуда) ташкил медиҳанд;

– муаллифоне, ки ақоид ва китобҳои онҳо дар маводҳои пешниҳодшуда инкишоф дода шудаанд;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [1, с.12]. Яъне, манбаи иқтибос адабиёти №1 ва саҳифаи 12-и он мебошад.

1.6. Мақолаҳо дар ҷаласаҳои ҳайати таҳририя мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

1.7. Мӯҳлати баррасии мақола на камтар аз се моҳ аст.

1.8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки зимни мувофиқат бо муаллиф мазмуну мундариҷаи мақоларо таҳрир намояд.

2. Тартиби пешниҳоди маводҳо

2.1. Мақола барои маҷалла ба суроғаи идора ба воситаи почта, почтаи электронӣ ё шахсан фиристода мешавад.

2.2. Мақола бояд ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ оид ба тарҳрезии нашрияҳои илмӣ мувофиқ бошад.

2.3. Мақола аз ҷониби муаллиф бояд бо тартиби зерин пешниҳод карда шавад:

– рамзҳои ТДУ (УДК) ва ТКБ (ББК);
– унвони мақола;
– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар;
– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
– тавсиф, калидвожаҳо (бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
– тавсиф на кам аз 25 сатр иншо шуда, калидвожаҳо бояд аз 8 то 10 мафҳумро дарбар гиранд.
– матни асосии мақола;
– тавсияҳои кафедра, лаборатория, шурои илмӣ, ки барои сифати мавод ва эътимоднокии натиҷаҳо масъуланд.

2.4. Ба сифати муқарриз метавонад:

– барои дарёфти рисолаи номзадӣ на камтар аз як мутахассиси дорои унвони докторӣ ё номзади илм аз рӯи ихтисоси ин кор;

– барои рисолаи докторӣ – ҳадди ақал як мутахассис, ки аз рӯи ихтисоси ин кор унвони докторӣ дорад, интихоб шавад.

2.5. Мақола барои гирифтани унвони илмии номзади илм аз тарафи роҳбар зимни тасдиқи шинос будани ӯ бо мазмуни мақола имзо карда мешавад ва барои чоп тавсия намудани онро имконпазир мешуморад.

2.6. Маълумот барои тамос. Дар охири мақола бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) барои ҳар як муаллиф маълумоти зерин пешниҳод карда шавад: насаб, ном ва номи падар пурра; ҷойи кор, вазифа, дараҷа ва унвонҳои илмӣ (агар дошта бошад); суроғаи ҷойи кор ё истиқомат; телефонҳо барои алоқа; суроғаи почтаи электронии муаллиф.

3. Тартиби баррасии дастнавис

3.1. Ҳамаи мақолаҳои ба идора воридшуда сабт мешаванд. Ба онҳо рақами бақайдгирӣ гузошта мешавад.

3.2. Мақолаҳои барои чоп пешниҳодшуда аз ҷониби коршиносони соҳае, ки ба масъалаҳои тадқиқот шиносанд, тақризу баррасӣ мешаванд. Тақризу баррасӣ мувофиқи “Тартиби тақриз кардани дастнависҳо” сурат мегирад.

3.3. Қарор оид ба чопи мақола дар маҷлиси ҳайати таҳририя қабул карда мешавад.

3.4. Муаллиф дар бораи қарори ҳайати таҳририя дар бораи қабули мақола ба чоп ё рад кардани он тавассути почтаи электронӣ хабардор карда мешавад.

3.5. Пас аз қабули қарори мусбӣ, мӯҳлати нашри мақола муайян карда мешавад.

3.6. Маводи пешниҳодшуда баргардонида намешавад. Онҳо ба бойгонӣ интиқол дода мешаванд.

4. Талабот оид ба шаклбандии матни мақола

4.1. Мақола дар формати Microsoft Word, шрифти Times New Roman TJ (барои матни тоҷикӣ) Times New Roman (барои матни русӣ ва англисӣ), андозаи ҳарф 14, фосилаи 1 навишта шавад.

4.2. Ҳама саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.

4.3. Ҳаҷми мақола то 15 саҳифа (А4) бошад.

4.4. Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

*Суроғаи мо: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон – 5, КМ, Идораи маҷаллаи “ПКМ”. Тел.: (+992 37) 221–04–83; E-mail: payom@kmt.tj*

**Требования**
**к рукописям, представленным для публикации в научном журнале**
**«Вестник Национальной библиотеки»**

**1. Общие положения**

1.1. Журнал принимает к публикации оригинальные законченные научные статьи теоретического и практического характера, выполненные в контексте актуальных проблем в различных областях истории, педагогики, психологии, книговедения, библиотековедения, библиографоведения и смежных дисциплин.

1.2. Предоставляемые материалы должны раскрывать различные аспекты деятельности библиотек, библиографических и информационных центров, научной и культурной жизни страны.

1.3. Журнал публикует только ранее не публиковавшиеся материалы. Они должны представлять собой законченные научно-исследовательские работы, выводы которых являются достоверными, обоснованными и доказательными.

1.4. Статья должна быть написана в научном стиле, вводимые новые понятия должны иметь определения. Материал в статье должен быть систематизирован, иметь четкую структуру, доказательную базу, раскрывать проблемность освещаемых вопросов, показывать на результатах, полученных в исследовании, пути решения проблемы.

1.5. В статьях обязательно указываются:

– источники (книги, пособия, интернет ресурсы и пр.), которые легли в основу (использовались) представленного материала;

– авторы, чьи идеи и книги получили развитие в предлагаемых материалах;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [1, с.12]. То есть, литература №4 и ее страница 25.

1.6. Статьи будут рассматриваться на заседаниях редакционной коллегии.

1.7. Срок рассмотрения статьи - не менее трех месяцев.

1.8. Редакция оставляет за собой право по согласованию с автором редактировать содержание статьи.

## 2. Порядок подачи материалов

2.1. Статья для журнала отправляется на адрес редакции по почте, электронной почте или лично.

2.2. Статья должна соответствовать требованиям ВАК по оформлению научных публикаций.

2.3. Статья должна быть представлена автором в следующем порядке:

– коды УДК и ББК;

– название статьи;

– фамилия и инициалы в сокращенном виде;

– название учреждения, в котором работает автор статьи;

– аннотация, ключевые слова (на трех языках: таджикском, русском и английском);

– аннотация должна состоять не менее чем из 25 строк, а ключевые слова должны содержать от 8 до 10 понятий;

– основной текст статьи;

– рекомендации кафедры, лаборатории, ученого совета, несущего ответственность за качество материалов и достоверность результатов.

2.4. В качестве рецензента может выступать:

– для кандидатской диссертации как минимум один специалист, имеющий ученую степень кандидата или доктора наук по специальности данной работы;

– для докторской диссертации - как минимум один специалист, имеющий ученую степень доктора наук по специальности данной работы.

2.5. Статья на соискание степени кандидата наук подписывается научным руководителем в подтверждение того, что он ознакомлен с содержанием статьи и считает возможным рекомендовать ее к печати.

2.6. Контактная информация. В конце статьи на трех языках (таджикском, русском и английском) для каждого автора должна быть указана следующая информация: фамилия, имя и отчество; место работы, должность, ученая степень и ученое звание (при наличии); адрес места работы или проживания; телефоны для связи; адрес электронной почты автора.

## 3. Порядок рассмотрения рукописи

3.1. Все статьи, поступившие в редакцию, регистрируются. Им присваивается регистрационный номер.

3.2. Статьи, представленные к публикации, рецензируются специалистами в области, связанной с проблематикой исследования. Рецензирование осуществляется в соответствии с «Порядком рецензирования рукописей».

3.3. Решение о публикации статьи в журнале принимается на заседании редакционной коллегии.

3.4. О решении редакционной коллегии о принятии статьи к публикации или ее отклонении автору сообщается по электронной почте.

3.5. После принятия положительного решения определяются сроки публикации статьи.

3.6. Присланные материалы не возвращаются. Они передаются в архив.

**4. Требования к оформлению текста статьи**

4.1. Статья должна быть написана в формате Microsoft Word, шрифт Times New Roman TJ (для таджикского текста) Times New Roman (для русского и английского текста), размер шрифта 14, интервал 1.

4.2. Все страницы должны быть пронумерованы.

4.3. Размер статьи до 15 страниц (А4).

4.4. Список используемой литературы должен быть разработан на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008.

*Наш адрес: 734024, г. Душанбе, улица Тегеран 5, НБ, Редакция журнала «ВНБ». Тел.: (+992 37) 221–04–83; E-mail: payom@kmt.tj*

**Requirements**
**for manuscripts submitted for publication in the scientific journal**
**«Bulletin of the National Library»**

**1. General Provisions**

1.1. The journal accepts for publication the original completed scientific articles of a theoretical and practical nature, made in the context of topical problems in various fields of history, pedagogy, psychology, book science, library science, bibliography and related disciplines.

1.2. The materials provided should reveal various aspects of the activities of libraries, bibliographic and information centers, scientific and cultural life of the country.

1.3. The journal publishes only previously unpublished materials. They should be completed research papers, the conclusions of which are reliable, substantiated and evidencebased.

1.4. The article should be written in a scientific style, new concepts introduced should have definitions. The material in the article should be systematized, have a clear structure, evidence base, reveal the problematic nature of the issues covered, show the results obtained in the study, ways to solve the problem.

1.5. The articles should include:

– sources (books, manuals, Internet resources, etc.) that formed the basis (used) of the presented material;

– authors whose ideas and books have been developed in the proposed materials;

– when citing a specific material, references are indicated in square brackets [ ]. Sample: [1, p.12]. That is, literature number 4 and its page 25.

1.6. Articles will be considered at meetings of the editorial board.

1.7. The term for consideration of the article is at least three months.

1.8. The editors reserve the right, in agreement with the author, to edit the content of the article.

**2. The order of submission of materials**

2.1. The article for the journal will be sent to the address of the editorial office by mail, e-mail or in person.

2.2. The article should comply with the requirements of the Higher Attestation Commission for the design of scientific publications.

2.3. The article must be submitted by the author in the following order:

– UDC and LBC codes;

– article title;

– surname and initials in abbreviated form;

– the name of the institution where the author of the article works;

– abstract, key words (in three languages: Tajik, Russian and English);

– the abstract should consist of at least 25 lines, and keywords should contain from 8 to 10 concepts;

– the main text of the article;

– recommendations of the department, laboratory, academic council responsible for the quality of materials and the reliability of the results.

2.4. The reviewer can be:

– for a Ph.D. thesis, at least one specialist who has a Ph.D. or Doctor of Science degree in the specialty of this work;

– for a doctoral dissertation - at least one specialist who has a doctorate in the specialty of this work.

2.5. An article for the degree of Candidate of Sciences is signed by the supervisor to confirm that he is familiar with the content of the article and considers it possible to recommend it for publication.

2.6. Contact Information. At the end of the article in three languages (Tajik, Russian and English), the following information should be indicated for each author: last name, first name and patronymic; place of work, position, academic degree and academic title (if any); address of place of work or residence; telephones for communication; author's e-mail address.

**3. The order of consideration of the manuscript**

3.1. All articles received by the editors are registered. They are assigned a registration number.

3.2. Articles submitted for publication are reviewed by experts in the field related to the research problem. Reviewing is carried out in accordance with the "Procedure for Reviewing Manuscripts".

3.3. The decision to publish an article in the journal is made at a meeting of the editorial board.

3.4. The author of the editorial board to accept the article for publication or its rejection is reported to the author by e-mail.

3.5. After a positive decision is made, the timing of the publication of the article is determined.

3.6. Submitted materials will not be returned. They will be delivered to the archives.

**4. Requirements for the design of the text of the article**

4.1. The article should be written in Microsoft Word format, Times New Roman TJ font (for Tajik text) Times New Roman (for Russian and English text), font size 14, spacing 1.

4.2. All pages must be numbered.

4.3. Article size up to 15 pages (A4).

4.4. The list of used literature should be developed on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008.

*Our address: 734024, Dushanbe, 5-Tehran Street, National Library, Editorial Board of the "BNL" magazine. Phone: (+992 37) 221–04–83; E-mail: payom@kmt.tj*

# ПАЁМИ КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ

*Маҷаллаи илмӣ*
**2025, № 3 (11)**

# ВЕСТНИК НАЦИОНАЛЬНОЙ БИБЛИОТЕКИ

*Научный журнал*
**2025, № 3 (11)**

# BULLETIN OF THE NATIONAL LIBRARY

*Science Magazine*
**2025, № 3 (11)**

---

Муҳаррири нашриёт
**Шаҳобиддин Назаров**

Мусаҳҳеҳи матни тоҷикӣ ва русӣ
**Саидаҳмад Қурбонов**

Мусаҳҳеҳи матни англисӣ
**Каримҷон Гадоев**

Тарроҳ
**Зокирҷон Рабиев**

Барои чоп 30.09.2025 ба имзо расид. Коғази офсет.
Андозаи 60x84 1/8. Ҷузъи чопии шартӣ 22,5.
Адади нашр 100 нусха.

---

Дар матбааи ЧДММ «Меҳроҷ Граф» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126

Подписано в печать 30.09.2025 г.
Формаат 60x84 1/8. Усл. п. л. 22,5.
Тираж 100 экз.

---

Отпечатано в типографии ООО «Мехроч Граф»
г. Душанбе, ул. Айни, 126

